ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2024. №7.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2024. №7.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2024. No.7.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.



***САРМУҲАРРИР:***

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Исмонов Кароматулло** — *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***иқтисод***

**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Кудрат Қамбар** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** — *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Баҳриддин** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳакович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***ҳуқуқшиносӣ***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Тақдиршо Шарифович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***сиёсатшиносӣ***

**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***илмҳои иқтисодӣ:***
***илмҳои ҳуқуқшиносӣ**:*
***илмҳои сиёсӣ:***
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2024. – №7.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:



734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2024

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМ
ИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***
**Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** *Доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета*
**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*
***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***
**Исмонов Кароматулло** *доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*
**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***Экономика***
**Ганиев Таварали Бобоевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Давлатзода Кудрат Камбар** *Доктор экономических наук, профессор*
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** *Доктор экономических наук, профессор*
**Исайнов Хисайн Рахимович** *Доктор экономических наук, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
**Калемуллоев Мунир Вохидович** *доктор экономических наук, доцент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** *Доктор экономических наук, профессор*
**Одинаев Хаёт Абдулхакович** *Доктор экономических наук, профессор*
**Умаров Ходжимухаммад** *Доктор экономических наук, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Шамсов Илёс Сафарович** *Доктор экономических наук, профессор*

***Юриспруденция***
**Азиззода Убайдулло Абдулло** *Доктор юридических наук, профессор*
**Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** *Доктор юридических наук, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** *Доктор юридических наук, профессор*
**Муртазозода Джамшед Сайдали** *Доктор юридических наук, профессор*
**Рахмон Дилшод Сафарбек** *Доктор юридических наук, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** *Доктор юридических наук, профессор*
**Шарипов Такдиршо Шарифович** *Доктор юридических наук, профессор*

***Политология***
**Зокиров Гулмахмад Нозимович** *Доктор политических наук, профессор*
**Курбонов Абдурахмон Шерович** *Доктор философских наук, профессор*
**Махмадизода Нозим Давлатмурод** *Доктор философских наук, профессор*
**Муҳаммад Абдурахмон Навруз** *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** *Доктор политических наук, профессор*
**Поцелуев Сергей Петрович** *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** *Кандидат политических наук, доцент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.
Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**экономических наук:**
**юридических наук:**
**политических наук:**
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).
**Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических
и общественных наук.**
– 2024. – №7.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
**Журнал подготавливается к изданию
в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2024

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***
**Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** – *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University*
**DEPUTY CHIEF EDITOR:**
**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** – *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*
***DEPUTY CHIEF EDITOR:***
**Ismonov Karomatullo** – *Doctor of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** – *Doctor of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** – *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** – *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** – *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** – *Doctor of Law, Professor*
**Rahmon Dilshod Safarbek** – *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** – *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** – *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** – *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** – *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** – *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** – *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** – *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:
**economic sciences:**
**jurisprudence:**.
**political sciences**.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).
**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences** – 2024. – №7.
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2024

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ: 338.431(575.3)

# СОҲАИ КИШОВАРЗӢ - АСОСИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН


*Саидмуродова М.А., Кудратов Р.Р.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Асоси таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва бо ин алоқаманд афзоиши талаботи истеъмолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, ки қисми асосии онро маҷмааи агросаноатии ҷумҳурӣ истеҳсол мекунад.

Комплекси агросаноатии кишвар низоми мураккаби зинаи бисёрзинагӣ буда, рушди онро, пеш аз ҳама, бо тамоюлҳо ва нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисоди кишвар дар маҷмуъ муайян мекунад.

Қариб панҷяки фондҳои истеҳсолии кишвар дар маҷмааи агросаноатӣ мутамарказ шудаанд, ки дар онҳо зиёда аз 60% шумораи умумии кормандони соҳаи истеҳсолоти моддӣ кор мекунанд. Зиёда аз сеяки бахшҳои иқтисодии кишвар бо бахши кишоварзӣ алоқаманд аст. Ба гуфтаи мутахассисон, як кори деҳот метавонад 5-6 нафарро дар дигар соҳаҳои иқтисод бо ҷойи кор таъмин намояд. Мувофиқи ҳисобҳои Институти байналхалқии сиёсати озуқаворӣ ба 1% афзудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2,3% афзоиши тамоми иқтисодиётро таъмин мекунад.

Комплекси агросаноатӣ ҳамчун ҷузъи ягонаи том се блоки калон ва нисбатан мустақилро дарбар мегирад: истеҳсоли воситаҳои истеҳсолии тамоми маҷмааи агросаноатӣ; бевосита хоҷагии қишлоқ, яъне истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (зироаткорӣ ва чорводорӣ); коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, нигоҳ доштан ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти ниҳоии хоҷагии қишлоқ. Таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, ки дар онҳо масъалаи озуқаворӣ бомуваффақият ҳал карда шудааст, ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои асосии рушди босуръат ва самарабахши маҷмааи агросаноатӣ, таъмин намудани мутаносибӣ ва мувозинатии ҳамаи қисмҳои таркибии он, алоқаҳои ҳамгироии байни ин се соҳа мебошад.

Дар солҳои ислоҳоти бозорӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои ба таври объективӣ зарурии иқтисодӣ ва ташкилӣ ба амал бароварда шуданд, ки натиҷаҳои онҳо бояд барои ба эътидол овардани КАС (комплекси агросаноатӣ) самаранок истифода шаванд. Гузариш ба иқтисодиёти омехта дар бахши кишоварзӣ дар шакли хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, коркард ва хизматрасонӣ ба амал омад. Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ иттиҳодияҳои саҳомӣ, кооперативӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ - агрофирмаҳо, агрокомбинатҳо бо муносибатҳои иқтисодии навъи холдингӣ таъсис меёбанд.

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ташкилшуда қисми фаъолтарин ба вуҷуд омад, ки самаранок кор карда, барои дигар корхонаву хоҷагиҳо намуна шуда метавонанд. Афзоиши теъдоди хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ дар натиҷаи ислоҳоти замин, худтаъминкунии онҳоро бо озуқаворӣ зиёд намуда, омили устувории соҳаи иҷтимоии ҷумҳурӣ гаштааст. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба механизмҳои бозорӣ ҷавобгӯ буда, ҳангоми афзоиши талабот истеҳсолотро афзоиш дод ва ҳангоми кам шудани талабот онро коҳиш дод.

Дар шароити густариши тамоюли буҳронӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ якбора кам шудани шуғл, музди кор ва дар натиҷа кам шудани қобилияти пардохтпазирии талаботи аҳолӣ ба озуқа мушоҳида карда шуд. Дар чунин вазъият дараҷаи худтаъминкунии озуқаворӣ на аз рӯйи пурратар қонеъ гардонидани талаботи хеле камшудаи пардохтпазирии талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ, балки фақат аз рӯйи дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи меъёрӣ ба он муайян карда мешавад. Дар дурнамо ташаккулёбии иқтисодиёти ба иҷтимоӣ нигаронидашуда, рушди бонуфузи он дар зери таъсири танзими давлатӣ, бояд пардохтпазирии талаботи аҳолиро ба маҳсулоти озуқаворӣ бо меъёри истеъмоли онҳо наздик намояд.

Истеҳсолоти соҳаи кишоварзии кишвар ҳоло қонеъгардонии истеъмолоти асосиро ба маҳсулоти озуқаворӣ таъмин карда наметавонад, болоравии нарх танҳо мутавозинии бозорро зоҳир мекунад. Оқибати ин паст шудани қобилияти табақаҳои гуногуни аҳолӣ барои харидани маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳаҷм ва намудҳои муайян бо нархҳои муътадил мебошад. Дар солҳои ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷамъият даромади аҳолӣ кам шуда, сатҳи некуаҳволии халқ хеле паст шуда, талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ниҳоят паст гардид.

Дараҷаи зиндагии аҳолӣ хусусияти умумии вазъи неруи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад, ки бо маҷмуи неъматҳои ҳаётӣ, ки аҳолӣ асосан дар ҷойи истиқомати худ истеъмол мекунад, инчунин омили асосии рушди босуботи иҷтимоӣ дар минтақа ифода меёбад. Мавҷудияти низомҳои мухталифи нишондиҳандаҳое, ки сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳуриро муайян мекунанд, аз набудани методологияи ягонаи арзёбии он шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, сатҳи зиндагӣ бо ду гурӯҳи асосии нишондиҳандаҳо ифода меёбад: истеъмоли маҳсулоти озуқаворechии зарурӣ ва даромади пулии аҳолӣ.

Дар солҳои 2018-2022 зиёдшавии нишондиҳандаҳои асосие, ки дараҷаи некуаҳволии аҳолии ҷумҳуриро тавсиф мекунанд: даромади воқеии пулии аҳолӣ, музди воқеии ҳисобшуда ва маблағи воқеии нафақаҳои ҳармоҳаи таъиншуда ба мушоҳида расид. Қобилияти харидории даромади пулии номиналии аҳолӣ, ки бо эквиваленти молии онҳо ифода ёфтааст, қариб аз рӯйи ҳамаи маҳсулоти озуқаворӣии мушоҳидашуда афзуд.

Талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ба озуқаворӣ бо меъёри физиологии истеъмоли ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад. Чи қадаре истеъмоли сари аҳолӣ ба меъёр наздик бошад, ҳамон қадар таваҷҷуҳи аҳолӣ ба сифат, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои экологии ғизо зиёд мешавад. Баръакс, бо бад шудани паёки озуқаворӣ зарурати пайгирии сохтори истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ (ширӣ, гӯштӣ, нон, картошка, шакар, меваю сабзавот), балки хоҳиши пешгирӣ кардани дефитсити дарозмуддати калориянокии ғизо, ки ба саломатии инсон таъсири бад мерасонад, ба миён меояд. Возеҳ аст, ки чи қадаре дар ҷумҳурӣ дараҷаи истеъмоли озуқаворӣ паст бошад, муҳиммияти ин ҷузъ дар низоми манфиатҳои минтақавӣ ҳамон қадар баланд мешавад.

Дар баробари гузариш ба муносибатҳои бозорӣ сатҳ ва сохтори истеъмоли озуқаворӣии аҳолӣ хеле тағйир ёфт, ки ба ин як қатор омилҳо таъсир мерасонанд хусусиятҳои миллии ғизо, мавқеи ҷуғрофӣ, иқлими ҳудуд, таркиби синну соли аҳолӣ; омилҳои ташкилию иқтисодие, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣии ватаниро муайян мекунанд, ба истеъмолкунандагон расонидани он, имконияти ворид намудани навъҳои камёби озуқаворӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли он, наздик будан ба истеъмолкунандагон.

Таҳлили миёнаи истеъмоли маҳсулоти асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бозори озуқаворӣ дар ин ҷо дар шароити маҳдуд будани талаботи қисми зиёди аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ идома дорад.

Шарти муҳимми амнияти озуқаворӣии кишвар - худтаъминкунии он мебошад, ки он аз ҳисоби истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани талаботи ғизо мебошад.

Ҳангоми баҳодиҳии вазъи кунунии соҳаҳои маҷмуаи озуқаворӣии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нишондиҳандаҳое истифода мешавад, ки истеҳсол ва истеъмоли навъҳои асосии озуқа, иқтидори кишварро аз ҷиҳати мутобиқати он ба маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва ғизоро ба эътибор мегиранд.

Дараҷаи худтаъминкунии кишвар бо озуқаворӣ ҳамчун муносибати фоизии маҳсулоти умумии он ба истеъмол муайян карда мешавад. Дар давоми даҳ соли охир дар истеъмоли озуқаворӣии аҳолии кишвар аз истеъмоле, ки маҳсулоти чорводорӣ бартарӣ дорад (хосси кишварҳои пешрафта) ба истеъмоле, ки маҳсулоти растанӣ бартарият дорад, ба назар мерасад. Аҳолии мамлакат назар ба давраи пеш аз ислоҳот сарфи назар аз пур шудани бозори озуқаворӣ, ғизохӯрӣ каме тағйир ёфтааст. Аммо одилона бояд қайд кард, ки татбиқи самтҳои асосии “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030”, имкон дод, ки сатҳи даромади воқеии аҳолӣ, дараҷаи музди меҳнати воқеӣ ва нафақа зиёд карда шуда, ба ин васила сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шуд.

**Ҷадвали 1. Истеъмоли воқеӣ ва меъёрии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Actual and normative consumption of basic food products per capita in the Republic of Tajikistan**

| Намудҳои озуқаворӣ | Истеъмоли меъёрӣ | | | | | | Соли 2022 бо % нисбат ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Маҳсулоти нонӣ | 155,0 | 165,4 | 158,7 | 165,4 | 162,5 | 157,8 | 101,8 |
| Картошка | 33,2 | 46,4 | 42,4 | 41,0 | 41,2 | 40,5 | 122,0 |
| Сабзавот ва полезӣ | 94,2 | 88,5 | 86,7 | 137,1 | 126,2 | 113,4 | 120,0 |
| Равғани растанӣ | 13,3 | 18,3 | 17,5 | 18,4 | 17,2 | 17,3 | 130,1 |
| Шакар | 12,6 | 16,9 | 15,4 | 19,5 | 17,5 | 15,9 | 126,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 26,1 | 14,2 | 13,1 | 28,1 | 26,4 | 21,8 | -83,5 |
| Шир ва маҳсулоти an ширӣ | 171,0 | 60,5 | 63,8 | 63,3 | 54,8 | 41,2 | -24,1 |
| Тухм, дона | 88,0 | 84,0 | 92,0 | 158,0 | 167,0 | 158,0 | 179,5 |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. –Кишоварзӣ. - 2023. –С.15.

Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир истеъмоли воқеии маҳсулоти асосии хӯроквориро ба ҳар сари аҳолӣ беҳтар гардонид. Дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 пешниҳоди маҳсулоти нонӣ ба 1,8%, картошка ба 22,0%, сабзавоту зироатҳои полизӣ ба 20%, равғани растанӣ ба 30,1%, шакар ба 26,1% афзудааст, танҳо дар давра аз рӯи ду намуди маҳсулот гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ҳамагӣ 83,5%, шир ва маҳсулоти ширӣ 24,1% таъминнокиро ташкил медиҳад, гарчанде таъминнокӣ бо тухм дар ин давра ба 179,5% расид.

Дар асоси истеъмоли воқеӣ ва меъёрии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ сатҳи таъминоти озуқаворӣ ва истеъмоли миёнаи он ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ғайр аз картошка, аз меъёр хеле паст аст. Дар меъёри ғизои аҳолӣ гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва махсусан моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ хеле кам аст.

Тавсифи имкониятҳои потенсиалии кишвар барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба маводи озуқа, нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли он ба ҳар сари аҳолӣ, дараҷаи худтаъминкунии кишвар бо навъҳои асосии озуқа, сатҳи воридот ва содироти онҳо, аз ҷумла воридот ва содирот муҳиманд.

Ба сатҳи таъмини аҳолии кишвар бо озуқаворӣ падидаҳои бухронӣе, ки ба соҳаи кишоварзии кишвар хос аст, дар натиҷаи нобаробарӣ дар нархи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ, коҳиши дастгирии давлатӣ ба бахши кишоварзии иқтисодиёт, коҳиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расониданд, махсусан ба маҳсулоти чорвои серғизо, рақобатпазирии молҳои воридотӣ.

Солҳои охир хариди озуқавории воридотӣ афзоиш ёфтааст. Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2022 воридоти маҳсулоти ғизоӣ нисбат ба соли қаблӣ 23% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи маҳсулоти воридотии озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии захираҳои молии озуқаворӣ беш аз 40%-ро ташкил медиҳад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ дараҷаи бехатарии озуқаворӣ бо назардошти ду нишондиҳандаи асосӣ муайян карда мешавад: ҳаҷми истеҳсоли ғалладона ба ҳар сари аҳолӣ ва бузургии ҳаҷми захираҳои ғаллагӣ. Ҳамзамон, амнияти озуқаворӣ дар ҳолате ки воридоти ғалла дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ аз меъёри 20% зиёд бошад, ҳолати муҳим дониста мешавад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки солҳои охир дар кишвар истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ хеле афзуд, гарчанде ки умуман аз рӯйи меъёри тасдиқшудаи ғизо ба ҳар сар аҳолӣ мо ҳанӯз ба дараҷаи худтаъминкунии ғизо нарасидем. Ҳамин тариқ, тибқи ҷадвали 2 дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 истеҳсоли ғалла 3,2 баробар, картошка 3,4 маротиба, сабзавот ва зироатҳои полизӣ 2,5 баробар, гӯшт дар вазни холис 1,3 маротиба, шир 10,6% ва тухм 1,5 баробар зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ**
**Table 2. Production of the main types of agricultural products**

| Солҳо / Маҳсулот | 1991 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Соли 2022 бо % нисбат ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 54,3 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 175,0 | 3,2 маротиба |
| Картошка | 32,3 | 106,8 | 107,9 | 108,9 | 106,2 | 109,6 | 3,4 маротиба |
| Сабзавот ва полизӣ | 143,3 | 305,8 | 312,8 | 344,0 | 348,4 | 356,4 | 2,5 маротиба |
| Гӯшт | 13,4 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | 17,5 | 1,3 маротиба |
| Шир | 104,9 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | 106,3 | 106,6 | 101,6 |
| Тухм, дона | 81,1 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | 121,4 | 1,5 маротиба |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст // Кишоварзӣ. - 2023. –С.21.

Коҳиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ, кам шудани истеъмоли миқдори зиёди намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва қисман ҷуброни он аз ҳисоби воридот аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддии бехатарии озуқаворӣ вуҷуд дорад.

Шарти муҳимми бо озуқа таъмин намудани кишвар, пешгирии истифодаи маҳсулоти озуқавории пастсифат барои саломатии инсон мебошад: ифлосшавии муҳити беруна, ашёи хом ва хӯрокворӣ бо маҳсулоти пайдоиши микробиологӣ, пеститсидҳо, зиёдшавии консентратсияи моддаҳои кимиёвӣ ҳангоми истифодаи нуриҳои хок, инҳироф аз меъёрҳои технологии истеҳсол ва нигоҳ доштани озуқаворӣ. Дар соли 2022 аз навъҳои асосии озуқавории дар дохили кишвар истеҳсолшуда, ки ба занҷири савдои чакана дода мешавад, сифаташ бад ва 4 намуд, аз ҷумла сифати гӯшт, маҳсулоти ҳасиб, равғани ҳайвонот ва растанӣ ва панир паст шуд. Дар баробари ин, нисбат ба маҳсулоти ватанӣ бештар аз маҳсулоти воридотӣ барои чунин намудҳои озуқаворӣ, аз қабили гӯшт, маҳсулоти ҳасиб ва дуддодашуда, маҳсулоти ширӣ ва панири ҳамаи намудҳо, маҳсулоти қаннодӣ рад карда шуд (ҷадвали 2), гарчанде таъминнокии сифат ва амнияти маҳсулоти хӯрокворӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Бояд гуфт, ки амнияти озуқавории Тоҷикистонро дар шароити иқтисоди тағйирёбанда метавон тавассути захираҳои дохилӣ таъмин кард. Бо ин мақсад ба амал баровардани тадбирҳои зерин зарур аст:

- оптимизатсияи муносибатҳои иқтисодии байнисоҳавӣ, ки ба ҷалби сармоя ба бахши кишоварзӣ мусоидат мекунад;
- баланд бардоштани ҳосилнокии навъҳои асосии хоҷагии қишлоқ зироат ҳамчун шарти қонеъ гардонидани истеъмоли дохилӣ (саноатӣ ва хусусӣ) ва омили афзоиши содирот;
- барои истеҳсолот самаранок тақсим кардани замин зироатҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини афзалиятноки озуқавории аҳолӣ нигаронида шудааст;
- мунтазам васеъ намудани майдони заминҳои обӣ бо назардошти афзоиши аҳолӣ;
- мониторинг, пешгӯӣ ва назорати вазъи амнияти озуқаворӣ;
- ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ;
- арзёбии устувории иқтисоди кишвар вобаста ба тағйирот дар бозорҳои ҷаҳонии озуқа ва омилҳои табиию иқлимӣ.

### АДАБИЁТ


1. Закон Республики Таджикистан «О продовольственной безопасности. - 2018. –С.83.
2. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли РТ (декабрь 2022г).
3. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан // Продовольственная безопасность и бедность. - 2020, 2021гг. -№3-№4.
4. Алиев О.М. Пути устойчивого самообеспечения региона продовольствием: на примере районов Центрального Таджикистана / О.М. Алиев. -Душанбе, 2012.
5. Алимбаев А.А. Государственное регулирование экономики / А.А. Алимбаев. - 1999.
6. Ашуров И.С. Аграрная политика в условиях переходного периода /И.С. Ашуров. -Душанбе: Инфон, 2006. -120 с.
7. Базаров Ш.Ш. Пути повышения эффективности использования инвестиций в сельском хозяйстве / Ш.Ш. Базаров, А. Эргашев. -Душанбе: НАСИП-АПК, 2009. -124 с.

8. Бахроми Т. Проблема продовольственной безопасности Республики Таджикистан / Т. Бахроми // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2007. -№3. -С.122-133.
9. Ганиев Т.Б. Проблемы устойчивого развития сельского хозяйства / Т.Б. Ганиев. –М., 1996. -108 с.
10. Маликов И.А. Продовольственная безопасность Таджикистана: проблемы и пути решения / И.А. Маликов // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2012. -№10. -С.56-59.
11. Пизенгольц В.М. Проблемы продовольственной и экономической безопасности России: теория, методология, практика. Продовольственная безопасность: монография / В.М. Пизенгольц. -М.: РИД РосНОУ, 2019. - Ч.1. - 252 с.
12. Саидмуродова М.А. Международный характер проблемы продовольственной безопасности в условиях изменения климата / М.А. Саидмуродова // Вестник ТНУ. – 2020. -№7. -С.21-26.
13. Доклад ФАО. Положение дел в области продовольствия и сельского хозяйства. - 2012. -С.40-46.
14. Джабборова З.М. Методологические основы и предпосылки формирования и развития агропродовольственных кластеров в регионе / З.М. Джабборова, Ф.Б. Махмадизода, З.Х. Сохибназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№2. -С.50-58.
15. Официальный сайт Организации экономического сотрудничества и развития. [Электронный ресурс]. URL: www.oecd.org
16. Официальный сайт Продовольственной и сельскохозяйственной организации ООН. [Электронный ресурс]. URL: www.fao.org
17. Турсунов Р.Р. Влияние рынка труда на развитие аграрного сектора Республики Таджикистан: диссертация / Р.Р. Турсунов. - 2019. -С.85.
18. Турсунов Р.Р. Некоторые аспекты рынка труда перспективы / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№8. – С.50-56.
19. Шарипов И.О. Особенности инвестиционной деятельности в сельскохозяйственной отрасли / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. -№4. –часть I. –С.195-203.
20. Шарипов И.О. Экономическая сущность АПК и принципы его регулирования / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. -№6. –часть II. –С.22-28.

## СОҲАИ КИШОВАРЗӢ - АСОСИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ дар тараққиёти иқтисодиёт нақши калон мебозад. Некуаҳволии мардум ва таъмини амнияти озуқавории кишвар бештар ба вазъи ин соҳа вобастагӣ дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин, пеш аз ҳама, нигоҳ доштани соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ ва ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро дар назар дорад. Дар ин росто консепсияҳо ва барномаҳои таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ гардида, ҷиҳати таъмини он корҳои муайян анҷом дода шуда истодаанд. Дар маҷмуъ, солҳои охир ҷумҳурӣ аз рӯйи истеҳсоли як қатор маҳсулотҳои озуқаворӣ ба сатҳи зарурии таъминот ноил гардид.

**Калидвожаҳо:** бехатарии озуқаворӣ, некуаҳволии халқ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият, сифати зиндагӣ, кишоварзӣ, заминҳои обӣ, захираҳои иттилоотӣ.

## СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННАЯСФЕРА – ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В Республике Таджикистан сельское хозяйство играет важную роль в развитии экономики. От состояния этой отрасли во многом зависит благосостояние народа и обеспечение продовольственной безопасности страны. Для Республики Таджикистан она означает, прежде всего, сохранение суверенитета и независимости, повышение уровня и качества жизни населения. В этом плане разработаны и осуществляются концепции и программы продовольственной безопасности Республики Таджикистан, проведена определенная работа по её обеспечению. В итоге за последние годы по многим продуктам питания республика достигла требуемого уровня обеспечения.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, благосостояние народа, суверенитет и независимость, качество жизни, сельское хозяйство, орошаемые земли, информационные ресурсы.

## AGRICULTURAL SPHERE IS THE BASIS FOR ENSURING FOOD SECURITY

In the Republic of Tajikistan, agriculture plays an important role in economic development. The well-being of the people and ensuring the country's food security largely depend on the state of this industry. For the Republic of Tajikistan, it equally means, first of all, both maintaining sovereignty and independence, and increasing the level and quality of life of the population. In this regard, concepts and programs for food security of the Republic of Tajikistan have been developed and implemented, and some work has been carried out to ensure it. As a result, in recent years the republic has reached the required level of supply for many food products.

**Keywords**: food security, people's welfare, sovereignty and independence, quality of life, agriculture, irrigated lands, information resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Кудратов Рустам Рахматович*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **farzona070489@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-02-20-00**

**Сведения об авторах:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **malika63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Кудратов Рустам Рахматович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа. **Адрес:** 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **farzona070489@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-02-20-00**

**Information about the authors:** ***Saidmurodova Malika Abduvahobovna –*** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **malika63-63@mail.ru.** Phone**: (+992) 918-62-68-95**
***Kudratov Rustam Rakhmatovich -*** Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: **farzona070489@mail.ru.** Phone**: (+992) 907-02-20-00**

ТДУ: 338.2(575.3)

# ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲОИ ГАРДИШӢ, СТРАТЕГИЯ ВА САРЧАШМАҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОНҲО ДАР МЕНЕҶМЕНТ

***Ғаниев Т.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозоргонии асри XXI, менеҷменти дилхоҳ корхонаю ширкат, масъалаи идоракунии дороиҳои гардишӣ ва молиягузории онро ба таври мустақил амалӣ мегардонад. Зеро рушдёбандагиву рақобатпазирии корхонаву ширкатҳо аз таъмин будан бо захираҳои моддиву молиявӣ вобастагии калон дорад. Дар назар чунин менамояд, ки ҳар қадаре захираҳои фаъоли активӣ бештар бошанд, ҳамон қадар корхона таҳкимпазир аст. Аммо, дар асл ин тавр набуда, балки муҳим он аст, ки раванди рушдёбандагӣ чӣ тавр идора карда мешавад ва кадом тарзу усули идоракунии молиявӣ ба кор бурда мешавад. Роҳу равише, ки тавонӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқат намуданро дорад.

Вақте дороиҳо самаранок истифода бурда намешаванд, танҳо ҳамчун хароҷот бидуни боздеҳӣ истифода карда шуда, судовариро таъмин карда наметавонанд. Аз ҷониби дигар, идоракунии ғайриилмии дороиҳои корхонаву ширкатҳо, боиси пастшавии сатҳи истеҳсолот, истифодаи ғайрисамараноки имконоти истеҳсолӣ, иҷро нагардидани шартномаҳои тарафайн ва билохира, аз байн рафтани менеҷменти молиявӣ хоҳад гардид.

Дороиҳои гардишӣ ва ё худ воситаҳои гардони корхонаву ширкатҳо, арзишҳои моликиятдориеро ташкил менамоянд, ки дар ҷараёни фаъолияти истеҳсоливу тиҷоратии корхонаву ширкатҳо иштироки фаъол меварзанд. Ин воситаҳо шакли аввалаи худро дар як сикли истеҳсолӣ комилан дигаргун карда, арзиши худро пурра ба маҳсулоти тайёр интиқол медиҳанд.

Дар амалияи баҳисобгирӣ ба дороиҳои гардишӣ муҳлати истифодабарии то як сол дода шудааст. Ин дороиҳо аслан унсурҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. **Захираҳо: А**шёҳо, маводҳо ва арзишҳои дигари ба ин монанд, чорвое, ки барои фарбеҳ шудан нигоҳ дошта мешавад, истеҳсолоти нотамом, молҳои аз нав бафурӯш гузошташуда, молҳои боркаршуда, хароҷоти соли ҷорӣ ва захираву хароҷоти дигари ба ин монанд.
2. **Қарзҳои дебиторӣ:** Қарзҳои харидорону супоришдиҳандагон, векселҳо барои гирифтан, қарздории корхонаҳои духтархонда, қарздории иштирокчиёни сармоягузории оинномавии корхонаву ширкат, авансҳо ва қарзҳои дебиторӣ.
3. **Сармоягузориҳои молиявӣ:** Коғазҳои қиматнок, амонатгузориҳои депозитӣ, амонатҳои дар фонди оинномавии корхонаву ширкатҳо мавҷуд буда ва молиягузориҳои дигари кӯтоҳмуддат.
4. **Воситаҳои пулӣ ва ба ин баробар: В**оситаҳои пулие, ки дар охири сол дар ихтиёри ширкату корхонаҳо қарор дода мешаванд, инчунин воситаҳои эквиваленти пулӣ.
5. **Воситаҳои дигари гардишӣ: Б**оқимондаи дороиҳои гардишӣ, ки ба моддаи қисми 11 «**Дороиҳо гардишӣ**» ворид нагардидаанд.

Ҳар кадоме аз ин унсурҳо дорои хусусияти ҳисобшавандагӣ буда, дар равиши таъмини самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаву ширкатҳо, таъсиррасонии муайяни худро дорад.

**Эквиваленти пулӣ гуфта,** дороиҳоеро мегӯянд, ки дорои дараҷаи баланди табодул ҳастанд. Ин навъи дороиҳо пешакӣ вориди маблағҳои муайян гардида ва ба таваккали муайяни тағйирёбии арзишҳо ворид карда мешаванд. Ба ин навъи дороиҳо дохил мешаванд:

1. Депозитҳое, ки дар ташкилоти қарздиҳӣ то замони талаботашон нигоҳ дошта мешаванд.
2. Сармояи молиявие, ки барои азнавфурӯхтан харидорӣ карда шудааст.
3. Дороиҳои дигари ба ин монанд.

Дороиҳо аз рӯйи сарчашмаи пайдоишашон ба дороиҳои умумӣ, тоза ва худӣ ҷудо карда шуда, аз ҳисоби сармояҳои худӣ, шарикӣ ва сарчашмаҳои дигари молиявӣ ба даст

оварда мешаванд. Инчунин, аз рӯйи хусусияти дар ҷараёни истеҳсолӣ иштирок карданашон ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1. Дороиҳои гардишие, ки ба хизматрасониҳои сикли истеҳсолӣ таалуқ доранд.

2. Дороиҳои гардишие, ки ба хизматрасониҳои сикли молиявӣ таалуқ доранд.

Аз рӯйи давраҳои мавҷудияташон бошад. дороиҳоро ба гурӯҳҳои доимӣ, минималӣ ва тағйирёбанда тақсим менамоянд. Ба гурӯҳи дороиҳои доимӣ, дороиҳое дохил карда мешаванд, ки ба онҳо дар тамоми сиклҳои истеҳсолӣ, ба таври ҳатмӣ талабот вуҷуд дорад. Ба гурӯҳи дороиҳои минималӣ, дороиҳоеро дохил менамоянд, ки дар ҷарёни истеҳсолӣ ба онҳо зарурати минималӣ вуҷуд дорад. Ба гурӯҳи дороиҳои тағйирёбанда бошад, дороиҳои мавсимиву ҳолатҳои дигари истеҳсолӣ дохил карда мешаванд.

Мувофиқ ба талаботи усули оптимизатсияи ҳаҷмӣ, дороиҳоро метавон ба ду қисм меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ ҷудо намуд. Зеро қисме аз дороиҳо ба таври ҳатмӣ мувофиқи меъёр истифода карда мешаванд, аммо қисми дигарашон вобаста аз талаботи ҳолати истифодабарӣ метавонанд тағйирёбанда бошанд.

Албата, сохтори таркибии дороиҳо дар корхонаву ширкатҳо аз як қатор омилҳои махсусгардонии истеҳсолоти корхонаву ширкатҳо, сохтори истеҳсоливу соҳавии онҳо ва хислати мавсимии истеҳсолот вобастагӣ дорад. Инчунин, омилҳои давомнокии сиклӣ, шароити истеҳсоливу логистикӣ ва хислатҳои хосси соҳавию истеҳсолӣ низ, ба сохтори таркибии дороиҳои корхонаву ширкатҳо таъсиргузоранд.

Вобаста ба хусусияти фарқкунандаи гардиши дороиҳо дар корхонаю ширкатҳои муосир, масъалаи идоракунии молиявии онҳо хеле мушкилу мураккаб буда, аз як қатор вазифаҳои махсус иборат дониста мешаванд:

1. Таъмини ҳаҷми умумии воситаҳои гардоне, ки барои фаъолияти дарозмуддати молиявии корхонаву ширкатҳо шароит фароҳам меоваранд.

2. Тамини сохтори оптималии дороиҳои гардишӣ бо назардошти хислатҳои истеҳсолӣ ва барҳамдиҳии фаъолиятҳо.

3. Таъмини доимии захираҳои молиявии корхонаву ширкатҳо.

4. Таъмини сармоягузории доимиву ҷорӣ ва стратегияи рушдёбандагӣ, таъмини рақобатпазирии корхонаву ширкатҳо.

5. Таъмини рушди устувори корхонаву ширкатҳо ва мақсадгузориҳои пешвоӣ дар роҳбарӣ.

Аз таҳлили равишҳои мазкур маълум мегардад, ки иҷрои пурраву саривақтии вазифаҳои роҳбарӣ дар идоракунии молиявии дороиҳои гардишӣ, шарти муҳиму инкорнопазири менеҷменти корхонаю ширкатҳои муосир маҳсуб мeёбад. Аз менеҷерони молиявӣ талаб карда мешавад, моҳияти идоракунии молиявии дороиҳои гардиширо дар таъмини рушди истеҳсолоти корхонаву ширкатҳо таъин намоянд. Доимо тавозуни дар хатти ҳаракат мавҷуд будан, шаклу намуди материаливу арзишии худро пурра дигаргун сохтан, аз як зинаи истеҳсолӣ ба зинаи дигари истеҳсолӣ гузаштан ва арзиши худро пурра ба моли тайёр гузаронидани дороиҳоро нигоҳ бидоранд.

Гирдгардиши дороиҳо гуфта, гузариши пайдарпайи воситаҳои гардони корхонаву ширкатҳоро, аз як давраи фаъолияти истеҳсолӣ ба давраи дигар мегӯянд. Дар натиҷаи чунин як гирдгардиш воситаҳои активии гардишӣ панҷ зинаи зеринро пушти сар менамоянд:

1. Зинаи дарёфт намудани захираҳо, ки дар он воситаҳои пулӣ ба шакли моддӣ омода карда шудаву нигоҳ дошта мешаванд.

2. Зинаи амалисозии дороиҳои гардишӣ дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ. Дар ин зина захираҳои моддӣ дар натиҷаи пайваст гардидан ба ҷараёнҳои технологӣ ба захираи маҳсулоти корхонаву ширкат табдил меёбанд.

3. Зинаи фурӯши дороиҳои гардишии корхонаву ширкатҳо дар шакли моли тайёр ва гузаштан ба шакли қарзҳои тиҷоративу дебиторӣ.

4. Зинаи инкассаторӣ, ки дар он қарзи дебиторӣ вобаста аз давраҳои пардохт шуданаш барои моли тайёр, дубора ба дороиҳои пулӣ табдил меёбад.

5. Зинаҳои махсуси соҳавию технологии дороиҳои гардиши корхонаву ширкатҳо.

Ҳамон тавре аз натиҷаи таҳлили зинаҳои тағйирёбандагии дороиҳои гардишии корхонаву ширкатҳо бар меояд, дороиҳои гардишӣ дар ҳар яке аз ин зинаҳо сикли

муайянро пушти сар менамоянд ва вобаста аз ин, шаклу арзиши худро комилан дигаргун месозанд. Ин сиклҳоро мутахассисони бахши менеҷменти молиявӣ ба сиклҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва бозорӣ ҷудо кардаанд, ки ҳар яке аз онҳо талаботи махсуси идоракунии худро дорад.

Унсурҳои дигари истифодаи самараноки дороиҳои гардишии корхонаву ширкатҳоро аз нигоҳи донишмандони бахши менеҷменти молиявӣ чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. Воситаҳои гардишии худии корхонаву ширкатҳо.
2. Коэффитсиенти гирдгардиши дороиҳои гардишӣ.
3. Давраҳои гардишӣ ва гирдгардиши воситаҳои гардон.
4. Боқимонда воситаҳои гардишии миёнасол.
5. Коэффитсиенти пайвастсозӣ ва ҳаҷми воситаҳои гардони аз гардиш озодшуда.

Маврид ба зикр аст, ки ҳар як унсури баёнгардида равиши таъсиррасонӣ, давраҳову зинаҳои гардишӣ, талаботи идоракунии молиявӣ ва сармоягузории хосси худро дорад. Дар ин нуқта низ бояд қайд намоем, ки гирдгардиши воситаҳои гардони ҳар як корхонаву ширкат вобаста аз хусусияти соҳавию сикли истеҳсолиаш, хислати хосси соҳавию сохторӣ дошта, тарзу усулҳои хосси роҳбариро тақозо менамояд.

Аз ҷониби дигар, самаранокии молиявӣ ба даст овардану фоидаи баланди касбиро ноил гаштан, боз ба дараҷаи кордонӣ, малакаи баланди креативию созандагии соҳавӣ ва зинавии менеҷменти молиявии корхонаву ширкатҳо вобастагӣ дорад. Идоракунии молиявии захираҳои активии корхонаву ширкатҳо бевосита дар доираи талаботи функсионалии менеҷменти молиявӣ амалӣ гардида, ҳадафи таъмини доимии истеҳсолоту фурӯши молу маҳсулотро дорад.

Захираҳоро дар илми менеҷменти молиявӣ ба захираҳои истеҳсолӣ, захираҳои истеҳсолоти нотамом ва захираи маҳсулоти тайёр ҷудо мекунанд. Идоракунии молиявии захираҳои истеҳсолӣ моҳияти басо зарури технологӣ ва молиявӣ дорад. Захираҳое, ки аз истеҳсолот дур мондаву ва ё самаранок истифода бурда намешаванд, хароҷоти бевосита ва бавоситаи корхонаву ширкатҳо маҳсуб меёбанд. Хароҷоти бевосита гуфта, маблағсупориҳои иловагии молиявӣ дар самти нигоҳдорӣ ва сифатнокии захираҳоро мегӯянд. Аммо хароҷоти бавосита бошад, имконоти аз даст рафтаи даромадҳо аз сармояи гузошташуда нисбат ба лоиҳаҳои алтернативиро дар бар мегирад. Ба ҳамин хотир, сиёсати идоракунии захираҳо аз қисмҳои таркибии идоракунии дороиҳои корхонаву ширкатҳо эътироф гардидааст. Он мебоист ду масъалаи асосиро ҳаллу фасл намояд:

1. Миқдори оптималии ҳаҷми супориши як маротибагии захираҳо.
2. Кадом миқдори захираҳо, ҳаҷми минималии зарурриро ташкил медиҳанд.

Роҳу усулҳои идоракунии захираҳо, вобаста аз хусусияти соҳавӣ, СТТИИЭ ва равишҳои хосси сиклӣ фарққунанда буда, шарту шароити амалисозаии онҳо низ гуногун ҳастанд. Аммо, дар ҳама ҳолатҳо вазифаи менеҷменти молиявӣ аз баҳисобгириву назорати хароҷот ва боқимондаи дороиҳои арзишманди корхонаву ширкатҳо иборат аст. Аслан баҳисобгириву назорати ҳамарӯзаи захираҳо, шакли фаъоли роҳбарии молиявиро ташкил менамояд. Яъне, бурдани ҳисоботи номенкулатуравӣ барои таҳлили сифати ашёҳо, материалҳо, захираҳо, истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти ғайр. Ин категорияи захираҳо дар илми менеҷменти молиявӣ ба панҷ қисмат ҷудо карда мешаванд:

1. Дороиҳои тамғавии молӣ.
2. Дороиҳои нав воридшуда.
3. Дороиҳои нав аз эътибор соқитшуда.
4. Номенкулатураҳои пассивӣ.
5. Дороиҳои дар роҳ буда ва ё ҳанӯз вориднашудаи захиравӣ.

Албатта, чунин гурӯҳбандии дороиҳо ба хотири бурдани ҳисоботу назорати дурусти молиявӣ ташкил карда мешавад. Зеро бурдани ҳисоботу таъин намудани нишондиҳандаҳои идоракунии молиявӣ барои фаъолияти ҳамарӯзаи истеҳсолӣ шарти зарурӣ дониста шуда, он имконоти баланди таъсиррасонии фаъол ба сифату модели системаи идоракунии молиявиро дорад.

Аз рӯйи сифатнокӣ дороиҳои захиравии корхонаву ширкатҳоро ба гурӯҳҳои A, B ва C тақсим мекунанд. Ба гурӯҳи A аслан активиҳои арзишноке дохил карда мешаванд, ки ҳисобу китобу назорати пайвастаи дурустро талаб менамоянд. Гурӯҳи B дороиҳои дорои

манфиати дуюмдарачаву маводи камарзиши зудхӯрдашавандаро дар бар мегирад. Гурӯҳи С бошад, ассортименти васеи маводу ашёҳоеро фарогир аст, ки барои равишҳои алоҳидаи фаъолияти касбиву ҳунарии корхонаву ширкатҳо зарур диниста мешаванд.

Ба андешаи баъзе аз олимони илми менеҷменти молиявӣ гурӯҳбандии дороиҳо мебоист аз рӯйи қонунияти Парето 20/80 ва ё 80/20 анҷом дода шавад. Мо бошем оптимизатсияи дороиҳои захиравиро аз қонунияти объективию диалектикии рушди касбӣ ва иқтисодӣ шинохта, равишҳои алоҳидаи онро дар таълимоти илмии худ ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ додаем.

Яке аз равишҳои дигари идоракунии молиявии корхонаву ширкатҳо, ин таъмини баҳисобгирӣ ва назорати табодули дороиҳо аст. Истифодаи ин равиш аз назорати фаъолияти бонкӣ ва хазинавии корхонаҳо шуруъ гардида, раванди ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагону харидоронро низ фаро мегирад. Бахусус, риояи қонунияту талаботи шартномаҳо ва ё равишҳои дигари ҳамкориҳои тарафайни корхонаву ширкатҳо мебоист зери назорати ҳамешагӣ қарор дода шаванд.

Таъмини оптималии дороиҳои захиравӣ ва суръатнокии баланди гардиши онҳо, мазмуни бо хароҷоти камтарин нигоҳ доштани дараҷаи баланди даромаднокиву самаранокии фаъолияти касбии молиявиро дорад. Дар баробари танзими идоракунии молиявии дороиҳо, менеҷменти корхонаю ширкатҳои муосир тавонмандии васеи ба низом даровардани хароҷоти дороиҳоро ноил мегардад. Аз ҷумла, дар ҳолати кам кардани нархи шартномавии захираҳо, имконоти пӯшонидани хароҷоти нигоҳдории онҳо ба даст оварда мешавад. Дар ҳолати дигар, ҳаҷми калони ашё ва ё маводҳоро фармоиш дода, аз хизматрасонии логистикии арзони автомобилӣ ва ё роҳи оҳан истифода карда, имкони кам кардани хароҷоти дороиҳои захиравӣ вуҷуд дорад.

Инчунин, бо роҳҳои универсиаликунонии техникаву технологияи истеҳсолӣ, кам кардани истифодабарии захираҳои активии иловагӣ ва усули ҷопонии «Дақиқу саривақтӣ амал кардан», менеҷменти молиявӣ имконоти коҳиш додани хароҷот ва паст бурдани арзиши аслии маҳсулотро дорад.

Ба хотири таъмини оптималии дороиҳои захиравӣ, менеҷменти молиявиро зарур аст, миқдори минималии истифодаи захираҳоро вобаста аз меъёру стандартҳо ва талаботи ҳуқуқиву маъмурӣ муйян сохта, барои фаъолияти бетанафуси корхонаю ширкатҳо шароити мусоид фароҳам биоварад. Дар баробари ин, барои ҳолатҳои алоҳидаи касбӣ мебоист захираи иловагӣ вуҷуд дошта бошад. Аз дигар ҷониб, захираҳои суғуртавии корхонаю ширкатҳо бояд фаъол ва ба талаботи идоракунии молиявӣ ҷавобгӯй бошанд. Ба андешаи донишмандони соҳа, захираҳои суғуртавӣ мебоист на камтар аз 50% хароҷоти ҷориро ташкил намоянд.

Хароҷоти нақлиёт, ё худ логистикии корхонаву ширкатҳо низ аз вақти пардохти маблағ то овардани бор, барои ҳарду тарафи шартномавӣ бағоят муҳим арзёбӣ мегардад. Агар гирдгардиши боркашонӣ аз муҳлати таъингардидаи ҳуҷҷатгузорӣ вақти бештарро ишғол намояд, пас захираи логистикӣ ба талабот ҷавобгӯй дониста намешавад. Зеро фармоишгар интизорӣ мекашад ва ё дар ҳолатҳои алоҳида метавонад аз хизматрасонии логистикӣ даст бикашад.

Унсури дигари таъминкунандаи самаранокии дороиҳои захиравиро хатти техникиву технологӣ ташкил менамояд. Дар ҳолати навину замонавӣ ва ба талаботи бозор ҷавобгуй будани он, хароҷоти вақт кам гашта, дараҷаи сифатнокии молу хизматрасониҳо боло меравад. Ба ибораи возеҳтар, идоракунии молиявии дороиҳо ба талаботи рақобатнокии бозор мувофиқ мегардад ва рушди босуботи корхонаву ширкатҳоро таъмин месозад.

Корбурди хатти ҷадиди технологӣ ё комилан роботикунониву автоматикунонидани ҳаракатҳои техникиву технологӣ равиши бағоят қуллаю арзон буда, суръатнокии баланди ҳаракати моливу пулиро таъмин менамояд. Аммо, ногуфта намонад, ки дар баробари ҷамъи меъёрҳову асосҳои техникиву технологӣ, қобилияти иҷроишии саривақтии фаъолиятҳои касбиву ҳунарӣ ҳамчун талаботи баланди вақтшиносии роҳбарӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Идоракунии қарзҳои дебиторӣ бошад, аз равишҳои муҳимми сиёсати ҷории молиявии корхонаву ширкатҳо маҳсуб мeёбад. Қисмати зиёди соҳаҳо бештар аз 60% дороиҳояшонро дар шакли қарзҳои дебиторӣ нигоҳ медоранд. Аз ҳамин нуқтаи назар,

назорату идораи дурусти захираҳои молиявии дебиторӣ, яке аз вазифаҳои аввалиндарачаи роҳбарии устувори менечменти молиявии корхонаву ширкатҳои муосир ба шумор меравад.

Қарзҳои дебиторӣ гуфта, дар илми менечменти муосир чамъи қарзҳоеро мегӯянд, ки ҳангоми муносибатҳои доду гирифти молиявӣ дар корхонаю ширкатҳо амалӣ карда мешаванд. Ин қарзҳо дар шакли ҳисоббаробаркунӣ бо харидорону супоришдиҳандагон, бо ширкатҳои духтархондӣ дар муносибатҳои векселӣ, бо иштироккунандагони ҳиссагузор ҳангоми аъзоҳаққии низомномавӣ ва бо дебиторони дигар амал мекунанд.

Раванди ҳисоббаробаркунӣ бо харидорону супоришдиҳандагонро дар шаклҳои пешпардохт, пардохти накдӣ ва пардохти қарзӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Бахусус, дар ҳолати пардохти қарзӣ масъалаи таҳлилу назорати молиявии дороиҳо таҳким мепазирад. Зеро як қисмате аз дороиҳои корхона муддате аз гардиш монда, то андозае зарари молиявӣ меоваранд.

Дар бозори молу хизматҳо бошад, вариантҳои гуногуни доду гирифт ва харидории молу хизматҳо амал менамоянд. Ҳарду тараф ҳам, ҳаракати муомилаи дурусти тичоратиро намуда, бонусу тахфиф ва имтиёзҳои дигари байниҳамдигарӣ ба кор бурда мешаванд. Дар натича, фаъолиятҳои молиявии тичоратӣ дар варианти мувофиқавӣ анчом мепазиранд. Чунин равишҳои мубодилотии моливу пулӣ, тавонмандии хуби таъмин намудани рақобатпазирии молу хизматҳо ва суръатокии гирдгардиши фондҳои корхонаро доранд. Аз чониби дигар, чунин як ҳисоботу назорати молиявии дороиҳо, имконоти баланди коҳиш додани таваккали бозор ва додани кафолати даромаднокиро фарогир аст.

Мусаллам аст, ки дар шароити рақобатнокии пурзӯри бозори иқтисодӣ шарту шароити харидориро аслан харидор муайн мекунад. Аммо, боваркунонии харидор бо маҳсулоти беҳтарину босифат ва дорои бренду нархи хуби бозорӣ аз функсияҳои асосии роҳбарии молиявии корхонаву ширкатҳо ба шумор меравад.

Имрӯз мо ҳолатҳои зиёди форсмажориро мушоҳида менамоем, ки дар натичаи сари вақт ичро нагардидани уҳдадории тарафҳо ба майдон омадаанд. Ин падидаи номатлуб боиси афзоиши қарзҳои дебиторӣ гардида, баъзан муҳлатҳои пардохтӣ моҳҳову солҳо тул мекашанд. Бинобар ин, равиши идоракунии молиявии дороиҳо, ҳангоми қарздиҳиҳои дебиторӣ мебоист ду унсури зеринро дар назар дошта бошад:

1.Баҳодиҳии аниқу дақиқи ҳолати молиявии қарзҳои дебиторӣ.

2.Коркарди сиёсати молиявӣ нисбат ба харидорон.

Аслан, дар илми менечменти молиявӣ баҳодиҳии ҳолати молиявии қарзҳои дебиторӣ 30-рӯза, 60-рӯза, 90-рӯза, 120-рӯза ва 360-рӯза таъин карда шудаанд. Албатта, он қарзҳое, ки дар муҳлати таъиншуда баргардонида намешаванд, ҳамчун қарзҳои баҳсангез қарор дода шуда, шартномаи қарздиҳӣ, кафолати бонкӣ, гарав ва асосҳои дигари қарзгирӣ зери хатари ҳабс қарор дода мешаванд. Ба ҳамин хотир, барои назорату роҳбарии молиявии қарзҳои дебиторие, ки дар муддати то 90-рӯз маблағро пурра бар нагардонидаанд ва ё дар муҳлати аз 45 то 90 рӯз ҳадди ақал 50% онро бар нагардонидаанд, маблағи зарурии эҳтиётӣ мебоист аз 10% даромади чорӣ кам набошад. Ин захира бо мақсади пӯшонидани чойи зарари қарзҳои дебиторӣ истифода карда мешавад, то ин ки фаъолияти устувори корхона ва ё ширкат халалдор нагардад.

Илова бар ин, боз қарзҳои дебиторие вучуд доранд, ки аз муҳлати даъвои онҳо аллакай 3 сол гузаштааст ва қарзҳое, ки дигар имконоти гирифтани онҳо вучуд надорад. Барои аз эътибор соқит кардани органҳои давлатӣ дар ин самт комиссияи ликвидатсионии қарзӣ ташкил карда мешавад.

Ҳамон тавре аз таҳлили равишҳои дар боло овардашуда бар меояд, сиёсати молиявию қарзии корхонаву ширкатҳо, яке аз роҳҳои устувори таъмин намудани афзояндагии фурӯши молу хизматҳост. Он имкон медиҳад харидоронро пурра бишиносем ва ба онҳо бовар карда, равиши ҳамкориҳои дарозмуддат дошта бошем. Сиёсати қарзии корхонаву ширкатҳо ҳам қисме аз ин омӯзишро ташкил намуда, алоқамандиву ҳамкориҳои байни фурӯшандаву харидорро ба низом медарорад. Мақсади асосии сиёсати қарзӣ аз ташаккули муҳити қарзӣ ва таҳлили қарзҳои дебиторӣ иборат донистa мешавад.

Имконоти максималии қарзҳои дебиторӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Таъмини мақсадҳои стратегии омӯзиши бозор. Яъне, доштани мақсадҳои бузурги стратегӣ дар самти азхудкунии бозор, ки лимити қарзии калонро доранд.

2. Таъмини дараҷаи баланди рақобатнокӣ дар бозор. Ин нишондиҳандаи бозорӣ корхонаву ширкатро водор менамояд, дар равиши қарзҳои дебиторӣ ба харидорону истеъмолкунандагони худ муносибати хуби касбиву ҳунарӣ дошта бошад.

3. Таъмини талаботи истеъмолкунанда дар бозор. Ҳар қадаре молу хизматҳо гардиши тезтар дошта бошанд, ҳамон қадар гирдгардиши дороиҳо боло рафта, муҳлати қарзи дебиторӣ камтар мегардад.

4. Таъмини ҳаҷми харидорӣ ва гурӯҳи молҳо. Ҳар қадаре ҳаҷми мол бештар бошад, ҳамон қадар муҳлати қарзҳо дарозтар таъин карда мешаванд.

5. Таъмини дараҷаи таваккали тиҷоратӣ. Ҳар қадаре дараҷаи таваккали пардохт ё моли боркардашуда баланд бошад, ҳамон қадар муҳлати қарзи дебиторӣ камтар мегардад.

6. Таъмини муҳиммияти харидор.

7. Таъмин намудани шартҳои инкассатсионии қарзҳо. Агар менеҷменти молиявӣ аз шахсони ҳуқуқӣ, коллектору факторингҳои ширкатҳо ва адвокатҳои шинохта истифода намояд, муҳлати пардохтҳои қарзӣ камтар мегарданд.

Тавре аз таҳлили нишондиҳандаҳои фавқ бар меояд, муносибатҳои қарзӣ вобаста аз хусусияти хосси менеҷменти молиявии корхонаю ширкатҳо дар бозор хислатҳои хомси худро доранд. Асоси муносибатҳоро дар ин равиш, муносибати тарафайни шартномавӣ ташкил намуда, анъанаву фарҳангу ҳавасмандии тарафҳо низ, мақоми ҳалкунандаро доранд.

Аз ҷониби дигар, арзиши қарзҳои дебиторӣ аз арзиши нархҳои бозорӣ, тахфифҳои гуногуни нархӣ, тахфифҳо барои пардохти саривақтии қарзҳо, бонусҳо барои доимияти харидорӣ ва рӯзҳои иду равишҳои дигари ба ин монанд, ки имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон ба таври фаъол истифода бурда мешаванд вобастагӣ дорад. Мо истифодаи чунин равишҳоро дар аксари мағозаҳои тиҷоратии ширкатҳои калони ҷаҳонӣ мушоҳида карда метавонем. Ҳамаи ин равишҳо бо мақсади ягонаи пардохти саривақтии ҳаққи молу хизматҳо ба кор бурда мешаванд.

Аз ҷониби дигар, дар илми идоракунии молиявӣ як қатор нишондиҳандаҳои стандартии сарсупурдагиву доимияти харидорон таъин гардида, сиёсати либералии молиявӣ, яъне барои саривақт пардохт нашудани қарзҳо ҷазои сахт доданро пешниҳод кардаанд. Гарчанде чунин амалкард метавонад боиси коҳиш ёфтани миқдори харидорону истеъмолкунандагон гардад, аммо дар асл он низоми устувори молиявиеро таъмин месозад, ки таваккали молиявиро хеле паст мегардонад.

Вобаста аз ин нишондиҳандаҳо сохтори идоракунии молиявии корхонаю ширкатҳои муосир гуногун буда, шаклу равишҳои ба худ хосро дорад. Яъне, ҳолати молиявии дебиторӣ, таърихи қарздории харидор, тарзу усули хоҷагидориву мавқеъдориашон дар бозор ва омилҳои дигари таъсиррасонанда ба ҳолати қарзҳои дебитории худро роҳандозӣ менамоянд. Инчунин, ҳолати молиявии дебиторонро низ аз рӯйи ҳисоботи молиявии худ баҳогузорӣ мекунанд. Яъне, як сохтори идоравӣ агар аз рӯйи таҳлили гурӯҳии А.В.С ҳисобот барад, пас сохтори дигар таҳлили Х.У.Z-ро ба кор мебарад.

Бо мақсади таъсиррасонӣ ба дараҷаи таваккали карзҳои дебиторӣ, менеҷменти моливии корхонаю шикаратҳои муосир, бештар унсурҳои зерини таъсиррасониро истифода менамоянд:

1. Барои саривақт пардохт нагардидани қарзҳо, ҳар гуна ҷаримаҳо, фоизҳои иловагӣ ва ҷазоҳои дигари изофагӣ таъин мекунанд.

2. Кафолати гарави қарзҳо.

3. Кафолати бонкӣ.

4. Кафолати бауҳдагирии се нафар.

5. Истифода аз хизматрасонии полиси суғуртавӣ.

6. Ба ҳабс гирифтани моликияти қарздор.

Илова бар ин, боз роҳҳои дигари таъсиррасонӣ вуҷуд доранд, ки донишмандони илми менеҷменти молиявӣ онҳоро ба унсурҳои равонӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ – судӣ ҷудо намудаанд. Аммо, мувоффиқ ба талаботи илми хирадгаро – менеҷменти муосир, равиши

идоракунии молиявӣ, тамоми масъалаҳоро мебоист мустақилона ҳаллу фасл намояд. Мутобиқ ба талаботи фарҳанги роҳбарии молиявӣ ба суд кашидани рафиқони ҳамкор, берун аз тақозои илми роҳбарӣ дониста мешавад. Дар ҷаҳони пешқадам аксар ҳолатҳои баҳсиро бо кумаки миёнаравҳо ва ё медиатрҳо барканор намуда, роҳҳои дурусти ҳалли масоили қарздориҳои дебиториро дарёфт мекунанд.

Ҳамзамон, маврид ба зикр аст, ки дар ҳолатҳои алоҳидаи пардохт нагардидани қарзҳои дебиторӣ, корхонаву ширкатҳо бо розигии тарфайн аз шаклҳои гуногуни пардохтӣ истифода мебаранд, ба монанди истифода аз коғазҳои эквивалентӣ ва ё облигатсияву зайёмҳо. Яъне, корбурди ин равиш низ дар амалияи имрӯзаи фаъолияти молиявии корхонаву ширкатҳо иҷозат дода мешавад. Инчунин, боз равиши дигари пардохти қарзҳои дебиторӣ, равиши омилӣ вуҷуд дорад, ки мувоффиқ ба талаботи он корхонаи карздор ба корхонаи дигари ҳамкор молу хизматҳои худро пешниҳод карда, арзишашро ба ҷойи қарз ҳисоб мекунад.

Раванди дигари роҳбарии менеҷмети корхонаю шикратҳои муосирро идоракунии молиявии дороиҳои пулӣ ташкил менамояд. Мақсади асосии идоракунии молиявии дороиҳои пулӣ аз муайянсозии максимум ва ё минимуми воситаҳои пулии корхонаву ширкатҳо барои сармоягузорӣ ва таъмини фаъолиятҳои ҷорӣ иборат дониста мешавад. Набудани маблағҳои зарурӣ дар суратҳисоби корхонаю ширкатҳо на танҳо ба фаъолияти касбиву ҳунарӣ ва шартномаҳои хариду фурӯши молу хизматҳо таъсири манфӣ мерасонад, балки боиси рақобатнопазириву хароҷоти иловагӣ кардани менеҷмент мегардад.

Аз ҷониби дигар, вақте воситаҳои пулии корхонаву ширкатҳо дар гардиши молу хизматҳо иштирок намеварзанд, чи гуна метавонанд фоида ба даст биоваранд ва суръатнокиву ҳаракати амалиётро таъмин созанд. Аз ин хотир, таъминоти оптималии воситаҳои пулӣ барои тамоми давраҳои фаъолияти касбиву ҳунарӣ шарти муҳим буда, мақсаднокии онҳоро таъмин месозад.

Ҳадафи асосии идоракунии дороиҳои пулӣ дар менеҷменти молиявии муосир аз равишҳои зерин иборат дониста мешавад:

1. Таъмини саривақтии амалӣ гаштани фаъолиятҳои касбиву ҳунарӣ дар ширкату корхонаҳои муосир.
2. Коркарди чорабиниҳо дар самти суръатнокии дороиҳои пулӣ.
3. Таъмини фазои озоди ҳаракати дороиҳои пулии корхонаву ширкатҳо.
4. Таъмини доимии дороиҳои пулӣ дар суратҳисоби бонкии корхонаву ширкатҳо ва ё дар шакли қурби асъор дар бонкҳои тиҷоратӣ.
5. Таъмини доимии дороиҳои пулӣ дар шакли захираҳои эҳтиётӣ, барои ҳолатҳои ногуворӣ фаъолиятҳои бозорӣ.
6. Таъмини доимии дороиҳои пулӣ дар шакли фондҳои суғуртавӣ.
7. Бо мақсади истифода гардидан дар раванди молиягузориҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддати ширкату корхонаҳои муосир.

Ҳамон тавре аз таҳлили аҳдофи меҳварии идоракунии дороиҳои пулии корхонаву ширкатҳо бар меоянд, роҳбарии молиявии ин равиш бағоят масъулиятноку заҳматталаб аст. Аз менеҷменти молиявии муосир талаб карда мешавад, ба пуррагӣ аз уҳдаи идоракунии равишҳои фавқулзикр баромада, пайваста миқдори оптималии дороиҳои пулиро таъмин намояд.

Моделҳо ва сарчашмаҳои молиягузории дороиҳои активии корхонаву ширкатҳо, ҳамчун роҳу равиши навини роҳбарӣ, тавонмандии таъмин намудани рушдёбандагии босуръати соҳибкории асри XXI-ро доранд. Яъне, вобаста ба рушди бемайлони СТТИИЭ, тазоҳур намудани системаҳои бузурги ҳисоббаробаркунии байналмилалии интернетӣ, менеҷменти корхонаю ширкатҳо имконоти пурраи ҳисоббаробаркуниҳои онлайниро дастрас намудааст.

Имрӯзҳо дилхоҳ соҳибкор ва ё мутахасссиси бахши идоракунии молиявӣ, имкони аз ҷойи нишаст ба тамоми ҷаҳон пайвастшавӣ ва назорати молиявиро дорад. Тамоми фаъолиятҳои амалиётии молиявӣ дар хатти электронӣ сурат гирифта, кори мутахассиси раванди роҳбарии молиявиро басо осону суръатнок гардонидааст. Ҳамзамон, бояд ёдовар шавем, ки менеҷменти корхонаю ширкатҳо системаҳои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалиро вобаста аз стратегияву модели интихобкардаашон истифода мебаранд.

Худи системаи электронии интернетӣ имрӯзҳо чунон босуръатона рушд ёфта истодааст, ки қариб тамоми фаъолияти ҳисоббаробаркунӣ дар шакли онлайнӣ, аз як тарафи дунё ба тарафи дигари он дар як лаҳза анҷом дода мешаванд. Аз ҷониби дигар, дар сар то сари ҷаҳон рушди босуръати тиҷорати электронӣ мушоҳида мешавад, ки дар навбати худ як имконоти баланди роҳбарии онлайнии молиявиро мемонад. Корхонаву ширкат метавонад ба тамоми ҷаҳон моли худро дар шароити чашмрас муаррифӣ карда, ба фурӯш барорад.

Новобаста ба чунин як заминаи мусоиди фароҳамгардида, менеҷменти баъзе аз корхонаю ширкатҳо, стратегияи консервативиро пеш мебарад, ки аксар маврид бо сабаби норасогии СТТИИЭ рух медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо дар равиши молиягузории дороиҳои пулӣ, талаботи молиягузориҳои дарозумддат ҷорӣ карда мешаванд.

Инчунин, дар менеҷменти баъзе аз ширкату корхонаҳо, шакли агрессивии идоракунии молиявии дороиҳоро ба кор бурда мешавад, ки дараҷаи баланди таваккалро дошта, аксар маврид аз молигузориҳои қарзии бонкӣ ва сарчашмаҳои дигари эҳтиётӣ истифода менамояд. Арзиши қарзҳо аз ҷамъи маблағ ва фоизи ставкаи бонкӣ баробар буда, метавонанд қисман ва ё якбора пардохт карда шавад.

Ногуфта намонад, ки баъзе аз соҳибкорон ва ё корхонаву ширкатҳо аз сарчашмаҳои ғайрибонкӣ низ истифода мебаранд. Ин сарчашмаҳо метавонанд маблағҳои худи корхона, қарзҳои рафиқонаи ҳамкорони муштарак ва ё имконоти молиявии саҳмиядорону иштироккунандагони ҷараёнҳои касбиву ҳунарӣ бошанд. Инчунин, боз аз қарзҳои молӣ низ истифода мебаранд. Ин шакли кредит байни миёнаравҳову молтаъминкунандагону рафиқони ҳамкор бо мақсади зудтар ба тиҷорат баровардану фурӯши молу хизматҳо ташкил карда мешавад.

Хулоса, дар шароити муосир, вобаста ба таҳкимпазирии хатти электронӣ, менеҷменти молиявии корхонаву ширкатҳо, имконоти баланди назорати пайвастаи системавию моделӣ ва техникиву технологии молиявиро фарогиранд. Чун метавонанд бо истифода аз имконоти электронии асри XXI таъсиррасонии баланди фоидаовариву даромаднокӣ ва рушдёбандагии устувор дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Артюхов А.А. Управление собственным и заёмным капиталом. -М., 2012.
2. Бобылева А.З. Финансовый менеджмент проблемы и решения. Уч. пособие / А.З.. Бобылева. -М., 2008.
3. Воронина М.А. Финансовый менеджмент. Учебник / М.А. Воронина. –М., 2023. -384 с.
4. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби дарсӣ. Иборат аз 17 қисм / Т.Б. Ғаниев. -Душанбе: Ирфон, 2023. -8500 с.
5. Ғаниев Т.Б. Ҳавасмандгардонии кормандон ва таъсири он ба системаҳои идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ / Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Ҳ. Искандаров, М.Д. Эсанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№10. –қисми 1. -С.105-111.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021.
7. Кодекси граждании ҶумҳурииТоҷикистон. –Душанбе, 2021.
8. Латинско-русский и русско-латинский словарь / А.В. Подосинов, Г.Г. Козлова, А.А. Глухов [и др.]; под общ. ред. А.В. Подосинова. -5-е изд., стер. -М.: ФЛИНТА, 2014. -752 с.
9. Медведев А.В. Современные подходы к формированию кадрового потенциала для устойчивого развития сельских территорий / А.В. Медведев // Вестник Российской Академии естественных наук. Серия экономическая. -М., 2010. -№2. -С.52-54.
10. Мескон М. Основы менеджмента: пер. с англ. / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури; под общ. ред. Л.И. Евенко; акад. нар. хоз-ва при Правительстве Р.Ф, Высш. Шк. Междунар. Бизнеса. -М.: Дело, 1993. -701 с.
11. Тейлор Ф.У. Принципы научного менеджмента / Ф.У. Тейлор. -М.: Контроллинг, 1991. -104 с.
12. Устаев Р.М. Развитие инновационного потенциала человеческого капитала в региональной экономике: автореф. дисс. ... канд. экон. наук / Р.М. Устаев. -Ставрополь, 2016. -22 с.
13. Финансовый менеджмент / Ю. Бригхем [и др.]; пер. с англ. –Питер, 2009.


## ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲОИ ГАРДИШӢ, СТРАТЕГИЯ ВА САРЧАШМАҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОНҲО ДАР МЕНЕҶМЕНТ


Ба ақидаи муаллиф дар шароити иқтисоди бозоргонии асри XXI, масъалаи идоракунии дороиҳои гардишӣ ва молиягузории онро ба таври мустақил амалӣ мегардонад. Зеро рушдёбандагиву рақобатпазирии корхонаву ширкатҳо аз таъмин будан бо захираҳои моддиву молиявӣ вобастагии калон дорад. Дар мақолаи мазкур дороиҳои гардишӣ ва ё худ воситаҳои гардони корхонаву ширкатҳо арзёбӣ гардида, зери мафҳуми онҳо арзишҳои моликиятдорие дониста шудаанд, ки дар ҷараёни фаъолияти истеҳсоливу тиҷоратии корхонаву ширкатҳо иштироки фаъол меварзанд. Ин воситаҳо шакли аввалаи худро дар як сикли истеҳсолӣ комилан дигаргун карда, арзиши худро пурра ба маҳсулоти тайёр интиқол медиҳанд. Ҳамзамон, муаллиф

дар мақолаи мазкур унсурҳои доираҳои гардишӣ, эквиваленти пулӣ, навъҳои дороиҳо, гардиши дороиҳо, роҳу усулҳои идоракунии захираҳо, тақсимнамоии дороиҳо, таъмини оптималии дороиҳо, идоракунии қарзҳои дебиторӣ, раванди ҳисоббаробаркунӣ бо харидорону супоришдиҳандагон, идоракунии молиявии дороиҳои пулӣ ва низоми муосири идоракунии дороиҳои гардиширо шарҳу тавзеҳ додааст. Хулосаи муаллиф дар шароити муосир вобаста ба таҳкимпазирии хатти электронӣ, идоракунии молиявии корхонаву ширкатҳо, имконоти баланди назорати пайвастаи системавию моделӣ ва техникиву технологии молиявиро фарогиранд. Истифода аз имконоти электронии асри XXI таъсиррасонии баланди фоидаовариву даромаднокӣ ва рушдёбандагии устувор дошта бошанд.
**Калидвожаҳо:** дороиҳои гардишӣ, эквиваленти пулӣ, навъҳои дороиҳо, гардиши дороиҳо, роҳу усулҳои идоракунии захираҳо, тақсимнамоии дороиҳо, таъмини оптималии дороиҳо, идоракунии қарзҳои дебиторӣ, идоракунӣ, хатти электронӣ.

## УПРАВЛЕНИЕ ОБОРОТНЫМИ АКТИВАМИ, СТРАТЕГИЯ И ИСТОЧНИКИ ИХ ФИНАНСИРОВАНИЯ В МЕНЕДЖМЕНТЕ

По мнению автора, в условиях рыночной экономики XXI века вопрос управления оборотными активами и их финансирования реализуется независимо. Потому что развитие и конкурентоспособность предприятий и компаний зависят от обеспечения материальными и финансовыми ресурсами. В данной статье оцениваются оборотные активы или средства оборота предприятий и компаний, под их понятием понимаются ценности собственности, которые принимают активное участие в процессе производственной и коммерческой деятельности предприятий и компаний. Эти инструменты полностью трансформируют свою первоначальную форму в производственном цикле, полностью передавая свою ценность готовому продукту. Также в данной статье автор описал элементы оборотных кругов, денежного эквивалента, видов активов, оборота активов, способов и методов управления ресурсами, распределения активов, оптимального обеспечения активами, управления дебиторской задолженностью, процесса расчетов с покупателями и заказчиками, финансового управления денежными активами и современной системы управления оборотными активами. Таким образом, в современных условиях, связанных с консолидацией электронной линии, охватывает финансовое управление предприятиями и компаниями, имеет большие возможности непрерывного системно-модельного и технико-технического контроля финансовых показателей. Использование электронных возможностей XXI века будет иметь большое влияние на прибыльность и устойчивый рост.
**Ключевые слова:** оборотные активы, денежные эквиваленты, виды активов, оборот активов, способы и методы управления ресурсами, распределение активов, оптимальное обеспечение активов, управление дебиторской задолженностью, управление, электронная линия.

## MANAGEMENT OF CURRENT ASSETS, STRATEGY AND SOURCES OF THEIR FINANCING IN MANAGEMENT

According to the author, in the conditions of the market economy of the XXI century, the issue of managing current assets and their financing is implemented independently. Because the development and competitiveness of enterprises and companies depend on the provision of material and financial resources. This article evaluates the current assets or means of turnover of enterprises and companies, their concept refers to property values that take an active part in the process of production and commercial activities of enterprises and companies. These tools completely transform their original form in the production cycle, fully transferring their value to the finished product. Also in this article, the author described the elements of turnover circles, monetary equivalent, types of assets, asset turnover, methods and methods of resource management, asset allocation, optimal asset provision, accounts receivable management, settlement process with buyers and customers, financial management of monetary assets and a modern management system of current assets. The author's conclusion, in modern conditions related to the consolidation of the electronic line, covers the financial management of enterprises and companies, high opportunities for continuous system-model and technical control of financial indicators. Using the electronic capabilities of the 21st century will have a high impact on profitability and sustainable growth.
**Keywords:** current assets, cash equivalents, types of assets, asset turnover, methods and methods of resource management, asset allocation, optimal asset provision, accounts receivable management, management, electronic line.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғаниев Таваралӣ Бобоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-70-40-77**. E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ганиев Таварали Бобоевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ganiev Tavarali Boboevich*** **–** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Human Resources Management. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**

ТДУ: 631.145:3

# ВАЗЪИ МУОСИРИ ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ашуров И.С., Раззоқова Г.Ҳ.*
**Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои заминавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ буд ва боқӣ мемонад. Соли 2022 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ беш аз 22,9%-и маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил намуд. Дар соҳаи кишоварзӣ дар соли 2022-ум 1474,8 ҳазор нафар аз 2425,5 ҳазор нафари аҳолии дар иқтисодиёт машғул фаъолият менамояд. Дар деҳот беш аз 73,0 ҳиссаи аҳолии ҷумҳурӣ сукунат дорад. Тоҷикистон ба миқдори 14137,7 ҳаз. гектар замин дорад, аз он 3668,9 ҳазор гектар киштзори кишоварзӣ, аз он ҷумла 660,1 ҳаз. гектар мазраъ мебошад [4,с.19].

Ҳиссаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тамоюли камшавӣ дошта бошад ҳам, вале яке таъминкунандаҳои асосии бехатарии озуқаворӣи кишвар боқӣ мемонад. Бинобар ин, дар мамлакат диққати асосӣ ба рушди бахши аграрӣ дода шуда, барномаҳои мақсадноки соҳавӣ қабул карда мешаванд, ки ин барномаҳо дастгирии ҳамаҷонибаи соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлатро пешбинӣ менамоянд. Шароитҳои муосири соҳаи кишоварзӣ барои рушди тиҷорати бузург ва хурд хеле мусоид аст. Ин ба рушди баробари шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ, ба оқилона истифода бурдани иқтидори захираҳои соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар давраи зери таҳлил қароргирифта маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 34,4% боло рафтааст. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ зиёда аз 4).0% ва маҳсулоти чорводорӣ 37,5% афзудааст (ҷадвали 1).

Сабабҳои асосии зиёдшавӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаҳоиислоҳоти аграрии Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад. Аз соли 1996 ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ҷараён дорад. Дар рафти ислоҳот сохтори хоҷагидорӣ тағйир ёфт, зеро хоҷагии қишлоқ аз сармоягузории давлатӣ бархӯрдор гардид.

Ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар панҷ соли охир беш аз 10 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ба маблағи 570 миллион сомонӣ ворид карда, барои ин дар ҳаҷми беш аз 200 миллион сомонӣ имтиёзҳо татбиқ гардиданд” [12,с.6].

Натиҷаи ин буд, ки истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар панҷ соли охир 34,4% рушд ёфта, ба 49272,5 млн сомонӣ расид (ҷадвали1).

**Ҷадвали 1**. **Динамикаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ дар солҳои 2018-2022 (бо нархҳои муқоисавии соли 2021)**

**Table 1. Dynamics of total agricultural products of the republic in 2018-2022 (with comparative prices of 2021)**

| Солҳо | Маҳсулоти кишоварзӣ | | Аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Маҳсулоти растанипарварӣ | | Маҳсулоти чорводорӣ | |
| | млн. сомонӣ | нисбати соли 2018, % | млн. сомонӣ | нисбати соли 2018, % | млн. сомонӣ | нисбати соли 2018, % |
| 2018 | 36668,9 | 100,0 | 25493,6 | 100,0 | 11175,3 | 100,0 |
| 2019 | 39276,0 | 107,1 | 27469,4 | 107,8 | 11806,6 | 108,8 |
| 2020 | 42765,6 | 116,6 | 29719,6 | 116,6 | 13046,0 | 116,7 |
| 2021 | 45633,1 | 124,4 | 31487,5 | 123,5 | 14145,6 | 126,6 |
| 2022 | 49272,5 | 134,4 | 33902,1 | 140,0 | 15370,4 | 137,5 |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.16.

Таносуби корхонаҳои кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар соли 2022 истеҳсол шуд аз 5,5 то 12,3% афзуд. Ҳиссаи хоҷагии деҳқонӣ тамоюли афзоиш дошта, аз 38,8%-и соли 2018 то 41,1% дар соли 2022 расид. Ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба соли

2018 паст шуда бошад ҳам, вале ҳанӯз мавқеи асосиро мебозад, зеро дар он 46,6% маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мегардад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ вобаста ба шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2018-2022 (бо нархҳои муқоисавии соли 2021)**
**Table 2. Dynamics of total agricultural products of the republic depending on the types of farming in 2018-2022 (with co mparative prices of 2021)**

| | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % |
| **Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ** | 36668,9 | 100,0 | 39276,0 | 100,0 | 42765,6 | 100,0 | 45633,1 | 100,0 | 49272,5 | 100,0 |
| Бахши ҷамъиятӣ | 2057,8 | 5,5 | 2911,5 | 7,4 | 3861,1 | 8,5 | 5001,3 | 11,0 | 6063,4 | 12,3 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 20410,5 | 55,7 | 20405,1 | 52,0 | 21618,6 | 50,5 | 22300,3 | 48,9 | 22969,4 | 46,6 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 14200,5 | 38,8 | 15959,4 | 39,5 | 17286,0 | 41,0 | 18331,5 | 40,1 | 20239,6 | 41,1 |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.16.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди кишоварзӣ, бо техникаи кишоварзӣ таъмин намудани талаботи хоҷагиҳо ба ҳисоб меравад. Хушбахтона тамоюли пастшавии миқдори техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ то андозае боз дошта шудааст, аммо нисбат ба соли 1991 хеле коста гаштаанд.

Рушди истеҳсолот, ҳифзу нигоҳдорӣ ва аз нав коркарди маҳсулотро бе таъмини воситаҳои техникии самаранок пеш бурдан ғайриимкон аст. Лекин, сарфи назар аз он ки дар солҳои охир ҳиссаи мошинолот, дастгоҳу таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт ба таври назаррас афзудааст, ҳанӯз ҳам соҳаи кишоварзӣ аз камии техникаи босифат ба мушкилот рӯ ба рӯст”.

Рақамҳои ҷадвали 3 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои 2018-2022 миқдори тракторҳо, комбайнҳои ғалладарав, ядакҳои тракторӣ, алафҷамъкунакҳои тракторӣ, досҳои тракторӣ, мошинҳои пахтачинӣ, тойбанду тагрезчинҳо аз 117 то 300% афзуда, шумораи автомобилҳои боркаш, комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво, комбайнҳои ҷуворимаккағундор, тухмипошакҳои тракторӣ, нармкунакҳои тракторӣ, мошинҳои кӯракғундор, пахтаҷудокунакҳо аз 34 то 62% кам шудааст.

Аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, ки агар вазъият оид ба навсозии парки мошинҳои кишоварзӣ ба таври қатъӣ тағйир наёбад, дар он сурат тахмин кардан мумкин аст, ки дар соли 2024 дар саҳроҳои кишоварзӣ испорҳо, комбайнҳои пахтачинӣ ва алафдаравӣ, дарави хӯроки чорво боқӣ намемонад. Миқдори тракторҳо, мошинҳои заминнармкунӣ, тухмипошакҳо ва досҳои тракторӣ метавонад ба ҳолати бад расад. Ба ҳамин тартиб, бояд иқрор шуд, ки то ба ҳол ба таври оптималӣ парки ташаккулёфтаи мошину трактор вуҷуд надорад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Мавҷудияти намудҳои асосии техника дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (воҳид)**
**Table 3. Availability of the main types of equipment in agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan (unit)**

| **Номгӯйи техника** | **Солҳо** | | | | | | **2022/ 1991,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Тракторҳо, ҳамагӣ | 37054 | 27134 | 27776 | 27376 | 27590 | 27324 | 73,7 |
| Автомашинаҳои боркаш | 18307 | 2470 | 1790 | 1684 | 1835 | 1819 | 9,9 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 1383 | 1024 | 1099 | 1068 | 1098 | 1099 | 79,5 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 3011 | 67 | 70 | 95 | 45 | 34 | 1,1 |
| Ядакҳои тракторӣ | 18639 | 9275 | 9407 | 8968 | 8597 | 8640 | 46,4 |
| Испорҳои тракторӣ | 9449 | 9352 | 9794 | 10181 | 10280 | 10356 | 109,6 |
| Тухмипошакҳои таракторӣ | 6078 | 2307 | 2415 | 2301 | 2244 | 2284 | 37,6 |
| Култиваторҳои тракторӣ | 7805 | 2386 | 2742 | 1101 | 2880 | 2880 | 36,9 |

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки шумораи мошинолоти кишоварзӣ нисбат ба соли 1991 ба ғайр аз испорҳои тракторӣ кам шудаанд. Хусусан комбайнҳои пахтачинӣ, автобилҳои боркаш, тухмипошакҳо ва култиваторҳои тракторӣ аз 64 то 99% кам шудаанд.

Кам шудани минбаъдаи парки мошинолот ба паст шудани сатҳи корҳои механикунонӣ, ба якбора кам шудани фондғунҷоиш ва ба афзоиши меҳнати дастӣ дар иҷрои равандҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад, ки дар навбати худ масрафҳои меҳнатро зиёд мекунад ва қобилияти рақобатпазирии маҳсулотро паст менамояд, зеро сарбории шудгор ва кишт барои намудҳои ҷудогонаи техникаи кишоварзӣ аз меъёр хеле зиёданд (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Сарбории шудгор ва кишт барои намудҳои ҷудогонаи техникаи кишоварзӣ**
**Table 4. Plowing and planting load for different types of agricultural machinery**

| Нишондиҳандаҳо | меъёр | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 нисбат ба меъёр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъмин будани 1000 га шудгор бо тракторҳо (воҳид) | 43,7 | 32,8 | 32,8 | 31,8 | 31,9 | 31,8 | -11,9 |
| Сатҳи таъмин будан % | 100,0 | 75,0 | 75,1 | 72,8 | 73,0 | 72,8 | -27,2 |
| Сарборӣ ба 1 трактор (га) | 22,9 | 30,5 | 30,4 | 30,2 | 31,3 | 31,5 | +8,6 |
| Таъмин будани 1000 га кишт бо комбайнҳои ғалладарав (воҳ.) | 7,7 | 2,7 | 2,9 | 2,7 | 2,8 | 2,8 | -4,9 |
| Сатҳи таъмин будан % | 100,0 | 35,1 | 37,7 | 35,1 | 36,4 | 36,4 | -63,4 |
| Сарборӣ ба 1 комбайн (га) | 129 | 366,2 | 374,8 | 366,6 | 359,3 | 355,4 | +226,4 |
| Таъмин будани 1000 га кишти пахта бо мошинҳои пахтачинӣ (воҳид) | 8,5 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,3 | 0,2 | -8,3 |
| Сатҳи таъмин будан % | 100,0 | 7,1 | 8,2 | 8,2 | 7,1 | 2,4 | -4,7 |
| Сарборӣ бо як мошини пахтачинӣ (воҳ) | 118 | 2773,4 | 2652,4 | 1951,9 | 3861,5 | 5339,5 | +5221,5 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф мувофиқи маълумотҳои Вазорати кишоварзӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - 2023. -С.23, 305-315.

Чуноне аз таҳлили ҷадвали 5 бармеояд, ба 1000 га замини кишт нисбати меъёр 11,9 адад ё 8,0% трактор намерасад. Сарборӣ ба 1 трактор ба ҷои 22,9 га 31,5 га рост меояд, ки 37,6% зиёд аст. Ба 1000 га замини ғалла тибқи меъёр 7,7 комбайни ғалладарав зарур аст, аммо дар Тоҷикистон ин рақам танҳо ба 2,8 комбайн рост меояд. Сатҳи таъмин ба 36,4% баробар буда, сарборӣ ба 1 комбайн ба ҷои 129 га 355,4 га ё қариб 226,4% зиёд аст.

Сатҳи таъмини мошинҳои пахтачинӣ ба 2,4% ва сарбори 1 мошини пахтачинӣ ба ҷои 118 га 5339,5 га-ро ташкил медиҳад, ки 45,3 баробар зиёд аст. Дар ин шароит таъмини иҷрои корҳои саҳроӣ дар мӯҳлатҳои оптималӣ ғайриимкон аст.

Бо истифода аз методологияи муайян намудаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи 2003, протоколи №12 истифода бурда, бо ёрии меъёрҳои нишондодашуда эҳтиёҷотро ба техникаи гуногунтамға муайян менамоем, ки дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст.

Эҳтиёҷот нисбат ба мошинолоти аҳаммияти умумидоштаи истеҳсоли ватанӣ (тракторҳои коркарди замин ва ғайраҳо) ба масоҳати умумии замини шудгор муайян карда шудааст. Меъёрҳои эҳтиёҷот ба дигар техникаи кишоварзӣ ба масоҳати заминҳои кишти зироатҳои мухталиф мансуб дониста шуда, ба ҳисоби 1000 гектар муайян карда шудаанд.

Барои эҳтиёҷоти меъёрӣ бо мошинҳо, ҳисоби корҳои механизатсиякардашуда, кам кардани масрафҳои моддӣ ва меҳнатӣ ҳангоми ташкили оқилонаи истифодабарии мошинҳо, риояи талаботи агротехникӣ ва мӯҳлати оптималии иҷроиш дар шароити муносибатҳои бозорӣ қабул карда шудааст.

Ба ҳамин тартиб, аз рӯи меъёрҳои овардашудаи парки намудҳои ҷудогонаи техника дар ҳудуди ҷумҳурӣ, ба ҳисоби оптималӣ ҳангоми дар он мавҷуд будани 37589 трактор, 12295 испор, 1925 тухмипошакҳои ғалла, 3022,6 комбайнҳои ғалладарав, 2723 тухмипошакҳо, 3073,5 култиваторҳои байниқаторӣ, 1764 комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво, 2441 тойбанду таҳрезчинҳо, 1543 мошинҳои пахтачинӣ зарур аст.

**Ҷадвали 5. Таъмини талабот ба намудҳои муайяни техникаи кишоварзӣ ба 1000 га**
**Table 5. Supply of demand for certain types of agricultural machinery per 1000 ha**

| Намудҳои техника | Меъёр 1000 га (адад) | Замини кишт, га | Талабот тибқи меъёр, адад | 2022 (ҳақиқӣ) | Эҳтиёҷоти зарурӣ, воҳид |
|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо | 43,72 | 859768 | 37589 | 27324 | 10265 |
| Испорҳои тракторӣ | 14,3 | 859768 | 12294,7 | 10356 | 1938,7 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 7,72 | 390531 | 3022,6 | 1099 | 1923,6 |
| Тухмипошакҳо | 15,0 | 181542 | 2723,1 | 2284 | 439,1 |
| Култиваторҳои байниқаторӣ | 16,93 | 181542 | 3073,5 | 3363 | -289,5 |
| Ядакҳои тракторӣ | 25,3 | 859768 | 21752,6 | 8640 | 13112,6 |
| Досҳои тракторӣ | 5,86 | 115135 | 674,7 | 1545 | -870,3 |
| Комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво | 15,32 | 115135 | 1763,9 | 135 | 1628,9 |
| Тойбанду таҳрезчинҳо | 6,25 | 390531 | 2440,8 | 831 | 1609,8 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 8,5 | 181542 | 1543,1 | 34 | 1509,1 |

Манбаъ: Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.307-319

Ҳамин тавр, аз таҳлили гузаронида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои рушди самараноки растанипарварӣ ва чорводорӣ заминаи моддӣ техникӣ ҳанӯз намерасад. Тибқи эҳтиёҷот ба техника барои соҳаи чорводорӣ бояд омилҳои асосии зерини истеҳсолот ба ҳисоб гирифта шавад: низом ва тарзи нигоҳдории чорво, тарзи хӯронидан, инчунин гурӯҳҳои ҷинсию синну соли чорво:

- ❖ технологияи истеҳсолот, маҳсулоти ниҳоӣ, тайёр намудани мол барои фурӯш дар бозор, таҳвил намудан, сифати воситаи истеҳсолот;
- ❖ раванди технологӣ ва маҷмуи мошинолот ва дастгоҳу таҷҳизот барои таъмину нигоҳдорӣ ва хӯронидани чорво, ширдӯшӣ ва коркарди ибтидоии шир, забҳи чорво, омода намудани омехтаҳои хӯроки чорво, истеҳсоли хӯроки чорво, тоза кардани оғилхонаҳо, таъмин намудани микроиқлими хуб дар биноҳои чорвопарварӣ ва парандапарварӣ, таъмини шароити байторӣ-тозагии санитарии чорво;
- ❖ маҷмуи технологии мошинолот ва дастгоҳу таҷҳизот барои иҷрои равандҳо ва амалиёт, ки барои корҳои умумии фермаи чорводорӣ пешбинӣ шудаанд. Низом ва воситаи таъмини энергия, тармим ва хизматрасонии техникии мошинҳо, мошинолот ва дастгоҳу таҷҳизот оиди аз нав коркарди ҳифзу нигоҳдории маҳсулот, оид ба таъмин намудани корҳои ҳамлу нақл ва ғайраҳо;
- ❖ мошинолот ва дастгоҳу таҷҳизоте, ки бо ёрии онҳо раванд ва амалиётҳои ҷудогона иҷро карда мешаванд, аз ҷумла:

- дастгоҳу таҷҳизоти чорвопарварӣ, дастгоҳу таҷҳизоти оғилхона, мошинҳои ширдӯшӣ ва дастгоҳҳо, яхдонҳои барқии нигоҳдории шир, мошинҳои майдакунанда ва нармкунакҳои хӯроки чорво, дастгоҳу таҷҳизот оид ба тайёр намудани ивазкунандаҳои шир ва хӯронидани он ба гӯсолаҳо, дастгоҳу таҷҳизот оид ба ташкили чаронидани чорво, дастгоҳу таҷҳизоти поруғундорӣ, борбардорҳо, дастгоҳҳои тарозу, ордоба ва ғайра;
- оид ба парандапарварӣ-дастгоҳу таҷҳизот, батареяҳои панҷарадори навъҳои гуногун ва таъиноти парандапарварӣ, низоми ҷамъоварӣ, ба навъҳо ҷудо кардан, ҳифзу нигоҳдорӣ ва бастабандӣ кардани тухм, дастгоҳу таҷҳизот оид ба тақсими хӯроки чорво, рӯбу чин ва коркарди саргин, забҳи парандаҳо, мошинолот барои ҳамлу нақли хӯроки чорво, тухм, чӯҷаҳо ва парандаҳои калонсол, низом оид ба таъмини микроиқлим ва хӯроки парандаҳо.

Таъминоти пурраи техникӣ дар ҳамон вақт ҳисоб мешавад, ки миқдори мошинолот ва дастгоҳу тоҷҳизот ба саршумори муайяни чорво (парандаҳо) рост ояд, маҷмуи механикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва дар асоси ин кам кардани масрафҳои моддӣ ва меҳнатиро дар истеҳсоли маҳсулот, дар шароити истифодабарии оқилонаи онҳо, риояи талаботи зоотехникӣ ва байторӣ-санитариро таъмин намояд.

Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо аз мавҷудияти дастгоҳу таҷҳизоти махсус ва воситаҳои техникӣ, балки таъмини сохтмонҳои истеҳсолӣ барои таъмину нигоҳдории чорво низ вобастагии зиёд дорад.

Сарфи назар аз он, ки бӯҳрони иқтисодӣ ба тасри назаррас суръати такмилдиҳӣ ва сохтмонро суст кард, бо вуҷуди ин, кайҳо иқтидорҳои истеҳсолӣ имконият медиҳанд истеҳсолкунандаҳои соҳа ҳаҷм ва сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро баланд бардоранд.

Рушди соҳа аз унсурҳои заминаи моддӣ-техникии объектҳои зерсохторҳои муҳандисӣ низ вобастагии калон дорад. Ба таркиби ин гуна объектҳо шабакаҳои берунаю дохилӣ: қубурҳои обгузар, канализатсия, таъминоти гармирасонӣ, таъминоти газ, таъминоти барқ, алоқа, радио, телевизион, сигнализатсия, амнияти сухтор, нақлиёт, канализатсияи селгузар ва дастгоҳу таҷҳизоти ба онҳо алоқаманд ва дигар объектҳои зерсохторҳои муҳандисӣ дохил мешаванд. Зерсохтори муҳандисӣ умуман шароити заруриро талаб менамояд ва ба нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ таъсири зерин доранд:

Якум, мавҷудияти шабакаҳои муҳандисӣ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии одамон ва самаранокии истеҳсолот таъсир мекунад, зеро одами солим беҳтар фаъолият менамояд.

Дувум, мавҷудияти онҳо ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии одамон оварда, ҷалби мутахассисонро ба соҳа зиёд мекунад, кӯчиши аҳолиро аз деҳот ба шаҳр боз медорад ва сокинони навро ҳавасманд мегардонад. Дар натиҷа маҷмуи истеҳсол ва маҳсулнокӣ аз ҳисоби ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос меафзояд.

Сеюм, гузаронидани шабакаҳои муҳандисӣ ба беҳтаршавии технологияи истеҳсолот сабаб шуда, маҳсулнокиро зиёд менамояд ва ба зиёдшавии миқдори маҳсулот мусоидат менамояд.

Чаҳорум, беҳтаршавии зерсохторҳои муҳандисӣ ба минтақа инвеститсияи иловагиро ҷалб менамояд, ба рушди тиҷорати вуҷуддошта таъсири мусбӣ расонида, дар натиҷа, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Панҷум, беҳтаршавии зерсохторҳо барои минтақа на танҳо тиҷорати истеҳсолӣ, балки сохторҳои бо он алоқамандро ҷалб намуда, ба рушди умумии иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот оварда мерасонад.

1 августи соли 2012 «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020»- қабул карда шуда буд.

Мақсади умумии Барнома ин татбиқи ислоҳот дар асоси иҷрои вазифаҳои афзалиятнок ва ҳалли мушкилоти асосие, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ва «Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд шудаанд, мебошад. Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» оварда шудааст, ки рушди кишоварзӣ бо хароҷоти зиёд барои боркашонӣ ва обёрӣ, инкишофи нокифояи сохторҳои хизматрасон, ҳал нашудани мушкилоти маблағгузории низоми боркашонӣ ва обёрӣ маҳдуд мегардад, ки он боиси боқӣ мондани мушкилоти ҷиддӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ мегардад. Дар бахши рушди иқтисодӣ «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» чунин афзалиятҳои умумии он муайян гардидаанд:

- ❖ тағйири самти сиёсати соҳавӣ барои ноилшавӣ ба ҳадаф ва афзалиятҳои миллӣ;
- ❖ диверсификатсия ва навсозии истеҳсолот, рушди рақобатнокӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротӣ;
- ❖ таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда;
- ❖ коҳиш додани андозҳои иловагӣ ва монеаҳои маъмурӣ;
- ❖ ҳифзи муҳити атроф (истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои табиӣ, ба монанди замин ва об дар назар дошта шудааст) [11].

Аммо, ин нишондиҳандаҳо масъалаҳои асосии зеринро инъикос намекунанд:

- ❖ сармоягузории самаронок ба таҷҳизонидани моддӣ-техникии соҳа ва технологияи нав;

❖ саривакт имконият намедиҳад, ки ҷойҳои нозуки истеҳсолот арзёбӣ карда шавад, роҳҳои рушд, аз он ҷумла, алоқа бо бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ омӯхта шавад.

Ба андешаи мо, нишондиҳандаҳои ҳаҷми сармоягузорӣ ба 1 сар чорво бештар актуалӣ мебошанд.

Инак, дар айни замон соҳаи кишоварзӣ пойгоҳи сусти моддӣ-техникӣ дорад. Дар сатҳи Ҳукумат барномаҳои мақсадноки зиёде барои равнақи соҳаҳои асосии кишоварзӣ қабул шудаанд, вале иҷрои онҳо ба тарзи бояду шояд таъмин намегарданд. Дар шароити муосир истеҳсолкунандаҳо имконияти ҳалли масъалаҳои таҷҳизонидани техникӣ аз ҳисоби маблағҳои худиро надоранд, бинобар ин, аз ҷониби Ҳукумат дидани чунин чораҳо зарур аст:

❖ ҷалби инвеститсияҳои давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаи кишоварзӣ;

❖ тақвият бахшидани назорат ҷиҳати иҷрои чорабиниҳо дар чаҳорчӯбаи барномаҳои давлатӣ;

❖ ворид намудани нишондиҳандаҳои нави индикативии кори соҳа;

❖ таъсис додани механизми тасҳеҳи нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ дар барномаҳои рушди соҳаҳо;

❖ тасҳеҳ намудани барномаҳои соҳаҳо дар алоқамандӣ бо вазъияти воқеии иқтисодӣ дар мамлакат ва ҷаҳон.

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров И.С. Самаранокии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон. Монографияи илмӣ / И.С. Ашуров, Г.Ҳ. Раззоқова. –Душанбе: Эр-Граф, 2020. -171 с.
2. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.
4. Бобоев, Ш. К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш. К. Бобоев, Ф. Б. Махмадиев, З. М. Джабборова // Кишоварз. – 2014. – № 4. – С. 44-45.
5. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. - 350 с.
6. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг) (ҚҶТ аз 14.11.16 с., №1375) (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №4, мод.139; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1300; аз 14.11.2016 с., №1375).
8. Нормативы потребности АПК в технике для растениеводства и животноводства. [Электронный ресурс] URL: http://www.mcx.ru.
9. Пириев Дж.С. Концепция аграрной политики Республики Таджикистан / Дж.С. Пириев. –Душанбе, 2009. -211с.
10. Раззоқова Г.Ҳ. Вазъи таъмини техника дар кишоварзии Тоҷикистон ва роҳҳои афзоиши он / Г.Ҳ. Раззоқова, И.С. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№1. -С.111-116.
11. О неотложных мерах по стабилизации и развитию агропромышленного комплекса страны // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2000. -№1.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. - 3.01.2018.
14. Шарипов И.О. Регулирование производственного процесса инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве: опыт развитых стран / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№5. –С.185-191.


**ВАЗЪИ МУОСИРИ ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ баҳо дода шуда, зарурати дастгирии давлатии соҳа таъкид карда шудааст. Муаллифон сабабҳои асосии зиёдшавии маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро натиҷаҳои ислоҳоти аграрӣ арзёбӣ намудаанд. Динамикаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро дар панҷ соли охир мавриди таҳлил қарор дода, қайд намудаанд, ки ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии деҳқонӣ тамоюли афзоиш дошта, ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ паст шудааст. Дар мақола қайд шудааст, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди кишоварзӣ, бо техникаи кишоварзӣ таъмин намудани талаботи хоҷагиҳо ба ҳисоб меравад. Муаллифон ба ин назаранд, ки агар вазъият оид ба навсозии парки мошинҳои кишоварзӣ ба таври қатъӣ тағйир наёбад, дар он сурат вазъи кишоварзӣ метавонад бад шавад. Зеро сарборӣ ба 1 трактор ва комбайн нисбати меъёр хеле баланд аст. Зиёда аз ин, дар мақола омадааст, ки рушди соҳа дар баробари унсурҳои заминаи моддӣ-техникӣ аз объектҳои зерсохторҳои муҳандисӣ низ вобастагии калон дорад. Зеро мавҷудияти шабакаҳои муҳандисӣ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии одамон ва самаранокии истеҳсолот таъсир мекунад.

**Калидвожаҳо:** вазъ, заминаи моддӣ-техникӣ, кишоварзӣ, маҷмуи маҳсулот, амнияти озуқаворӣ, сабабҳо, ҳисса, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, омилҳо, техникаи кишоварзӣ, навсозӣ, парки мошинолот, меъёр, зерсохторҳои муҳандисӣ, сатҳи зиндагӣ, самаранокии истеҳсолот.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье оценивается доля аграрного сектора в общем объеме валового внутреннего продукта и обеспечении продовольственной безопасности, а также подчеркивается необходимость государственной поддержки отрасли. Авторы оценили основные причины роста производства сельскохозяйственной продукции в результате аграрных реформ. Они проанализировали динамику производства сельскохозяйственной продукции за последние пять лет и отметили, что доля сельскохозяйственных предприятий и фермерских хозяйств имеет тенденцию к увеличению, а доля домохозяйств снижается. В статье отмечается, что одним из важных факторов развития сельского хозяйства является обеспеченность ферм сельскохозяйственной техникой. Авторы полагают, что если ситуация с обновлением парка сельскохозяйственной техники кардинально не изменится, то ситуация в сельском хозяйстве может ухудшиться, потому что нагрузка на 1 трактор, комбайн очень высокая, по сравнению с нормой. Более того, в статье указано, что развитие сельского хозяйства, наряду с элементами материально-технической базы, в значительной степени зависит и от объектов инженерной инфраструктуры, поскольку наличие инженерных сетей влияет на повышение уровня жизни населения, эффективность производства.

**Ключевые слова:** ситуация, материально-техническая база, сельское хозяйство, товарный ассортимент, продовольственная безопасность, причины, вклад, сельскохозяйственные предприятия, ферма, хозяйства, факторы, сельскохозяйственная техника, модернизация, автопарк, норматив, инженерная инфраструктура, уровень жизни, эффективность производства.

## THE MODERN STATE OF THE MATERIAL-TECHNICAL AREA OF AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the share of the agricultural sector in the total domestic product and ensuring food security is assessed, and the need for state support of the sector is emphasized. The authors have assessed the main reasons for the increase in the set of agricultural products as the results of agrarian reforms. They analyzed the dynamics of agricultural products in the last five years and noted that the share of agricultural enterprises and farms tended to increase, while the share of households decreased. It is noted in the article that one of the important factors of agricultural development is the provision of farm equipment with agricultural equipment. The authors believe that if the situation regarding the renewal of the agricultural vehicle fleet does not change drastically, then the agricultural situation may deteriorate. Because the load on 1 tractor, combine is very high compared to the norm. Moreover, the article states that the development of the industry, along with the elements of the material and technical base, is also highly dependent on the objects of the engineering infrastructure, because the existence of engineering networks affects the improvement of people's living standards and the efficiency of production.

**Keywords:** situation, material-technical base, agriculture, product set, food security, reasons, contribution, agricultural enterprises, farm, households, factors, agricultural machinery, modernization, vehicle fleet, standard, engineering infrastructure, standard of living, production efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Ихтиёр Саидович*** **-** Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға**:734000, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. E-mail: **ikhtiyor.ashurov@inbox.ru**. Телефон: **(+992) 905-55-77**
***Раззоқова Гулбаҳор Ҳаётовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-15-23-23.** E-mail: **gulbahor230377@mail.ru**

**Сведения об авторах**: ***Ашуров Ихтиёр Саидович*** - Российско-Таджикиский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор. **Адрес**: 734000, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мирзо Турсунзаде, 30. E-mail: **ikhtiyor.ashurov@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 905-55-77**
***Раззокова Гулбахар Хаётовна*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-15-23-23.** E-mail: **gulbahor230377@mail.ru**

**Information about the authors**: ***Ashurov Ikhtiyor Saidovich*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor. **Address**: 734000, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mirzo Tursunzade Street, 30. E-mail: **ikhtiyor.ashurov@inbox.ru**. Phone: **(+992) 905-55-77**
***Razzokova Gulbahar Khaetovna*** - Tajik National University, Candidate of Economics, Associate Professor. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-15-23-23**. E-mail: **gulbahor230377@mail.ru**

ТДУ: 338:004(575.3)

# РАҚАМИКУНОНӢ – ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

*Содиқов Қ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди комплекси агросаноатӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавии иқтисодиёти рақамӣ, ки ба ғояҳо, иттилоот ва инноватсия асос ёфтааст, сурат мегирад. Ҷорӣ намудани рақамикунонӣ ва интернет дар КАС, метавонад бахши кишоварзиро ба як тиҷорати дорои технологияи баланд бар асоси афзоиши ҳосилнокӣ ва коҳиши хароҷот дар тамоми занҷирҳои истеҳсолӣ ва логистикӣ табдил диҳад.

Ба ҳама маълум аст, ки истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз сабаби хавфи зиёд, вобастагӣ ба шароити обу ҳаво, давраҳои дарози истеҳсолот ва даромаднокии кам дар бобати ҷорӣ намудани навоварӣ асосан пурхавф мебошад. Навоварӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисод каме таъхир мешавад. Дар шароити кунунӣ рушди хоҷагии қишлоқ бештар ба интенсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ вобаста аст.

Дар айни замон, кишварҳои пешрафта раванди саноатикунониро қариб ба итмом расонида, ба марҳилаи нави рушд мегузаранд, ки дар он платформаҳои рақамӣ ва роботҳо бартарӣ доранд, ин имкон медиҳад, ки баъзе вазифаҳои истеҳсолот ва идоракунӣ ба зеҳни сунъӣ табдил дода шаванд. Сохтори нави занҷирҳои истеҳсолӣ ва таъминоти моддию техникӣ, хароҷоти истеҳсолот, идоракунӣ ва дигар хароҷотро кам карда, сифати маҳсулотро беҳтар мекунад.

Кишоварзӣ соҳаи дорои эҳтимолияти таваккали баланд маҳсуб мешавад, зеро он аз шароити обу ҳаво вобаста буда, давраи тулонии истеҳсолот ва даромаднокии паст дорад. Ҳамаи гуфтаҳои боло ба навоварӣ дар ин соҳа халал мерасонанд. Навоварӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар зироаткории обӣ мисли дигар соҳаҳои хоҷагии халқ начандон зиёд ҷорӣ карда мешавад, бинобар ин, дар шароити минтақаи биёбонӣ кор карда баромадани технологияи пешқадами мелиоративӣ бештар ба интенсификатсияи истеҳсолоти агросаноатӣ вобаста аст.

Айни замон муҳимтарин самти сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи модернизатсияи иқтисодиёт ва ба роҳи инноватсионии рушд ё ба истилоҳ «рақамикунонӣ» гузаронидани он мебошад. Яке аз воситаҳои модернизатсия ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ, иттилоотӣ ва зеҳнӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар солҳои охир ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ коҳиш ёфта истодааст, ки ин динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумиро инъикос мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди комплекси агросаноатӣ дар замони ҷаҳонишавии рақамӣ, бар асоси ғояҳои нав, иттилоот ва инноватсияҳо ҷараён дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва интернет дар обёрии заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки ин соҳа ба як саноати технологяи баланд табдил ёбад, ки қодир ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва кам кардани хароҷот дар тамоми раванди мелиоративӣ гардад.

Айни замон консепсияи рақамикунонӣ натанҳо дар соҳаҳои технологӣ, балки дар дигар бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ ва махсусан заминҳои обёришаванда низ истифода мешавад. Дар бисёр кишварҳо истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз унсурҳои технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, барномаҳои гуногуни онлайнӣ истифода мебаранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки таҳлил, ба инобат гирифтани истеҳсолот, анҷом додани ҳисобҳои зарурӣ ва ҳаракати маҳсулот аз саҳро то истеъмолкунандаи ниҳоиро назорат намоянд.

Фаъолияти кишоварзӣ бо гирифтани ҷараёни зиёди иттилоот алоқаманд аст: пешгӯии обу ҳаво, нархҳои бозор, талабот аз занҷирҳои чакана, истеҳсолкунандагони таҷҳизоти кишоварзӣ ва ғайра. Дар замимаҳои мустақими онлайнӣ, ҳама маълумот дар шакли ҷамъшуда пешниҳод карда мешавад ва барои корбарони гуногун дастрас аст.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ барои муайян намудани муҳлати кишти зироатҳои дар заминҳои обӣ рӯёндашуда, миқдори оптималии нуриҳои маъданӣ, намнокии зарурӣ, интихоби вақти ҳосилғундорӣ ва ғайраро истифода бурда метавонанд.

Равандҳои консепсияи рақамӣ аз бахшҳои технологияи баланд зуд ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт паҳн мешаванд, ки ба табдил додани истеҳсолоти кишоварзӣ аз анъанавӣ ба технологияи баланд мусоидат мекунад. Кишоварзон дар кишварҳои пешрафта аллакай дар фаъолияти худ аз унсурҳои технологияҳои рақамӣ истифода мебаранд: гирифтани маълумот аз дронҳо, системаҳои моҳвораӣ, замимаҳои гуногуни онлайн, ки имкон медиҳад натанҳо истеҳсолот (майдон, навъи зироат, ҳосил, ҳолати хок ва ғайра) таҳлил карда шавад, балки роҳи маҳсулотро аз саҳро то истеъмолкунанда пайгирӣ кунанд.

Дар бахши кишоварзии иқтисодиёт аз пешгӯии обу ҳаво, барномаҳои интернетӣ, истеҳсолкунандагони таҷҳизоти кишоварзӣ, таъминкунандагони захираҳо ва маҳсулот, занҷирҳои чакана ва ғайра ҷараёни зиёди маълумот тавлид мешавад. Ҳама маълумот ҷамъоварӣ, таҳлил ва дар шакли барномаҳои гуногуни онлайн ба кишоварзон, коркардкунандагон, харидорон ва истифодабарандагони дигар пешниҳод карда мешаванд. Ғайр аз ин, барномаҳо бартариҳои зиёд доранд - муайян кардани муҳлати кишти зироатҳо, миқдори оптималии нуриҳои минералӣ, намнокии зарурӣ, интихоби вақти ҷамъоварии ҳосил ва ғайра. Дар бахши чорводорӣ бошад бо ёрии барномаҳои компютерӣ меъёри ратсиони хӯрокдиҳӣ, маҳсулнокии меҳнат ва ғайра ҳисоб карда мешаванд.

Умуман, мубодилаи маълумот ва идоракунӣ дар асоси иттилоот дар интернет оиди ашё ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ имкон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулот, ашёи хом ва ғизоро зиёд кунанд ва барои коҳиш додани шумораи одамони камбизоат дар ҷаҳон шароит фароҳам оранд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, истифодаи платформаҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафта ва кишварҳои ИДМ ва натиҷаҳое, ки аз истифодаи онҳо ба даст омада ва (ё) дарояндаи наздик интизоранд, омӯзиши иловагиро тақозо мекунад.

Баҳодиҳии самаранокии барномаҳо дар соҳаи кишоварзӣ душвор аст, зеро созмонҳои рейтингӣ самаранокиро дар ягон сегменти мушаххас муайян мекунанд: баъзеҳо ҳамчун бозори истеҳсолкунандагони техникаи кишоварзӣ бо системаҳои дарунсохташудаи кишоварзӣ, дигарон ҳамчун ташаккули арзиши иловашуда, гурӯҳи дигар бошад, ҳамчун самараи иқтисодӣ татбиқ мекунанд. Методологияи умумии муайян кардани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи технологияи рақамӣ ҳанӯз муайян карда нашудааст.

Бешубҳа, таҷҳизотҳои муосир дорои арзиши баланд буда, на ҳамаи истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, махсусан хоҷагиҳои хурд онро харидорӣ карда метавонанд. Муомилоти васеи ин навоварӣ хароҷоти ба даст овардани онҳоро кам мекунад. Илова бар ин, маълумот дар бораи замимаи онлайнӣ тақрибан ба ҳамаи корбароне дастрас аст, ки дастрасӣ ба интернет ва дониши ибтидоии истифодаи компютерӣ доранд.

Маълумот аз замимаҳои онлайнӣ ба деҳқонон дар ҳалли бисёр мушкилот, аз ҷумла коҳиш додани хароҷоти истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини маҳсулоти хушсифат ва озуқаворие, ки дар бозор талабот доранд, кумак мекунанд. Ҳамзамон, технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки хароҷоти транзаксионӣ, вақт ва шумораи миёнаравҳо дар занҷири таъминоти маҳсулот аз саҳро то мизи истеъмолкунанда кам карда шаванд.

Дар Русия нақши Институти сармоягузории венчурӣ дар бахши кишоварзии иқтисод афзуд. Масалан, дар соли 2015 фонди русии «Максфилд Капитал», ки захираҳои молиявии В.Векселбергро дар бар мегирад, ба ширкати амрикоии On Farm (сегменти кишоварзии дақиқ) 500 ҳазор доллар сармоягузорӣ кардааст. Маркази таҳлилии ширкат ба деҳқонон дар интихоби вақти беҳтарини кишти зироатҳо, об додан, пору андохтан ва ғайра кумак мекунад. Сегменти дақиқи кишоварзӣ 2,8 миллиард доллар арзёбӣ мешавад ва дарояндаи наздик афзоиши беш аз 11 фоиз ба нақша гирифта шудааст [7].

Таҷрибаи аввалини ҳалли масъалаҳои рақамикунониро дар собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қайд кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, дар Қазоқистон технологияи рақамӣ ҳамчун роҳи асосии бозгардонидан аз иқтисодиёти захиравӣ ба иқтисодиёти саноатӣ-хизматрасонӣ муайян карда шудааст. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф Барномаи

давлатии «Қазоқистони рақамӣ» барои солҳои 2016-2020 қабул карда шуда буд, ки дар он вазифаи баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар тавассути ҷорӣ намудани экосистемаи рақамӣ дар тамоми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар комплекси агросаноатӣ гузошта шуда буданд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки баъзе кишварҳои ҷаҳон бо такя ба дастовардҳои рақамикунонӣ ва технологияи нав дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва мелиоратсия, бахусус, ба болоравии муайян ноил гардиданд. Ширкатҳои кишоварзии ҷаҳон дар ин самт сармоягузорӣ мекунанд ва сармояи онҳо то ба 25 миллиард доллар мерасад, ки барои рушди тиҷорати электронии хоҷагиҳо – беш аз 1,5 миллиард доллар, таҳияи лоиҳаҳои ирригатсионӣ – беш аз 670 миллион доллар сарф ва барои дронҳо – тақрибан 390 миллион доллар сарф мешавад [7].

Маблағгузориҳо барои таҳияи технологияҳои нави кишоварзӣ барои сармоягузорон ва давлат судманд ҳисобида мешаванд. Мисоли татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба эҷоди барномаҳои заминҳои обӣ, версияи 4.0 мебошад, ки то солҳои 50-уми асри ХХ то 70% баланд бардоштани ҳосили зироатҳо, то 800 млрд татбиқи он имкон медод. Технологияи нав имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷуда оқилона истифода бурда шаванд ва мақсади асосии азхудкунии онҳо эҳтиёткорӣ мебошад, бинобар ин, системаҳои бавуҷудовардашударо «таъмини нуриҳои аниқ»; «обёрии дақиқ»; «дорупошии дақиқ», «кишти дақиқ» ва дигар манбаъҳо меноманд.

Ҳоло дар баъзе мамлакатҳои ИДМ, ба гузарондани соҳаи кишоварзӣ ба технологияи инноватсионии мелиоративӣ низ диққати махсус медиҳанд. Ҳамин тариқ, дар моҳи августи соли 2017 дар Федератсияи Россия барномаи давлатии илмию техникии рушди соҳаи кишоварзӣ то соли 2025 оғоз гардид, ки самти асосии он коҳиш додани вобастагии воридоти технологияҳои кишоварзӣ бо роҳи пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ дар ин соҳа, ҳалли мушкилоти вазифаҳои муайяншуда мустаҳкам намудани истиқлолияти озуқаворип мамлакатро таъмин мекунанд. Дар Русия давра ба давра барӯйхатгирии кишоварзӣ гузаронида мешавад (охиринаш дар соли 2016), ки дар он маълумот дар бораи сатҳи рушди илмию технологии кишти заминҳои обӣ ва истифодаи усулҳои нави обёрӣ, биологизатсия, барномасозии зироат, автоматикунонӣ ва рақамикунонии истеҳсолот ва ғайра мебошанд. Таҳлили ин маълумот имкон медиҳад, ки сатҳи рушди инноватсионии кишоварзӣ баҳо дода, самтҳои зарурии рушди инноватсионии соҳа, аз ҷумла кишти заминҳои обӣ муайян карда шавад.

Тавре таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таъсири бадастомада ва интизоршавандаи истифодаи онҳо таҳқиқоти муфассал ва коркарди минбаъдаро тақозо мекунад. То имрӯз методологияи ягонаи муайян кардани самаранокии татбиқи барномаҳо дар соҳаи кишоварзӣ таҳия нашудааст. Оҷонсиҳои рейтингии мавҷуда самаранокии барномаҳоро аз рӯи нишондодҳои мушаххас муайян мекунанд: афзоиши истеҳсоли техникаи кишоварзӣ бо барномаҳои дақиқи хоҷагидорӣ, ташаккули арзиши иловашуда, самараи иқтисодӣ аз ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва ғайра вобаста мебошад. Ба андешаи мо, нишондиҳандаи самараи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз истифодаи технологияи рақамӣ бояд ҳамаҷониба ва бо назардошти тамоми ҷиҳатҳои умумӣ татбик карда шавад.

Бояд гуфт, ки кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани навигариҳо дар хоҷагии қишлоқ хароҷоти калон дорад ва дар ин ҷараён на ҳар як корхона, хусусан корхонаи хурду миёна иштирок карда метавонад. Вобаста ба ин, мо чунин мешуморем, ки навоварӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ бояд вазифаи аввалиндараҷаи давлат гардад, зеро давлат ба рушди инноватсионии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт манфиатдор аст, ки дар бораи корхонаҳои кишоварзие, ки маблағҳои иловагӣ надоранд, барои фаъолияти инноватсионӣ чизе гуфтан мумкин нест.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1, оид ба татбиқи технологияҳои пешқадами мелиоративӣ нишон медиҳад, ки дар рейтинги автоматикунонӣ ва рақамикунонии як қатор равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ мавқеи пешқадамро корхонаҳои калони кишоварзӣ, корхонаҳои хурду миёна ва пасттарин сатҳи истифодаи системаҳои автоматикунонидашуда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ, бо % (то соли 2023)**

**Table 1. The share of agricultural producers, using innovative technologies, in % (until 2023)**

| Бо фоиз нисбат ба шумораи ташкилотҳои (хоҷагиҳои) категорияи дахлдор, ки дар соли 2023 фаъолияти кишоварзиро анҷом додаанд. | Ташкилотҳои кишоварзӣ | Ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, ки бо корхонаҳои хурд алоқаманд нестанд | Корхонаҳои хурд | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ |
|---|---|---|---|---|
| Системаи обёрии қатрагӣ | 4,7 | 5,9 | 4,3 | 3,7 |
| Усулҳои биологии муҳофизати растаниҳо аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо | 10,3 | 12,9 | 9,4 | 9,3 |
| Рушди «кишоварзии органикӣ» | 8,1 | 11,5 | 7,0 | 4,7 |
| Технологияҳои мелиоративии экологӣ | 1,5 | 3,4 | 0,9 | 1,6 |
| Иншооти тозакунӣ аз ҷумла системаи обпарто | 4,8 | 10,1 | 3,1 | 1,2 |
| Тозакунии обҳои партови саноатӣ | 9,9 | 14,0 | 8,5 | 3,7 |
| Сарчашмаҳои барқароршаванда | 1,9 | 2,0 | 1,8 | 1,8 |
| таъмини энергия: | | | | |
| Насби биоэнергетикӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| шабакаҳои электрикии шамолӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| панелҳои офтобӣ ва ғайра. | 0,8 | 1,0 | 0,7 | 1,2 |

Манбаъ: Коркарди муаллиф

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки аввалан, сатҳи ҳозираи инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ паст аст, зеро он аз 15% зиёд нест. Баъдан, тамоюли истифодаи технологияи нави мелиоративӣ ба мушоҳида мерасад: дар корхонаҳои калон сатҳи истифодаи технологияи нав баландтар аст, корхонаҳои хурд, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ сатҳи пасти истифодаи технологияи навро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки тадриҷан ҷорӣ намудани комёбиҳои илму техника дар рушди технологияи пешқадами мелиоративӣ дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад. Бинобар ин, соҳаи мелиоративӣ бояд роҳҳои интенсификатсияи фаъолиятро бо истифода аз воситаҳои анъанавӣ ҷустуҷӯ намояд ва ба гузариши марҳила ба рушди технологияҳои инноватсионии мелиоративӣ шуруъ намояд. Ҳамзамон, бояд ба дастгирии соҳибкории хурду миёнаи кишоварзӣ дар татбиқи технологияҳои инноватсионии беҳдошти замин таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Навоварӣ дар бахши обёрии заминҳои кишт қабул намудани сиёсати нави илмӣ-техникиро дар назар дорад, ки он бояд ба муттаҳид намудани корхонаҳои илмӣ, маориф ва хоҷагии қишлоқ бо роҳи ташкили институтҳои таҳқиқоти илмӣ дар минтақаҳои кишоварзии мамлакат ба чунин тартиб нигаронида шавад; истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои таҳия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот; рушди маркази хизматрасонии иттилоотӣ ва машваратӣ.

Инкишофи навоварӣ бо роҳи барпо намудани корхонаи давлатӣ ва хусусии оид ба инкишоф додан ва ҷорӣ намудани навигариҳои хоҷагиҳои обӣ ва фонди рушди илмию техникии тамоми кишоварзӣ имконпазир аст. Таъсис ва фаъолияти чунин муассисаҳо дар бисёр кишварҳо амалӣ карда мешавад. Ташкилотҳои махсус барои мусоидат ба рушди инноватсионии кишоварзӣ дар ИМА, Олмон, Бразилия ва ғайра вуҷуд доранд. Аксар вақт, дар назди вазоратҳои ин бахши иқтисод, муассисаҳои бузурги рушди инноватсионии кишоварзӣ таъсис дода мешаванд.

Амалишавии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла барои заминҳои ба беҳдошт ниёздошта, бештар ба маблағгузории коркардҳои илмӣ вобаста аст. Дар айни замон, хароҷоти таҳқиқотӣ дар соҳаи кишоварзӣ тақрибан 0,5% арзиши иловашударо ташкил медиҳад, вақте ки хароҷоти таҳқиқотӣ нисбат ба ММД 2 маротиба зиёдтар аст.

Умуман, чунон ки далелҳои боло нишон медиҳанд, ҳангоми татбиқи амалии технологияҳои комплексии мелиоративии дар боло зикршуда, риояи принсипҳои

муносибати комплексӣ, яъне дар шакли интегралӣ (маҷмуӣ) амалӣ карда шавад, ки метавонад фарогирии тамоми фаъолияти иқтисодии агроэкосистемаро дар бар гирад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки татбиқи ҳамаҷонибаи чорабиниҳои дар боло пешниҳодшуда, метавонад ба ҳадди ақал расонидани таъсири антропогенӣ ба экосистема, коҳиш додани вобастагӣ аз истифодаи усулҳои экстенсивии кишоварзӣ, инчунин заминҳои обёришаванда аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар гардад.

Ин равиш ба омӯзиши мутаносиби манфиатҳои ҷамъият ва табиат асос ёфтааст. Ба манфиати ҷамъият ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро зиёд кардан ва бо ҳамин мушкилоти озуқавориро ҳал кардан лозим аст. Дар айни замон, агроэкосистемаро, ки дар зери таъсири тадбирҳои мелиоративӣ вайрон шудани он ба амал меояд, нигоҳ дошта шавад. Танҳо бо ҳамин муносибат тадбирҳои пешниҳодшударо оид ба самаранок истифода бурдани тавсияҳои тартибдодашуда бо дар назар гирифтани талаботи хоҷагии халқ ва талаботи муҳофизати табиат пурра ба амал баровардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, татбиқи амалии технологияҳои пешқадами мелиоративӣ бояд ба тадбирҳои комплекси кишоварзӣ мутобиқкунандаи ландшафтҳо асос ёбад, ки ин ба мо имкон медиҳад, принсипҳои сарфаи захираҳо ва ҷараёни дар табиат баамаломада якҷоя ҷорӣ карда шаванд. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии мелиоративӣ имкон медиҳад, ки ҳосилхезии табиии хок барқарор ва нигоҳ дошта шуда, агроландшафтҳои аз ҷиҳати экологӣ устувор ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки кишоварзӣ бунёд карда шаванд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Шамсзода И.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Арабов Ф.П. Природно-ресурсный потенциал Кулябской зоны: современное состояние и тенденции развития / Ф.П. Арабов, К.А. Содиков // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе, 2016. -№2/8(215). -С.184-191.
2. Афонина, Е.В. Перспективы реализации концепции «Индустрия 4.0» в отечественной промышленности / Е.В. Афонина// Друкеровский Вестник. - 2018. -№1. -С.173-182.
3. Бойко, А.В Японии государство поддержит роботизацию сельского хозяйства инвестициями. [Электронный ресурс]. URL: http://robotrends.ru/pub/ 1617/ (дата обращения 24.05.2018 г.).
4. Есполов, Т. Цифровизация АПК - требование нового времени. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.kyzylorda-news.kz/news/lifnews/19306 (дата обращения 24.05.2018 г.).
5. Исайнов Х.Р. Национальная экономика / Х.Р. Исайнов. -Душанбе: Ирфон, 2018. -620 с.
6. Махмадиев, Ф.Б. Ценообразование на сельскохозяйственную продукцию региона / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Peasant. – 2013. -№3. -С.57-58.
7. Петриков А.В. Использование инновационных технологий различными категориями хозяйств и совершенствование научно-технологической политики в сельском хозяйстве / А.В. Петриков // АПК: экономика управление. - 2018. -№9. -С.4-11.
8. Содиков К.А. Место водно-ирригационного потенциала в ресурсном обеспечении производства аридного региона / К.А. Содиков // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов. -Симферополь, 2020. -С.584-587.
9. Содиков К.А. Совершенствование эколого-экономического механизма управления водно-ирригационного потенциала аридного региона на основе международного опыта: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / К.А. Содиков. -Душанбе, 2019. -188 с.
10. Содиков К.А. Современное состояние и перспектива развития орошаемого земледелия Кулябской зоны / К.А. Содиков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и смешанных наук. –Душанбе, 2017. -№2/4(1). -С.52-56.
11. Турсунов, Р.Р. Мировые тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№2. -С.86-95. – EDN DMVGOG.
12. Цифровизация как инструмент инновационного развития АПК / И. Санду, Н. Рыженкова, В. Афонина, А. Дощанова // АПК: Экономика, управление. - 2018. -№8. -С.12-18.
13. Шарипов И.О. Регулирование производственного процесса инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве: опыт развитых стран / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№5. –С.185-191.


## РАҚАМИКУНОНӢ – ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола рушди комплекси агросаноатӣ дар заминаи татбиқи консепсияи иқтисодиёти рақамӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҷрибаи ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаи кишоварзии кишварҳои пешрафта ва имконоти татбиқи он дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Пешниҳод шудааст, ки доираи иқтисодиёти рақамӣ тавассути сармоягузории давлатӣ васеъ карда шавад.

Муқаррароти асосии сиёсати аграрӣ, мақсадҳои татбиқи он ва танзими бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат баррасӣ шудаанд. Мақсади таҳқиқот асоснок кардани самтҳои ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун як тамоюл, ки суръат гирифта истодааст, ба бахши кишоварзӣ низ таъсир расонида, харитаи роҳ барои татбиқи технологияҳои интернетии муаррифии ашёҳо дар соҳаи кишоварзӣ таҳия шудааст. Аз сабаби миқёси истеҳсоли онҳо, инчунин хароҷоти зиёди яквақта барои тағйир додани раванди истеҳсолот, шаклҳои тиҷорати хурд аз технологияҳои нави истеҳсолот истифода бурда наметавонанд. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ дар асоси интернетии муаррифии ашёҳо тавассути баланд бардоштани ҳосили кишоварзӣ, назорати ҳолати ҳосилнокии онҳо ва ғайра имконпазир аст.

**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, рақамисозӣ, технологияи инноватсионӣ, ҳосилнокӣ, хароҷот, самаранокӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ – КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ АПК ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматривается развитие агропромышленного комплекса в условиях реализации концепции цифровой экономики. Обсуждается опыт внедрения цифровой экономики в сфере сельского хозяйства развитых стран и возможности его внедрения в сфере сельского хозяйства Таджикистана. Предлагается расширить масштабы цифровой экономики за счет государственных инвестиций. Обсуждаются основные положения аграрной политики, цели ее реализации и регулирования рынка сельскохозяйственной продукции, сырья и продовольствия в Республике Таджикистан с целью повышения производительности труда. Цель исследования – обосновать внедрение новых цифровых технологий в сфере сельского хозяйства. Цифровая экономика, как тренд, набирающий обороты, затронула и аграрный сектор, была разработана дорожная карта по внедрению интернет-технологий, презентации объектов аграрного сектора. Из-за масштабов производства, а также высоких единовременных затрат на изменение производственного процесса формы малого бизнеса не могут использовать новые производственные технологии. Повысить эффективность производственной деятельности на основе интернет-презентации товаров можно за счет повышения урожайности сельскохозяйственных культур, контроля их продуктивности и т.д.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, цифровизация, инновационные технологии, производительность, затраты, эффективность.

## DIGITIZATION IS A KEY FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL INDUSTRY IN TAJIKISTAN

The article examines the development of the agro-industrial complex in the context of the implementation of the concept of the digital economy. The experience of introducing the digital economy in the agricultural sector of developed countries and the possibility of its implementation in the agricultural sector of Tajikistan are discussed. It is proposed to expand the scale of the digital economy through public investment. The main provisions of agricultural policy, the goals of its implementation and regulation of the market for agricultural products, raw materials and food in the Republic of Tajikistan in terms of increasing labor productivity are discussed. The purpose of the study is to justify the introduction of new digital technologies in agriculture. The digital economy, as a trend that is gaining momentum, has also affected the agricultural sector; a roadmap has been developed for the introduction of Internet technologies for presenting objects of the agricultural sector. Due to the scale of their production, as well as the high one-time costs of changing the production process, small business forms cannot use new production technologies. It is possible to increase the efficiency of production activities based on the Internet presentation of goods by increasing the yield of agricultural crops, monitoring their productivity, etc.

**Keywords**: agriculture, digitalization, innovative technologies, productivity, costs, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқов Қурбомад Амакиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **lenin-1987@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-38-57-15**

**Сведения об авторе:** ***Содиков Курбомад Амакиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведущий кафедрой менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **lenin-1987@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-38-57-15**

**Information about the author:** ***Sodikov Kurbomad Amakievich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **lenin-1987@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-38-57-15**

ТДУ: 331 (575.3)

# БАҲОДИҲИИ МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГОНИИ АҲОЛӢ

*Қурбонализода Ҳ.Қ., Алимардонов Т.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷамъият ин беҳтар намудани сатҳу сифати зисти аҳолии мамлакат ба шумор меравад. Агар сатҳу сифати зисти аҳолӣ беҳтар гардад, пас дар иқтисодиёти мамлакат як неруи бузурге шомил мегардад, ки он барои бартараф сохтани норасоиҳо дар аҳолӣ саҳмгузор мебошад. Мавҷудияти воситаҳои самарабахши арзёбии сифати зиндагӣ шарти зарурии ҳалли ҳама гуна мушкилоти марбут ба сифати зиндагии аҳолӣ мебошад. Сарфи назар аз категорияи «сифати зист», дар айни замон на танҳо нуқтаи назари ягона оид ба арзёбии он, балки ҳатто бархӯрдҳои аз ҷониби умум қабулшуда ба таърифи он вуҷуд доранд.

Ҷанбаҳои гуногуни сифати зиндагӣ тули садсолаҳо дар адабиёти фалсафӣ, сотсиологӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба ин, аз ҷумла, гуфтаҳои зерини Арасту гувоҳӣ медиҳад: «Мақсади давлат пешравии муштарак ба сӯи сифати баланди ҳаёт аст». Дар энсиклопедияи фалсафӣ сифати зиндагӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки сифати қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва мадании одамонро ифода мекунад. Чунин воситаҳо имкон медиҳанд, ки маълумоти миқдорӣ оид ба сифати зиндагӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар ба даст оварда, тамоюли тағйирёбии он бо мақсади муайян намудан, аз як тараф, бо мақсади муайян намудани роҳҳои беҳтар намудани сифати зиндагӣ ва аз тарафи дигар, пешгирии фишори пуршиддати иҷтимоию равонии аҳолӣ аз сабаби фарқиятҳои зиёд дар сатҳ ва тарзи ҳаёти минтақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ кумакрасон мебошад. Илова бар ин, арзёбии ҷанбаҳои инфиродии сифати зиндагӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳои истифодаи технологияҳо ва барномаҳои иҷтимоӣ, ки беҳбудии назарраси шароити зиндагии мардумро таъмин мекунанд, муайян карда шаванд.

Баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ яке аз самтҳои асосӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба ин гуна мафҳумҳо таҳлилҳо гузаронида шудааст [2].

Қайд намудан бамаврид аст, ки сифати зисти аҳолӣ мафҳуми муттаҳидшудаест, ки омилҳои зиёди гуногунрангӣ ва аксар вақт номуайянро дар бар мегирад, ки хусусияти нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ, шароити меҳнат ва истироҳат, шароити зист, таъминоти иҷтимоӣ ва кафолатҳо, бехатарии ҳаёт, шароити табиию иқлимӣ, ҳолати муҳити зист, мавҷудияти вақти холӣ ва қобилияти самаранок истифода бурдани он, ҳиссиёти субъективии сулҳ, субот, бароҳатӣ ва бовариро ба оянда фаро мегиранд.

Методологияи баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолиро Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Он ба муқаррароти аксиологияи расмӣ асос ёфтааст, ки мувофиқи он баҳодиҳӣ ҳамчун раванди муқаррар намудани муносибатҳои арзишӣ байни субъекти баҳодиҳанда ва объекти арзёбишаванда метавонад мутлақ ва муқоисавӣ бошад. Арзёбии муқоисавӣ барои субъект, барои муқаррар намудани муносибат байни арзишҳои ду ё зиёда объектҳо истифода мешавад. Дар ин ҳолат яке аз объектҳои муқоисашаванда ҳамчун асос, стандарти муқоисавӣ баромад карда, арзиши он ҳамчун асос ё меъёри арзёбӣ ҳисобида мешавад. Муайян намудани чунин меъёрҳо вобаста ба арзёбии сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити воқеии имрӯза вазифаи таъхирнопазир дорад [1].

Дар ҷадвали овардашуда доир ба муқоисаи таҳсилот нисбат ба сифати намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст. Доир ба ин ду нишондиҳанда натиҷаҳои хубе ба даст оварда шудааст, ки онҳо барои рушдёбии асос гузошта метавонад. Ҳами маълумотҳо тибқи пурсишнома (тедоди 750 нафари аҳолӣ) таҳлил карда шуда, доир ба он натиҷаҳо ба даст овардашуда шудааст.

Аз маълумотҳои таҳлилшуда дида мешавад, ки арзёбии сифати зиндагӣ тартиби муайян кардани дараҷаи мутобиқати параметрҳо ва шароити асосии сатҳу сифати зиндагонӣ ба ниёзҳои ҳаётӣ, дастурҳои арзишӣ, инчунин андешаҳои шахсӣ дар бораи ҳаёти шоиста ва қонеъ гардонидани сатҳи зиндагӣ пурра мебошад. Аз нуқтаи назари муносибати таҳқиқот чунин тартиб ҳамчун маҷмуи ҳалли масъалаҳои ба ҳам алоқаманд,

аз ҷумла сохтани номгӯи (номенклатураи) нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати зиндагӣ, муайян кардани арзишҳои ин нишондиҳандаҳо, интихоби меъёрҳо, усулҳои арзёбӣ ва ҷадвалҳои рейтингӣ, муайян кардани арзиши арзёбии нишондиҳандаҳои инфиродӣ ва гирифтани арзиши ниҳоии баҳодиҳии сифати ҳаёт мебошад.

**Ҷадвали 1. Муқоисанамои сифати намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ**
**Table 1. Comparison of the quality of types of social services**

| | | **Оё Шумо аз сифати намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ қаноатмандед?** | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | комилан қаноатманд | асосан қаноатманданд | сифати миёна | асосан қаноатманд нест | тамоман қаноатманд нест | Ба ман ҷавоб додан душвор аст | |
| **Таҳсилоти шумо** | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | | 13,3% | 1,4% | 3,0% | 15,4% | | 5,0% |
| | Миёнаи нотамом | | | | 3,0% | | | 0,5% |
| | Миёнаи умумӣ | 33,3% | 4,4% | 7,2% | 21,2% | 7,7% | 11,8% | 10,5% |
| | Махсуси ибтидоӣ | | | | 9,1% | | | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | | 2,2% | 7,2% | 18,2% | 7,7% | 26,5% | 11,0% |
| | Маълумоти олии нотамом | | | 8,7% | 6,1% | 7,7% | 5,9% | 5,5% |
| | Маълумоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 66,7% | 55,6% | 69,6% | 33,3% | 61,5% | 47,1% | 56,0% |
| | аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | | 24,4% | 5,8% | 6,1% | | 8,8% | 10,0% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Чун қоида, арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ ё ҷузъҳои алоҳидаи он хусусияти муқоисавӣ дорад. Яке аз муҳимтарин тартиби татбиқи он интихоб ва асосноккунии меъёрҳои баҳодиҳӣ, инчунин ҷадвалҳои рейтингӣ мебошад. Бисёр таснифоти меъёрҳои арзёбӣ мавҷуданд, ки аз рӯи намуд, ҳадафҳои арзёбӣ, моҳияти нишондиҳандаҳои арзёбишаванда ва ғайра фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои баҳодиҳии сифати ҳаёт метавонанд мутлақ ва нисбӣ бошанд. Меъёрҳои мутлақ хусусиятҳое мебошанд, ки ҳолати талабот ва арзишҳои субъекти ҳаётро ба таври назаррас муайян мекунанд, ки бо онҳо маҷмуи хусусиятҳои худи субъект, равандҳо, воситаҳо, шароит ва натиҷаҳои фаъолияти ҳаётии ӯ муқоиса карда мешаванд. Меъёрҳои нисбӣ арзишҳои нишондиҳандаҳои сифати ҳаётро барои он субъекти ҳаёт, ки пешсаф ё бегона аст, ифода мекунанд.

Меъёрҳои арзёбии сифати зиндагӣ метавонанд объективӣ ва субъективӣ бошанд. Меъёрҳои объективӣ арзиши ҳадди аксар ё ҳадди ақали аз ҷиҳати илмӣ ё таҷрибавӣ асосёфтаи хусусиятҳои ҳолати ҷузъҳои алоҳидаи ҳаёт мебошанд. Меъёрҳои субъективӣ ғояҳои субъектҳои ҳаёт дар бораи арзишҳои ҳадди аксар ё ҳадди ақали хусусиятҳои ҳолати ҷузъҳои ҷудогонаи ҳаёт мебошанд, ки дар онҳо натиҷаи таҷрибаи ҳаёт ташаккул ёфта, дар шакли миқдорӣ ё сифатӣ ифода ёфтааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлил ва муқоисанамои вазъи иҷтимоӣ доир ба сатҳу сифати зисти аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои хубе ба даст оварда шуд. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар асоси барномаи SPSS Statistic анҷом дода шудааст, ки он яке аз барномаҳои муҳим барои таҳлили ин гуна саволномаҳо мебошад. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо муайян карда шуд, ки коргарон ба 31,5%, деҳқонон 2,5%, хизматчиён 53,0%, хизматчии ҳарбӣ 3,5%, тоҷирон / соҳибкорон 4,0%, хоҷагидор 2,0% ва дигарон 3,5% ба саволҳо ҷавоб гардониданд. Доир ба дигар саволҳо дар ҷадвал маълумотҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Муқоисанамоии вазъи иҷтимоӣ доир ба сатҳу сифати зисти аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [3]**
**Table 2. Comparison of the social situation regarding the level and quality of life of the population in the Republic of Tajikistan**

| | | Агар шумо аз сифат бо ягон роҳ қаноатманд набошед | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ихтисос паст, мутахассисони бесалоҳият | Муносибати бепарвоёнаи кормандони тиб ба беморон | Сифати пасти таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ | Дигарҳо | |
| **Вазъи иҷтимоӣ** | коргар | 34,8% | 27,9% | 44,1% | 25,0% | 31,5% |
| | деҳқон | | 5,9% | | 1,9% | 2,5% |
| | хизматчӣ | 56,5% | 52,9% | 47,1% | 53,8% | 53,0% |
| | хизматчии ҳарбӣ | 2,2% | 2,9% | | 7,7% | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | 6,5% | 2,9% | 2,9% | 3,8% | 4,0% |
| | хоҷагидор | | 5,9% | | | 2,0% |
| | дигар | | 1,5% | 5,9% | 7,7% | 3,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Меъёрҳои арзёбии сифати зиндагӣ метавонанд умумӣ ва мушаххас бошанд. Меъёрҳои умумӣ идеалҳо, афзалиятҳои арзишӣ ё андешаҳои дастаҷамъӣ дар бораи чӣ будани зиндагии хуб, ҷолиб ва хушбахт мебошанд. Ин ақидаҳо албатта бо мурури замон тағйир меёбанд. Онҳо аксар вақт ба як кишвар, минтақа ё гурӯҳи одамон хос буда, ба тарзи мавҷудбудаи зиндагӣ, анъанаҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра вобастаанд.

**Ҷадвали 3. Муқоисанамоии вазъи иҷтимоӣ доир ба баҳодиҳии сифати кор дар система [4]**
**Table 3. Comparison of the social situation regarding the assessment of the quality of work in the system**

| | | Ба фикри шумо, баҳо додан ба сифати кор дар система аст | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хеле муҳим | Хеле муҳим, чаро муҳим нест | Эҳтимол муҳим нест, аз муҳимтар | Умуман муҳим нест | Ба ман ҷавоб додан душвор аст | |
| **Вазъи иҷтимоӣ** | коргар | 30,5% | 45,2% | | | 30,0% | 31,5% |
| | деҳқон | 4,2% | | | 33,3% | | 2,5% |
| | хизматчӣ | 55,8% | 38,1% | 80,0% | 66,7% | 54,0% | 53,0% |
| | хизматчии ҳарбӣ | 3,2% | 7,1% | 10,0% | | | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | | 4,8% | 10,0% | | 10,0% | 4,0% |
| | хоҷагидор | 2,1% | 4,8% | | | | 2,0% |
| | дигар | 4,2% | | | | 6,0% | 3,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Ҳангоми таҳлилҳои гузаронидашуда доир ба муқоисанамоии вазъи иҷтимоӣ ба баҳодиҳии сифати кор дар система натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шуд. Аз ҷадвали 3 дида мешавад, ки нишондиҳандаи вазъи иҷтимоӣ (коргарон, деҳқонон, хизматчиён, хизматчии ҳарбӣ, тоҷирон, соҳибкорон, хоҷагидорон) мебошанд, ки онҳо ба саволҳо ҷавоб гуфтанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ба саволҳо ҳамагӣ 31,5% коргарон, 2,5% деҳқонон, 53,0% хизматчиён, 3,5 % хизматчии ҳарбӣ, 4,0% тоҷирон, соҳибкорон, 2,0% хоҷагидорон ва 3,5 % дигарон ҷавоб гардониданд.

Меъёрҳои мушаххас одатан системаи пешбари иҷтимоӣ, давраи базавӣ, арзишҳои асосии нишондиҳандаҳои инфиродии сатҳу сифати зиндагонӣ мебошанд, ки аз ҷониби

коршиносон интихоб карда мешаванд ва ҳамчун стандарт қабул карда мешаванд. Инҳо метавонанд намудҳои гуногуни индексҳо, характеристикаҳои арзиши даромад ё хароҷот, параметрҳои тиббӣ, ҳисобҳои оморӣ, стандартҳои илмие, ки талаботи одамонро тавсиф мекунанд, меъёрҳои оқилона ва ҳадди ниҳоии иҷозатдодашуда, натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ, санҷиши равонӣ, хулосаҳои экспертӣ ва ғайра бошанд.

Меъёрҳои арзёбии сифати зиндагӣ инчунин метавонанд муайянкунанда ва ба ҳадаф нигаронида шаванд. Муайян кардани меъёрҳо танҳо аҳаммияти маърифатӣ доранд. Меъёрҳои мақсаднок маънои барномасозиро дорад: онҳо маҷмуи арзишҳои нишондиҳандаҳои асосии сифати ҳаёт мебошанд, ки ноил шудан ба онҳо дар натиҷаи татбиқи қарорҳои иҷтимоию иқтисодии дар сатҳи давлатӣ қабулшуда, таъмин карда мешавад.

Чунин як меъёри мақсадноки арзёбии сифати зиндагӣ метавонад ноил шудан ба ҳаёти шоистаи инсон бошад, ки мафҳуми он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии иҷтимоӣ дохил карда шудааст.

Зиндагонии шоистаи инсон ҳамчун хусусияти сифати баланди ҳаёти инсон, аз ҷумла таъмини моддӣ дар сатҳи меъёрҳои ҷомеаи пешрафтаи муосир, давомнокии ҳадди аксар имконпазири умр, мавҷудияти шароит барои такрористеҳсоли устувор ва дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ дониста мешавад. Кафолати бехатарии шахсӣ, инкишофи озодонаи инсон, такмили қувваи корӣ, маънавӣ ва ахлоқии ӯ, қонеъ гардонидани шароити зиндагонӣ ва некуаҳволии маънавӣ мебошад.

Махсусан, мафҳуми сатҳу сифати зисти аҳолӣ, ҳамчун як меъёри мақсаднок, ки дар тули солҳои зиёд ба даст оварда мешавад, метавонад бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда шавад [5]:

- даромади ҳақиқии аҳолӣ дар дараҷае бошад, ки талаботи ҳар як аъзои ҷамъиятро ба озуқаворӣи муътадил, манзил, бо молу хизматҳои босифат, маориф, хифзи иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ ва истироҳати шоиста пурра қонеъ гардонад;
- кормандони корхонаю муассисаҳои ҳамаи шаклҳои моликият бо риояи талаботи конунҳои меҳнат ҳифз карда мешаванд;
- вазъи саломатӣ ва ҷисмонии одамон дар дараҷае қарор дорад, ки на камтар аз 70%-и аҳолӣ ба гурӯҳҳои «солим» ва «амали солим» тааллуқ доранд;
- шароити мусоид барои ташаккули оилаҳои ҷавон, таваллуд ва тарбияи фарзандон фароҳам оварда шудааст, беэътиноӣ ва бесарусомонии шаҳрвандон бартараф карда шуд, дастрасии ҳар як шаҳрванд ба таҳсил мувофиқи самти шахсият ва қобилияташ таъмин карда мешавад;
- амнияти ҷомеа ва шаҳрвандон аз ҳама ҷиҳат таъмин карда мешавад: ҳамла ба ҳаёт ва моликияти шаҳрвандон, суботи вазъи иқтисодӣ, офатҳои табиӣ ва техногенӣ, амният нисбат ба амалҳои террористӣ, амнияти ҳудудӣ;
- инсон бо табиати атроф мутобиқ аст, зеро ки бештар фаъолияташро барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зисти аҳолӣ мебахшад;
- аксарияти кулли аҳолӣ меъёрҳои умумибашарии ахлоқӣ ва талаботи ахлоқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои аз тарафи қонун муқарраргардидаро риоя мекунанд;
- шарикии иҷтимоии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба вуҷуд меояд, дар муносибатҳои байни миллатҳо ва конференсияҳо ҷаҳонбинӣ ва рафтори таҳаммулпазир бартарӣ дорад.

Барои арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳу сифати ҳаёт, дорои арзишҳои ададии меъёрҳои интихобшуда зарур аст. Нисбат ба нишондиҳандаҳои объективӣ ин самт одатан душвориҳои зиёд ба амал намеоварад. Дар мавриди нишондиҳандаҳои субъективии сатҳу сифати зисти аҳолӣ, вазъият дар ин ҷо мураккабтар аст, зеро муайян кардан душвор аст, ки одамон аз рӯйи кадом мулоҳизаҳо ҳаёти онҳоро ин ё он тарз баҳо медиҳанд.

Имрӯзҳо роҳҳои зиёде барои арзёбии сатҳу сифати субъективии зисти аҳолӣ вуҷуд доранд. Нишондиҳандаҳои асосии он инҳо ҳисобида мешаванд:

- худбаҳодиҳии сифати ҳаёт ҳамчун як падидаи ҷудонашаванда, яъне дар шакли ҷавоби шахс ба саволи мустақим дар бораи сатҳи сифати ҳаёт;
- худбаҳодиҳии хушбахтӣ (бо истифода аз усулҳои гуногуни иҷтимоӣ);
- худбаҳодиҳии қаноатмандии сатҳу сифати зисти аҳолӣ.

Намудҳои гуногуни меъёрҳои арзёбӣ, усулҳои муайян кардани арзишҳои ададии онҳо ва тартиби сохтани ҷадвалҳои рейтингӣ пешниҳод карда мешаванд. Масалан:

**Ҷадвали 4. Муқоисанамоии таҳсилот нисбат ба хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6]**
**Table 4. Comparison of education in relation to social services of the population in the Republic of Tajikistan**

| | | Ба сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ баҳо диҳед | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | комилан қаноат-манд | асосан қаноат-манданд | сифати миёна | асосан ғайри қаноат-манд | тамоман қаноат-манд нест | Ба ман ҷавоб додан душвор аст | |
| Таҳсилоти шумо | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | 6,7% | 12,5% | 3,3% | 6,5% | | | 5,0% |
| | Миёнаи нотамом | 6,7% | | | | | | 0,5% |
| | Миёнаи умумӣ | 13,3% | 6,2% | 7,7% | 25,8% | 20,0% | | 10,5% |
| | Миёнаи махсуси ибтидоӣ | | | 1,1% | 6,5% | | | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | 6,7% | | 12,1% | 6,5% | | 38,1% | 11,0% |
| | Маълумоти олии нотамом | 6,7% | 3,1% | 3,3% | 9,7% | | 14,3% | 5,5% |
| | Маълумоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 60,0% | 53,1% | 61,5% | 41,9% | 70,0% | 47,6% | 56,0% |
| | аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | | 25,0% | 11,0% | 3,2% | 10,0% | | 10,0% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0 % |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Ҳангоми таҳлили ҳисоби маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда аз барномаи SPSS Statistic 11.0 истифода бурда шудааст. Дар натиҷаи таҳлилҳо маълумотҳои назаррас ба даст оварда шуд, ки он дар ҷалвали 4 оварда шудааст. Доир ба муқоисаи нишондиҳандаҳои таҳсилот нисбат ба хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо гузаронида шуд.

Дар ҷадвал доир ба саволҳои «Ба сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ баҳо диҳед?» Маҷмуи стандартии ҷавобҳои имконпазир истифода мешавад:

1) комилан қаноатманд;
2) асосан қаноатманданд;
3) сифати миёна;
4) асосан ғайриқаноатбахш;
5) тамоман қаноатманд нест;
6) ба ман ҷавоб додан душвор аст.

Муқоиса оид ба сатҳи таҳсилот низ ба инобат гирифта шудааст. «Сатҳи таҳсилот»:

1. Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ.
2. Миёнаи нотамом.
3. Миёнаи умумӣ.
4. Миёнаи махсуси ибтидоӣ.
5. Миёнаи махсус.
6. Маълумоти олии нотамом.
7. Маълумоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр).
8. Аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.).

Ҳама меъёрҳо ва миқёсҳои баҳодиҳии тавсифшуда танҳо барои арзёбии сифати субъективии ҳаёт мувофиқанд ва хусусияти оморӣ надоранд. Дар баробари ин, баҳодиҳии комилан пурра ва ҳамаҷониба ба сифати зиндагии аҳолӣ танҳо ба баҳодиҳиҳои субъективӣ асос ёфта наметавонад.

Мушкилоти асосӣ пайдо кардани меъёри ададии «натиҷаҳои овоздиҳӣ», ки натиҷаи пурсишҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бо тақсимоти фоизии ҷавобҳои «тарафдор» ва «муқобил» ифода ёфтаанд. Маҳз ҳамин тавр метавон тақсимоти изҳороти мусбат ё манфиро оид ба ҳама масъалае, ки маънои арзёбӣ дорад, шарҳ диҳем.

Дар асоси ин баррасӣ, аз натиҷаи пурсишнома чунин рақамҳо ба даст оварда шуд. Дар ҷадвал доир ба сатҳи таҳсилот чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуданд, ки он натиҷаҳо аз рӯи фоиз муайян карда шудаанд. 5,0% маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ, 0,5% миёнаи нотамом, 10,5% миёнаи умумӣ, 1,5% миёнаи махсуси ибтидоӣ, 11,0% миёнаи махсус, 5,5% маълумоти олии нотамом, 56% маълумоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) ва 10% аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.).

**Ҷадвали 5. Муқоисаи умумӣ барои арзёбии сатҳу сифати зисти аҳолӣ**
**Table 5. General comparison to assess the level and quality of life of the population**

| | | |
|---|---|---|
| Таҳсилоти шумо | Маълумот нест, маълумоти ибтидоӣ | 5,0% |
| | Миёнаи нотамом | 0,5% |
| | Миёнаи умумӣ | 10,5% |
| | Миёнаи махсуси ибтидоӣ | 1,5% |
| | Миёнаи махсус | 11,0% |
| | Маълумоти олии нотамом | 5,5% |
| | Маълумоти олӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) | 56,0% |
| | аспирантура (таҳсилоти олӣ дуюм, аспирантура ва ғ.) | 10,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар ин ҷадвал доир ба хулосаи умумӣ (ҳамагӣ) натиҷаҳо ба даст оварда шудааст. Дар баробари изҳорот, ки сифати зиндагии аҳолӣ мафҳуми мураккаби синтетикӣ мебошад, ки гуногунрангӣ, рушди талабот ва шароити зиндагии одамон, инчунин ҷамъоварии дониш ва технологияи омӯзишӣ ва ба низом даровардани равишҳо ва воситаҳои методологии баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолиро инъикос мекунад. Дар баробари ин, як ҷанбаи муҳимми таҳқиқот масъалаи истинод ба ҳудудӣ ҳангоми арзёбии сифати зиндагӣ боқӣ мемонад. Дар ин замина, сухан одатан дар бораи дифференсиатсияи ҳуҳдудҳо аз рӯи дараҷаи рушд меравад, ки ин дар паҳн шудани баҳодиҳии сатҳу сифати зиндагонӣ ифода меёбад. Доир ба ин масъала оиди соҳаи фаъолияти касбӣ нисбат ба баҳодиҳии сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ таҳлилҳо мегузаронем.

**Ҷадвали 6. Баҳодиҳии соҳаи фаъолияти касбӣ оид ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ**
**Table 6. Evaluation of the field of professional activity on the quality of housing and communal services**

| | | Ба сифати хизмати манзилию коммуналӣ | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | комилан қаноатманд | асосан қаноатманданд | сифати миёна | асосан ғайриқаноатбахш | тамоман қаноатманд нест | Ба ман ҷавоб додан душвор аст | |
| Соҳаи фаъолияти касбӣ | сектори корхонаи давлатӣ | 40,0% | 72,7% | 74,3% | 68,2% | 88,0% | 68,4% | 73,0% |
| | хоҷагии коммуналӣ | | 6,1% | | 15,9% | | 5,3% | 5,0% |
| | нигоҳдории тандурустӣ | | 6,1% | 2,7% | 4,5% | | 5,3% | 3,5% |
| | ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ | | 6,1% | 5,4% | 4,5% | 8,0% | 5,3% | 5,5% |
| | соҳибкории инфиродӣ | 60,0% | | | | | | 1,5% |
| | нафақахӯр | | 3,0% | 8,1% | 2,3% | | 10,5% | 5,0% |
| | шахси маъюб | | | | 2,3% | | | 0,5% |
| | хонанда, донишҷӯ, аспирант | | 6,1% | 4,1% | 2,3% | | 5,3% | 3,5% |
| | дигарҳо | | | 5,4% | | 4,0% | | 2,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар ҷадвал оид ба соҳаи фаъолияти касбӣ, сифати хизматрасониҳои манзилию комуналӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст. Ҳангоми таҳлилнамоӣ натиҷаҳои муфиде ба даст оварда шуд. Таҳлилҳо дар натиҷаи гузаронидани пурсишнома дар аҳолии кишвар ва истифоданамоии барномаи SPSS Statistic 11.0 ба даст оварда шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки соҳаи фаъолияти касбӣ ба сифати хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ чунин баҳо доданд. Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо чунин натиҷаҳоро соҳиб гардидем: 73,0% сектори корхонаи давлатӣ, 5,0% хоҷагии коммуналӣ, 3,5% нигоҳдории тандурустӣ, 5,5% ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, 1,5% соҳибкории инфиродӣ, 5,0% нафақахӯр, 0,5% шахси маъюб, 3,5% хонанда, донишҷӯ, аспирант ва 2,5% дигарҳо ҷавоб гардониданд.

Дар айни замон номуайянӣ ва ноороми равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо афзудани тафовути иҷтимоию иҷтисодии минтақаҳои мамлакати мо алоқаманд аст. Муҳайё намудани шароити баробарии асосӣ барои зисту зиндагонии одамон дар манотиқи гуногуни кишвар таваҷҷуҳи бештарро ба арзёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар ҷанбаи минтақавӣ тақозо мекунад [7].

Саволҳо ва мушкилоти гузошташуда ҳадафи таҳқиқоти мазкурро муайян карда, таҳлил ва ба низом даровардани равишҳо ва воситаҳои методологии баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар баробари тағйирёбии эҳтиёҷот ва шароити зиндагии одамон, равишҳои вобаста ба асосноккунии ҷузъҳои гуногуни сифати ҳаёт ва баҳодиҳии онҳо инкишоф меёбанд ва заминаи назариявии мавҷуда оид ба масъалаҳои сифати зиндагии аҳолӣ барои таҳқиқоти минбаъда истифодашаванда мебошад, ки он метавонад инкишоф ёбад.

Арзёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тағйирёбанда буда, вобаста ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот амалӣ карда мешавад. Дар баробар ин, дар муқоисаи равишҳо ва натиҷаҳои арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ душворӣ ба вуҷуд меояд, зеро бисёре аз усулҳои пешин, (аз рӯйи объекти таҳқиқ, заминаи оморӣ, системаи нишондиҳандаҳо, ҳисобкунӣ) муқоисанашавандаанд, ки мушкилоти иттилоотӣ ва методиро ба вуҷуд меорад. Дар ин замина, омӯзиши «портфели» воситаҳои методологии баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолии субъектҳои гуногуни минтақавӣ ҷолиб аст. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар арзёбии чунин мафҳуми мураккабу бисёрҷанба, ба монанди сифати зиндагии аҳолӣ, равишҳо ва нишондиҳандаҳои гуногунро истифода мебаранд.

Муносибатҳо доир ба арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ низ гуногунанд ва аз хусусиятҳои баъзе нишондиҳандаҳои истифодашаванда мароқи илмӣ доранд. Бисёр усулҳои мавҷуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин нишондиҳандаҳои сифати зиндагӣ, ба монанди сатҳи таҳсилот, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мавҷудияти ҳуқуқи инсон ва озодиҳо, сатҳи рушди технология ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба инобат гирифта мешавад.

Як қатор усулҳое, ки дар миқёси байналмилалӣ истифода мешаванд, падидаи ба истилоҳ «хушбахтӣ»-ро ба инобат мегиранд, ки аксаран бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ҳангоми таҳияи рейтинги кишварҳо муаллифон аз он ақида гирифтаанд, ки одамон мехоҳанд умри дароз дошта, хушбахтона зиндагӣ кунанд ва аз ин рӯ, баҳодиҳии некуаҳволии субъективӣ ва давомнокии миёнаи умр ва ислоҳи ин нишондиҳандаҳо барои ба ном изи экологӣ, ки барои наслҳои оянда одамон шароити зиндагонӣ фароҳам меоварад, зарур аст. Чунон ки мебинем, дар методология нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди мамлакатҳоро истифода намебаранд. Ин методологияро на танҳо дар ҷанбаи байнидавлатӣ, балки дар минтақавӣ низ метавон истифода бурд ва барои баҳодиҳии некуаҳволии субъективӣ таҳқиқот гузаронидан лозим аст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо оид ба чунин нишондиҳандаҳои аҳолӣ натиҷаҳо дастрас карда шуданд. Натиҷаҳои дар ҷадвал овардашуда тариқи пурсишномаҳо ба даст оварда шуд. Яъне ҳангоми саволу ҷавоб доир ба вазъи иҷтимоӣ (коргарон) 34,8%-и коргарон дорои ихтисос паст, бесалоҳияти мутахассисон, 27,9% муносибати бепарвоёнаи кормандони тиб ба беморон, 44,1% сифати пасти таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ ва 25,0% дигарон ҷавобҳои саҳеҳ гардониданд. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар умум 31,5%

коргарон, 2,5% деҳқонон, 53,0% хизматчиён, 3,5% хизматчиёни ҳарбӣ, 4,0% тоҷирон, соҳибкорон, 2,0% хоҷагидорон ва 3,5% дигарон ба саволҳои дар ҷадвали 7 овардашуда ҷавоб гардониданд.

**Ҷадвали 7. Вазъияти иҷтимоӣ доир ба қаноатманд будани аҳолӣ**
**Table 7. Social situation regarding population satisfaction**

| | | Агар шумо аз сифат бо ягон роҳ қаноатманд набошед | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ихтисоси паст, бесалоҳияти мутахассисон | Муносибати бепарвоёнаи кормандони тиб ба беморон | Сифати пасти таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ | Дигар | |
| Вазъияти | коргар | 34,8% | 27,9% | 44,1% | 25,0% | 31,5% |
| | деҳқон | | 5,9% | | 1,9% | 2,5% |
| | хизматчӣ | 56,5% | 52,9% | 47,1% | 53,8% | 53,0% |
| | хизматчии ҳарбӣ | 2,2% | 2,9% | | 7,7% | 3,5% |
| | тоҷирон / соҳибкорон | 6,5% | 2,9% | 2,9% | 3,8% | 4,0% |
| | хоҷагидор | | 5,9% | | | 2,0% |
| | дигар | | 1,5% | 5,9% | 7,7% | 3,5% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Хусусияти фарққунандаи ин нишондиҳанда он аст: коршинос метавонад мустақилона ба ҷанбаҳои муайяншудаи некуаҳволӣ аҳаммият диҳад. Дар баробари ин, истифодаи индекс бо истиснои баъзе тағйирёбандаҳо маҳдуд аст, ки истифодаи онро барои ҳисобҳо дар сатҳи минтақавӣ мушкил мекунад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳлили муқоисавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии субъектҳои гуногуни ҳудудӣ бо меъёрҳои баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ, ки бо меъёрҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, пурра карда шавад. Тавре коршиносон қайд мекунанд, ҳадаф аз таҳияи системаи стандартҳои иҷтимоӣ муайян кардани меъёрҳои сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ва, пеш аз ҳама, стандартҳо, кафолатҳои ҳадди ақал ва стандартҳои меъёрӣ мебошад. Дар баробари ин, баҳодиҳии меъёрии сифати ҳаёт чун қоида, бо чунин мафҳумҳо ба монанди «сатҳи баланд», «дараҷаи миёна», «дараҷаи паст»-и сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ нисбат ба сатҳи меъёрҳои оқилонаи иҷтимоӣ дар як кишвар ё минтақа, ки имкон медиҳад, объектҳои гуногуни ҳудудиро мувофиқи сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон муқоиса ва ҷойгир намоем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов Т.А. Анализ средней месячной заработной платы / Т.А. Алимардонов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2018. -№5. -С.38-44.
2. Алимардонов Т.А. Баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити муосири иқтисодӣ / Т.А. Алимардонов, Д.Т. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -№4/1(49). -С.176-188.
3. Алимардонов Т.А. Повышение качества жизни населения на основе совершенствования социальной политики / Т.А. Алимардонов // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики». –Душанбе, 2020.
4. Алимардонов Т.А. Эконометрическое моделирование качества жизни населения в регионах РТ / Т.А. Алимардонов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Некоторые проблемы моделирования экономических и естественных наук», (25 мая 2018г.). -Душанбе, 2018. -С.84-89.
5. Алимардонов Т.А. Экономико-математическое моделирование качество жизни населения Хатлонской области / Т.А. Алимардонов // Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей. Материалы республиканской научно-практической конференции. -Душанбе, 10 апреля 2019). С.-60-65. (0,31 пл.)
6. Качество жизни: сущность, оценка, стратегия формирования. -М.: ВНИИТЭ, 2000.
7. Комилов С.Дж. Основы повышения качества жизни населения и формирование среднего класса / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№1. -С.28-36. (0,56 пл.).

8. Комилов С.Дж. Моделирование параметров качества жизни населения в территориальных образованиях / С.Дж. Комилов, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2020. -№2. -С.162-173.
9. Махмадиев, Ф.Б. Роль рынка сельскохозяйственной продукции в обеспечении продовольственной безопасности / Ф.Б. Махмадиев, И.Х. Мехроби, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/6. -С.89-94.
10. Методика оценки качества жизни. Основные положения. -М.: ВНИИТЭ, 2000.
11. Собирзода Н.М. Баландбардории сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ / Собирзода Н.М., Т.А. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, №8. -2023. -С.101-113. ISSN 2413-5151.
12. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№2. -С.1-12– 0,5 ҷ.ч.
13. Турсунов Р.Р. Эффективность использования трудоспособной части населения в аграрном секторе / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава. – 2019. -№1/3(65). ISSN 2663-5534
14. Хофизов Х.А., Ходиев Д.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты / Монография. - Душанбе, 2020. – 200 с.
15. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.

## БАҲОДИҲИИ МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГОНИИ АҲОЛӢ

Дар мақола меъёри арзёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таҳқиқот гузаронида шудааст. Дар мақола натиҷаҳои таҳлилу баррасии пурсишнома доир ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ назарсанҷӣ карда шуда, хулосаҳои натиҷавӣ гузаронида шудааст. Ҳадафи стратегии рушди дарозмуҳлати кишвар ба якранга инкишоф ёфтани минтақаҳо доир ба таъмини сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, арзёбии оқилонаи сифати зиндагии аҳолӣ муҳим буда, имкон медиҳад, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо қарорҳои дахлдор ва муассири идоракунӣ қабул карда шаванд. Дар мақола шарҳи усулҳои мавҷудбуда бо мақсади ба низом даровардани равишҳои дар адабиёти илмӣ овардашуда баҳо додан ба сифати зиндагии аҳолӣ пешниҳод карда шудааст. Нишон дода шудааст, ки дар баробари тағйирёбии эҳтиёҷот ва шароити зиндагии одамон равишҳои вобаста ба асосноккунии ҷузъҳои гуногуни сифати ҳаёт ва баҳодиҳии онҳо низ инкишоф меёбанд. Дар мақола таҳлили муқоисавии равишҳои муосири ватанӣ барои арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ гузаронида шуда, равишҳои асосии таъмини сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми навиштани мақолаи илмӣ таҳлилҳо доир ба муқоисаи сифати намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, вазъи иҷтимоӣ доир ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи иҷтимоӣ доир ба баҳодиҳии сифати кор дар система, таҳсилот нисбат ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии соҳаи фаъолияти касбӣ оид ба сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ гузаронида шудааст. Воситаҳои методии баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ истифода мешаванд, омӯхта шудаанд. Дар мақола таъкид карда мешавад, ки воситаҳои методологии баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ бо назардошти хусусиятҳои марҳилаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои онҳо таҳия карда шаванд. Гуногунии воситаҳои пешниҳодшуда барои арзёбии сатҳу сифати зисти аҳолӣ имкон медиҳад, ки он дар дигар таҳқиқотҳо бо назардошти ҳадафҳо ва истифодаи муносиби усулҳо дар заминаи мушаххас истифода шавад.

**Калидвожаҳо:** сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, воситаҳои арзёбии методологӣ, равишҳои ватанӣ ба арзёбии сифати зиндагӣ, стандартҳои давлатӣ, вазъи иҷтимоӣ доир ба сатҳу сифати зисти аҳолӣ, баҳодиҳии сифати кор дар система, хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ, баҳодиҳии соҳаи фаъолияти касбӣ, хизматрасонии манзилию коммуналӣ.

## КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

В статье исследованы критерии оценки уровня и качества жизни населения. В статье были рассмотрены результаты анализа и обзора опроса об уровне и качестве жизни населения и сделаны соответствующие выводы. Стратегическая цель долгосрочного развития страны направлена на равномерное развитие регионов в целях обеспечения уровня и качества жизни населения. При этом важна обоснованная оценка качества жизни, позволяющая принимать адекватные и эффективные управленческие решения для достижения этих целей. В статье представлен обзор существующих методов с целью систематизации представленных в научной литературе подходов к оценке качества жизни населения. Показано, что наряду с изменением потребностей и условий жизни людей развиваются и подходы, связанные с обоснованием различных составляющих качества жизни и их оценкой. В статье проведен сравнительный анализ современных отечественных подходов к оценке качества жизни населения, а также определены основные подходы к обеспечению достойного качества жизни населения. При написании научной статьи проводится сравнение качества видов социальных услуг, социальной ситуации по уровню и качеству жизни населения в Республике Таджикистан, социальной ситуации по оценке качества труда в системе образования применительно к социальному обслуживанию населения в Республике Таджикистан, оценка сферы профессиональной деятельности по ней была передана в жилищно-коммунальное хозяйство. Изучены

методические средства оценки уровня и качества жизни населения, которые используются на международном уровне. В статье подчеркивается необходимость разработки методического инструментария оценки качества жизни населения с учетом особенностей этапов социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан. Разнообразие предлагаемого инструментария оценки уровня и качества жизни населения позволяет использовать его и в других исследованиях, с учетом поставленных целей и целесообразности использования методов в конкретных случаях.

**Ключевые слова:** уровень и качество жизни населения, инструментарий методической оценки, отечественные подходы к оценке качества жизни, государственные стандарты, социальная ситуация относительно уровня и качества жизни населения, оценка качества труда, социальное обслуживание населения, оценка сферы профессиональной деятельности, жилищно-коммунальное хозяйство.

**CRITERIA FOR ASSESSING THE LEVEL AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION**

The article examines the criteria for assessing the level and quality of life of the population. The article examined the results of the analysis and review of a survey on the level and quality of life of the population, and made appropriate conclusions. The strategic goal of the country's long-term development is aimed at the uniform development of regions in order to ensure the level and quality of life of the population. At the same time, a reasonable assessment of the quality of life is important, allowing one to make adequate and effective management decisions to achieve these goals. The article provides an overview of existing methods with the aim of systematizing approaches to assessing the quality of life of the population presented in the scientific literature. It is shown that along with changes in the needs and living conditions of people, approaches related to the substantiation of various components of the quality of life and their assessment are also developing. The article provides a comparative analysis of modern domestic approaches to assessing the quality of life of the population, and also identifies the main approaches to ensuring a decent quality of life for the population. When writing a scientific article, an analysis is carried out to compare the quality of types of social services, the social situation in terms of the level and quality of life of the population in the Republic of Tajikistan, and the social situation in assessing the quality of labor. in the education system in relation to social services for the population in the Republic of Tajikistan, the assessment of the scope of professional activity in it was transferred to the housing and communal services. Methodological means for assessing the level and quality of life of the population, which are used at the international level, have been studied. The article emphasizes the need to develop methodological tools for assessing the quality of life of the population, taking into account the characteristics of the stages of socio-economic development of the regions of the Republic of Tajikistan and their characteristics. The diversity of the proposed tools for assessing the level and quality of life of the population allows it to be used in other studies, taking into account the goals and appropriate use of methods in a specific context.

**Keywords:** level and quality of life of the population, methodological assessment tools, domestic approaches to assessing the quality of life, state standards, social situation regarding the level and quality of life of the population, assessment of the quality of labor in the system, social services for the population, assessment of the scope of professional activity, housing and communal services farming.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қурбонализода Ҳабибулло Қурбоналӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Телефон: **207-56-56-44**

**Сведения об авторах:** ***Курбонализода Хабибулло Курбонали*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, старший преподаватель кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, Бинни Хисорак. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Телефон: **207-56-56-44**

**Information about the authors**: ***Kurbonalizoda Habibullo Kurbonali*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Alimardonov Tokhirdzhon Ashuralievich*** - Tajik National University, senior Lecturers of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Бинни Хисорак. Phone: **207-56-56-44**

ТДУ: 36.1/.5(575.3) (1-87)

# МАБЛАҒГУЗОРИИ ХАРОҶОТИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ: ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

*Ҳакимов И.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар миёнаҳои асри XX аксари кишварҳои ғарбӣ уҳдадор шуданд, ки давлати «некуаҳволии иҷтимоӣ» барпо намоянд. Дар марҳилаи бартараф кардани буҳрони баъдиҷангӣ ин модел ба ҷамъият таъсири мусбат дошт. Аммо дар баробари афзудани некуаҳволии аҳолӣ ин низом бинобар таъсирнокии кам доштанаш, ташаккули вобастагии аҳолӣ ба пардохтҳои иҷтимоӣ ва аз ҳама муҳимаш, зиёдшавии андозҳо барои нигоҳ доштанаш, ки бар зарари рушди иқтисодӣ буд, бештар мавриди танқид қарор гирифт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шаҳрванд ба гирифтани таҳсилоти сифати баланд ҳақ дорад, ки ин ҳолат ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ низ маҳсуб меёбад [7,с.34-38].

Низоми таъминоти иҷтимоии аҳолии кишварҳои ҷаҳон ба яке аз ду модел асос ёфтааст:

Модели якум, модели континенталӣ ё модели Бисмарк мебошад, ки ба ташкили муштараки ёрии ҳамдигарӣ ва суғуртаи тамоми аҳолии қобили меҳнат асос ёфтааст. Сарфи назар аз гуногунии муносибатҳо ба таърифи моделҳои таъминоти иҷтимоӣ, ҳама таснифоти мавҷуда ба ду модели классикӣ асос ёфтаанд.

Ҳарду низом бо номи эҷодкунандагони худ, ки яке канслери Олмон Отто фон Бисмарк ва дигаре иқтисоддони британиёӣ Вилям Беверидҷ мебошад, номгузорӣ шудаанд. Отто фон Бисмарк дар Олмон ҷорӣ намудани низоми таъминоти иҷтимоии бар принсипҳои суғурта асосёфтаро дастгирӣ кард, дар ҳоле ки Вилям Беверидҷ соли 1942 тавассути андозҳо маблағгузорӣ намудани таъминоти иҷтимоиро пешниҳод кард. Модели Бисмарк ба суст кардани таъсири иттифоқҳои касаба ва пурзӯр намудани назорати давлат аз болои фаъолияти онҳо нигаронида шуда буд.

Бо вуҷуди ин, модели Бисмарк низ камбудиҳои назаррас дошт, ки ин, пеш аз ҳама, ба буҳрони иқтисодӣ ва демографии ҳамон замон пешбинӣ нашудани он, ки дар натиҷа шумораи шахсони ба кумаки иҷтимоӣ ниёзманд аз нафарони тибқи барномаҳои суғурта пардохткунанда афзуд. Ин мушкилот боиси дар оянда нарасидани маблағ барои фондҳои нафақа, суғуртаи тиббӣ ва иҷтимоӣ гардид.

Модели Беверич натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ таҳти роҳбарии Уилям Беверич аст, ки вазъи суғуртаи иҷтимоӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоии дигар дар Британияи Кабир, инчунин ислоҳоти имконпазири онҳоро таҳқиқ мекунад. Бинобар ин, ёрдампулиҳо танҳо ба одамони соҳиби кор мувофиқи вазифа ва даромадашон муқаррар мешуд.

Модели дуюм, ки дар саргаҳи таъминоти иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, модели атлантикӣ ё Беверҷ мебошад. Вай ба принсипи комплексии таъмини буҷети ҳадди ақали истеъмоли ҳамаи шаҳрвандони кишвар асос ёфтааст, ҳол он ки Бисмарк дар Олмон ҷорӣ намудани низоми таъминоти иҷтимоии ба принсипҳои суғуртавӣ асос ёфтаро дастгирӣ карда буд.

Инчунин, модели Беверидж ба консепсияи баъдиҷангии ҳуқуқи инсон, ки дар Эъломияи умумиҷаҳонии СММ аз соли 1948 ифода ёфтааст, мувофиқат мекард, ки яке аз моддаҳои он ҳуқуқи ҳамагон ба таъминоти иҷтимоиро муқаррар кардааст [11].

Ҳар як кишвар таърих ва хусусиятҳои худро ба асос мегирад, ки ба таҷрибаи худӣ дар таъминоти иҷтимоии аҳолӣ табдил меёбанд.

**Модели неолибералӣ.** Мисоли ин модел сиёсати иҷтимоии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад. Аз лиҳози иҷтимоӣ таъмин будан масъалаи байни соҳибкорӣ ва кормандони кироя мебошад, дар сурате, ки давлат дар ин раванд танҳо аз назари муқаррар намудани андозаи ҳадди ақалл музди меҳнат барои намудҳои муайяни кор иштирок мекунад. Чунин меъёрҳо дар сатҳи федералӣ ва иёлоти алоҳида татбиқ карда мешаванд, ки аз як тараф, барои тафриқаи даромад дар дохили кишвар асос мебошад, аммо аз тарафи дигар, сокинони иёлоти алоҳида дастгирӣ меёбанд.

Модели ғайримуҳофизакор (ғайриконсервативӣ). Паҳншавии низом аз Ҷумҳурии Федеративии Олмон оғоз гардид. Низом хеле мураккаб буда, таъсири дастаҷамъона ва масъулияти ҳам ҳукумат ва ҳам тиҷорати хусусиро дар назди давлат дар бар мегирад. Ин ҷо давлат ба таъминоти иҷтимоӣ тавассути қарорҳои омехта, ки ҳам дар қонунсозӣ ва ҳам дар таркиби дастгирии молиявӣ ва моддӣ зоҳир мешаванд, таъсир мерасонад.

Неонизоми Беверидж. Дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландия мавриди татбиқ қарор гирифт. Асоси ин низом аз роҳ надодан ба пастшавии даромади аҳолӣ аз сатҳи муайян иборат буд. Ин ҷо муҳим он чиз ба шумор мерафт, ки давлат истеҳсолкунандагон ва соҳаи савдоро барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни нархҳо ва аҳолиро бошад, бо кумакхарҷҳо (дотатсияҳо) барои пешбурди зиндагии бароҳат ҳавасманд кунад.

Ҳамоно, кишварҳое, ки айнан як низомро ба кор мебаранд, метавонанд аз ҳамдигар фарқ кунанд, аммо таъминоти иҷтимоӣ бештар ба рушди худи кишварҳо вобастагии сахт дорад. Бинобар ин, дар Аврупои Ғарбӣ дараҷаи таъминот ба қадри кофӣ якхела аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз ҷумҳуриҳои дигари ИДМ солҳои 1990-1994 солҳои шикасту рехти кашмакашиҳои дохилии солҳои 1995-2000 солҳои барқароркунии иқтисодиёт ба ҳисоб меравам [4,с.103-107].

Таснифоти минбаъдаи моделҳои таъминоти иҷтимоӣ дар моделҳои зерин зоҳир мешуданд:

Модели якум - модели боқӣ мебошад. Нақши давлат дар сохтани таъминоти иҷтимоӣ дар доираи ин модел хеле кам аст. Нақши пешбар дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятии хайрия вогузор мешавад, зимнан давлат дар ин муносибатҳо ҳамон амал мекунад, ки агар оила ва бозор вазифаи худро ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ иҷро накунанд.

Аслан чунин кумак танҳо ба ашхоси эҳтиёҷманди махсус, ки эҳтиёҷоти худро мустақилона қонеъ карда наметавонанд, нигаронида шудааст. Ин модел ба ҳамаи вазифаҳои давлат пурра ҷавобгӯ нест, зеро принсипи боқимонӣ имкон намедиҳад, ки кумак ба ҳамаи ниёзмандон ба ин ё он тарз расонида шавад. Модели мазкур дар низоми таъминоти иҷтимоии ИМА инъикоси худро ёфтааст.

Дар ИМА низоми таъминоти ҷамъиятӣ дар шакли агентиҳое, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, ташаккул меёфт. Кумитаҳои барои ёрӣ ба камбағалон ташкилёфта ба эҳтиёҷмандон молу хизмат расонида, барои онҳо манзил ташкил намуда, хонаҳои камбағалонро мекушоданд. Дастоварди асосӣ дар соҳаи хайрия дар асри XIX ташкили муассисаҳои махсусгардонидашуда, ки ба гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ёрӣ расонида метавонистанд, барномаҳои тандурустӣ, маориф ва ғайра таҳия мекарданд, ба шумор меравад. Дар радифи хайрияи хусусӣ, хайрияи давлатӣ - маъмурияте вуҷуд дошт, ки Қонун дар бораи камбизоатон ва муассисаҳои махсуси гуногуни иёлотро, ки аз ҳисоби даромадҳои андоз таъмин мешуданд, татбиқ мекард.

Ба соҳаи иҷтимоӣ ҷудо кардани маблағҳо самти афзалиятноки сиёсати ба иқтисодиёти иҷтимоъгаро нигаронидашудаи давлат мебошад. Дар асоси таносуби манбаъҳои гуногуни маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, се модели асосии сиёсати иҷтимоӣ, ки аз ҷониби О.И. Карасев - бритониёӣ, франкӣ-олмонӣ ва мансуб ба Аврупои шимолӣ номида шудаанд.

Модели бритониёӣ бо тақсимоти тақрибан баробари хароҷоти таъминоти иҷтимоӣ байни бахши хусусӣ ва давлат ифода мегардад. Модели франкӣ-олмонӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо маъмултарин аст, зеро ба он зиёдтар будани ҳиссаи бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ хос мебошад. Хусусияти модели кишварҳои Аврупои шимолӣ дар боло будани вазни қиёсии давлат зимни гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Россияро ба модели бритониёии маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ мансуб донистан мумкин аст, зеро қариб нисфи хароҷоти иҷтимоӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (51,8%) ва қариб ҳамон қадар аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (48,2%) маблағгузорӣ мешавад.

Маблағҳои буҷетӣ манбаи асосии маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дар айни замон, кафолати молиявии ба шаҳрвандони кишвар фароҳамсозии дараҷаи зарурии хизматрасонии иҷтимоӣ мебошанд.

Модели дуюм - рушди индустриалӣ-иқтисодӣ. Дар доираи ин модел муассисаи суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ таҳти назорати давлат амал мекунад. Маҳз ба воситаи мақомоти он шаҳрвандон метавонанд аз ин ё он шакли ҳифзи иҷтимоӣ истифода баранд.

Модели иҷтимоӣ-демократӣ. Ин модел ба ассамблеяи кишварҳои Скандинавия хос аст. Таҳкурсии модел бар пояи танзими амалан пурраи давлатии даромади аҳолӣ, инчунин тақсимоти неъматҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст. Дар ин кишварҳо масъулияти ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ ба зиммаи маҳз ҳукумат вогузор аст. Дар ин модел ҳадафи асосии давлат - ин таъмини шуғли пурра, сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ ва фароҳамсозии шароити бароҳат барои ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Асоси молиявии модели скандинавии ҳифзи иҷтимоиро тавассути буҷети давлатӣ бозтақсимкунии андоз аз даромад, ки аз рӯйи миқёси прогрессивӣ ситонида мешавад, андозҳои дигар, пардохтҳои суғуртавӣ, инчунин танзими давлатии соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти ҳаётӣ ташкил медиҳад. Ҳатто аз нафақа ва баъзе ёрдампулиҳо андози даромад ситонида мешавад. Масалан, дар Шветсия андози даромад аз ёрдампулии бекорӣ ситонида мешавад.

Модели давлатӣ-корпоративии умури иҷтимоӣ дар Аврупои Ғарбӣ. Он дар аксари кишварҳои Аврупои Ғарбии континенталӣ (дар Олмон, Австрия, Фаронса, Италия ва дигар давлатҳо) амал мекунад ва аз баъзе ҷиҳатҳо ба модели скандинавӣ наздик аст. Ин, пеш аз ҳама, дар чунин хусусияти умумӣ, ба монанди нақши муҳимми давлат, сохторҳои он дар ташкил ва татбиқи ёрии иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин, байни моделҳои мазкур фарқиятҳо мавҷуданд ва умдатарини онҳо аз он иборат аст, ки дар модели корпоративии ҳифзи иҷтимоӣ нақши муҳимтаринро принсипи суғурта мебозад. Дар кишварҳои Аврупо модели бритониёии умури иҷтимоиро метавон ҳамчун модели либералӣ-анъанавӣ тавсиф кард. Ин ҷо ҷузъи либералии таркиби сиёсати иҷтимоӣ ҳамчунон ҳалкунанда боқӣ мемонад. Зимнан, дар соҳаи иҷтимоии Британияи Кабир ба таври анъанавӣ таъсири давлат нигоҳ дошта мешавад.

Илова бар ин, ҳар як мактаб бояд дар шабакаи интернет вебсайти худро дошта бошад, ки дар он нақшаи фаъолияти молиявию хоҷагии муассиса ё харҷномаи буҷетии он, инчунин ҳисобот дар бораи воридшавии захираҳои молиявӣ ва моддӣ ва харҷи онҳо аз рӯйи натиҷаҳои охири соли молиявӣ бояд интишор карда шавад. То ки муаллимон ва падару модарон донанд, ки мактаб барои чӣ пул мегираду барои чӣ намегирад.

Зимнан, ҳамин шакли маблағгузорӣ ҳоло дар низомҳои маорифи кишварҳои дигари ИДМ, аз ҷумла Русия ва Қазоқистон амал мекунад. Мақсад аз ҷорӣ намудани ин низом - фаъолияти пурсамари мактабҳо, меҳнати босифати омӯзгорон, таълими босифат ва донишомӯзии оқилона мебошад.

Хусусиятҳои муҳимтарини ин модел аз инҳо иборатанд:

- бештар будани ҷузъи либералӣ дар таркиби сиёсати иҷтимоӣ;
- нақши афзалиятноки иҷтимоии шаҳрдориҳо бо нигоҳ доштани нуфузи назарраси давлат дар соҳот ва ҳифзи иҷтимоӣ;
- мавқеи махсуси ташкилотҳои хайрия, ғайритиҷоратӣ (иттиҳодиявӣ) дар амри расонидани кумак ва дастгирии иҷтимоӣ.

Ҷузъи либералӣ, пеш аз ҳама, дар ҳиссаи бештари вазни қиёсии хизматҳои иҷтимоии аз ҷониби агентиҳои хусусӣ ба ниёзмандон расонидашаванда ва нақши маҳдудкунандаи давлат зоҳир мешавад.

Бархе аз механизмҳои бозорӣ, ба монанди хизматҳои пулакӣ ва фаъолияти агентиҳои иҷтимоии хусусӣ зимни хизматрасонии иҷтимоӣ ба ниёзмандон дар Британияи Кабир фаъолона истифода мешаванд.

Дар хориҷа ду модели асосии зерини дастгирии иҷтимоӣ эътироф ва татбиқ карда мешаванд:

- универсализм – модели пешниҳоди кумакпулиҳои иҷтимоӣ ба ҳамаи шаҳрвандон, резидентҳо, хонаводаҳо бе ягон маҳдудият ҳангоми ба миён омадани хавф ва бе арзёбии даромад ва/ё дороиҳои онҳо;
- мақсадгузорӣ – модели пешниҳоди кумакпулиҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон, резидентҳо, хонаводаҳо дар асоси арзёбии даромад ё вазъи моддии онҳо, ба шарте, ки

арзиши нишондиҳандаҳои арзёбишаванда аз сатҳи муайяни муқаррарнамудаи қонун камтар бошад.

Ҷорӣ намудани модели мақсадгузорӣ дар солҳои 80-уми асри XX ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар кишварҳои рӯ ба рушд оғоз ёфт. Бисёр тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ тағйир дода шуда, тафтиши аҳволи моддӣ, дараҷаи даромад, хусусиятҳои вазъи иҷтимоии муроҷиаткунандагонро дарбар мегиранд.

Ҳамзамон, таҳқиқотҳои сершумор, ки ба муайян кардани афзалиятҳо ва камбудиҳои ду модели дастгирии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, шуруъ гардида, ҳоло идома доранд. Тарафдорони универсализми анъанавӣ ба серхарҷӣ, самаранокии нокифояи модели мақсадгузорӣ, таъсири манфии он ба ноилшавии ҳадафҳои бунёдии давлати иҷтимоӣ ишора мекунанд. Мухолифони универсализм дар навбати худ таъкид мекунанд, ки ин модел хароҷоти зиёди коҳишдиҳандаи рақобатпазирии давлатро ба вуҷуд меорад, зимнан бештари маблағҳо на ба ақаллияти муҳтоҷ, балки ба аксарияти ғайриниёзманд меравад.

Набудани далелҳои возеҳи афзалиятҳои моделҳои баррасишавандаи дастгирии иҷтимоӣ ва самаранокии онҳо боиси он мегардад, ки аксарияти ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ маъмулан онҳоро якҷоя истифода мебаранд; дар ин маврид модели мақсадгузорӣ ҳамчун яке аз воситаҳои боло бурдани самараи универсализм истифода мешавад.

Моделҳои дастгирии иҷтимоӣ тавассути пешниҳоди намудҳои дахлдори кумакпулиҳо амалӣ карда мешаванд:

- кумакпулиҳои умумӣ;
- кумакпулиҳои мақсаднок.

Вақте сухан дар бораи моделҳои дастгирии иҷтимоӣ меравад, дар бораи набудани санадҳои байналмилалие, ки истилоҳоти истифодашаванда, ҳадафҳо, шаклҳо ва шароити пешниҳоди онро танзим мекунанд, қайд намудан лозим аст.

Дар мавриди тадбирҳои мақсадноки дастгирии иҷтимоӣ меъёрҳои ду санади байналмилалӣ – Конвенсияи СБМ №102 ва Кодекси аврупоии таъминоти иҷтимоӣ (бознигаришуда) ба назар гирифта мешаванд. Онҳо муқаррар менамоянд, ки андозаи кумакпулиҳо бо баҳисобгирии дигар/баъзе маблағҳои кумакгирандагон, ки арзёбии ин маблағҳоро пешбинӣ мекунад, муайян карда мешавад [2].

Маблағгузории мактабҳои олӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ мувофиқи хароҷоти таълим - дар асоси усули меъёрӣ (сарикасӣ) ба амал бароварда мешавад. Маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) ҳисобкунии ҳаҷми маблағгузории мактабҳои олиро дар асоси меъёри тасдиқшудаи хароҷоти таҳсили як донишҷӯ ва шумораи донишҷӯён ё дигар параметрҳои ададӣ, ки ҳаҷми умумии фаъолияти мактаби олиро тавсиф мекунад, дар назар дорад. Ин муносибат дар бисёр кишварҳои пешрафта (Канада, Британияи Кабир, Фаронса, Ҷопон, Шветсия, Норвегия) ва баъзе кишварҳои рӯ ба рушди Осиё ва Африқо истифода мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардани ҳаҷми маблағгузории муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста ба самт (ихтисос)-и таҳсилоти олӣ, навъи барномаи таълимӣ ё категорияи муассисаи таҳсилоти олӣ зарибҳои вазнӣ истифода мешаванд. Аз ҷиҳати назариявӣ, зарибҳои вазнӣ бояд таносуби арзиши омӯзиши донишҷӯёнро дар барномаҳои самтҳои гуногуни таҳсилоти олӣ инъикос кунанд.

Зарибҳои вазнӣ барои амалӣ кардани назорати ҳукумат аз болои сохтори қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода мешаванд. Агар хукумат хоҳиши зиёд кардани шумораи ҷойҳоро дар баъзе намудҳои барномаҳо дошта бошад, меъёри сарикасии дахлдорро зиёд мекунад.

Маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) талаб мекунад, ки ҳукумат меъёрҳои дахлдори таҳсилро ба таври маъмурӣ тасдиқ кунад. Усули алтернативии муайян кардани арзиш - имкониятест, ки зимни он ба низоми таҳсилоти олӣ шароит дода мешавад, ки худаш арзиши таҳсилотро дар асоси рақобат муайян намояд. Механизмҳои рақобат аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаб мекунанд, ки барои ҷудо кардани маблағҷудокунии буҷетӣ мубориза баранд. Дар он муассисае ғолиб мегардад, ки арзиши камтарини омӯзишро бо сатҳи зарурии сифат пешниҳод кунад.

Бартарии назариявии ин муносибат дар он ифода мегардад, ки тавассуташ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ҳавасманд

мегарданд. Ин боиси он мешавад, ки маблағҳои буҷетӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олие, ки ба самараноктар пеш бурдани таълим қодиранд, дастрас гарданд.

Маблағгузорӣ «аз рӯйи натиҷаҳо». Дар ин ҳолат, низоми ҷудокунии маблағҳои буҷет ба ноилшавии натиҷаҳои мақсадноки муайян нигаронида шудааст. Маъмулан маблағҳои буҷетӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ вобаста ба хатми воқеии донишҷӯён ва аспирантҳо ҷудо карда мешаванд. Ин усулро Дания, Финляндия, Исроил, Ҳолланд ва баъзе дигар кишварҳо истифода мебаранд.

Маблағгузории ба натиҷаҳо нигаронидашуда имкон медиҳад, ки самаранокӣ баланд бардошта шуда, ба ҳар воҳиди захираҳои сарфшуда натиҷаҳои беҳтар ба даст ояд. Дар Австралия, Олмон, Зеландияи Нав, Фаронса ва Британияи Кабир шумораи донишҷӯён ҳамчун параметри марказӣ ҳангоми ҳисоби ҳаҷми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода мешаванд.

Дар Нидерландия ва Шветсия қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар асоси низоми меъёрҳои мақсадноки фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ ҷудо карда мешавад. Дар Нидерландия 50%-и ҳаҷми маблағгузории сарикасӣ дар асоси шумораи дипломҳои додашуда ҳисоб карда мешавад, ҳиссаи донишҷӯёни ба курси якум дохилшудаи дар ҳисоби миқдорӣ бошад, танҳо 13%-ро ташкил медиҳад. Дар Шветсия шумораи кредитҳои аз ҷониби донишҷӯён аз рӯйи натиҷаҳои соли хониш гирифташуда ва шумораи дарсҳои аз ҷониби муаллимон додашуда андак камтар аз 50%-и ҳаҷми умумии маблағҷудокунии маҷмуиро муайян мекунанд. Дар Дания қариб 100%-и маблағҳо ба маблағи кредитҳои гирифтаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва шумораи дипломҳои додашуда вобаста аст.

Дар аксари давлатҳо (Дания, Нидерландия, Шветсия, Британияи Кабир, Австралия, Зеландияи Нав, Чили) бо мақсади тафриқаи меъёр вобаста ба самти таҳсил (ихтисос) ҷадвалҳои тарифӣ истифода мешаванд. Шумораи ҷадвалҳои тарифӣ метавонад аз 3 (Бритониё) то 25 (Зеландияи Нав) тағйир ёбад.

Хароҷоти буҷет барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ аз рӯйи муқаррароти амалкунанда ҳифз карда мешавад. Стандартҳои иҷтимоӣ воситаи таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи кафолатҳои иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо зимни муайянкунии меъёрҳои молиявӣ заруранд. Стандартҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ, ҳадди ақали харҷи зиндагӣ, меъёрҳои таъминкунии манзил, меъёрҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, шароиту ҳифзи меҳнат, шуғли аҳолӣ, меъёрҳои ҳолати муҳити зистро дар бар мегиранд [5,с.136-142].

Дар кишварҳои Аврупо ду намуди низоми тандурустиро қайд кардан мумкин аст:

Низоми тандурустии ҷамъиятӣ (Шветсия, Норвегия, Дания, Финландия, Британияи Кабир, Испания, Италия, қисман Португалия ва Юнон) барои таъмини дастрасии ройгон ба гирифтани хизматҳои тиббӣ аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон пешбинӣ шудааст. Хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби давлат фароҳам гардида, дар асоси андоз маблағгузорӣ мешавад [1,с.9-11].

Низоми тандурустӣ, ки ба суғуртаи тиббӣ асос ёфтааст (Олмон, Фаронса, Австрия, Белгия ва то андозаи камтар, Ҳоланд, баъзе кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ), пешниҳоди хизматрасонии тиббиро тибқи принсипҳои бозорӣ ва қисман (асосан ёрии тибии статсионарӣ) аз тарафи давлат пешбинӣ менамояд. Хароҷоти тандурустӣ аз ҳисоби фондҳои суғуртаи тиббӣ, ки дар асоси ҳаққгузориҳои иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, дар баъзе кишварҳо барои коргароне, ки сатҳи даромадашон аз ҳадди муқарраршудаи қиматҳо зиёд аст, суғурта ҳатмӣ набуд (дар Олмон соли 2002 ин қимат 3375 евро ва дар Ҳолланд - 2558 евро муқаррар шуда буд) [3,с.754-762].

Низоми суғуртаи тиббӣ ба принсипи озодии интихоб асос ёфтааст ва беморон ихтиёр доранд дар як вақт ба як ё якчанд духтур муроҷиат кунанд. Низоми тандурустии давлатӣ бошад, баръакс «назорат» аз болои муроҷиати беморон ба духтур ва роҳ надодан ба рақобати зиёди байни пешниҳодкунандагони хизмарасониҳои тиббиро пешбинӣ мекунад, зеро ин ба афзоиши хароҷоти тиббӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз ба ҳеҷ кишвари пешрафта ба андозаи 100% пӯшонидани хароҷоти гирифтани ёрии тиббӣ муяссар нагаштааст. Масалан, дар кишварҳои скандинавӣ бештари хароҷотро (аз 14 то 17% хароҷотро корфармоён ва шаҳрвандон якҷоя маблағгузорӣ мекунанд) давлат ба дӯш мегирад. Дар ҳамин замина хароҷоти муолиҷаи бемориҳои хеле вазнин ё муддати

дуру дароз муоличашаванда пурра пӯшонида мешавад; хароҷоти дигар намудҳои ёрии тиббӣ вобаста ба хусусиятҳои низоми тандурустӣ пӯшонида мешавад. Масалан, дар Британияи Кабир ва Шветсия ёрии амбулаторӣ бепул расонида мешавад, ҳол он ки дар Фаронса танҳо қариб 60%-и ёрии тибии амбулаторӣ аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии тиббӣ маблағгузорӣ гашта, қисми боқимонда аз ҳисоби суғуртаи иловагӣ ва маблағҳои худии шаҳрвандон пӯшонида мешавад.

Низомҳо ё аз ҳисоби андозҳо ё дар асоси пардохтҳои ҳатмии иҷтимоӣ, ки аз музди меҳнат ситонида мешаванд, маблағгузорӣ мегарданд. Мавриди охир мантиқан аз мақсадҳои ташкили низоми суғурта - ҷуброни даромади дар давраи беморӣ аздастрафта бармеояд. Дар доираи низоми давлатии тандурустӣ маблағгузории буҷетии харҷномавии муассисаҳои тандурустӣ, яъне, асосан, маблағгузории пешпардохтӣ сурат мегирад, ҳол он ки дар кишварҳои дорои низоми суғуртавӣ0 маблағгузорӣ аз рӯйи амри воқеии хизматрасонӣ сурат мегирад, ки боиси душворшавии назорат аз болои хароҷот мегардад. Тарифҳо ба хизматрасонии тиббӣ, ки дар маркази раванди гуфтушуниди байни намояндагони фондҳои суғурта ва пешниҳодкунандагони хизматрасонии тиббӣ қарор доранд, нуқтаи калидӣ ба шумор мераванд.

Инак, аз таҳлили анҷомдодашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мафҳумҳои бар пояи назарияҳои мавҷуда оид ба соҳаи иҷтимоӣ бунёдёфта низомманд карда шудаанд, муаллиф чунин ақида дорад, ки соҳаи иҷтимоӣ - ин маҷмуи бахшҳои хоҷагии миллӣ, ки дар шакли хизматрасониҳои таҳсилотӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва ғайра неъматҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, ба шумор меравад.

Ҷузъҳои асосии соҳаи иҷтимоиро инҳо ташкил медиҳанд: шуғл, шароити меҳнат ва истироҳат; сатҳи некуаҳволии моддӣ; бо манзил таъмин будан ва хизматрасонии маишӣ; шароити таълиму тарбия; тандурустӣ; дастрасӣ ба иштирок дар идоракунӣ. Соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун зернизоми ҷамъият такрористеҳсоли сармояи инсониро таъмин менамояд.

Соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои афзалиятноки маблағгузорӣ, ки барои рушди он зиёда аз 26%-и хароҷоти буҷет ҷудо карда мешавад, мансуб мебошад. Соҳаи иҷтимоӣ қисме аз дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъият буда, зернизоми мустақили ҷамъият ба шумор меравад.

2. Самаранокии усулҳои иқтисодии идоракунии равандҳои иҷтимоӣ бевосита бо банақшагирӣ ва ҳаҷмҳои маблағгузории бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Ҳангоми банақшагирии хароҷоти ташкилотҳои буҷетӣ, усулҳои зерин ба кор бурда мешаванд:

- барномавию мақсаднок (банақшагирӣ ва маблағгузории харҷномавӣ асосёфта);
- меъёрӣ (меъёрбандии ба маблағгузории сарикасӣ асосёфта).

Аз соли 2008 сар карда, дар ҷумҳурӣ низоми маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таълимӣ (дар боғчаҳо, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ) тадриҷан ҷорӣ карда шуда, гузариш аз маблағгузории харҷномавӣ ба маблағгузории ба истилоҳ меъёрию мақсаднок, яъне гузариш аз маблағгузории якканалӣ ба маблағгузории бисёрканалӣ оғоз гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ се модели маблағгузории давлатӣ (буҷетӣ)-ро пешниҳод мекунад: маблағгузории харҷномавӣ, маблағгузории меъёрӣ ва маблағгузории буҷетии ба дастгирии грантӣ асосёфта.

3. Таҷрибаи хориҷии маблағгузории хароҷоти иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Модели британиёӣ бо тақсимоти тақрибан баробари хароҷоти таъминоти иҷтимоӣ байни бахши хусусӣ ва давлат тавсиф меёбад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бештар модели франкӣ-олмонӣ маъмул аст, зеро он бо зиёдтар будани ҳиссаи бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти иҷтимоӣ муайян мегардад. Ба кишварҳои Аврупои Шимолӣ вазни қиёсии афзунтари давлат дар амалисозии чорабиниҳои иҷтимоӣ хос мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

**АДАБИЁТ**

1. Грищенко Н.Б. Здравоохранение и добровольное медицинское страхование: перспективы сотрудничества / Н.Б. Грищенко // Экономика здравоохранения. – 2015. -№4. -С.9-11.

2. Конвенция МОТ №102 “О минимальных нормах социального обеспечения” от 28 июня 1952 г. [Электронный ресурс]. URL: https://www.consultant.ru (дата обращения: 13.03.2024г.).
3. Костина О.В. Совершенствование системы финансирования учреждений здравоохранения путем использования модели финансовой поддержки инновационного развития учреждений здравоохранения / О.В. Костина, Е.Ю. Цуканова // Экономика и социум. – 2016. -№11-1(30). -С.754-762.
4. Ҳакимов И.Б. Ислоҳоти низоми молиявӣ – буҷетӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Б. Ҳакимов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. -№1. -С.103-107.
5. Ҳакимов И.Б. Тартиби амалкунандаи банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф / И.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2023. -№4(52). -С.136-142.
6. Раҳимзода, Ш. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ / Ш. Раҳимзода, Н.Ш. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№1(30). –С.21-32. – EDN DCCWVD.
7. Улугхоҷаева Х.Р. Тартиби банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ / Х.Р. Улугхоҷаева, И.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. -№1(55). -С.34-38.
8. Хамидов А.Х. Влияние внешней трудовой миграции и финансово-экономического кризиса на неформальную занятость в сфере услуг / А.Х. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе. 2019. №5 Част 1. 217 стр.
9. Шарифзода, Н.Ш. Международная валютная система и этапы ее развития / Н.Ш. Шарифзода, И.С. Фасехзода, Х.Ф. Нуралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№5. –часть 2. -С.100-105. – EDN HOMQVT.
10. Шарифзода, Н.Ш. Таҳқиқи усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№5. –С.85-96. – EDN SFFCKC.
11. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2016. - № 2/8(215). - С.24-29.
12. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
13. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2017. - № 2-5 Част II.- С.63-66.
14. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.03.2024с.).

## МАБЛАҒГУЗОРИИ ХАРОҶОТИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ: ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи маблағгузории хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳо ҷиҳати муайян намудани мазмуну моҳияти мавзуи интихобгардида, ин амалӣ намудани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар натиҷаи анҷом додани ин амал, мо метавонем ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем. Воқеан маблағгузории хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт мавзуи мубрам ба шумор меравад. Ба соҳаи иҷтимоӣ ҷудо кардани маблағҳо самти афзалиятноки сиёсати иқтисодиёти иҷтимоъгаро нигаронидашудаи давлат мебошад. Дар асоси таносуби манбаъҳои гуногуни маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, се модели асосии сиёсати иҷтимоӣ, ки аз ҷониби олимон - бритониёӣ, франкӣ-олмонӣ ва мансуб ба Аврупои шимолӣ номида шудаанд. Маблағҳои буҷетӣ манбаи асосии маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дар айни замон, кафолати молиявии ба шаҳрвандони кишвар фароҳамсозии дараҷаи зарурии хизматрасонии иҷтимоӣ мебошанд. Вақте сухан дар бораи моделҳои дастгирии иҷтимоӣ меравад, дар бораи набудани санадҳои байналмилалие, ки истилоҳоти истифодашаванда, ҳадафҳо, шаклҳо ва шароити пешниҳоди онро танзим мекунанд, қайд намудан лозим аст. Муаллиф бо истифода аз санадҳои байналмилалӣ ва адабиётҳо таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар самти маблағгузории хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст, ки натиҷаи он метавонад боиси рушду инкишофи соҳаи иқтисодиёти кишвар гардад.

**Калидвожаҳо:** маблағгузорӣ, соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодиёт, адабиёт, санадҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, хароҷот, тандурустӣ, маблағҳои буҷетӣ, модели иқтисодӣ, сармоягузорӣ, истеҳсолот, маориф, таҳсилот.

## ФИНАНСИРОВАНИЕ РАСХОДОВ СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЫ: ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

В данной статье обсуждается вопрос финансирования расходов социальной сферы. Одним из способов достижения целей с целью определения содержания сущности выбранной темы является проведение сравнительно-правового анализа. Потому что в результате этого мы можем добиться значительных результатов. На самом деле финансирование расходов социальной сферы и опыт зарубежных стран в этой сфере являются актуальным вопросом. Направление средств в социальную сферу является приоритетным направлением политики государства, ориентированной на социальную экономику. Исходя из соотношения различных источников финансирования социальной сферы, ученые выделили три основные модели социальной политики – британскую, франко-германскую и североевропейскую. Бюджетные средства являются основным источником финансирования социально-культурной сферы и одновременно финансовой гарантией предоставления необходимого уровня социальных услуг гражданам страны. Говоря о моделях социальной поддержки, необходимо отметить отсутствие

международных документов, регламентирующих используемые сроки, цели, формы и условия ее оказания. Используя международные документы и литературу, автор подверг научному анализу опыт зарубежных стран в направлении финансирования расходов социального сектора, результат которого может привести к развитию экономики страны.

**Ключевые слова:** финансирование, социальная сфера, экономика, литература, международные документы, законодательство, опыт зарубежных стран, сравнительно-правовой анализ, затраты, здравоохранение, бюджетные средства, экономическая модель, инвестиции, производство, образование, образование.

## FUNDING OF SOCIAL SECTOR COSTS: THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES

In this article, the issue of financing the expenses of the social sphere is discussed. One of the ways to achieve the goals in order to determine the content of the essence of the chosen topic is the implementation of comparative-legal analysis. Because as a result of doing this, we can achieve significant results. In fact, the financing of the expenses of the social sphere and the experience of foreign countries in this area is a critical issue. Allocating funds to the social sphere is the priority direction of the state's policy focused on the social economy. Based on the ratio of different sources of financing of the social sphere, three main models of social policy, named by scientists - British, Franco-German and Northern European. Budgetary funds are the main source of funding of the socio-cultural sphere and at the same time the financial guarantee of providing the necessary level of social services to the citizens of the country. When it comes to models of social support, it is necessary to note the lack of international documents that regulate the terms used, objectives, forms and conditions of its provision. Using international documents and literature, the author has subjected to scientific analysis the experience of foreign countries in the direction of financing the expenses of the social sector, the result of which can lead to the development of the country's economy.

**Keywords:** financing, social sphere, economy, literature, international documents, legislation, experience of foreign countries, comparative-legal analysis, expenses, healthcare, budget funds, economic model, investment, production, education, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳакимов Ифтихор Бахтиёриддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-97-15-15.** E-mail: **iftikhor_1984@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хакимов Ифтихор Бахтиёриддинович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-97-15-15**. E-mail: **iftikhor_1984@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khakimov Iftikhor Bakhtiyoriddinovich*** – Tajik National University, senior lecturer at the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-97-15-15.** E-mail: **iftikhor_1984@mail.ru**

ТДУ: 336.14(575.3)

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ БОЛОБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

*Ғаффориён М.Ш., Ширинов Ҳ.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Методологияи самаранокии маблағҳои буҷетӣ яке аз омилҳои асосии самаранокии маблағҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста аз сиёсати иқтисодӣ методҳои истифодабарии самаранокии маблағҳои буҷетӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар давлатҳои ҷаҳон вобаста ба сиёсати буҷетии амалкунандаашон аз методҳои гуногуни болобардории самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ истифода менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикстон методологияи гуногун дар бораи болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ истифода мешавад, ки ин барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии маблағҳои буҷетӣ хеле хуб ба назар мерасад.

**Расми 1. Методоҳои самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ**
**Figure 1. Methods of effective use of budget funds**




Сарчашма: Муаллифон тартиб додаанд

Болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ бевосита ба банақшагирии худи буҷет вобастагӣ дорад. Банақшагирии буҷетӣ, ки ҷузъи банақшагирии молиявӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷм, манбаъ ва мақсаднокиии истифодабарии маблағҳои буҷетиро дар ҳар сатҳи идоракунӣ муайян менамояд (ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ). Аз методи банақшагирии буҷет самаранокии маблағҳои буҷетӣ низ вобастагӣ дорад. Чунин методҳои банақшагирии буҷетӣ вуҷуд доранд:

-таҳлили иқтисодӣ;
-индексӣ;
-мутавозинӣ;
-меъёрӣ (нормативӣ);
-барнома-ҳадаф;
-буҷетсозии ба самаранокӣ равонашуда ва ғайра.

**Методи таҳлили иқтисодӣ.** Таҳлили иқтисодӣ ин қисми ҷудонашаванда ва яке аз элементҳои асосии банақшагирӣ ва пешгӯӣ мебошад.

Таркиби таҳлили иқтисодӣ аз он иборат аст, ки дар раванди иқтисодӣ ба қисмҳои таркибӣ ҷудо мешаванд ва робитаи байни ин қисмҳо ба якдигар ва ба тамоми раванд муайян карда мешаванд. Таҳлил имкон медиҳад, ки таркиби раванд ошкор, қонуниятҳои тағйирёбии он дар марҳилаи пешгӯӣ (банақшагирӣ) муайян ва барои расидан ба нақшаи муайяншуда ҳамаҷиҳата баҳогузорӣ карда шавад.

Раванди таҳлили иқтисодӣ ба қисматҳои зерин ҷудо мешавад:

-дарёфти муаммо, муайянкунии мақсадҳо ва меъёрҳои баҳодиҳӣ;
-тайёркунии иттилоот барои таҳлил;
-омӯхтан ва коркарди таҳлилии иттилоот;
-тартибдиҳии тавсияҳо оиди вариантҳои дигари ҳалли масъала ё расидан ба мақсади пешбинишуда;
бақайдгирии натиҷаҳои таҳлил.

Дар раванди таҳлили иқтисодӣ методҳои муқоисакунӣ, гурӯҳбандӣ, методи индексӣ, гузарондани баланси ҳисобҳо, методҳои нормативӣ ва иқтисодӣ-математикӣ истифода мешаванд. Методи гурӯҳбандӣ -якҷоякунии объектҳои таҳлили иқтисодиро ба гурӯҳҳои монанд мемонад, ки имкон медиҳад таҳқиқи инкишофи онҳо омӯхтани таъсири омилҳои ҷудогонаро, ки динамика ва характери таъсиррасонии он ва инкишофи гурӯҳи алоҳидаи равандҳои иқтисодиро муайян кунад.

Барои муайян кардани таъсири ҳар як омил ба тағйирёбии нишондиҳандаи умумии истифода бурдани методи бартарафсозӣ тавсия дода мешавад. Таъсири омилҳо бо пайдарпаии муқарраршуда муайян карда мешавад. Тахмин меравад, ки ҳангоми муайян кардани таъсири ин омил арзишҳои ададии нишондиҳандаҳои омилҳои дигар бетағйир боқӣ мемонанд. Дар амалияи таҳлили иқтисодӣ, бартарафкунӣ ҳамчун методи ивазкунии занҷир маълум аст.

Методи зикргардида имкон медиҳад, ки пеш аз хароҷот шудани маблағҳо ба ин ё он соҳа афзалиятҳои он соҳа ба инобат гирифта, самаранокии моблағҳои барои хароҷот равонашуда пешакӣ ба нақша гирифта шавад.

**Методи меъёрӣ.** Методи меъёрӣ яке аз методҳои асосии банақшагирии буҷет мебошад. Дар шароити муосир ба он вобаста ба истифодаи як қатор меъёру стандартҳо ҳамчун танзимгари иқтисодиёт аҳаммияти махсус дода шудааст. Моҳияти методи меъёрӣ дар асосноккунии техникӣ-иқтисодии пешгӯиҳо, нақшаҳо, барномаҳо бо истифода аз меъёрҳо ва стандартҳо мебошад.

Дар амалияи ҳозира нормаю стандартҳо бо методҳои гуногун муайян карда мешаванд. Мукаммалтарин методи ҳисоббарорӣ ва таҳлилӣ мебошад, ки дар асоси ҳисобҳои техникӣ ва иқтисодӣ муайян намудани меъёру стандартҳоро дар бар мегирад. Барои ин ҳуҷҷатҳои техникӣ бо назардошти комёбиҳои навтарини илму техника, методу дастурҳо истифода мешаванд. Нормаҳое, ки бо ин метод ҳисоб карда мешаванд, аз ҷиҳати техникӣ асоснок номида мешаванд ва онҳо пешқадамтарин мебошанд. Дар мавридҳое, ки истифодаи методи ҳисобу таҳлил имконнопазир аст, меъёру стандартҳо дар асоси маълумотҳои ҳисоботӣ ва статистикии давраи гузашта дар асоси тарҷибаҳо ва маълумоти таҷрибавӣ бо назардошти беҳтарини онҳо муайян карда мешаванд.

Дар асоси методи мазкур хароҷотҳои банақшагирифта муқаррар карда шуда, ба миқдори муайян ба соҳаи дахлдор равона мешаванд, ки боиси самаранок ва мақсаднок сарф шудани онҳо мегардад.

**Методи тавозунӣ.** Бо ёрии методи мутавозинӣ принсипи мувозинат ва таносубӣ амалӣ мегардад. Он дар таҳияи пешгӯиҳо, нақшаҳо ва барномаҳо истифода мешавад. Моҳияти он аз он иборат аст, ки талаботи мамлакат ба навъҳои гуногуни маҳсулот, ба ресурсҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ бо имкониятҳои истеҳсолот ва манбаъҳои ресурсҳо алоқаманд карда шавад.

Методи тавозунӣ таҳияи балансҳоро дар бар мегирад, ки системаи нишондодҳое мебошанд, ки дар онҳо як қисми захираҳо аз рӯи сарчашмаҳои даромад ба қисми дигар баробар буда, тақсимоти (истифодаи) онро дар ҳама самтҳои хароҷоти онҳо нишон медиҳанд. Натиҷаҳои ҳисобҳои тавозунӣ ҳамчун асос барои ташаккули сиёсати сохторӣ, иҷтимоӣ, молиявию буҷетӣ ва пулию қарзӣ, инчунин сиёсати шуғли аҳолӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хизмат мекунанд. Инчунин, бақияҳо барои муайян кардани номутавозунии давраи ҷорӣ, кушодани захираҳои истифоданашуда ва асоснок кардани таносуби нав истифода мешаванд.

**Методи барнома-ҳадаф.** Дар муқоиса бо дигар методҳо, методи барнома-ҳадаф нисбатан нав буда, суст инкишоф ёфтааст. Он танҳо дар солҳои охир паҳн шудааст, гарчанде он муддати тулонӣ маълум буд.

Барнома-ҳадаф бо методҳои меъёрӣ, балансӣ ва иқтисодӣ-математикӣ зич алоқаманд буда, таҳияи нақшаро аз арзёбии эҳтиёҷоти ниҳоӣ ва дар асоси ҳадафҳои рушди иқтисодӣ бо ҷустуҷӯи минбаъда ва муайян кардани роҳҳо ва воситаҳои самараноки ноил шудан ба онҳо дар бар мегирад. Ин метод принсипи афзалиятнокии банақшагириро ба амал мебарорад.

Моҳияти барнома-ҳадаф дар интихоби мақсадҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмию техникӣ, кор карда баромадани тадбирҳои ба ҳам алоқаманд барои дар сари вақт таъмин намудани захираҳо бо назардошти истифодаи самараноки онҳо иборат аст.

Барнома-ҳадаф ҳангоми таҳияи барномаҳои мақсадноки муттаҳидшуда истифода мешавад, ки ҳуҷҷате мебошанд, ки ҳадаф ва маҷмуи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва дигар вазифаҳо ва чорабиниҳо ва фаъолиятҳоро, ки бо захираҳо, иҷрокунандагон ва мӯҳлатҳо алоқаманданд, инъикос мекунанд.

Таҳияи барномаҳои мақсадноки ҳамгироӣ бо марҳила ба роҳ монда мешавад.

Дар марҳилаи аввал, рӯйхати проблемаҳои муҳимтарин тартиб дода мешавад, ки аз онҳо проблемаҳое, ки ҳалли афзалиятнокро талаб мекунанд, интихоб карда мешаванд.

Дар марҳилаи дуюм, супориш дода мешавад, ки барномаи ҳалли масъалаи мушаххасро тартиб диҳад. Он ҳадафҳои барнома, маҳдудияти захираҳо, иштирокчиён ва мӯҳлатҳои барномаро инъикос мекунад. Дар ин марҳила параметрҳое, ки мақсадҳои барномаро тавсиф мекунанд, муайян карда шуда, вазифаҳои иҷрои он барои давраҳои алоҳида муайян карда мешаванд. Ҳадафи умумӣ ба зерҳадафҳо тақсим карда мешавад.

Дар марҳилаи сеюм, вазифаҳо ва чорабиниҳое, ки барои иҷрои бомуваффақияти барнома заруранд, тартиб дода мешаванд. Таркиби вазифаҳои асосии барнома дар асоси иерархияи сохташудаи ҳадафҳо муқаррар карда мешавад. Барои ҳар як вазифа марҳилаҳои татбиқи он таҳия карда мешаванд.

Марҳилаи чорум, ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосӣ ва таъмини захираҳои барномаро дар бар мегирад. Хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии барои иҷрои он зарурӣ муайян карда шуда, номгӯи захираҳои моддӣ бо нишон додани таъминкунандагон ва қабулкунандагон тартиб дода мешавад. Дар ин марҳила самаранокии татбиқи барнома ҳисоб карда мешавад.

Марҳилаи панҷум, марҳилаи ниҳоӣ аст. Он бо ташаккули ҳуҷҷатҳои барномавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва дар мавридҳои зарурӣ бо тасдиқи барнома алоқаманд аст.

Аз ҷиҳати мазмун барномаҳои комплексии мақсаднок ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, истеҳсолию иктисодӣ, ташкилию иқтисодӣ ва экологӣ таксим мешаванд. Барномаҳои иҷтимоиву иктисодӣ ҳалли проблемаҳои характери иҷтимоӣ дошта ва баланд бардоштани дараҷаи моддии зиндагонии халқро пешбинӣ мекунанд. Барномаҳои илмӣ-техникӣ ба ҳалли проблемаҳои илмию техникӣ, тезонидани суръати дар истеҳсолот ҷорӣ намудани комёбиҳои илму техника нигаронида шудаанд, ки дарояндаи наздик самараи калонро (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ) таъмин мекунанд. Номгӯи барномаҳои илмию техникӣ дар асоси афзалиятҳои муайяни рушди иқтисодиёт ташаккул меёбад. Барномаҳои истеҳсолию иқтисодӣ барои ҳалли проблемаҳои асосии байнисоҳавии соҳаи истеҳсолот тартиб дода шудаанд, ки ба зиёд шудани самараи он ва рушд додани соҳаҳои нави саноат мусоидат мекунанд.

Методи барнома-ҳадаф ҳуҷҷати мукаммалест, ки мақсади он ҳалли вазифаи аввалиндараҷа барои давраи муайян мебошад. Вобаста ба мураккабии вазифаҳо, имкониятҳои молиявӣ, ташкилӣ ва техникии барномаҳо ба мӯҳлати аз 2 то 5-8 сол қабул карда мешаванд ва чун қоида барои 3-5 сол.

**Методи буҷетсозии ба самаранокӣ равонашуда.** Ин метод системаи ташкили раванди буҷет ва идораи давлатӣ (шаҳрӣ) мебошад, ки дар он банақшагирии хароҷот бевосита бо натиҷаҳои бадастомада амалӣ карда мешавад.

Дар назарияи идоракунӣ аз рӯи ҳадафҳо ва натиҷаҳо, роҳи мураккабтарини истифодаи иттилоот дар бораи ҳадафҳо ва натиҷаҳо ҳисобида мешавад, зеро он маҷмуи роҳҳои истифодаи ин маълумотро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар бар мегирад.

Дар шакли умумии худ, буҷетсозӣ ба самаранокӣ равонашуда, системаи ташаккули (иҷрои) буҷет мебошад, ки муносибати байни хароҷоти буҷетӣ ба нақша гирифташуда ва натиҷаҳои пешбинишаванда (бадастомада) инъикос меёбад. Мақсади ин модели буҷетӣ назорати мутобиқати захираҳои сарфшуда ва натиҷаҳои мустақим ва иҷтимоии бадастомада, арзёбии аҳаммият ва самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии баъзе намудҳои фаъолияте, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешавад, иборат аст.

Банақшагирии буҷетии ба самаранокӣ равонашуда давраи бефосилаи «нақшагирӣ - маҳсулот - натиҷа - банақшагирӣ»-ро таъмин менамояд.

Консепсияи ислоҳоти раванди буҷет, ки ба ҷорӣ намудани буҷетсозии ба самаранокӣ равонашуда нигаронида шудааст, вазифаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1. Мутобиқсозии таснифоти буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ бо таснифоти буҷетӣ муттаҳидшуда, дар асоси методи ҳисобкунӣ ва таъмини баҳисобгирии хароҷот барои вазифаҳо ва барномаҳо.

2. Танзими тартиб додан ва баррасии буҷет тавассути тақсимоти таҳлили уҳдадориҳои мавҷуда ва нав қабулшудаи хароҷот. Уҳдадориҳои мавҷуда бояд бечунучаро ба қисми хароҷоти буҷет дохил карда шаванд, ба шарте, ки дар бораи бекор кардан ё боздоштани иҷрои онҳо қарор қабул нагардида бошад. Уҳдадориҳои нави хароҷот бояд танҳо дар сурати мавҷуд будани имкониятҳои молиявии дахлдор, барои тамоми давраи амали онҳо ва баҳодиҳии ҳатмии самаранокии пешбинишудаи онҳо муқаррар карда шаванд.

3. Ба нақшаи афзалиятии молиявӣ дохил намудани тақсимоти маблағҳо дар байни субъектҳои банақшагирии буҷетӣ барои давраи сесола, ки ҳар сол як сол пеш гузаронида мешавад.

4. Дар амалияи татбиқи раванди буҷетӣ ташаккули барномаҳои мақсадноки идоравӣ, ки бояд қисми зиёди хароҷоти буҷетро дар бар гирад, ки аз рӯи принсипи сметавӣ сурат мегирад.

5. Гузариш ба тақсимоти маблағҳои буҷетӣ байни дорандагони буҷет ва барномаҳои буҷетӣ, вобаста ба сатҳи пешбинишудаи ноил шудан ба ҳадафҳои онҳо, мутобиқи афзалиятҳои миёнамуҳлати сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва дар доираи ҳаҷми пешбинишудаи дарозмуддати захираҳои буҷетӣ.

Ҳамин тариқ, аз рӯи методологияи дар болозикргашта маълум мегардад, ки самаранокии маблағҳои буҷетиро худи нақшаи буҷетӣ таъмин менамояд. Дар асоси банақшагирии дуруст ва дақиқи буҷет ва барномаҳои буҷетӣ мо метавонем хароҷотҳои онро оқилона байни истифодабарандагон тақсим намоем. Танҳо тақсимоти дурусти хароҷотҳо ба соҳаҳои афзалиятноки давлат метавонанд самаранокии соҳаҳои иҷтимоиро баланд бардошта, кафолати боло рафтани сатҳи зиндагии мардум гарданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Муҳсинов Д.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Государственный бюджет: Учебное пособие. Под ред. М.И. Ткачук. –Минск: Высшая школа, 1995.
2. Жданкин Н.А. Социально-экономические проблемы развития промышленного региона и инновационный подход к их решению / Н.А. Жданкин, Б.К. Шарипов // Креативная экономика. - 2019. -Т. 13. -№1. -С.151-168.
3. Инвестиционная привлекательность регионов Таджикистана / А.О. Шарифов, Х.Б. Усмонов, З.М. Джабборова, С.К. Ниязова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/5(117). – С. 133-135.
4. Учебник по основам экономической теории (экономика) / Под.ред. Камаева В.Д., и коллектива авторов. -М.: МГТУ им. Н. Э. Баумана, 1995.
5. Финансы / Под ред. М.В. Романовского, О.В. Врублевской, Б.М. Сабанти. -М.: Юрайт-М, 2001. -354 с.
6. Финансы / Под ред. П.И. Вахрина, А.С. Нешитого. -М.: Москва, 2000. -239 с.
7. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
8. Шарифзода Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=46618754 (санаи истифодабарӣ: 04.01.2022).
9. Шарифзода, Н.Ш. Международная валютная система и этапы ее развития / Шарифзода Н.Ш., Фасехзода И.С., Х.Ф. Нуралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№5. –часть 2. -С.100-105. – EDN HOMQVT.
10. Экономика: Учебник / Под ред. доц. А.С. Булатова. -М.: Издательство БЕК, 1996. -632 с.


**АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ БОЛОБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ**


Дар мақолаи мазкур асосҳои методологии болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Методологияи самаранокии маблағҳои буҷетӣ яке аз омилҳои асосии самаранокии маблағҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста аз сиёсати иқтисодӣ методҳои истифодабарии самаранокии маблағҳои буҷетӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар давлатҳои ҷаҳон вобаста ба сиёсати буҷетии амалкунандаашон аз методҳои гуногуни болобардории самаранокии истифодабарии маблағҳои

буҷетӣ истифода менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикстон методологияи гуногун дар бораи болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ истифода мешавад, ки ин барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии маблағҳои буҷетӣ хеле хуб ба назар мерасад. Аз рӯи методологияи дар мақола зикргашта маълум мегардад, ки самаранокии маблағҳои буҷетиро худи нақшаи буҷетӣ таъмин менамояд. Дар асоси банақшагирии дуруст ва дақиқи буҷет ва барномаҳои буҷетӣ мо метавонем хароҷотҳои онро оқилона байни истифодабарандагон тақсим намоем. Танҳо тақсимоти дурусти хароҷотҳо ба соҳаҳои афзалиятноки давлат метавонанд самаранокии соҳаҳои иҷтимоиро баланд бардошта, кафолати боло рафтани сатҳи зиндагии мардум гарданд.

**Калидвожаҳо:** маблағҳои буҷетӣ, асосҳои методологӣ, болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ, барномаҳои буҷетӣ, сиёсати буҷетии амалкунанда.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭФФЕКТИВНОГО УВЕЛИЧЕНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ

В данной статье рассматриваются методологические основы повышения эффективности бюджетных средств. Методика эффективности бюджетных средств является одним из основных факторов эффективности бюджетных средств. В зависимости от экономической политики методы эффективного использования бюджетных средств отличаются друг от друга. В странах мира в зависимости от текущей бюджетной политики используют различные методы повышения эффективности использования бюджетных средств. В Республике Таджикистан для повышения эффективности бюджетных средств используются различные методики, что представляется очень хорошим для повышения уровня эффективности бюджетных средств. Согласно методике, изложенной в статье, становится ясно, что бюджетный план сам по себе обеспечивает эффективность использования бюджетных средств. На основе правильного и точного планирования бюджета и бюджетных программ мы можем рационально распределять его затраты между пользователями. Только правильное распределение расходов по приоритетным отраслям государства может повысить эффективность социальных отраслей и стать залогом повышения уровня жизни народа.

**Ключевые слова**: бюджетные средства, методические основы, повышение эффективности использования бюджетных средств, бюджетные программы, текущая бюджетная политика.

## METHODOLOGICAL BASIS FOR EFFECTIVE INCREASE OF BUDGET FUNDS

This article discusses the methodological basis for increasing the efficiency of budget funds. The methodology for the efficiency of budget funds is one of the main factors in the efficiency of budget funds. Depending on the economic policy, the methods for the efficient use of budget funds differ from each other. In countries around the world, depending on the current budget policy, various methods are used to increase the efficiency of budget funds. In the Republic of Tajikistan, various methods are used to increase the efficiency of budget funds, which seems very good for increasing the level of efficiency of budget funds. According to the methodology outlined in the article, it becomes clear that the budget plan itself ensures the efficiency of using budget funds. Based on the correct and accurate planning of the budget and budget programs, we can rationally distribute its costs between users. Only the correct distribution of expenses among priority sectors of the state can increase the efficiency of social sectors and become the key to raising the standard of living of the people.

**Keywords:** budget funds, methodological principles, increasing the efficiency of using budget funds, budget programs, current budget policy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаффориён Муҳаммадҷон Шоҳрух*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **552-55-22-62**

***Ширинов Ҳайдаршоҳ Муҳаммадшоевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915-63-44-95**

**Сведения об авторах:** ***Гаффориён Мухаммаджон Шохрух*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **552-55-22-62**

***Ширинов Хайдаршох Мухаммадшоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-63-44-95**

**Information about the authors:** ***Gafforiyon Muhammadjon Shokhrukh*** **-** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Finance and Insurance Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **552-55-22-62**

***Shirinov Khaidarshoh Muhammadshoevich*** **-** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Finance and Insurance Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-63-44-95**

ТДУ: 339.3

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Мариншоев М.М.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақш ва аҳаммияти савдои чакана ҳамчун соҳаи асосии хизматрасонӣ боз ҳам бештар мегардад. Савдои чакана ба суръати рушди иқтисодиёт, фаъолшавии равандҳои бозор, баланд шудани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасонӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, некуаҳволии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи бозор таъсир мерасонад [1,с.32].

Савдои чакана яке аз соҳаи пешбаранда ва босуръат рушдёбандаи савдои дохилӣ буда, ба шаклҳои гуногуни моликият (хусусӣ, давлатӣ, кооперативӣ, коллективӣ ва ғайра) бо роҳи фурӯши мол ва хизматрасонӣ асос ёфтааст ва дар ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ фаъолона иштирок мекунад. Савдои чакана воситаи асосии танзимкунандаи равандҳои истеҳсолот дар асоси баланд бардоштани ҳаҷм ва васеъ намудани номгӯи молу маҳсулот аз як тараф ва аз тарафи дигар, ба тағйирёбии сохтори истеъмолӣ ва динамикаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад [9,с.15].

Дар шароити имрӯза ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти самараноки савдои чакана муҳим аст ва он яке аз қисмҳои асосии низоми таъминоти аҳолиро ба молҳои истеъмолӣ ифода менамояд [3,с.8]. Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари амалӣ муайян кардани омилҳои асосии ба инкишофи савдои чакана дар шароити низоми бозорӣ ва рақобати баланд дар бозори истеъмолӣ таъсиркунанда ба мақсад мувофиқ аст.

Таҳқиқоти назариявию методологӣ ва таҳлили тағйироти сифатӣ ва миқдорие, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ ба амал меоянд, муайян намудани омилҳои асосӣ ба рушди савдои чакана таъсир мерасонад ва ба хулосае омадан мумкин аст, ки дигаргуниҳои бозори истеъмолӣ, пеш аз ҳама, бо тамоюлҳои дохилии рушди иқтисодиёт, таъсири даромадҳои пулии аҳолӣ ва муҳити корхонаҳои савдои чакана алоқаманданд. Дар навбати худ, ба муҳити корхонаҳои савдои чакана омилҳои берунӣ ва дохилии дорои хусусияти гуногуни ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ дохил мешаванд [4,с.34].

Оияндабинии рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ пеш аз таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гузаронида мешавад, ки дар рафти он тамоюлҳои умумии рушди иқтисодиёт муайян карда мешаванд. Дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ба вазъи савдои чакана омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва механизми танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Устувории низоми иқтисодӣ, ки ба шароиту принсипҳои фаъолияти бозор асос ёфтааст, ба талаботи механизми иқтисоди бозорӣ мутобиқ будани танзими ҳуқуқи фаъолияти корхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, бешубҳа, ба рушди савдои чакана мусоидат мекунад.

Дар рафти таҳқиқот мо омилҳоеро муайян намудем, ки ба инкишофи муътадили савдои чакана ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисоди миллӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва намуди махсуси соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.

Ба андешаи коршиносони ватанӣ дар байни омилҳое, ки ба рушди савдои чакана ҳамчун бахши муҳимтарини соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд, дохил мешавад:

- самтҳои сиёсати иқтисодӣ;
- низоми танзими давлатӣ;
- дастгирии савдои чакана;
- тағйирот дар нишондиҳандаҳои иҷтимоию демографӣ;
- мушкилоти рушди мутаносиби дигар соҳаҳои иқтисодиёт;
- ҷойгиркунии корхонаҳои савдои чакана;
- суръати рушди истеҳсоли молҳои истеъмолии аҳолӣ;
- ҳаҷми даромади пулии аҳолӣ ва қобилияти пардохттавонии онҳо;
- дараҷаи нархҳои молу хизматрасонӣ [7; 8; 10; 11].

Ба андешаи мо, омилҳое, ки бевосита ба суръати рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, дохил мешавад:

- танзими давлатии иқтисодиёт;
- вазъи иҷтимоию-иқтисодӣ;
- истеҳсоли молҳои истеъмолӣ;
- сатҳи нархи молҳо;
- даромади пулии аҳолӣ;
- сиёсати иқтисодии давлат;
- фаъолияти савдои беруна;
- рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва ғайраҳо.

Омилҳои номбаршуда дар самтҳои гуногун на танҳо ба рушди сегменти савдои чакана, балки ба суръати рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, сатҳи шуғли аҳолӣ ва даромади пулии онҳо таъсир мерасонанд.

Низоми самараноки танзими давлатии савдои чакана дар чунин самтҳои афзалиятнок ба монанди таҳия ва татбиқи он, ҳадафҳои стратегии рушди савдо, танзими давлатии бозори истеъмолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозор ба амал меояд. Таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои бозори истеъмолӣ ба рушди бозори мол ва савдои чакана мусоидат мекунад. Дар баробари ин, ҳавасмандгардонӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоид дар савдои чакана, раванди такрористеҳсол ва рушди рақобат низ муҳим мебошад. Савдои чакана дар амалӣ намудани вазифаҳои худ хароҷотҳои харидоронро кам намуда, барои харидани мол вақти онҳоро сарфа мекунад ва ба афзоиши ҳосилнокии меҳнати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт шароит фароҳам меоварад.

Ба андешаи мо, сохторҳои танзимкунандаи давлатӣ бояд мутобиқ будани манфиатҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиро таъмин намоянд. Дар ин самт нақши сохторҳои маҳҳалии ҳокимияти давлатиро низ қайд кардан лозим аст, зеро ташаккулу инкишофи устувори савдои чакана ва ташкили самараноки хизматрасонии савдо ба аҳолӣ таҳти назорати онҳо ба роҳ монда мешавад. Дараҷаи рушди савдои чакана бештар ба сифати қарорҳое, ки дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешаванд, вобаста аст [2,с.36]. Дар баробари ин, вазифаҳои асосии танзими давлатии савдои чакана бояд аз масъалаҳои зерин: фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташаккули муҳити рақобат; такмил додани заминаи қонунгузорӣ дар савдои чакана; ҳифзи бозори истеъмолӣ дар асоси дастгирии истеҳсолкунандагони худӣ; муайян намудани хусусиятҳои квотадиҳӣ, қарздиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ; ташкили омодакунӣ, бозомузӣ, такмили ихтисоси кормандони соҳаи савдо; назорати дурусти фаъолияти ҳамаи иштироккунандагони раванди савдо; ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон; таъмини пешгӯии бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо; таъмини оқилона ҷойгир намудани корхонаҳои савдои чакана иборат бошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки барои афзоиши вазъи самаранокии иҷтимоию иқтисодии савдои чакана, бештар аз дараҷаи оқилона ҷойгиркунии корхонаҳои савдо ва рушд додани истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, дараҷаи ба талаботи аҳолӣ мувофиқ будани молҳои пешниҳодшаванда, ҳаҷм ва сохтори воридоти мол аз дигар мамлакатҳо вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, ба рушди устувори истеҳсоли молҳои истеъмолӣ дар дохили ҷумҳурӣ сиёсати иқтисодии давлат, андешидани тадбирҳои иқтисодӣ оид ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ, ки ба рушди иқтисодиёт нигаронида шудааст, ба самтҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ таъсир мерасонад.

Чунин тадбирҳо ба пур кардани бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулоти сифати хуб дошта ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо шароит фароҳам меоварад. Ба рушди босуръати истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ташкил ва тақсимоти молу маҳсулот ва сари вақт оварда расонидани онҳо ба корхонаҳои савдои чакана таъсир мерасонад. Дар навбати худ, ташкили хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба аҳолӣ аз рушд ва ҷойгиркунии дигар соҳаҳо ба монанди саноату нақлиёт, алоқаю сохтмон ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ вобаста мебошад. Ба сатҳи нархи молҳо истеъмолӣ қобилияти харидории истеъмолкунандагон, ҳаҷм ва сохтори гардиши савдои чакана ва истеъмоли молу маҳсулоти хӯрока таъсир мерасонад.

Дар навбати худ, ҳаҷми даромади пулии аҳолӣ, қобилияти харидории аҳолӣ ва пардохттавонии аҳолӣ бевосита иқтидори бозори истеъмолиро тавсиф мекунад. Онҳо тамоилҳои асосии рушд ва беҳтар намудани суръати самаранокии савдои чаканаро муайян мекунанд. Сохти гардиши савдои чакана ва ҳисоби миёнаи истеъмоли молу маҳсулот ба ҳар як сари аҳолӣ дараҷаи некуаҳволӣ ва даромади пулии аҳолиро инъикос мекунад.

Омили дигари муҳиме, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонад, омили демографию иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳақиқат аз сатҳи даромади аҳолӣ ҳаҷми истеъмоли молу маҳсулот ва инфраструктураи иҷтимоӣ вобаста аст. Шумораи аҳолӣ ва хусусияти шуғлнокии он омилҳои муайянкунандаи рушди савдои чакана мебошанд.

Ба ғайр аз омилҳои номбаргардида, технологияи нав ва инноватсия дар тамоми соҳаҳои фаъолият ба такмил додани истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, васеъ намудани ассортименти молҳо, беҳтар намудани сифати молҳо, вусъат додани гардиши ресурсҳо ва самаранок истифода намудани онҳо мусоидат мекунад. Пешрафти илмӣ-техникӣ дар амалияи корхонаҳои савдои чакана бо муваффақият татбиқ карда мешаванд. Ин дар намудҳои савдо, таҷҳизоту техника, технологияи раванди тақсимоти молҳо, намудҳои хизматрасонӣ, рушди хизматрасонӣ дар корхонаҳои савдои чакана ва ғайра зоҳир мегардад.

Ғайр аз ин, ба сатҳи рушди савдои чакана ҳаҷм, сохтор ва маданияти истеъмолии аҳолӣ таъсир мерасонад, ки аз он сохтори гардиши савдои чакана, истеъмоли молу маҳсулот ба ҳар сар аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Омили муҳиме, ки ба дараҷаи рушди савдои чакана таъсир мерасонад, сифати молҳои ба корхонаҳои савдои чакана воридшаванда мебошад. Ҳама молу маҳсулотҳои истеъмолӣ бояд ба стандартҳо ва талаботҳои муайяне, ки мақомоти давлатӣ ва байналмилалӣ оид ба стандартизатсия ва сертификатсия муайян кардаанд, ҷавобгӯ бошанд. Мақсади савдои чакана на танҳо назорати қатъӣ аз болои ба истеъмолкунандагон расонидани молу маҳсулот мебашад, балки назорати ҷавобгӯ будани сифати молу маҳсулотҳо ба стандартҳои мавҷуда иборат аст.

Ба фикри мо, ба ғайр аз омилҳои номбаршуда, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, фаъолияти инноватсиониро низ қайд кардан бамаврид аст. Дар шароити муосир аҳаммияти равандҳои инноватсионӣ дар ҳар як бахши иқтисодиёти кишвар ва соҳаҳои он ба таври назаррас афзудааст. Равандҳои инноватсионӣ, татбиқи технологияи нав, беҳтар намудани сифати молу маҳсулот ва хизматрасонӣ асоси пешрафти корхонаҳои савдои чакана мебошанд. Аз сабаби он, ки савдои чакана яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ буда, ба расондани молу маҳсулот ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ машғул аст, бинобар ин, самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ аз сари вакт ба молҳои зарурӣ ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ вобаста аст. Дар шароити муосир инноватсия бояд ҷузъи муҳимми фаъолияти корхонаҳои савдо бошад. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолият дар шакли молу маҳсулоти нав такмилёфта ё равандҳои технологӣ, ки дар фаъолияти амалии корхонаҳои савдои чакана истифода мешавад, баррасӣ мегардад [5,с.80].

Раванди инноватсионӣ - ин маҷмуи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, конструкторӣ ва таҷрибавӣ, инчунин фаъолият оид ба истеҳсол ва истифодаи молу маҳсулоти нав, равандҳои технологӣ ва усулҳои пешқадами ташкили идоракунӣ, истеҳсолот ва меҳнат мебошад.

Умуман, инноватсия талаб мекунад, ки технологияи савдо дар асоси татбиқ намудани равандҳои муосири технологӣ, бо назардошти истифодаи самаранокии базаи моддию техникӣ, муносиб кардании раванди тақсимоти молу маҳсулот, давраҳои навоварӣ ва ғайра такмил дода шавад.

Ғайр аз ин, ҷорӣ намудани инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана имкониятҳои зеринро ба монанди: самаранокӣ, раванди бо сифат расонидани молҳо ба истеъмолкунандагон, сарфаи хароҷотҳои муомилот, кам намудани дараҷаи талафот ҳангоми истифода бурдани майдонҳои савдо, анборҳо ва таҷҳизотҳои тиҷоратӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои гуногуни иттилоотӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати кормандон, низомҳои сарфаи энергия, техникаи бехатарӣ ва бехатарии меҳнатро фароҳам

меоварад. Вазифаи асосии навоварӣ дар савдо, ин таъмини сифати баланди раванди фурӯши мол ва тақсимоти молу маҳсулот, хизматрасонӣ ва умуман дар самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана мебошад. Аз тарафи дигар, ин ба корхонаҳои савдои чакана имкон медиҳад, ки сатҳи рақобатпазирии худро дар бозор баланд бардоранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки хоҳиши корхонаҳои савдои чакана барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, пеш аз ҳама, бо пайдоиши навовариҳо дар бозорҳои Амрико (сеть Wal-Mart) ва Иттиҳоди Аврупо, ба монанди низомҳои худхизматрасонӣ дар мағозаҳои калон, универмагҳо, супермаркетҳо ва марказҳои савдо пайваст мебошад.

Дар баробари ин, мо бартариҳои низоми худхизматрасониро аз қабили самаранок истифода бурдани майдонҳои савдо, дар мағоза ҷой додани миқдори зиёди молҳо ва то 30% зиёд кардани ассортименти молҳо дар майдони фурӯшро муҳим мешуморем. Самти дигари муҳимми навовариҳои инноватсионӣ пайдоиши кортҳои тахфифӣ барои муштариёни доимӣ дар савдои чакана мебошад. Аммо, ин муносибати махсусро талаб мекунад, вақте форматҳои нави корхонаҳои савдо ба вуҷуд меоянд, ки хусусиятҳои тарҳрезии худро доранд. Шаклҳои нави корхонаҳои савдои чакана асосан махсусгардонида шудаанд ва ба мизоҷони мушаххас нигаронида шудаанд, инчунин биноҳо ва минтақаҳои муайяни фурӯш доранд. Умуман, технологияҳои инноватсионӣ дар савдои чакана босуръат рушд меёбанд ва ин ба беҳтар шудани афзалиятҳои рақобатпазирӣ вобаста аст, ки дар маҷмуъ, ба сифати қаноатмандии муштариён мусоидат мекунад. Самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана аз самаранокии иштирокчиёни дигари каналҳои тақсимоти молу маҳсулот вобаста аст, ки аз ҷумла аз рӯи дараҷаи мувофиқати хусусиятҳои асосии онҳо ба ҳамдигар муайян карда мешавад. Дараҷаи андозаи корхонаҳои савдои чакана имкон медиҳад, ки он хусусиятҳоеро муайян кунад, ки аҳаммияти калон доранд ва истифодаи онҳо эҳтимолияти баланд бардоштани самаранокии ниҳоии корхонаи савдоро баланд мебардорад.

Бештар менеҷерони шабакаҳои савдои чакана қайд мекунанд, ки имрӯз яке аз стратегияҳои ояндадор, қонеъгардонидани талаботи муштариён на аз паст кардани нархҳо ё васеъ кардани навъҳои он, балки ҷалби муштариён бо консепсияи инноватсионии формати «мағозаи оянда» мебошад. Консепсияи инноватсионии формати «мағозаи оянда» дар татбиқи аробаи интеллектуалӣ барои харидорон, дисплейҳои иттилоотӣ барои таблиғи молу маҳсулот, нархҳои электронӣ, технологияҳои RFID (Radio Frequency Identification) мебошад, ки ҳамаи ин навовариҳо аллакай дар супермаркетҳои муосири Wal-Mart, Metro, Cash&Carry, Carrefour, Auchan ва дигар шабакаҳои савдои чаканаи бузурги ҷаҳонӣ дар амал татбиқ мешаванд.

Ба пуррагӣ ба кор андохтани ҳар як андешаҳои «инноватсионӣ» афзалиятҳои онро ба истеъмолкунандагон равшан нишон медиҳад. Ин афзалиятҳои талаботи истеъмолкунандагонро тағйир медиҳад ва қисми зиёди корхонаҳои соҳаи хизматрасониро ба татбиқ намудани технологияҳои нав водор мекунад, алалхусус аз он ки як қисми хароҷот барои RFID ва дигар навовариҳои техникӣ аз ҳисоби баланд бардоштани самаранокии равандҳои савдо, имкониятҳои комилан нав барои чорабиниҳои маркетингӣ ва фоидаи иловагии марбут ба афзоиши гардиши мол алоқаманд аст. Ба гуфтаи коршиносон, татбиқи чунин навовариҳо хароҷотҳои шабакаҳои савдои чаканаро 15-20% сарфа менамояд ва инчунин боиси коҳиши назарраси талафот аз номукаммалии низоми инвентаризатсия мегардад, ки айни замон аз 1,5 то 3% гардиши молро дар савдои чакан ташкил медиҳад [5,с.80].

Дар шароити имрӯза барои афзоиши сифати хизматрасонӣ ва боз ҳам рушд намудани корхонаҳои савдои чакана имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Ин тамоюлҳоро бо афзоиши назарраси майдонҳои савдои чакана, зиёд шудани форматҳои муосири савдо, афзоиши рақобат байни корхонаҳои савдо, рушди фаъоли соҳибкории хурду миёна ва афзоиши таъсири тиҷорати электронӣ алоқаманд кардан мумкин аст.

Хулоса, рушди иҷтимоию иқтисодии савдои чакана дар шароити муосир муносибати комплексӣ буда, аз шарикон назорати доимии тағйироти бозорро талаб мекунад. Муҳим аст, ки ҳамаи омилҳои дар боло зикргардида ба назар гирифта шаванд то, ки фаъолияти

корхонаҳои савдои чакана самаранок идора карда шаванд ва дар бозор рақобатпазир гарданд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДБССТ – Ҷумъаев Б.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Мариншоев, М.М. Формирование социально-экономического механизма развития розничной торговли (на материалах г. Душанбе): автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.М. Мариншоев. -Душанбе, 2017. -161 с.
2. Мариншоев, М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли. Монография / М.М. Мариншоев. -Душанбе: Ирфон, 2019. -150 с.
3. Мариншоев, М.М. Формирование социально-экономического механизма развития розничной торговли (на материалах г. Душанбе): автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.М. Мариншоев. -Душанбе, 2017. -24 с.
4. Мариншоев, М.М. Методические основы оценки показателей услуг розничной торговли / М.М. Мариншоев // Синергия. – 2017. -№5. -С.33-40.
5. Мариншоев, М.М. Омилҳо ва шартҳои рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе / М.М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№4-1(38). -С.79-83.
6. Мариншоев, М.М. Социально-экономические аспекты развития розничной торговли города Душанбе в современных условиях / М.М. Мариншоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. -№2/7(213). -С.90-95.
7. Фақеров, Ҳ.Н. Рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар савдои чакани шаҳри Душанбе: вазъияти муосир ва дурнамо / Ҳ.Н. Фақеров, Қ.Қ. Толибов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№4-1(33). –С.204-211.
8. Шаропов, Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия: диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Ф.Р. Шаропов. -Душанбе, 2018. -305 с.
9. Шаропов, Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Ф.Р. Шаропов. -Душанбе, 2018. -45 с.
10. Шаропов Ф.Р. Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд / Ф.Р. Шаропов, М.Д. Лутфуллоев, С.С. Амонов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. -№1(86). -С.89-95.
11. Ҳабибов, С. Вазъ ва тамоюли рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе дар солҳои 2000-2020 / С. Ҳабибов, С.С. Амонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№1(40). -С.55-66.


## ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Дар мақола омилҳои асосии муайянкунанди рушди иҷтимоию иқтисодии савдои чакана дар шароити муосир баррасӣ шудааст. Муаллиф омилҳои асосии муайянкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии савдои чаканаро муайян намуда, зикр кардааст, ки ба суръати рушди савдои чакана омилҳои танзими давлатии иқтисодиёт, вазъи иҷтимоию-иқтисодӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, сатҳи нархи молҳо, даромади пулии аҳолӣ, сиёсати иқтисодии давлат, фаъолияти савдои беруна, рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсир мерасонанд. Асоснок карда шудааст, ки омилҳои номбаршуда на танҳо дар самтҳои гуногун ба рушди сегменти савдои чакана, балки ба суръати рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, сатҳи шуғли аҳолӣ, даромади пулии онҳо таъсир мерасонанд. Муайян карда шудааст, ки барои афзоиши сифати хизматрасонӣ ва боз ҳам самараноктар рушд ёфтани корхонаҳои савдои чакана имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ин тамоюлҳоро бо афзоиши назарраси майдонҳои савдои чакана, зиёд шудани форматҳои муосири савдои чакана, афзоиши рақобат байни корхонаҳои савдо, рушди фаъоли соҳибкории хурду миёна ва афзоиши таъсири савдои электронӣ алоқаманд кардан мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** корхонаҳои савдои чакана, омилҳои асосӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суръати рушди савдои чакана, хизматрасонӣ, бозори истеъмолӣ, инноватсия, технология, рақобатпазирӣ.


## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В статье рассмотрены основные факторы, определяющие социально-экономическое развитие розничной торговли в современных условиях. Автор выделил основные факторы, определяющие социально-экономическое развитие розничной торговли, указал, что на темпы развития розничной торговли влияют факторы государственного регулирования экономики, социально-экономическая ситуация, производство потребительских товаров, уровень цен на товары, денежные доходы населения, экономическая политика государства, внешнеторговая деятельность и развитие других сфер экономики. Обосновано, что перечисленные факторы влияют не только на развитие сегмента розничной торговли по разным направлениям, но и на скорость развития всех отраслей национальной экономики, объем и структуру производства, уровень занятости населения и их денежные доходы. Установлено, что существует множество возможностей для повышения качества обслуживания и дальнейшего развития предприятий розничной торговли, данные тенденции сопровождаются значительным

увеличением площадей розничной торговли, увеличением современных форматов розничной торговли, усилением конкуренции между торговыми предприятиями, активным развитием малого и среднего бизнеса и увеличением эффекта от электронной торговли.

**Ключевые слова:** предприятия розничной торговли, основные факторы, социально-экономическое развитие, темпы развития розничной торговли, услуги, потребительский рынок, инновации, технологии, конкурентоспособность**.**

**MAIN FACTORS DETERMINING THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF RETAIL TRADE IN MODERN CONDITIONS**

The main factors determining the socio-economic development of retail trade in modern conditions are discussed in the article. The author identified the main factors determining the socio-economic development of retail trade and mentioned that the speed of retail trade development is influenced by the factors of state regulation of the economy, socio-economic situation, production of consumer goods, price level of goods, monetary income of the population, economic policy of the state, foreign trade activity, affect the development of other areas of the economy. It is substantiated that the listed factors affect not only the development of the retail trade segment in different directions, but also the speed of development of all sectors of the national economy, the volume and structure of production, the level of employment of the population, and their monetary income. It has been determined that there are many opportunities for increasing the quality of services and further development of retail trade enterprises, these trends are accompanied by a significant increase in retail trade areas, an increase in modern retail trade formats, an increase in competition between trade enterprises, active development of small and medium-sized enterprises and an increase in the effect of distance trade can be related.

**Keywords**: retail trade enterprises, main factors, socio-economic development, rate of retail trade development, services, consumer market, innovation, technology, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мариншоев Муқбил Мунавваршоевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбада, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-44-41-33**

**Сведения об авторе:** ***Мариншоев Мукбил Мунавваршоевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-44-41-33**

**Information about the author:** ***Marinshoev Mukbil Munavvarshoevich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory and Entrepreneurship. **Address**: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-44-41-33**

ТДУ: 339.08(575.3)

# БЕКОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

*Каримова С.Ф., Камилова Н.М.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Бекорӣ ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ ба зиндагии мардуми одӣ таъсир мерасонад, ки ин дар коҳиши даромади оилавӣ, пайдоиши бемориҳо дар пасманзари афсурдагӣ зоҳир мешавад, инчунин одамон ба ояндаи худ нобовар мешаванд. Хароҷоти иқтисодии бекорӣ мисли оқибатҳои иҷтимоӣ муҳим аст. Аввалан, ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ кам мешавад, ки ин боиси кам шудани маҳсулоти дохилӣ мегардад, дуюм, кам шудани андоз ва кам шудани манбаи андоз.

Мушкилоти бекорӣ дар тамоми ҷаҳон дар ҷойи аввал меистад. Тибқи маълумоти Созмони байналмилалии меҳнат, дар соли 2017 шумораи бекорон дар ҷаҳон ба 192,7 миллион нафар, дар соли 2019 ба 188 миллион нафар ва дар соли 2020 ба 190,5 миллион нафар расидааст. Шумораи бекорон дар саросари ҷаҳон дар охири соли 2022 205,2 миллион нафарро ташкил дод - ин нисбат ба соли 2021 11,2 миллион нафар камтар, 216,4 миллион нафар аст.

Дар соли 2023 тибқи пешгӯиҳои СБМ, шумораи бекорон 3 миллион нафар афзуда, ба 208,2 миллион нафар ва дар соли 2024 ба 210,9 миллион нафар мерасад.

Нақши бекорӣ ҳамчун омили ноустувории иқтисодӣ бо имрӯз маҳдуд намешавад. Бад шудани сифати сармояи инсонӣ боиси оқибатҳои дарозмуддати хароҷоти сатҳи баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегардад. Мутахассисони соҳибихтисос, ки бекор мемонанд, тадриҷан маҳорату ихтисоси худро гум мекунанд. Муҳоҷирати аҳолӣ берун аз ҷумҳурӣ тадриҷан меафзояд. Афзоиши муҳоҷират маънои онро дорад, ки дар сурати рушди иқтисодӣ қонеъ гардонидани талабот ба мутахассисони варзида мушкил мегардад. Дар ин сурат рушди иқтисодӣ суст шуда, сармояи сармоягузорӣ кам мешавад ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имконнопазир мегардад.

Таърихи таълимоти иқтисодӣ қонунӣ будани истифодаи мафҳуми «бекорӣ»-ро дар лексикаи иқтисодшиносони муосир асоснок кардааст. Истилоҳи «бекорӣ» бори нахуст соли 1911 дар Энсиклопедияи Британи тавсиф шудааст ва соли 1915 ин истилоҳ дар гузориши Вазорати меҳнати ИМА истифода шудааст. Яке аз аввалин тавзеҳоти сабабҳои бекорӣ дар асари намояндаи иқтисоди сиёсии классикӣ Т.Мальтус «Таҷриба дар бораи қонуни аҳолӣ» дода шудааст [6]. Назарияи бекориро намояндагони мактаби неоклассикӣ низ меомӯхтанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки бозори меҳнат аз рӯи принсипи нархи мувозинат амал мекунад ва омили танзимкунандаи талабот ва пешниҳод музди меҳнат аст. Дар ин асос, агар бозор дар мувозинат бошад, бекорӣ имконнопазир аст. Барои муайян кардани мафҳуми бекорӣ, мафҳуми «бозори меҳнат»-ро муайян кардан лозим аст.

Бозори меҳнат соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ мебошад. Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мафҳуми бозори меҳнат ҳамчун падидаи иқтисодӣ чанд нуқтаи назар мавҷуд аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ба ақидаи аксари муҳаққиқон ин «шакли иҷтимоию иқтисодии ҳаракати коргарӣ, ки ба иқтисоди бозорӣ мувофиқ аст» [1].

Иқтисодиёти муосир панҷ намуди бекориро муайян мекунад:

**Бекории табиӣ -** ин ҳиссаи шумораи умумии бекорон дар қувваи корӣ дар давраи суботи иқтисодӣ мебошад [14]. Бекории табиӣ, инчунин дар бекории фриксионӣ ва сохторӣ зоҳир мешавад, ки барои онҳо мафҳуми маъмулист.

**Бекории фриксионалӣ -** вақте ба вуҷуд меояд, ки мутахассисони дорои сатҳи муайяни омодагӣ ва тахассуси касбӣ муваққатан дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд. Ба ин шахсони бекор дохил мешаванд: ҷавононе, ки баъди хатми донишкада бори аввал кор мекобанд; бо фармони маъмурият ё бо хоҳиши худашон аз кор озод карда шудаанд; коргарони мавсимӣ (берун аз мавсим).

**Бекорҳои сохторӣ -** сокинони тамоми минтақаҳое мебошанд, ки дар он корхонаҳое мутамарказ шудаанд, ки маҳсулоташон талабот надошт ва ё талабот дошт, балки ба ҳаҷми хурд [2; 3].

**Бекории давравӣ -** дар давраи таназзули иқтисодӣ ё бухронҳо дар натиҷаи тағйирёбии фаъолияти соҳибкорӣ ба амал меояд.

**Бекории пинҳон -** ҳолати шуғлиест, ки дар он равандҳои ҷудошавии иҷтимоӣ ва пастравии иҷтимоии шахси меҳнатӣ инкишоф ёфта, ба вазъи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ аз нишондиҳандаҳои берунии шуғл ва мавҷудияти шуғл таъсири назаррас мерасонад.

Дар давоми тамоми таърихи илм, дар байни иқтисодчиён дар бораи сабабҳои бекорӣ ақидаи ягона вуҷуд надошт. Аммо ба ҳар ҳол, тибқи асарҳои онҳо, сабабҳои асосии пайдоиши онро метавон муайян кард:

– афзоиши босуръати аҳолӣ;

– дар зери фишори амалиёти иттифоқҳои касаба ва фаъолияти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ аз сатҳи мувозинат зиёд муқаррар намудани меъёри музди меҳнат;

– дар давраи инқилоби илмию техникӣ бо капитал ҷой додани қувваи коргарӣ;

– талаботи кам ба қувваи корӣ;

– ноустувории бозори меҳнат вобаста ба хусусиятҳои маҳсулот – меҳнат.

Ҳамин тавр, мо бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки бекорӣ ҳамсафари доимии иқтисоди бозаргонист.

Дар айни замон, дар ҷаҳон чаҳор сиёсати пурқувваттарин вуҷуд доранд, ки ба пешгирии бекорӣ нигаронида шудаанд: Скандинавия, Аврупо, Амрико ва Ҷопон [7; 11].

Шаҳрвандони Тоҷикистон дар бахшҳои воқеии иқтисод, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат бо кори доимӣ ё мавсимӣ беш аз 3 миллион нафарро ташкил дода, дар як сол ба маблағи тақрибан 2 миллиард доллари ИМА маҳсулот истеҳсол мекунанд, дар ҳоле ки беш аз 70%-и ин барои хароҷот, аз ҷумла барои харидани сӯзишворӣ, нуриҳои маъданӣ, ашёи хом ва ғайра сарф карда мешавад, ки натиҷаи софи фаъолияти онҳо дар як сол қариб 300 миллион долларро ташкил медиҳад. Аммо муҳоҷирони корие, ки дар хориҷ аз кишвар кор мекунанд, ҳудуди 1 миллион нафарро ташкил медиҳад, вале онҳо дар як сол ба кишвар ба маблағи 3-4 миллиард доллари амрикоӣ даромад меоранд, ки ин нисбат ба коргарони дар бозори дохилӣ кордошта қариб 10 маротиба бештар аст. Ин маънои онро дорад, ки иқтисоди Тоҷикистон аз омилҳои беруна сахт вобаста аст ва агар мушкили муҳоҷирати корӣ ва даромаднокии онҳо ба миён ояд, ба Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар ҷадвали 1 ҳаҷми интиқоли пул аз Русия ба Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми интиқоли пул аз Русия ба Тоҷикистон, бо миллиард доллар**
**Table 1. Volume of remittances from Russia to Tajikistan, in billions of dollars**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нишондиҳандаҳо | 2,536 | 2,541 | 1,800 | 1,741 | 1,795 | 1,347 |

Сарчашма: Солномаи омори Тоҷикистон. - 2022 [11]

Пас аз ба даст овардани истиқлолият аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби шаҳрвандони ҷавон, ки барои кор ба кишварҳои дигар, асосан ба Русия мераванд, зиндагӣ мекунанд. Маблағҳои интиқолии муҳоҷирони корӣ ба кишвар ҳадди ақал 40%-и ММД-ро ташкил медиҳанд.

Бино ба маълумоти рӯзи 16 марти нашркардаи Бонки марказии Федератсияи Русия, ҳаҷми интиқоли пул ба Тоҷикистон дар соли 2021 1 миллиарду 795 миллион долларро ташкил додааст. Як сол пеш ин интиқолҳо $1 млрд 741 млн.-ро ташкил медоданд. Маблағи миёнаи як интиқол дар соли 2021 $160-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 $9 зиёд аст.

Дар ҳамин ҳол, коҳиши якбораи ҳаҷми интиқоли пул аз Русия ба Тоҷикистон – 25% – аз 1 миллиарду 795 миллион доллар дар соли 2021 то ба 1 миллиарду 346 миллиону 250 ҳазор доллар дар соли 2022 пешбинӣ шуда буд [15].

Ҳаҷми интиқоли пул аз Русия ба Тоҷикистон, бо миллиард доллар дар расми 1 равшантар нишон дода шудааст [9].

Бекорӣ як мушкилии иқтисодиёти Тоҷикистон аст, ки ба рушди иқтисодӣ, ҳосилнокӣ ва сатҳи фақр таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, сатҳи бекорӣ дар Тоҷикистон дар соли 2022 10,3% буд. Аммо коршиносон бар ин назаранд, ки сатҳи воқеии бекорӣ ба далели бекории пинҳонӣ ва нопурра метавонад

бештар бошад [4]. Дар ҷадвали 2 шумораи шуғл дар хоҷагии халқ ва шумораи бекороне, ки дар хадамоти шуғли аҳолӣ расмӣ ба қайд гирифта шудаанд, нишон дода шудаанд.

**Расми 1. Ҳаҷми интиқоли маблағ аз Русия ба Тоҷикистон, бо миллиард доллар**
**Figure 1. Volume of remittances from Russia to Tajikistan, in billions of dollars**




**Ҷадвали 2. Сатҳи шуғл дар хоҷагии халқ ва шумораи бекорон дар Ҷмҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. The level of employment in the national economy and the number of unemployed in the Republic of Tajikistan**

| Солҳо | Шуғл дар хоҷагии халқ, ҳаз.нафар. | Шумораи бекороне, ки дар хадамоти шуғли аҳолӣ расман ба қайд гирифта шудаанд | |
|---|---|---|---|
| | | ҳаз.нафар. | % |
| 2000 | 1829 | 43 | 2,35 |
| 2005 | 2112 | 44 | 2,08 |
| 2010 | 2233 | 48 | 2,15 |
| 2015 | 2379,7 | 51 | 2,14 |
| 2016 | 2385,3 | 53 | 2,22 |
| 2017 | 2407,0 | 50 | 2,08 |
| 2018 | 2425,5 | 52 | 2,14 |
| 2019 | 2463,4 | 51 | 2,07 |
| 2020 | 2506,2 | 51 | 2,03 |
| 2021 | 2533,5 | 55 | 2,17 |
| 2022 | 2545, | 55 | 2,16 |

Сарчашма: Солномаи омори Тоҷикистон. - 2023 [12]

Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки сарфи назар аз афзоиши шуғл дар иқтисодиёти миллӣ, сатҳи бекорӣ низ майли афзоиш дорад. Агар дар соли 2018 ҳиссаи бекорон нисбат ба шумораи умумии бо кор таъминшуда 2,14%-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2022 ин ҳиссаи бекорон 2,16%-ро ташкил дод.

Сабабҳои асосии бекорӣ дар Тоҷикистон инҳоянд:

− рушди сусти иқтисодӣ;
− сатҳи пасти сармоягузорӣ;
− мутобиқати байни малакаҳои қувваи корӣ ва талаботи бозори меҳнат;
− мавсимӣ будани бахши кишоварзӣ.

Бекорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон аз чанд ҷиҳат таъсири манфӣ мерасонад:

–бекорон наметавонанд дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ саҳм гузоранд, ки боиси коҳиши рушди умумии иқтисодӣ мегардад;

–бекорӣ маҳсулнокии қувваи кориро коҳиш медиҳад, зеро бекорон малака ва ҳавасмандии худро аз даст медиҳанд;

–бекорӣ аксар вақт боиси аз даст додани даромад ва афзоиши камбизоатӣ мегардад.

Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоте хос аст, ки ба ҳам зич алоқаманд буда, раванди ташаккули сифати сармояи инсонӣ, тамоюлҳои арзишӣ ва қолабҳои хосси одамони насли навро мураккаб мегардонанд. Дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовут байни суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва суръати нокифояи таъсиси ҷойҳои кори муносиб бартарӣ дорад. Дар байни сифати қувваи корӣ ва талаботи тахассусии касбии корфармоён низ номутобиқатӣ вуҷуд дорад. Дар бозори меҳнат сарфи назар аз мавҷуд будани қувваи кории бекор, ки тахассуси зарурӣ надоранд, аллакай нарасидани кадрҳои соҳибихтисос, махсусан коркунони муҳандиси-техникӣ, коргарони баландихтисоси соҳаи саноат ҳис карда мешавад. Дар асоси ин як қатор тадбирҳо оид ба рушди соҳибкории хурд барои ҳалли мушкилот пешниҳод карда шуданд [11; 13].

Ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо оид ба рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд [5]:

– Барномаи миёнамуҳлати рушди ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014 таҳти №1107 «Дар бораи ҳифзи давлатии соҳибкорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ» (бо тағйироту иловаҳо аз 2 январи соли 2020).

– Дастгирии соҳибкории хурд: Барномаҳои давлатӣ 2020.

Барои кумак ба соҳибкорон давлат ҳар сол маблағи калон ҷудо мекунад. Бисёре аз онҳо чанд сол боз амал мекунанд, аммо то ҳол на ҳама соҳибкорон дар бораи истифодаи онҳо тасаввуроте надоштанд. Давлат омода аст, ки ба соҳибкорон кумак расонад:

– моддӣ – барномаҳои дастгирии соҳибкории хурд бо пардохти субсидияҳо;

– амвол – соҳибкорон метавонанд амволеро, ки ба давлат тааллуқ доранд, ройгон ё бо шартҳои махсус истифода баранд;

– иттилоотӣ – системаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, маълумотӣ ва иттилоотӣ, захираҳои расмӣ барои таъмини субъектҳои хоҷагидор бо маълумоти нав таъсис дода мешаванд;

– машваратӣ – дастгирии соҳибкорони хурд дар соли ҷорӣ кумак дар шакли дастгирии машваратии тахассусиро дар назар дорад;

– тарбиявӣ – таҳияи барномаҳои омодагӣ барои кормандон, баланд бардоштани тахассуси онҳо.

Тадбирҳо оид ба паст кардани сатҳи бекорӣ:

а) таъсиси ҷойҳои нави корӣ тавассути сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва дигар барномаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ;

б) дар ҷумҳурӣ рушд додани соҳибкории хурд ба ҳалли масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ ёрӣ мерасонад. Корхонаҳои хурд метавонанд ҷойҳои кории ками сармояро таъсис диҳанд. Пешбурди ташаббуси соҳибкории шаҳрвандони бекор имкон медиҳад, ки сатҳи бекорон паст карда, бозор на танҳо бо молу хизматҳои доимии талабот, балки бо навъҳои нави маҳсулот ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад;

в) дар корхонаҳои мавҷуда аз ҳисоби дотатсияи буҷет истифода бурдани қувваи кори иловагӣ боиси паст шудани дараҷаи бекорӣ мегардад. Ин намуд метавонад ҳангоми қарз додани музди меҳнати коргарони иловагӣ рух диҳад;

г) додани ҷойҳои иловагии ба фаъолияти ҷамъиятӣ вобаста, яъне на ба фоидаи корхона, балки, масалан, ба кори соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҳифзи истеъмолкунандагон ва ғайра нигаронида шудааст;

д) баланд бардоштани дараҷаи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ ба рушди минбаъда ва васеъ намудани истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ ва сайёҳӣ таъмин кардан мумкин аст;

ж) дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо;

и) ташаккули низоми институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон.

Бо татбиқи ҳамаи тадбирҳо дар сатҳи давлатӣ ва рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сатҳи бекорӣ паст шавад.

Илова бар оқибатҳои иқтисодӣ, бекорӣ инчунин оқибатҳои манфии иҷтимоӣ дорад, аз қабили солимии равонӣ, ҷинояткорӣ ва ҷудошавии иҷтимоӣ. Бекорӣ метавонад ба депрессия, изтироб ва дигар мушкилоти солимии равонӣ оварда расонад ва инчунин метавонад одамонро ба содир кардани ҷиноят дар ҷустуҷӯи даромад водор кунад. Одамони бекор аксар вақт худро танҳо ва доғдор ҳис мекунанд.

Аз ин лиҳоз, бекорӣ як чолишҳои ҷиддӣ барои иқтисоди Тоҷикистон аст. Он ба афзоиши иқтисодиёт, ҳосилнокии меҳнат, камбизоатӣ ва некуаҳволии иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли ин мушкилот талош дорад, аммо бояд корҳои бештаре анҷом дода шаванд. Сиёсати самараноки шуғл, ки ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, рушди малакаҳо ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар бахши хусусӣ нигаронида шудааст, барои мубориза бо бекорӣ ва беҳбуди ояндаи иқтисоди Тоҷикистон муҳим аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ**
**ба номи ак. М.С. Осимӣ – Ашуров К.Р**

**АДАБИЁТ**


1. Авдеева Е.А. Безработица, её особенности и основные направления регулирования в Российской Федерации 08.00.05. - Экономика и управление народным хозяйством: экономика труда/ Е.А. Авдеева. -Воронеж: ВГАСУ, 2003. -204 с.
2. Аникина Е.А. Экономическая теория: учебник / Е.А. Аникина, Л.И. Гавриленко. – Томск: Изд-во Томского политехнического университета, 2014. – 413 с.
3. Бобоҷонов Р.М. Сиёсати таъмини шуғли аҳолӣ ҳамчун қисми таркибии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ / Р.М. Бобоҷонов // Институти таҳқиқоти илмии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ДТИ Тоҷикистон. - 2017. -№4(15). -С.25-99.
4. Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan
5. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 ва дурнамои кӯтоҳмуддат. − Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -103 с.; Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2017. -251 с.
6. Вертакова Ю.В. Управление инновациями теория и практика учеб. пособие / Ю.В. Вертакова, Е.С. Симоненко. - М.: Эксмо, 2008. -432 с.
7. Колесник А.В. Методы борьбы с безработицей / А.В. Колесник // Управління розвитком. - 2013. -№19. -С.113-115.
8. Кононкова Н. Малый бизнес как источник экономического роста / Н. Кононкова, С. Ширяева // Проблемы теории и практики управления. - 2014. -№9. -С.114-119.
9. Омори солнонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -702 с.
11. Рыбакова М.В. Интеграция Таджикистана в Евразийское пространство: проблемы и перспективы / М.В. Рыбакова. –2016. -№57. –С.16-198.
12. Сидоров В.А. экономическая теория: учебник для вузов / В.А. Сидоров. –Краснодар, 2014. -С.299-305.
13. Смирницкий Е.К. Экономические показатели бизнеса: справочник / Е.К. Смирницкий. -М.: Экзамен, 2002. -512 с.
14. Томпсон А.А. Стратегический менеджмент. Перевод с английского / А.А. Томпсон, А.Дж. Стрикленд. –М., 1998. -576 с.
15. Центральный банк Российский Федерации. [Электронный ресурс]. URL: https://www.cbr.ru/


## БЕКОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилоти бекорӣ дар Тоҷикистон ва оқибатҳои он барои иқтисодиёт оварда шудааст. Аҳаммияти ин матлаб дар он аст, ки бекорӣ як мушкили ҷиддиест, ки бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, рӯбарӯ ҳастанд. Бекорӣ барои иқтисодиёт ва умуман ҷамъият оқибатҳои калони манфӣ дорад. Ба хароҷоти иқтисодӣ, ки бекорӣ меорад, диққат додан лозим аст. Пеш аз ҳама, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ кам мешавад, дуюм, кам шудани андоз ва кам шудани манбаи андоз. Дар натиҷа, дараҷаи зиндагонии аҳолӣ паст мешавад. Дар мақола сабабҳо ва оқибатҳои бекорӣ дар Тоҷикистон таҳлил шудааст. Ба таъсири бекорӣ ба афзоиши иқтисодиёт, ҳосилнокии меҳнат ва камбизоатӣ диққати махсус дода мешавад. Дар матлаб зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазири мубориза бо бекорӣ, ки барои рушди иқтисоди Тоҷикистон мушкили ҷиддӣ эҷод мекунад, таъкид шудааст. Дар мақола фаҳмиши мушкилот ва тавсияҳои амалӣ барои ҳалли он пешниҳод карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** иқтисод, бекорӣ, камбизоатӣ, хароҷот, рушд, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, андозҳо, андозбандӣ, молия, суботи молиявӣ.

**БЕЗРАБОТИЦА И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ ТАДЖИКИСТАНА**

В статье представлен всесторонний анализ проблемы безработицы в Таджикистане и её последствий для экономики. Актуальность данной статьи заключается в том, что безработица является серьезной проблемой, с которой сталкиваются многие страны, включая Таджикистан. Безработица имеет значительные негативные последствия для экономики и общества в целом. Стоит уделить внимание и экономическим издержкам, которые несет за собой безработица. Во-первых, уменьшается объем производства валового внутреннего продукта, во-вторых, происходит уменьшение налогов и уменьшение налогооблагаемой базы, в следствие чего падает уровень жизни населения. В статье анализируются причины и последствия безработицы в Таджикистане. Особое внимание уделяется влиянию безработицы на экономический рост, производительность и уровень бедности. Статья подчеркивает необходимость срочных мер по борьбе с безработицей, которая представляет собой серьезный вызов для экономического развития Таджикистана. В статье дается понимание проблемы и предлагаются практические рекомендации для ее решения.

**Ключевые слова:** экономика, безработица, бедность, издержки, развитие, валовой внутренний продукт, налоги, налогообложение, финансы, финансовая устойчивость.

**UNEMPLOYMENT AND ITS IMPACT ON THE ECONOMY OF TAJIKISTAN**

The article presents a comprehensive analysis of the problem of unemployment in Tajikistan and its consequences for the economy. The relevance of this article lies in the fact that unemployment is a serious problem faced by many countries, including Tajikistan. Unemployment has significant negative consequences for the economy and society as a whole. It is worth paying attention to the economic costs that unemployment entails. Firstly, the volume of gross domestic product production decreases, and secondly, there is a reduction in taxes and a reduction in the tax base, as a result of which the standard of living of the population falls. The article analyzes the causes and consequences of unemployment in Tajikistan. Particular attention is paid to the impact of unemployment on economic growth, productivity and poverty. The article emphasizes the need for urgent measures to combat unemployment, which poses a serious challenge to the economic development of Tajikistan. The article provides an understanding of the problem and offers practical recommendations for solving it.

**Keywords**: economy, unemployment, poverty, costs, development, gross domestic product, taxes, taxation, finance, financial stability.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримова Сановбар Фарҳодовна*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар итсеҳсолот. **Суроға:** 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **936-00-62-82.** E-mail: **sanavbar.karimova@mail.ru**

***Камилова Нигина Муҳамадавазовна*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, доктори фалсафа (Ph.D), ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар итсеҳсолот. **Суроға:** 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **933-32-06-06**. E-mail: **nk_1777bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Каримова Сановбар Фарходовна*** - Таджикский технический университет, старший преподаватель кафедры экономики и управления производством. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **936-00-62-82.** E-mail: **sanavbar.karimova@mail.ru**

***Камилова Нигина Мухамадавазовна*** - Таджикский технический университет, доктор философии (PhD), ассистент кафедры экономики и управления производством. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **933-32-06-06**. E-mail: **nk_1777bk.ru**

**Information about the authors:** ***Karimova Sanovbar Farhodovna*** - Tajik Technical University, senior lecturer at the Department of Economics and Production Management. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **936-00-62-82.** E-mail: **sanavbar.karimova@mail.ru**

***Nigina Muhamadavazovna Kamilova*** **-** Tajik Technical University, Doctor of Philosophy (PhD), assistant at the Department of Economics and Production Management. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **933-32-06-06.** E-mail: **nk_1777bk.ru**

ТДУ: 338.431(575.3)

# АРЗЁБИИ ВАЗЪИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

*Саидзода Қ.С., Қурбонов А.К.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, 9 сентябри соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, истиқлолияти давлатии худро эълом дошт. Ба даст овардани истиқлолият барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам овард. Аммо мушкилоти дар чаҳорчӯбаи низоми иқтисоди нақшавии марказонидашуда, канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳои наздику дур бамиёномада, боиси таназзул ёфтани иқтисод гардид. Дар маҷмуъ, мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва оғози ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон вазъиятро боз ҳам сангин намуда буд.

Дар аввали солҳои 90-уми асри XX сохтори идоракунии давлатӣ фалаҷ гардида, иқтисодиёт ба буҳрони шадиди иқтисодӣ, ки боиси пастравии сатҳи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот гашта буд, мувоҷеҳ шуд. Дар шароити буҳрони амиқи иқтисодӣ, яке аз роҳҳои баромадан аз чунин вазъ интихоби низоми иқтисоди бозорӣ буд, ки ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб мерафт.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2012 дар мулоқот бо соҳибкорони кишвар, чунин ибрози андеша намуда буданд: «Рушди соҳибкории хурду миёна ва мусоидати ҳамаҷонибаи ташаккулёбию рушди он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкорӣ яке аз роҳҳои алтернативӣ дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, зиёд намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад” [6].

Ҳалли бомуваффақияти ҳадафи стратегии давлат дар замони муосир, яъне давра ба давра баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, ки ҳамеша аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ дорад, ба вазъи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт иртиботи ногусастанӣ дорад. Аз ин лиҳоз, соҳибкории истеҳсолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодӣ маҳсуб ёфта, таҳкиму инкишофи ҳамаҷонибаи он ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар мамлакат, беҳтар намудани вазъияти бозори маводи истеъмолӣ тариқи таъмини он бо молу хизматрасониҳои гуногун ва баландсифат, қонеъ гардонидани тақозои тағйирёбандаи истеъмолгарон мусоидат мекунад.

Рушди соҳибкорӣ дар аксари соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ, нақлиёт, хизматрасонии маишӣ, савдо, хӯроки омма ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамчун шарти муҳимми зина ба зина баланд бардоштани сатҳи самаранокии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, чун омили муассири рақобатпазирӣ дар муҳити нави иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо роҳи қабули қонунҳои ба талаботи шароити нави давлатдорию хоҷагидории бозорӣ ҷавобгӯй, татбиқи пайгиронаи ислоҳот, мутобиқ кардани иқтисодиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти судманд ва рушди бемайлони иқтисоди миллӣ таъмин карда шуд. Ин боис гашт, ки дар баробари таъмини сулҳу суботи пойдор дар Тоҷикистон, рушди босуръати иқтисодиёт оғоз гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ сол то сол бемайлон афзоиш ёфт.

Тавре ки маълум аст, дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷуиҳурии Тоҷикистон солҳои охир ҳиссаи бештар ба соҳаҳои хизматрасонӣ (45-47%) ва кишоварзӣ (21-23%) рост меояд. Дар ҳар ду соҳаи воқеии иқтисодиёти миллӣ соҳибкорӣ маҳаки асосии рушд буда, ҳиссаи бештари маҷмуи маҳсулоти ин соҳаҳо ба соҳибкорӣ рост меояд. Дар дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ба монанди саноату сохтмон низ, соҳибкорӣ ҳиссаи назаррас дорад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Афзоиши суръати маҷмуи маҳсулоти дохилии ҳарсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2022 (%)**
**Diagram 1. Growth rate of annual gross domestic product of the Republic of Tajikistan in 2010-2022 (%)**




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омории “Вазъи иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2011. -С.151; 2023. -С.214.

Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки сол то сол саҳми соҳибкорӣ дар иқтисодиёт афзуда, шуруъ аз соли 2011, зиёда аз нисфи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (диаграммаи 2) аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурду миёна истеҳсол карда мешавад.

**Диаграммаи 2. Ҳиссаи ҳамаи соҳаҳои бахши соҳибкорӣ дар ММД-и Тоҷикистон (бо фоиз)**
**Diagram 2. The share of all business sectors in the GDP of Tajikistan (in percentage)**




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омории «Вазъи иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2011. -С.151; 2023. -С.156-256.

Тавре мебинем, ҳиссаи ин бахш дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ сол ба сол бемайлон афзудааст, вале соли 2016 нисбат ба соли 2015 каме (4,1 банди фоизӣ) коҳиш ёфтааст. Вале соли 2022 ин нишондиҳанда ба 64,1% баробар шудааст. Ба истифода додани корхонаҳои нав – шахсони ҳуқуқии ба гурӯҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна вориднашаванда ва рушди босуръати соҳаи саноат (20,8%) дар соли 2022, сабабҳои асосии раванди мазкур маҳсуб меёбанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ на фақат ташаккулдиҳандаи ҳиссаи асосии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, балки бавуҷудоварандаи шумораи бештари ҷойҳои нави корӣ низ ба шумор меравад. Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, қисми зиёди аҳолии он - 71,2% дар деҳот зиндагӣ мекунанд [3,с.32]. Аз ин рӯ, субъектҳои соҳибкорӣ таъминкунандаи асосии мардуми деҳот бо ҷойҳои корӣ мебошанд.

Бахши хусусӣ вобаста ба хусусиятҳои имрӯзаи хоҷагидорӣ дар Тоҷикистон асосан аз ҳисоби субъектҳои соҳибкорӣ ташаккул ёфтааст ва ба санаи 1 январи соли 2023 он 1747801 нафар ё 67,1%-и (диаграммаи 3) аҳолии қобили меҳнатро бо ҷойи кор таъмин менамояд.

**Диаграммаи 3. Ҳиссаи ҳамаи соҳаҳои бахши соҳибкорӣ дар шуғли аҳолии Тоҷикистон (бо фоиз)**
**Diagram 3. The share of all business sectors in the employment of the population of Tajikistan (in percentage)**




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омории «Вазъи иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2011. -С.151; 2023. -С.156-256.

Тавре аз диаграммаи 3 бармеояд, рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ба афзоиши мунтазами ҷойҳои корӣ мусоидат намуда истодааст. Соли 2022 ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар шуғли аҳолӣ нисбати соли 2021 каме (0,8 банди фоизӣ) афзоиш ёфтааст, ки ба мушкилоти иқтисодии солҳои охир ва нисбатан кам шудани суръати афзоиши шумораю нишондиҳандаҳои макроиқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ вобаста аст. Дар такя ба таҷрибаи солҳои гузашта метавон тахмин кард, ки истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ дар ин бахш боз афзоиш хоҳад ёфт.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ омили пешбарандаи иқтисодиёти ҳар як давлат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Чунки таъмин намудани талаботи гуногуни доираи васеи истеъмолкунандагон айни замон маҳз ба зиммаи ин шакли соҳибкорӣ вогузор шудааст. Сиёсати давлатӣ дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт, инчунин, тавассути таҳия ва амалисозии барномаҳои дарозмуддати дастгирии давлатии соҳибкорӣ таъмин карда мешавад. Дар заминаи онҳо барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ таҳрезӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, чорабиниҳои дигари мусоидаткунанда оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ коркард ва пешниҳод карда мешаванд.

Ҳама гуна чорабиниҳои зикргардида танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи аграриро бояд дар ҳама сатҳ таъмин намоянд. Аз ҷумла, фаъолияти соҳибкорӣ бояд сармоягузорӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар бахши аграрӣ таъмин намуда, ба рушди ҳама намуди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат кунад.

Истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бе ворид намудани технологияҳои нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад [7]. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки дар панҷ соли охир беш аз 10 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ба

маблағи 570 миллион сомонӣ ворид гардида, барои ин дар ҳаҷми беш аз 200 миллион сомонӣ имтиёзҳо татбиқ гардиданд [7]. Инчунин, тайи ду соли охир татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ гардида, тадбирҳои афзалиятноки давраи аввали он ба "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" ворид шудаанд ва нишондиҳандаҳои маҷмуии рушди иқтисодӣ асосан иҷро гардидаанд. Барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар ин давра аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 36 миллиард сомонӣ ҷудо гардида, дар солҳои 2018-2020 ба ин мақсад равона сохтани қариб 70 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд [7].

Чунин ҳадафҳо имконият медиҳанд, ки ба масъалаи фароҳам овардани фазои мусоид ва ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар маҳалҳо эътибори аввалиндараҷа диҳем. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки дастгирӣ ва рушди соҳибкории аграрӣ дар ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории хурду миёнаи бахши аграрӣ, ки ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири системаи иҷтимоию иқтисодии кишвар амал мекунад, суръати рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо ва инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодро муайян мекунад, инчунин, аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ дошта, масоили бекорӣ ва таъмини амнияти озуқавориро ҳаллу фасл мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ва гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ дар натиҷаи таҷдиди колхозу совхозҳо ва дар заминаи онҳо таъсис додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ба мисли: хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, коллективӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраҳо, фаъолияти соҳаи мазкур мазмун ва хусусияти навро касб кард. Ин соҳаи муҳим барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳама вақт нақши муҳим дорад. Маҳз бо назардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар мавриди баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолоти соҳаи мазкур тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Айни замон дар ин соҳаи муҳимми иқтисодиёт ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 178400 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 147 хоҷагии давлатӣ, 120 иттиҳодияи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 4622 хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 222 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 621 хоҷагии ёрирасон дар назди корхонаю ташкилоти кишоварзӣ ва 172668 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият доранд [2,с.9]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаи аграрӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муҳим мебозад.

Дар ҷадвали 1 оид ба шумораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда аз рӯйи шакли моликият дар соҳаи кишоварзӣ маълумот пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 1. Шумораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда аз рӯйи шакли моликият дар соҳаи кишоварзӣ (адад)**

**Table 1. Number of registered legal entities by type of ownership in agriculture (number)**

| Соҳа | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла амалкунанда | Аз рӯйи шакли моликият | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Давлатӣ | Хусусӣ ва коллективӣ | Хориҷӣ ва омехта (бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ) |
| Соли 2010 | | | | | |
| Кишоварзӣ | 35352 | 34680 | 450 | 34216 | 14 |
| То 30 нафар | | 30233 | 259 | 29952 | 12 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 3549 | 111 | 3436 | 2 |
| Аз 201 нафар зиёд | | 908 | 80 | 828 | 0 |
| Соли 2015 | | | | | |
| Кишоварзӣ | 9584 | 8184 | 281 | 7884 | 19 |
| То 30 нафар | | 6862 | 127 | 6716 | 19 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 1271 | 144 | 1127 | 0 |
| Аз 201 нафар зиёд | | 51 | 10 | 41 | 0 |
| Соли 2020 | | | | | |
| Кишоварзӣ | 10194 | 4041 | 203 | 3825 | 13 |
| То 30 нафар | | 3890 | 122 | 3758 | 10 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 138 | 77 | 59 | 2 |
| Аз 201 нафар зиёд | | 13 | 4 | 8 | 1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2021 | | | | | |
| Кишоварзӣ | 10252 | 4563 | 256 | 4292 | 15 |
| То 30 нафар | | 4393 | 175 | 4206 | 12 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 157 | 77 | 78 | 2 |
| Аз 201 нафар зиёд | | 13 | 4 | 8 | 1 |
| Соли 2022 | | | | | |
| Кишоварзӣ | 10461 | 4729 | 2010 | 4504 | 15 |
| То 30 нафар | | 4626 | 156 | 4456 | 14 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 92 | 51 | 41 | - |
| Аз 201 нафар зиёд | | 11 | 3 | 7 | 1 |
| Фарқият дар соли 2022 нисбат ба соли 2010 (+, -) | | | | | |
| Кишоварзӣ | -24891 | -29951 | 1560 | -29712 | 1 |
| То 30 нафар | | -25607 | -103 | -25496 | 2 |
| Аз 31 то 200 нафар | | -3457 | -60 | -3395 | -2 |
| Аз 201 нафар зиёд | | -897 | -77 | -821 | 1 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омории «Вазъи иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2011. -С.231; 2016. -С.233; 2022. -С.236; 2023. -С.228.

Аз таҳлили нишондодҳои ҷадвали 1 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шумораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда дар соли 2022 нисбат ба соли 2010 кам гардидааст. Агар дар соли 2010 шумораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташудаи амалкунанда дар соҳаи кишоварзӣ 34680 ададро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 4729 адад баробар шуд. Тағйирёбии ин нишондиҳанда нисбати соли 2010-ум 29951 ададро ташкил дод. Агар вобаста аз миқёс назар афканем, мушоҳида мешавад, ки то 30 нафар коргар аз рӯйи шакли моликият дар соли 2010-ум 29952 адад ва дар соли 2022-ум 4504 адад рост меояд.

Зимнан соҳибкор фаъолияти худро зери хавф ва таваккали шахсӣ амалӣ карда, аз рӯйи натиҷаҳои он масъулияти пурраи иқтисодиро ба ухда мегирад.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт дар якчанд самти асосии зерин амалӣ карда мешавад:

- ташкили сохторҳои гуногуни хоҷагидорӣ;
- рушди соҳибкории миёна;
- соҳибкорӣ дар шакли корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва ғ.);
- соҳибкории инфиродӣ;
- соҳибкории оилавӣ;
- соҳибкории оилавӣ-иҷоравӣ.

Ба самти якум сохторҳои ташкилӣ-хоҷагидории пуриқтидор, яъне ширкатҳои давлатӣ, омехта, инчунин, гурӯҳҳои шахсоне, ки саҳм доранд ва корро дар шакли коллективӣ ташкил ва ба роҳ мондаанд, дохил мешаванд. Ташкил ва рушди чунин шакли фаъолият, аз ҷумла, коллективӣ ва кооперативӣ, талаботи хосси соҳаи кишоварзӣ буда, дар бисёр минтақаҳо кор дар соҳаи аграрии иқтисодиёт бо ҳамин усул ба роҳ монда шудааст. Бартарии ин шакли кор дар он аст, ки масоил ва мушкилоти мавҷудаи кориро дар сатҳи коллектив метавон бе ягон душворӣ ҳал намуд.

Ҳамин тариқ, рушди соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмуъ, имкон медиҳад, ки корхонаҳои нав дар иқтисодиёти аграрӣ ташкил карда шаванд, ки онҳо ба талаботи рӯз ҷавобгӯ буда, рақобатпазирии истеҳсоли молу маҳсулотро дар сатҳи ҷаҳонӣ таъмин намоянд. Ба андешаи мо, соҳибкории истеҳсолӣ дар системаи иқтисодиёти аграрӣ чунин бояд амалӣ карда шавад (расми 1).

Дар ҳақиқат, имрӯз дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама гуна шакли моликият ва шаклҳои хоҷагидорӣ мавҷуданд. Дар бисёр хоҷагиҳо новобаста аз шакли моликият хоҷагиҳо фоидаи муайян мегиранд, ки гирифтани фоида дар ин ҳолат на аз шакли моликият, балки аз шакли идоракунии онҳо вобаста аст. Ҳолати мазкур гуфтаи К.Марксро дар ҷилди аввали «Капитал» ба ёд меорад: «Сармоядор дар Швейтсария зиндагӣ карда, заминҳои ӯ метавонанд дар Константинопол бошанд» [1,с.325].

**Расми 1. Вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. The modern state of production entrepreneurship in the agrarian sector of the economy of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, мақсади соҳибкор ҳама вақт ба гирифтани фоидаи муайян равона карда шудааст. Барои ӯ тарзи ташкили кор мумкин аст он қадар муҳим набошад, муҳим ба даст овардани фоидаи муайян дар давраи мувофиқ мебошад. Имрӯз дар хоҷагиҳои бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи ташкили кор ва хизматрасониҳо, аз ҷумла, дар хоҷагиҳои хурду миёна, ба тариқи одӣ, яъне бе шартнома дар бисёр маврид дар асоси қарордоди шифоҳӣ байни иҷоракор ва иҷорадиҳанда амалӣ карда мешавад. Ин амал дар бисёр ҷойҳо дар чорчӯбаи тамоман дигар, яъне солҳои охир ба тарзи нав амалӣ шуда истодааст. Дар бисёр минтақаҳо аз моҳи декабр сар карда шахсони корчалон бо соҳибкорон шартнома баста, замини боғро бо ҳисоби миёнаи ҳосилнокии ҳар як дарахт ё килограмми ҳосили он пешакӣ харида мегиранд. Бо ҳамин роҳ то моҳи июн тоҷирон тамоми ҳосилро ҷамъ оварда, ба бозорҳои дохилӣ ё хориҷи кишвар ба содирот мебароранд. Хоҷагиҳои муосир, аслан ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, ба номи як нафар ба қайд гирифта мешаванд. Дар ҳамин асос роҳбари хоҷагӣ як нафар метавонад бошад. Тарзи ташкили кор дар хоҷагиҳои хурд ва миёнаи аграрӣ аз роҳбари хоҷагӣ вобастагӣ дорад, ки чӣ тавр корро амалӣ мекунад. Ин хоҷагиҳо, асосан, аз ҷониби соҳибкороне, ки ба соҳибкории кишоварзӣ машғуланд, сармоягузорӣ карда мешаванд. Хоҷагиҳои калони коллективӣ, деҳқонӣ ё корхонаҳои коркарди соҳаи аграрӣ аз тарафи дигар ташкилотҳо маблағгузорӣ карда мешаванд. Онҳо бештар аз бонкҳо қарз мегиранд. Дар қаламрави ҷумҳурӣ барои дастгирии чунин хоҷагиҳо имтиёзҳои зиёд мавҷуданд.

Ба хоҷагиҳои соҳибкории хурду миёна як қатор хоҷагиҳое, ки шумораи коргаронашон аз 100 нафар зиёд буда, дар шакли хоҷагии ҷамоавӣ фаъолият доранд, дохил мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои хосси иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногуншаклии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Дар соҳаи кишоварзӣ соҳибкорӣ ва шаклҳои гуногуни он рушд кардааст.

Дар соҳаи аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории инфиродӣ яке аз шаклҳои маъмулии соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ имрӯзҳо бисёре аз аҳолии деҳот ин шакли меҳнатро ба тариқи фаъолияти инфиродӣ ба роҳ мондаанд. Ин тарзи корро дар ду ҳолат ташкил кардан мумкин аст. Аввалан, худи соҳибкории инфиродӣ метавонад, дар шакли хоҷагии хонаводагӣ ба парвариши чорво ё растанипарварӣ шуғл варзанд. Дар сурати 0,5 сотих ё як гектар замин доштан, онҳо метавонанд корро бе ҷалби шахсони дигар ба роҳ монанд. Дар ҳолати дигар дар ҳамин миқдор замин парвариши гандум ё дигар намуди маҳсулотро ба роҳ монда метавонанд. Соҳибкори инфиродӣ метавонад дар давраи муқаррааргардида ба пуррагӣ аз ӯҳдаи

корҳояш бароянд. Аслан, давраи ҷамъоварии ҳосил ҷалби қувваи кории зиёдро талаб менамояд, дар дигар ҳолатҳо худи соҳибкор бе ҷалби қувваи иловагӣ аз уҳдаи анҷом додани корҳояш мебарояд.

Хусусияти фарққунандаи ин намуди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ дар он инъикос мегардад, ки дар соҳаи кишоварзӣ имрӯзҳо теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ-оилавӣ хеле зиёд гардидааст. То имрӯз қариб зиёда аз 125 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ - оилавӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои зарурии фаъолияти мустақилонаи хоҷагидориро аз сохторҳои давлатии сатҳи зарурӣ гирифтаанд. Ҳамин тариқ, хоҷагиҳои деҳқонӣ-оилавӣ дар иқтисодиёти аграрии ҷумҳурӣ дар ҳама сохторҳои соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Хусусияти фарққунандаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда аз дигар хоҷагиҳои давлатҳои ҳамсоя аз он иборат аст, ки дар ҷумҳурии мо ҳудуди заминҳои дар ихтиёри ин шакли хоҷагиҳо қарордошта хеле хурд мебошад. Дар бисёр давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ин хоҷагиҳо аз 200-400 то 600 гектар заминро дар ихтиёр доранд. Аз масоҳат ва ҳаҷми кори ҷараёни истеҳсолии хоҷагиҳои мазкур дигар муаммоҳо ба вуҷуд меоянд. Агарчи ин хоҷагиҳо хурд бошанд ҳам, дар онҳо мушкилоти зиёд ба назар мерасанд. Яке аз масъалаҳои ҳалталаб истифодаи технологияҳои муосир ба шумор меравад. Аммо, дар баробари ин ҷиҳати мусбии фаъолияти ин шакли соҳибкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити нарасидани маблағ ё дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани ҷалби сармоягузориҳо, хоҷагиҳои мазкур метавонанд раванди корро бе ҷалби маблағи иловагӣ ташкил ба роҳ монанд.

Камбудии дигар он аст, ки ин хоҷагиҳои мазкур раванди таъмини ҷойи кории иловагиро ташкил карда наметавонанд. Мақсади ташкили ҳама гуна кор дар шароити бозорӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни такрористеҳсоли одӣ не, балки такрористеҳсоли васеъ ба роҳ монда шавад. Агар ин шакли такрористеҳсол ба роҳ монда нашавад, пас болоравии бахши иқтисодиёти аграрӣ ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда талаботи рӯзмарраи мардумро қонеъ карда наметавонад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, вобаста ба иқтидори хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда шакли занҷирии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи иқтисодиёти аграриро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст.

Шакли занҷирии кор дар соҳаи кишоварзӣ метавонад, ба рушди соҳа ва таъмини ҷойҳои корӣ мусоидат намояд. Дар ин шакл молистеҳсолкунанда на танҳо бо парвариши маҳсулот қаноат мекунад, балки раванди истеҳсоли маҳсулотро ба роҳ монда, метавонад корхонаи хурди истеҳсолӣ ташкил намуда, аз ашёи хом ё маҳсулоти парваридаи худ маҳсулоти гуногун истеҳсол намояд. Дар ин ҳолат хоҷагиҳои деҳқонӣ технологияҳои инноватсионро дар фаъолияти худ истифода бурда, соҳибкориро на дар сатҳи иқтисодиёти хурд, балки дар сатҳи сиёсати саноатикунонии давлатӣ амалӣ мекунанд. Ин ба амалисозии ҳадафи чоруми стратегии давлат - саноатикунонии босуръат мувофиқат мекунад, ки аз тарафи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон карда шудааст.

Дигар шакли хоҷагиҳои дар шароити муосир фаъолияткунанда хоҷагиҳои оилавӣ-иҷоравӣ мебошанд, ки онҳо ба идораи хоҷагиҳои истеҳсолии кооперативӣ шартнома баста, замин ё чорво ба иҷора гирифта, парвариши онро ба роҳ мемонанд. Дар шартномаи хоҷагиҳо бо оилаҳои иҷоракор тамоми раванди ҷараёни истеҳсолӣ ва ҳисоби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба пуррагӣ нишон дода шудааст. Ин шакли ташкили кор дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, аз ҷумла, дар кооперативи истеҳсолии «Ватан», Кенҷа Назиров ва Л. Муродов амал мекунад.

Тавре қаблан зикр шуд, дар қаламрави ҷумҳурӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ барои гирифтани қарз имтиёзҳои зиёд вуҷуд доранд. Яъне, бонкҳое, ки дар қалаврави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, маҳдудияти пешниҳоди қарз ба хоҷагиҳои кишоварзиро надоранд. Тамоми бонкҳо метавонанд, ба соҳибкорони бахши кишоварзӣ қарз диҳанд. Яъне, аз 17 бонк фақат Бонки миллӣ ин салоҳиятро надорад, дигар 16 бонку 79 ташкилоти хурди қарздиҳӣ имрӯз барои амалӣ намудани ин кор иҷозат доранд. Дар қаламрави ҷумҳурӣ, дар шароити муосир, нисбат ба системаи аграрӣ, алалхусус соҳаи кишоварзӣ, имтиёзҳо барои соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ хеле зиёд буда, шумораи ин имтиёзҳо зиёда аз 89-то мебошад. Дар соҳаи аграрӣ тарзи ситонидани пардохти андози замин барои таъмини сиёсати фискалӣ дуруст ба роҳ монда шуда, бо тартиби содакардашуда пардохт

карда мешавад ва дарбаргирандаи 6 намуди андоз мебошад, ки дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

Ҳавасмангардонӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ ба тариқи гуногун ба роҳ монда мешавад. Ин механизм на дар сатҳи корхона, балки дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ вобаста аз аҳаммияти маҳсулоти истеҳсолшаванда татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ дар сатҳи корхона ё хоҷагӣ аз вазъи молиявӣ ё устувории вазъи молиявии он, асосан, аз фоидае, ки дар ихтиёр доранд, вобастагӣ дорад.

Вазъи кунунӣ ва раванди ташаккулёбии хоҷагиҳо дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли ҷадвал пешниҳод менамоем (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Вазъи кунунӣ ва раванди ташаккулёбии хоҷагиҳо дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. The current situation and the process of formation of farms in the agrarian sector of the economy of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯйи хоҷагиҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Колхозҳо | 206 | - | - | - | - | - | - | - |
| Совхозҳо | 362 | - | - | - | - | - | - | - |
| Корхонаҳои хурд ва миёна | 19 | - | - | - | - | - | - | - |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | 167009 | 172107 |
| Дигар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ | - | 5845 | 6723 | 5732 | 5000 | 4921 | 4890 | 4877 |

Сарчашма: Маҷмуаи «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.332-335; 2023. -С.321-325

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки дар соли 2022 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 172107 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2016 27000 адад ё 18,6 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, дар соли 2022 шумораи дигар корхонаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои ёрирасон, ба 4877 адад баробар шудааст. Аз ин бармеояд, ки дар муқоиса бо соли 2016, 968 адад ё 16,5% кам гардидааст. Дар диаграммаи 4 тамоюли тағйирёбии теъдоди корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

**Диаграммаи 4. Тамоюли тағйирёбии теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2016-2022 (адад)**
**Diagram 4. The trend of changes in the number of farms and other agricultural enterprises in 2016-2022 (number)**




Сарчашма: Маҷмуаи омории «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.332-335, 2023. -С.321.

Бояд гуфт, ки дар давраи шуравӣ дар иқтисодиёти нақшавӣ, шаклҳои бозории хоҷагидорӣ мавҷуд набуданд ва барои ҳамин ҳам дар шароити барпо шудани

муносибатҳои бозорӣ, дар заминаи хоҷагиҳои калон хоҷагиҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ ташкил карда шуданд. Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки аз 206 колхоз ва 362 совхоз дар ҳолати имрӯза 172107 хоҷагии деҳқонӣ ва 4877 дигар хоҷагиҳои бахши кишоварзӣ ташкил карда шудааст. Ин хоҷагиҳо низ субъектҳои нави соҳибкории бахши кишоварзӣ ба шумор мераванд.

Хулоса, дар шароити кунунӣ соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт мунтазам рушд карда истодааст ва барои боз ҳам тақвият ёфтани раванди рушди он истифодаи технологияҳои нави инноватсионӣ ва дуруст ба роҳ мондани идоракунии соҳаи мазкур ба мақсад мувофиқ аст.

## АДАБИЁТ


1. К. Маркс. Капитал. –Ҷ. 1. -С.325.
2. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи омории АОПҶ. -Душанбе, 2019. -С.9.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. -С.9.
4. Маҷмуаи омории «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.32.
5. Махмадиев, Ф.Б. Теоретический подход к формированию и развитию агропромышленных кластеров / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова, Ш.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/8. – С. 66-71.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2012. [Манбаи электронӣ]. URL: www: President.tj
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017.
8. Хабибов С.Х. Малое предпринимательство вопросы становления финансовой поддержки и развития / С.Х. Хабибов. -Душанбе: Ирфон, 2004. -24 с.
9. Холов И.А. Аренда как фактор структурной дифференциации в аграрном секторе Республики Таджикистан / И.А. Холов // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/7(178). -С.171-176.
10. Хучек М. Социально-экономическое содержание инновации на предприятии / М. Хучек // Вестник МГУ. Сер. 6. Экономика. – 1995. -№1. -С.62-71.
11. Шамсиев К.Б. Развитие предпринимательства АПК Таджикистана / К.Б. Шамсиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -163 с.


## АРЗЁБИИ ВАЗЪИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ


Дар мақолаи мазкур вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Нишондиҳандаҳои рушди соҳа ба таври муқоисавӣ таҳлил шуда, дар шакли ҷадвалу диаграммаҳо пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, муаллифон қайд менамоянд, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, таъмин намудани эҳтиёҷоту талаботи доираи васеи истеъмолкунандагон айни замон маҳз ба зиммаи ин шакли соҳибкорӣ вогузор шудааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи аграрӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт мунтазам рушд карда истодааст ва барои боз ҳам тақвият ёфтани раванди рушди он истифодаи технологияҳои нави инноватсионӣ ва дуруст ба роҳ мондани идоракунии соҳаи мазкур ба мақсад мувофиқ аст.



**Калидвожаҳо:** фаъолияти соҳибкорӣ, таҳлил, ҳавасмандгардонӣ, навоварӣ, рушди соҳаи саноат, соҳибкорӣ, маҳсулоти соҳаи аграрӣ, рақобатпазирӣ, рушди соҳаи аграрӣ, дастгирии давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ.


## ОЦЕНКА СОСТОЯНИЯ РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ


В данной статье проанализирована и изучена оценка состояния развития производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики, а также показатели развития сектора со сравнительным анализом показаны в виде таблиц и диаграмм. Также авторы отмечают, что предпринимательская деятельность в аграрной сфере является основным двигателем развития экономики любой страны, особенно Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики. Поскольку за обеспечение разнообразного спроса широкого круга потребителей в настоящее время отвечает именно данный вид предпринимательства. Анализ показателей развития аграрного сектора показывает, что в современных условиях состояние развития производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики постоянно развивается, и для его дальнейшего развития необходимо интегрировать этот процесс с инновациями и процессом индустриализации, чтобы он содействовал релизуемым принципам государственной политики в аграрном секторе.

**Ключевые слова:** преприниматeльская деятельность, анализ, стимулирование, инновация, развитие сектора промышленности, предпринимательство, продукция аграрного сектора, конкурентоспособность, развитие аграрного сектора, государственная поддержка, фермерские хозяйства.

**THE DEVELOPMENT ASSESSMENT OF PRODUCTION ENTREPRENEURSHIP IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE ECONOMY**

In this article, the assessment of the state of development of production entrepreneurship in the agrarian sector of the economy was analyzed and studied, and the indicators of the development of the sector were shown with comparative analyzes in the form of tables and diagrams. So, the authors notes that entrepreneurial activity in the agrarian field is considered the main driver of the economy of any country, especially the Republic of Tajikistan in the conditions of a market economy. Because it is this form of business that is responsible for providing the various demands of a wide range of consumers. The analysis of the indicators of the development of the agrarian sector shows that in today's conditions, the state of development of industrial entrepreneurship in the agrarian sector of the economy is constantly developing, and for its further development, we must transform this process into innovation and the process of industrialization, so that a number of state policy processes in the field of to promote practical agriculture.

**Keywords:** enterpriser activity, analysis, motivation, innovation, industrial development, entrepreneurship, agricultural products, competitiveness, agricultural development, state support, rural farms.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидзода Курбоналӣ Саид*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918-99-32-99.** E-mail: **k.mirzoev-99@mail.ru**
***Қурбонов Абдулҳай Каримович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳоии иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлил ва аудит. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Саидзода Курбонали Саид*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, старший преподаватель кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918-99-32-99.** E-mail: **k.mirzoev-99@mail.ru**
***Курбонов Абдулхай Каримович*** **–** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры анализа и аудита. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Saidzoda Kurbonali Said*** **–** Kulyab State University named after. Abuabdulakha Rudaki, senior lecturer at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street 16. Phone: **(+992) 918-99-32-99.** E-mail: **k.mirzoev-99@mail.ru**
***Kurbonov Abdulkhay Karimovich*** – Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 338.1+330.5(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ САНОАТИ КИШВАР ДАР ЗАМИНАИ ВОСИТАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

***Миршарипов Э.Қ., Алиев С.А.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ворид шудан ба равандҳои печидаи ин низом, ки талаботҳои гуногуни рушдро тақозо менамояд, зарур аст то ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт дар ҳама ҳолат аҳаммияти аввалиндараҷа диҳем. Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, ки ҳамеша бо ҷараёнҳои инноватсионӣ пеш меравад, ин соҳаи саноат мебошад. Татбиқи дурусти лоиҳаи инноватсинонии соҳа дар саноат ва дигар бахшҳои ёрирасони он аз риоя ва ҷорӣ намудани як қатор меъёрҳои техникӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад. Дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат айни замон соҳаи саноат ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар меҳвари худ дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодиро ташаккул медиҳад.

Дуруст аст, ки саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмуии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ мекунад, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ, коркарди металл, масолеҳи сохтмонӣ ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд. Айни замон масъалаҳои суръатбахшии рушди соҳаи саноат ва устувории он, дигаргунсозии куллии сохторӣ, таъсиси корхонаҳои хусусӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд [5]. Ин аст, ки баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумат ва роҳбарияти олии кишвар ба соҳаҳои афзалиятнок саноат ва кишоварзӣ бештар гардида, дар ин соҳаҳо пайваста афзалият дода мешавад.

Беҳуда нест, ки саноат барои соҳаҳои дигари хоҷагии халқ баззаи азнавтаҷҳизонии истеҳсолот мебошад [4,с.5]. Тақвияти соҳаи саноат дар ҳама шарои метавонад боиси рушди соҳаҳои дигари иқтсиодӣ, ки аҳаммияти умумиҷаъиятӣ доранд, боис гардад. Зарурати воридшавии муваффақона ба раванди ҷаҳонишавӣ ва кам кардани таъсири манфии он ба иқтисодиёту сатҳи зиндагии аҳолӣ талаб мекунад, ки сиёсати иқтисодии кишвар, аз ҷумла сиёсат дар соҳаи саноат самаранок пеш бурда шуда, сохтори иқтисодиёт ва соҳаҳои фаъолияти он дуруст ба роҳ монда шавад [6,с.102]. Новобаст аз афзоиши назарраси ММД дар 5-10 соли охир рушди соҳаи саноат низ дар заминаи техника ва технологияҳои муосир ва дар ҳошияи «саноатикунонии босуръати кишвар» дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, нишондиҳандаҳои таркибӣ ва марбутаи он низ пайваста афзоиш мeёбанд (нигар ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд**
**Table 1. Dynamics of the main indicators that describe the industry of the Republic of Tajikistan**

| № | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 140,1 |
| II | 23835 | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | 180,5 |
| III | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | -0,5 |
| IV | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | -3,5 |
| V | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | -9,5 |
| Эзоҳ: I. шумораи корхонаҳои саноатӣ воҳид; II. ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2022 млн. сомонӣ; III. шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ ҳазор нафар; IV. аз он коргарон ҳазор нафар; V. индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта. | | | | | | | |

Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С.9.

Бо шарофати таҷрибаи амалии кишвар ва паси сар кардани як қатор душвориҳои иқтисодию иҷтимоӣ таваҷҷуҳ ба дастгирии бахшҳои алоҳидаи соҳаи саноат ва сохторҳои ёрирасони он бо назардошти як қатор имтиёзҳои давлатӣ нишондиҳандаҳои алоҳидаи он тамоили зиёдшавӣ доранд. Тавре аз маълумотҳои ҷадвали мазкур аён аст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳлилшаванда 80,5% зиёд гардидааст, ки дар муқоиса ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва махсусан дар 5-10 соли охир нишондиҳандаи назаррас мебошад. Ин тағйирёбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки 23,8 млрд сомонии соли 2017 ба 43,0 млрд сомонӣ дар соли 2022 расида, 19,2 млрд сомонӣ афзоиш ёфтааст. Вале дар ин давра, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ -0,5%, аз он коргарон -3,5% коҳиш ёфтааст. Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта бошад, дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 дар сатҳи -9,5 банди фоизӣ кам гардидааст. Дар ин самт андешидани чораҳои заруриро зери назар бояд гирифт.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон коҳишёбии шумораи кормандон дар соҳаи саноат ба воридшавии технологияҳои муосири инноватсионӣ, технологияҳои ҳушманд ва дорои зеҳни сунъӣ. ки ба стандартҳои байналмилалии истеҳсоли молу маҳсулотҳои саноатӣ ҷавобгӯ, ки ҷойивзкунандаи кормандони соҳаи мазкур дар истеҳсолот мебошад ва ин масъала дар солҳои минбаъда низ ҳамчун соҳаи муҳим тамоили зиёдшавӣ дорад. Илова бар ин, ҷиҳати рушди соҳаи саноат ҳамчун самти афзалиятнок дар заминаи омилҳои инноватисонӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- ворид намудани технологияҳои ҳозиразамони истеҳсолӣ, ки ба сифат ва дарозумрии молҳои саноатӣ муосидати ҳаматрафа менамояд;
- фароҳам овардани шароити мусоид ба ворид намудани технологияҳои навтарини истеҳсолӣ дар соҳаи саноат;
- додани имконияти бештар ба истеҳсолкунандагони молҳои саноатии дар дохили Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва додани имтиёзи бештар ба онҳо;
- ташкили муҳити ҳамгироӣ дар байни истеҳсолкунандагони молҳои саноатӣ ва таъминкунандагони ашёи хом ба истеҳсоли молҳои саноатӣ ва ғ.

Қайд кардан зарур аст, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳлилшаванда аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар ҳоли рушди босуръат қарор дошта, пайваста нишондиҳандаҳои он дар ҳоли тағйирёбӣ бо нишондодҳои рушд идома дорад. Дар ин давра, рушди бештар дар ҳама самтҳои соҳаҳои саноат мушоҳида мегардад, ки он 5,2 маротиба ва ё 156 млн сомонӣ афзоши ёфтааст, ки дар муқоиса ба 3-4 соли охир нишондиҳандаи назррас мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар таркиби соҳаи саноат аз ҳам бахши афзалиятнок ва дорои рушди баланд, ин истеҳсоли кимё ва мошинсозӣ мебошад. Дар ҷойи дуюм, ҳаҷми истеҳсоли кимиёвӣ 4,1 маротиба ва ё 332 млн сомонӣ ва соҳаи мошинсозӣ меистанд, ки 4,1 маротиба ва ё 446 млн сомонӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар солҳои 2017-2018 (млн. сомонӣ)**

**Table 2. Dynamics of the volume of industrial products by the main branches of industry in 2017-2018 (million somoni)**

| № | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 298 | 331 | 377 | 429 | 485 | 582 | 195,3 |
| II | 4226 | 4355 | 4476 | 3880 | 7924 | 8324 | 196,9 |
| III | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7608 | 10383 | 2,4 маротиба |
| IV | 2354 | 2479 | 2636 | 2870 | 4096 | 4720 | 2,0 маротиба |
| V | 57 | 63 | 71 | 91 | 120 | 137 | 2,4 маротиба |
| VI | 119 | 138 | 148 | 142 | 125 | 147 | 123,5 |
| VII | 142 | 241 | 260 | 182 | 210 | 272 | 191,5 |
| VIII | 79 | 105 | 127 | 87 | 123 | 77 | -2,53 |
| IX | 107 | 147 | 154 | 182 | 268 | 439 | 4,1 маротиба |
| X | 157 | 200 | 265 | 291 | 390 | 524 | 3,3 маротиба |
| XI | 2091 | 2298 | 2593 | 2713 | 2856 | 2924 | 139,8 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **XII** | 2187 | 2708 | 3874 | 4978 | 5967 | 6093 | 2,7 маротиба |
| **XIII** | 142 | 203 | 308 | 291 | 392 | 588 | 4,1 маротиба |
| **XIV** | 37 | 38 | 117 | 138 | 158 | 193 | 5,2 маротиба |
| **XV** | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 7622 | 2,0 маротиба |

Эзоҳ: I. истихроҷи маводҳои энергетикӣ; II. истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ; III. истеҳсоли маҳсулоти хӯрока аз он нӯшокиҳо ва тамоку; IV. истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ; V. истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; VI. коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб; VII. истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр; VIII. истеҳсоли маҳсулоти нафт; IX. истеҳсоли кимиёвӣ; X. истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ; XI. истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; XII. истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ; XIII. мошинсозӣ; XIV. ҳар гуна соҳаҳои саноат; XV. истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об.

Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С.14-15.

Дар давраи таҳлилшаванда, ҳамчунин истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 3,3 маротиба ва ё 367 млн сомонӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 2,7 маротиба ва ё 3,9 млрд сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока аз он нӯшокиҳо ва тамоку 2,4 маротиба ва ё 6,0 млрд сомонӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 2,4 маротиба ва ё 80 млн сомонӣ, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 2,0 маротиба ва ё 2 млрд 366 млн сомонӣ, истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,0 маротиба ва ё 3 млрд 893 млн сомонӣ афзудааст. Дар соҳаҳои дигар саноат афзоиш мушоҳида гардида, ҳамин тариқ, дар давраи солҳои 2017-2022 дар кишвар истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ 196,9% ва ё 4 млрд 098 млн сомонӣ, истихроҷи маводҳои энергетикӣ 195,3% ва ё 284 млн сомонӣ, истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр 191,5% ва ё 130 млн сомонӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 139,8% ва ё 833 млн сомонӣ, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб 123,5% ва ё 28 млн сомонӣ зиёд шудааст. Дар давраи таҳлилӣ коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот танҳо дар истеҳсоли маҳсулоти нафт мушоҳида мегардад, ки он дар ин давра -2,53% ва ё -2 млн сомонӣ кам гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз сабабҳои асосии инкишофи маҳсулоти ин соҳаҳо аз афзоиши талабот ба он дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти нафт дар ин давра ба талабот вобаста набуда, омили асосӣ дар пурра коркард карда натавонистани он мебошад. Чун дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ ҳамеша талабот ба маҳсулоти нафт буду ҳаст ва сол аз сол зиёд ҳам гардида истодааст. Аз ин хотир, истеҳсоли маҳсулоти нафт дар шароити муосир бисёр фоидаовар буда, дар ин самт андешидани чораҳои зарурирo бисёр муҳим медонем. Дар ҳошияти ин гуфтаҳо дуруст қайд гардидааст, ки таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди иқтисодӣ ҳалли бештари муаммоҳои иҷтимоӣ ва баландбардории некуаҳволии аҳолии мамлакат дар асоси инкишофи соҳаи саноат муайян карда мешавад [5,с.125].

Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2022 ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ 17%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 ба миқдори -14,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст (ҷадвали 3). Вале дар солҳои таҳлилшаванда тамоили болоравиро касб кардааст. Масалан, дар соли 2021 он 23,8%-и ММД-ро ташкил намуда, нисбат ба соли 2020 ба миқдори 0,7 банди фоизӣ зиёд аст. Дар соли 2020 бошад, он 23,1%-и ММД-и кишварро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба андозаи 1,9 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 бетағйир монда, вале нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,3% зиёд мебошад. Ин камшавӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти дигар соҳаҳо нисбат ба соҳаи саноат дар таркиби ММД, дар соли 2022 нисбатан афзоиш ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз гузариши низоми иқтисоди нақшавӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ баъд аз соли 1991 ба тамоми соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ аз он ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт аҳаммияти аввалиндараҷа дод. Илова бар ин, фароҳам омадани чунин шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди васеъ шудани доираи фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва афзоиши сатҳи талабот дар бозор ба молу маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, ки сатҳи самаранокии онҳо ба соҳаи саноати кишвар рост

меояд, ба амал баровардани маҳсулоти ниёзи аввал як фишанги асосӣ ва ҳадафи стратегии давлат дар самти таъмини амнияти озуқавории кишвар маҳсуб меёфт [3,с.275].

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)**

**Table 3. Dynamics of the share of added value of the industry in the total domestic product (GDP)**

| № | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 179,6 |
| II | 19,9 | 21,2 | 21,2 | 23,1 | 23,8 | 17,0 | -14,5 |
| Эзоҳ: I. маҳсулоти умумии дохилӣ млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ); II. ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ ба ҳисоби фоиз. | | | | | | | |

Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С.23.

Дар шароити имрӯзаи хоҷгидорӣ, ташаккули рушди соҳаи саноат яке аз омилҳои калидӣ ва дар сатҳи ҳадафмандии давлат аҳаммияти стратегӣ дошта, ба он пайваста аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Қайд кардан зарур аст, ки рушди иқтисоди миллиро бидуни рушди соҳаи санот ва зерсохторҳои он тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳиссаи таркибии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар ММД назаррас буда, ин нишондиҳанда сол аз сол тамоили зиёдшавӣ дорад, ки аз натиҷаҳои мусбати рушди иқтисодиёти кишвар гувоҳӣ медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар сатҳи максималӣ санаи 23-юми апрели соли 2014 дар рафти Паёми солона пешниҳод намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модили индустриалӣ-аграрӣ гузариш намояд. Дар баробари ин, ҳадафи чоруми миллӣ низ "Саноатикунонии босуръати кишвар" қабул гардида, солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" эълон гардид. Ин ҳама ташаббусҳои пайваста шаҳодат аз он медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти саноатикунонии кишвар куллан тағйир ёфта, рӯз аз рӯз таваҷҷуҳи Президенти кишвар ва Ҳукумати мамлакат ба ин соҳаи калидӣ меафзояд ва ин соҳа зери таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор гирифтааст.

Қобили қайд аст, ки барои рушди соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ки соҳаи калидии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад, барномаҳои мухталиф, стратегияҳои давлатӣ таҳия ва дар амал татбиқ гардида истодаанд. "Вобаста ба ин ва бо таваҷҷуҳ ба нақши саноат дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбии рушду инкишофи ин бахши муҳимми иқтисодиёт ва омилҳои таъсирбахш бар он аз аҳаммияти назаррас бархӯрдор мебошад" [1,с.152]. Дуруст аст, ки таваҷҷуҳ ба соҳаи мазкур, ки ҳамчун самти афзалиятнок маҳсуб меёбад, метавонад дар оянда калиди рушди соҳаҳои дигар гардад. Таъмини раҳоии кишвар аз вазъияти бумбасти иҷтимоию иқтисодӣ дар заминаи рушди меҳвари соҳаи саноат имконпазир гардида, ба ин восита ташкили чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- фароҳам овардани шароити меъёрию ҳуқуқии рушди соҳаи саноат дар шароити баланд гардидани талабот ба молҳои саноатӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи содироти кишвар;
- дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва дар асоси имкониятҳои давлат додани имтиёзҳо ба истеҳсолкунандагон барои таъминкунандагони бозори дохилӣ ва хориҷӣ;
- ташкили муҳити ҳамгироии байнисоҳавӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бо роҳи фароҳам овардани шароити муносиб дар самти истеҳсолот, тиҷорат, хизматрасонӣ ва дар ҳама ҳолат;
- рушди соҳаи кишварзӣ ва дигар соҳаҳое, ки дар ҷараёни рушди соҳаи саноат мусоидати ҳаматараф менамоянд;
- додани имтиёзҳои андозӣ ва эълон намудани мараторияҳо ҷиҳати рушди маҳсулотҳои саноатӣ ва дар ин замина рушди соҳа дар таркиби ММД ҳама сола ба андозаи 25-30% дар як сол ва ғ.

Илова ба гуфтаҳои боло, дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт ва фароҳам овардани шароити созандаи аҳолӣ, ин ҳадафи асосии ҳукумати кишвар тавассути институтҳои молиявӣ ва иқтидори молиявию захиравии худ мебошад. Тавре аз таҳлилҳои анҷомгардида аён аст, новобаста аз он, ки дар солҳои охир тамоили рушди бомароми бахши воқеии иқтисодиёт ба назар мерасад, ҳамоно вайрон будани таносубҳо моро ба он водор месозад, ки дар тақвияти бахшҳои иқтисодиёт пайваста чораҳои зарурӣ ва таъхирнопазир андешем. Аз ин хотир, барои рушди минбаъдаи соҳаи саноати сабук ва дигар башҳои муҳим ва сохторҳои ёрирасони он, бояд масъалаҳои зерин ҳадафи асосӣ бошад:

1. Дар сатҳи зарурӣ ташкили муҳити ҳамгироишудаи соҳавӣ, байнисоҳавӣ, байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи табодули молҳои саноатӣ.

2. Ташкили иқтидорҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар, ки дорои афзалият ва бартарии истеҳсолӣ мебошанд.

3. Сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва додани имконият ба онҳо дар самти маҳдуд кардани молҳои воридотӣ ва иваз кардани ҷойи онҳо ба истеҳсолоти дохилӣ.

4. Ташкили муҳити қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина бамаротиб рушд додани саноати сабук.

5. Тавассути кушодани хатти қарозӣ додани қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандани молҳои кишоварзӣ ва дар ин замина назорати пайвастаи татбиқи иҷроиш ва истифодаи маблағҳои қарзӣ дар самти соҳаи саноат.

6. Додани имтиёзҳои истеҳсолӣ дар заминаи маҳдуд кардани ҷараёни андозбандӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ.

7. Зери назоарти доимии давлат қарор додани истеҳсоли молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дар қаламрави кишвар.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Махшулов С.Ҷ.**

### АДАБИЁТ


1. Маҳмадуллоев А.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.С. Маҳмадуллоев, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -№1. -С.152-157.
2. Махмадиев, Ф.Б. Теоретический подход к формированию и развитию агропромышленных кластеров / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова, Ш.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/8. -С.66-71.
3. Миршарипов Э.К. Масъалаҳои қарздиҳии соҳаи саноат ва таъмини рушди он дар шароити муосир / Э.Қ. Миршарипов // Паёми молия ва иқтисод. -№4.2(39). –С.275.
4. Низомова Т.Д. Нақши соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф. –Душанбе, 15 май соли 2018. –С.125.
5. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Китоби дарсӣ / Т.Д. Низомова. –Душанбе, 2012. –С.5.
6. Раҳимзода Шариф. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Монография / Раҳимзода Шариф. –Душанбе: Эр-граф, 2019. –С.102.
7. Турсунов Р.Р. Некоторые аспекты рынка труда перспективы / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№8. –С.50-56.
8. Усмонова Т.Дж. Основные принципы регулирования рынка труда в современных условиях / Усмонова Т.Дж., Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№2. –С.49-55.
9. Шарипов И.О. Научный подход к изучению некоторых теоретических аспектов инвестиций и их классификация // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№3. –С.39-46.
10. Шарипов И.О. Экономическая сущность АПК и принципы его регулирования / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№6. –часть II. –С.22-28.
11. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 04.05.2024).


## МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ САНОАТИ КИШВАР ДАР ЗАМИНАИ ВОСИТАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ


Муаллифи мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои аосӣ ва ҳаётан муҳим, ки дар татбиқи ҳадафҳои олиии кишвар дар самти таъмини рушди иқтисодиёт мусоидати ҳаматрафа менамояд, масъалаҳои асосии

балан бардоштани иқтидори саноати кишвар дар заминаи воситаҳои инноватсионӣ, ки рӯз аз руз ба ин масъала аҳаммияти аввалиндарача дода мешавад, таҳқиқоти ҳадафманд ачом додааст. Илова бар ин, муаллифи мақола вобаста ба мушаххас намудани чараёни масъалаи мазкур дар сатҳи иқтисодиёти Тоҷикистон соҳаи саноатро таҳлили амиқ намуда, хулосаҳои мушаххас баровардааст. Илова бар ин, вобаста ба натичаҳои таҳлил роҳҳои татбиқи рушди соҳаи саноатро дар заминаи низоми инноватсионӣ пешниҳод намудааст, ки мувофиқи мақсад ва қобили қабул мебошад.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди бозорӣ, саноат, иқтидори саноат, бахши воқеии иқтисодиёт, чалби сармояи дохилӣ, таъсири манфӣ, соҳаи саноат, рушди саноат, воситаҳои инноватсионӣ.

## ОСНОВНЫЕ ВОПРОСЫ ПОВЫШЕНИЯ ПОТЕНЦИАЛА ПРОМЫШЛЕННОСТИ СТРАНЫ В ОБЛАСТИ ИННОВАЦИОННЫХ ИНСТРУМЕНТОВ

Автор данной статьи рассматривает один из важнейших и актуальных вопросов, способствующих реализации высших целей страны в обеспечении развития экономики, основные вопросы повышения потенциала промышленности страны на основе инновационных инструментов, которым изо дня в день уделяется приоритетное внимание, проводятся целевые исследования. Помимо этого, автор статьи провел глубокий анализ отрасли и сделал конкретные выводы относительно выяснения данного вопроса на уровне экономики Таджикистана. Кроме того, в зависимости от результатов анализа он предложил пути реализации развития отрасли на основе инновационной системы, что является целесообразным и приемлемым.

**Ключевые слова:** рыночная экономика, промышленность, промышленный потенциал, реальный сектор экономики, привлечение внутреннего капитала, негативное влияние, промышленный сектор, промышленное развитие, инновационные инструменты.

## MAIN ISSUES OF INCREASING THE POTENTIAL OF THE COUNTRY'S INDUSTRY IN THE FIELD OF INNOVATION TOOLS

The author of this article examines one of the most important and pressing issues that contribute to the implementation of the country's highest goals in order to ensure economic development, the main issues of increasing the potential of the country's industry on the basis of innovative tools, which are given priority every day, and targeted research is carried out. In addition, the author of the article conducted an in-depth analysis of the industry and made specific conclusions regarding the clarification of this issue at the level of the economy of Tajikistan. In addition, depending on the results of the analysis, he proposed ways to implement the development of the industry based on the innovation system, which is appropriate and acceptable.

**Keywords:** market economy, industry, industrial potential, real sector of the economy, attracting domestic capital, negative impact, industrial sector, industrial development, innovative tools.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Миршарипов Эмомалӣ Қурбоналиевич* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **emomali-95s@mail.ru.** Телефон**: 988-53-63-64**
***Алиев Саидшо Амиршоевич* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 904559696**. E-mail: **Aliev.s1994@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Миршарипов Эмомали Курбоналиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры финансов. **Адрес:** 73406, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **emomali-95s@mail.ru.** Телефон**: 988-53-63-64**
***Алиев Саидшо Амиршоевич* -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес:** 73406, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 904559696**. E-mail: **Aliev.s1994@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Mirsharipov Emomali Kurbonalievich* –** Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Finance. **Address:** 73406, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. E-mail**: emomali-95s@mail.ru.** Phone**: 988-53-63-64**
***Aliev Saidsho Amirshoevich* -** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student of the Department of Finance**. Address:** 73406, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone**: (+992) 904559696.** E-mail: **Aliev.s1994@mail.ru**

ТДУ: 336.76

# УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ МИҚЁСИ БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

*Имомов М.Қ., Хидиралиев Р.З., Рустамов Р.У.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити бозор доираи истифодаи моликиятҳои гуногун бе ҳудуд буда, сарҳадҳои онҳо муайян карда нашудааст ва афзалиятҳои онҳо аз рӯи талаботу таклифот ва сатҳи самаранокии онҳо вобаста мебошад. Ҳудудҳои истифодаи онҳо аз самаранокӣ ва дараҷаи таъмини қаноатмандии онҳо иборат мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ташкил, нигаҳдорӣ ва таъмини самаранокии моликияти давлатӣ дар таркиби иқтисоди миллӣ нақши калон дорад, зеро моликияти давлатӣ дар таркиби корхона ва муассисаву ташкилотҳои давлатӣ дар ҳамаи давраҳои истеҳсолот аз ҷониби мақомотҳои дохлдори давлатӣ назорат карда мешаванд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки то ҳол барои муайян кардани ҳудуд ва андозаи моликияти давлатӣ методологияи ягона муайян карда нашудааст. Инчунин мавҷудияти андозаи ягонаи моликияти давлатӣ дар шароити бозор вобаста ба шаклҳои давлатдорӣ, таркиби соҳаҳо, самтҳо, бахшҳо, фаъолиятҳо ва ғайра аниқ муайян нагардидааст. Ҳамаи ин, зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро ба миён гузошта, равишҳои муайянсозии ҳудудҳои истифодаи моликияти давлатӣ дар таркиби фаъолиятҳои иқтисодии соҳаи хизматрасониро талаб менамояд.

Ҳоло метавон гуфт, ки нест давлате, ки дар таркиби иқтисодиёти худ моликияти давлатӣ надошта бошад. Нигоҳ доштани моликияти давлатӣ имкон медиҳад, ки давлат тавассути он ҳамчун соҳибкор тавонад ба фаъолиятҳои тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ва истеҳсолӣ машғул гардида, даромадаи худро зиёд созад ва инчунин, тавассути нигоҳдории моликияти давлатӣ, давлат метавонад ба қишрҳои муайяни ҷомеа вобаста ба сатҳи иҷтимоии онҳо хизматрасонӣ намояд. Ҳамин аст, ки солҳои охир ҳиссаи моликияти давлатӣ дар таркиби иқтисодиёти мамлакатҳои рушдкарда зиёд гардида истодааст. Ҳиссаи аз ҳама бештари моликияти давлатӣ дар таркиби фаъолиятҳои истеҳсолию хизматрасонии давлатҳои рушдкардаи Фаронса ва Англия рост меояд.

Мақсадҳои асосии моликияти давлатӣ инҳоянд:

- хизматрасонии ҷамъиятӣ ба аҳолӣ (масалан, мудофиаи миллӣ ва боғҳои ҷамъиятӣ) ва «хизматрасониҳои хайрхоҳона» (масалан, тандурустӣ ва маориф), ки ба тамоми аҳолии мамлакат нафъ мебахшад. Дар он аҳолӣ пардохти андози коллективиро нисбат ба пардохти арзиши иловагии онҳо афзалтар медонад. Давлат истеъмоли ин гуна молу хизматрасониҳоро новобаста аз хоҳиши аъзоёни ҷамъият ба истеъмоли онҳо ҳавасманд мегардонад. Чунин молу хизматрасониҳо дар баъзе кишварҳо ройгон ё бо нархҳои арзон пешниҳод карда мешаванд;
- беҳтарсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, махсусан дар бахшҳои стратегии соҳаи хизматрасонӣ;
- маҳдуд кардани назорати ширкатҳои хусусӣ ва хориҷӣ дар иқтисоди кишвар;
- ташкили фондҳои давлатии сармоягузорӣ. Масалан, давлат метавонад баъзе соҳаҳои фоиданоки хизматрасониро монополия карда, маблағҳои иловагии давлатиро ташкил намояд ва ба ин восита, манбаъҳои молиявии давлатро зиёд созад;
- баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ. Давлат метавонад корхонаҳои давлатиро маҷбур созад, ки баъзе молҳо ва хизматрасониҳоро бо нархҳои арзон ба гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ҳамчун воситаи дастрасии молу хизматрасониҳо ба манфиати ҷамъият пешниҳод намояд.

Барои муайян намудани ҳиссаи давлат дар соҳаи хизматрасонӣ, муайян кардани мафҳуми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ зарур мебошад. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ на танҳо ҳиссаи моликияти давлатӣ дар бахши хизматрасонӣ фаҳмида мешавад, балки корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ низ шарҳ дода мешавад.

Дар Директиваи Комиссияи Иттиҳоди иқтисодии Аврупо аз 25 июни соли 1980 корхонаи давлатӣ ҳамчун корхонае зикр шудааст, ки мақомоти давлатӣ ба он вобаста ба

иштироки молиявӣ ё қоидаҳои муайянкунандаи чунин таъсир метавонанд таъсири ҳалкунанда расонанд» [8,с.10].

Бо рушди фаҳмиши бахши давлатӣ тавсияҳои муайян таҳия карда шудаанд, ки тибқи онҳо бахши давлатии иқтисодиёт ҳамаи ширкатҳо ва шохаҳои онҳоро дар бар мегирад, ки ҳиссаи иштироки давлат дар он ба раванди қабули қарорҳо таъсир мерасонад ва имкон медиҳад, ки ба сиёсати умумии корхона таъсири ҳалкунанда расонад [2,с.10].

Аммо бо баҳисобгирии мушаххаси омории корхонаҳои бахши давлатӣ меъёрҳои миқдории иштироки давлат ягона нестанд ва кишварҳои гуногун, чун қоида, принсипҳо ва меъёрҳои худро доранд. Дар баъзе мавридҳо танҳо ҳамон корхонаҳое, ки дар онҳо иштироки давлат бештар аз 50%-ро ташкил медиҳанд, ба бахши давлатӣ дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, аксар вақт меъёрҳои миқдорӣ камтар истифода мешаванд. Масалан, дар Фаронса феҳристи расмии корхонаҳои давлатӣ мавҷуд аст, ки барои пурра кардан ва нав кардани онҳо ҳар сол «Номенклатураи корхонаҳои миллӣ» тартиб дода мешавад, ки ба он шахсони ҳуқуқӣ бо иштироки давлат зиёда аз 30% дохил мешаванд. Дар айни замон ҳамаи корхонаҳои соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба таври автоматӣ ба Номенклатураи зикршуда дохил мешаванд.

Давлати Туркия яке аз давлатҳои ҷавонтарин дар самти инкишофи бахши давлатӣ ба ҳисоб рафта, хеле зуд бахши самараноки давлатиро ташкил намудааст. Дар он корхонаҳои давлатӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: корхонаҳои давлатии хоҷагидорӣ ва ташкилотҳои давлатии хоҷагидорӣ [2,с.48].

Ҳамин тариқ, мисолҳои Фаронса ва Туркия равшан нишон медиҳанд, ки бахши давлатии иқтисодиёт ҳамон сохторҳои иқтисодиеро дар бар мегиранд, ки асосан ба давлат вобастаанд.

Баъзан чунин мешуморанд, ки бахши давлатӣ бояд танҳо он субъектҳои хоҷагидориро дар бар гирад, ки фаъолият ва рушди онҳо пурра аз ҷониби давлат муайян ва таҳти назорати давлат қарор доранд. Дигар сохторҳои иқтисодӣ ба таври нопурра ба бахши ғайридавлатии иқтисодиёт дохил карда шудаанд.

Бо гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва афзоиши хусусигардонии моликияти давлатӣ дар иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳои рушдкарда ҳаҷми бахши давлатӣ зуд ба камшавӣ майл кард. Аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки нигоҳ доштани корхонаҳои давлатӣ дар таркиби иқтисодиёт ва ҳиссаи давлат дар ҳаҷми истеҳсоли кор ва хизматрасониҳо хеле зарур мебошад.

Новобаста аз он, ки дар бораи самаранокии чунин корхонаҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ баҳсу мунозираҳои зиёд вуҷуд доранд, корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ қисми муҳимми иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳанд, зеро онҳо ба аҳолӣ хизматҳои аввалиндараҷа пешниҳод намуда, саҳми хеле назаррас дар бунёди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, арзиши иловагӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ба даст овардани даромадро доранд. Инчунин хизматрасонӣ ҳамчун унсури зарурии рушди истеҳсолоти молӣ дар баланд бардоштани сифати маҳсулот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол намояд ҳам, масъалаи дар соҳаи хизматрасонӣ нигоҳ доштани бахши давлатӣ ва муносибгардонии сатҳи дахолати давлат ба танзими бозорро ба миён мегузорад.

Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки нигоҳ доштан ва такмили механизми хоҷагидории бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ дар зерсоҳаҳои ҳаётан муҳимми соҳаи хизматрасонӣ ва афзоиши нақши бахши давлатӣ аз нигоҳи имкониятҳои танзими давлатӣ зарур мебошад.

Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз гурӯҳҳои корхонаҳое иборат мебошанд, ки одатан шаклҳои зерини тиҷорат доранд:

1) корхонаҳои воҳиди давлатӣ;

2) мақомоти давлатӣ;

3) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки саҳмияҳои назоратии сармояи оинномавии онҳо моликияти давлатӣ мебошанд.

Сохтори бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар байни кишварҳо бисёр фарқкунанда мебошад. Ин, пеш аз ҳама, ба омилҳои зерин вобаста аст:

• сатҳи ташкил ва идоракунии корхонаҳои давлатӣ (марказӣ / федералӣ, штатӣ / минтақавӣ ё маҳаллӣ);

• усулҳои ташкили корхона;

• иерархияи мақомоти давлатӣ;

• мақсади ташкил ва нигоҳдории корхонаҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ;

• мақом (статус)-и корхонаҳои давлатӣ, агар он дар раванди хусусигардон қарор дошта бошад.

Аксар вақт давлат ба соҳаҳое сармоягузорӣ менамояд, ки омилҳои бозор барои ноил шудан ба адолати иҷтимоӣ мусоидат намекунанд, ба монанди сафарбар кардани сармоя ба бунёди инфрасохтори мусоид барои рушди иқтисодиёт, бунёди шабакаи электронии умумимиллӣ ва ё низоми таъмини об.

Ҳадафҳои дигари фаъолият ва нигоҳдории бахши давлатӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ин фароҳам овардани шароит барои рақобати озод, таъмини рушди мутаносиби бахшҳои гуногуни соҳаи хизматрасонӣ, баландбардории ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду бузург дар соҳаи хизматрасонӣ, рушди шарикии бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва ғ. мебошанд.

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста мебошад.

Корхонаҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ кафолати таъмини баробарии иҷтимоӣ дар кишвар буда, ба некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намуда, гарави устувории ҷомеа мебошад. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт, бояд инкишофи таҳқиқотҳои фундаменталии илмӣ ва технологияҳои афзалиятнокро дар мамлакат ҳавасманд гардонад.

Ба ақидаи Стиглис Ҷ. «Миқёси фаъолияти давлатро нишондиҳандаҳои шуғл беҳтар ифода мекунад, зеро аксари молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолкардаи давлат ба фурӯш пешниҳод намешаванд, балки дар бахши давлатӣ муомилот мешаванд ва ройгон ба мардум пешниҳод карда мешаванд, бинобар ин, нархҳои бозор намебошанд» [10,с.34].

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз ҳаҷми маблағгузории давлатӣ вобаста мебошад. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба соҳаи хизматрасонӣ ҳолати базаи моддӣ-техникии корхонаҳои саҳа, дараҷаи интенсификатсияи истеҳсолот дар муассисаҳои тиббию таълимӣ ва ташкилотҳои бо ҳифзи муҳити зист алоқаманд, ба назар гирифта мешавад.

Давлат ба воситаи маблағгузории мустақим самти корҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян намуда, дараҷаи зарурии инкишофи онро таъмин менамояд. “Маблағгузории давлатӣ асосан ба соҳаҳои инфрасохтор: роҳсозӣ, намудҳои асосии хизматрасонии коммуналӣ, сохтмони каналҳо ва иншооти бандарӣ, алоқаи почта, мудофиа, тартиботи ҳуқуқӣ ва идораи давлатӣ равона карда мешавад» [7,с.54].

«Ҳарчанд самтҳои дахолати давлат ба фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасонӣ дар кишварҳои гуногун характери умумӣ дошта бошанд ҳам, вазифаҳо, миқёс ва имкониятҳои он вобаста ба шароити махсуси таърихӣ, фазаҳои сиклии иқтисодӣ дар иқтисодиёт, сатҳи рушди кишвар ва модели иқтисодии он фарқ мекунанд» [7,с.55].

Давлат ҳамчун истеҳсолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, миқёси хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро танзим мекунад. Ин ба давлат имкон медиҳад, ки инкишофи хизматрасонии коллективиро, ки барои беҳтар намудани сифати муҳити иҷтимоӣ заруранд, дар сатҳи лозима таъмин намояд. «Рушди маориф ва тайёрии касбӣ, таъмини амнияти дастаҷамъӣ, муҷаҳҳазсозии ҳудудҳо, ҳифзи иҷтимоӣ, корҳои асосии бунёди инфрасохтор - ҳамаи ин ба доираи таваҷҷуҳи давлат дохил шуда, раванди навсозиро ифода мекунад» [3,с.39]. Давлат тавассути субсидияҳои давлатӣ ба хароҷоти истеҳсолкунандагон дар соҳаи хизматрасонӣ ба ҳаҷми талабот ва пешниҳод таъсир мерасонад.

Дар марҳалаи муосири рушди қувваҳои истеҳсолкунанда миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат вобаста мебошад.

Миқёси баланди бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ бештар дар комплексҳои мудофиаи мамлакат, сӯзишворию энергетикӣ, маориф, тиб ва соҳаи нақлиёту алоқа хос мебошад.

«Кам кардани миқёси бахши давлатӣ амалан маънои маҳрум кардани воситаи (фишанги) асосии идоракунӣ дар ислоҳоти иқтисоди миллиро дорад» [11,с.49].

Баъзе иқтисодчиён кам кардани миқёси бахши давлатиро тарафдорӣ намуда, самаранокии пасти ин соҳаро баҳона мекунанд. Аммо, аз нуқтаи назари мо, агар рушди бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ба қадри кифоя маблағгузорӣ карда шавад, он гоҳ вай метавонад ба воситаи хеле самарабахши танзими иқтисодиёти миллӣ табдил ёбад.

Муҳаққиқони муосир якчанд ҷанбаҳои универсалӣ ва динамикиеро муайян менамоянд, ки имконпазирии убури давлат аз сарҳади «нозири беруна»-ро муайян мекунанд [11,с.50].

Барои муайян кардани миқёси бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд:

• ҳиссаи давлат дар ҳаҷми фондҳои асосии корхонаи соҳаи хизматрасонӣ;

• ҳиссаи хизматрасониҳои пешниҳод намудани бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ;

• ҳиссаи бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии иқтисодиёти кишвар;

• ҳиссаи аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар бахши давлатӣ гузаранда;

• шумораи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ.

Нуқтаи ибтидоии ҳама гуна таҳлил идеяи миқёси падида аст. Ва ин аввалин мушкилотест, ки дар назди муҳаққиқони бахши давлатӣ истодаанд.

Методологияи баҳодиҳии миқёс ва самаранокии бахши давлатӣ ба ақидаҳо дар бораи моҳият ва хусусияти бахши давлатӣ ҳамчун унсури махсуси хоҷагии халқ асос ёфтааст.

Миқёс ва самаранокии бахши давлатии иқтисодиётро бо чунин усулҳо ва нишондиҳандаҳо метавон чен кард [2,с.46-67]:

1) усулҳои баҳодиҳии миқёси бахши давлатии иқтисодиёт;
2) усулҳои таҳлили самаранокии иҷтимоии бахши давлатӣ;
3) самаранокии мақсадноки фаъолияти бахши давлатӣ;
4) самаранокии молиявии бахши давлатии иқтисодиёт;
5) самаранокии макроиқтисодии интегралии бахши давлатии иқтисодиёт;
6) мувозинати самаранокии фаъолияти бахши давлатӣ;
7) самаранокии динамикии фаъолияти бахши давлатӣ;
8) самаранокии буҷетии фаъолияти бахши давлатӣ.

**Усулҳои баҳодиҳии миқёси бахши давлатии иқтисодиёт.** Ҳангоми баҳодиҳии миқёси фаъолияти бахши давлатӣ дар амал ҳамон равишҳое истифода мешавад, ки ҳангоми баҳодихии миқёси фаъолияти дилхоҳ соҳаҳои дигари иқтисодиёт истифода гардидаанд. Зимни баҳодиҳии бахши давлатӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хароҷоти бахши давлатӣ бо тамоми имконоти методологӣ ва таҳлилӣ ба назар гирифта мешавад.

Ин равиш чунин маъно дорад, ки ҳар як самти фаъолияти бахши давлатӣ ва корхонаҳои он мавриди таҳлили иқтисодӣ қарор дода мешавад. Миқёси фаъолияти бахши давлатӣ, миқдори векторӣ мебошад. Вобаста ба ин, масъалае ба миён меояд, ки чӣ гуна баҳодиҳии интегралӣ ва ниҳоии миқёси бахши давлатӣ ба даст оварда шавад, бо назардошти он ки бисёре аз унсурҳои бузурги фаъолияти бахши давлатӣ муқоисанашаванда мебошанд.

Нишондиҳандаҳои мушаххаси миқёс ва самаранокии бахши давлатӣ аз ҳадафҳои таҳлил вобастаанд. Агар таҳлил муфассал ва амиқ бошад, пас бояд бо вектори нишондодҳои аксар анҷом дода шавад. Агар таҳлили макроиқтисодӣ барои дарки нуқтаҳои асосии инкишофи бахши давлатӣ гузаронида шавад, пас бояд дар асоси маҷмуи хеле ками нишондихандаҳо ташкил карда шавад.

Тавре зикр намудем, андозаи бахши давлатиро метавон аз рӯи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии он арзёбӣ кард, ки истифодаи нишондиҳандаҳои гуногуни хусусии миқёсро дар бар мегирад. Дар байни онҳо, чун қоида, панҷ нишондиҳандаи зерин фарқ мекунанд [2,с.47]:

К1 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар шумораи умумии шуғлдоштагон дар кишвар;

К2 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар ҳаҷми умумии фондҳои асосии кишвар;

К3 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар маҷмуи маҳсулоти баровардашуди кишвар;

К4 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар шумораи умумии корхонаҳои мамлакат;

К5 – ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосии бахши давлатӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ.

Вобаста ба мақсадҳои таҳқиқ ва сарбории маънавӣ коэффитсиентҳои алоҳидаи К1, К2, К3, К4 ва К5, ин нишондиҳандаҳо барои арзёбии миқёси бахши давлатӣ интихоб карда мешаванд. Коэффитсиентҳои К1 ва К2 ҳиссаи макроомилҳои асосиро ба мисли меҳнат ва сармоя дар ихтиёри давлат нишон медиҳанд; Коэффисиенти К3 натиҷаҳои фаъолияти бахши давлатиро инъикос менамояд, ки ҳаҷми хизматрасонӣ ё маҳсулоти истеҳсоли корхонаҳои бахши давлатиро дар назар дорад; Нишондиҳандаи К4 аҳаммияти бахши давлатиро дар байни дигар субъектҳои хоҷагидории мавҷуда нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда вазъияти имрӯзаи бахши давлатиро хуб нишон медиҳад. Нишондиҳандаи К5 иқтидори ояндаи бахши давлатиро муайян мекунад.

Дар асоси арзишҳои нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, арзёбии интегралии миқёси бахши давлатӣ бо истифода аз формулаи зерин амалӣ карда мешавад.

$$K = \left(\frac{K_1+K_3+K_5}{3}\right)100\% \quad (1)$$

$$K = \left(\frac{K_1+K_3+K_4}{3}\right)100\% \quad (2)$$

$$K = \left(\frac{K_1+K_2+K_4}{3}\right)100\% \quad (3)$$

$$K = \left(\frac{K_1+K_3+K_4+K_5}{3}\right)100\% \quad (4)$$

Формулаи дар боло зикршуда, дар амалияи байналхалқӣ барои баҳодиҳии андозаи бахши давлатии иқтисодиёт васеъ истифода мешавад. Бо истифода аз ин формула, дар бораи самаранокии истифодабарии меҳнат ва сармоя аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ, вазни қиёсии истеҳсоли маҳсулоти тайёр ё ҳаҷми хизматрасоние, ки ба корхонаҳои давлатӣ расонида мешавад, хулоса баровардан мумкин аст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили амиқи арзёбии миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва самаранокии фаъолияти он, инчунин бо истифода аз маҷмуи хурди нишондиҳандаҳои дигар таҳлили муқоисавии бахши хусусии соҳаи хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, арзёбии интегралии коэффитсиенти К ҳиссаи миёнаи бахши давлатии соҳаи хизматрасониро дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ноҳия ва соҳа бо фоиз ифода мекунад. Қимати ин нишондиҳанда метавонад аз 0% оғоз гардида, то 100% бошад. Дар сурати 0% будани коэффитсиенти К аз пурра мавҷуд набудани бахши давлатӣ дар ин ё он соҳаи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад. Дар ҳолати 100% будани ин коэффитсиент бахши давлатӣ афзалияти бештар ва ё мавқеи монополиро дар як бахши хизматрасонӣ дорад. Дар ҳолати паст шудани арзиши нишондиҳанда К сухан дар бораи суст шудани мавқеи давлат дар соҳаи муайян ё умуман дар иқтисодиёти кишвар меравад ва ҳангоми баланд шудани арзиши К ин маънои мустаҳкам шудани мавқеи давлатро дар соҳаи иқтисодиёт ё соҳаҳои алоҳидаи он нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда дар ташаккули сиёсати танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ низ васеъ истифода мегардад.

**Усулҳои таҳлили самаранокии иҷтимоии бахши давлатӣ.** Азбаски бисёре аз корхонаҳои бахши давлатӣ ё зараровар ё фоидаоваранд, яке аз нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии фаъолияти онҳо нишондиҳандаи самаранокии иҷтимоӣ мебошад. Нишондиҳандаи умумии самаранокии иҷтимоии фаъолияти бахши давлатӣ нишон

медиҳад, ки корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ то кадом андоза фаъолона иштирок мекунанд. Он ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

$$С_{иљтимої} = \frac{С}{З} \qquad (5)$$

ки дар он С – самараи иҷтимоӣ аз маблағгузории чорабиниҳо;
З – ҳаҷми захираҳои давлатӣ, ки барои маблағгузории чорабиниҳо бо мақсади ба даст овардани самара (С) равона карда мешаванд.

Дар ин маврид худи нишондиҳандаи самаранокии иҷтимоӣ дараҷаи хароҷоти як чорабинии муайянро барои буҷет ва аз ин рӯ, дараҷаи гаронии корхонаи бахши давлатиро, ки чорабинии иҷтимоии дилхоҳро ба амал мебарорад, нишон медиҳад. Ин шакли хеле маҳдуди таҳлили фаъолияти бахши давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, баъзан дар амалияи кишварҳои пешрафтаи Ғарб барои таҳлили самаранокии маблағгузории корхонаҳои бахши давлатӣ, ки бо номи методологияи «се Е» маъруф аст, сарфакорӣ (economy), самаранокӣ (efficiency) ва самарабахширо (effectiveness) ифода мекунад, истифода мешавад.

**Самаранокии мақсадноки фаъолияти бахши давлатӣ.** Самти дигари баҳодиҳии самаранокии бахши давлатӣ бевосита аз моҳияти худи мафҳуми бахши давлатӣ ҳамчун маҷмуи корхонаҳое бармеояд, ки давлат барои онҳо ҳадафҳои хеле мушаххас гузоштааст, ки воқеан мавҷудияти бахши давлатиро асоснок мекунанд. Маҳз тавассути гузоштани ҳадафҳои мушаххас дар назди бахши давлатӣ, давлат манфиатҳои стратегии худро новобаста аз омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ, экологӣ ва ғайра ҳимоя мекунад. Ин равиш хатти мувофиқро дар арзёбии самаранокии бахши давлатӣ, муқоисаи натиҷаҳои интизорӣ ва воқеии фаъолияти онро дар назар дорад. Дарвоқеъ, мо бо асосноккунии иқтисодии барномавии мақсадноки худи мавҷудияти бахши давлатӣ дучор мешавем.

Методологияи рейтингии баҳодиҳии фаъолияти корхонаи бахши давлатӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама самаранокии идоракуниро дар бахши давлатӣ баланд бардорад.

**Самаранокии молиявии бахши давлатӣ.** Бо назардошти он, ки меъёри асосии фаъолияти бомуваффақияти ҳар як субъекти хоҷагидор, қобилияти молиявии он ба ҳисоб меравад, бахши давлатӣ низ ба ин меъёр дохил мешавад. Ҳарчанд ҷанбаҳои молиявӣ дар фаъолияти бахши давлатӣ на ҳамеша нақши ҳалкунанда доранд, аммо барои муайян кардани мавқеи бахши давлатӣ аз ҷиҳати молиявӣ зарур мебошад. Барои баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти молиявии бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зиёд мавҷуданд, ки асоситаринашон ин нишондиҳандаи даромаднокӣ мебошад.

Таҳлили динамикаи даромади корхонаҳои давлатӣ нисбат ба даромади миллӣ имкон медиҳад, ки тамоюли худтаъминкунии бахши давлатӣ, ки барои тартиби таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, ба назар гирифта шавад.

Дар айни замон, дар робита ба иқтисодиёт нишондиҳандаҳои даромаднокии (бедаромадии) бахши давлатӣ на дар банақшагирии фаъолияти худи бахши давлатӣ, балки дар таҳияи буҷети давлатӣ ва хароҷоти буҷет барои эҳтиёҷоти бахши давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар робита ба ин, фаъолона ҷорӣ намудани чунин нишондиҳандаҳо дар амалияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад сатҳи асоснокии пешгӯиҳо ва қарорҳои макроиқтисодиро баланд бардорад.

Инчунин, нишондиҳандаҳои дигари баҳодиҳии вазъияти молиявии бахши давлатӣ (ҳаҷми қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ, ҳаҷми қарзҳои музди меҳнат, музди миёнаи меҳнат ва ғайра) мебошанд, ки зимни таҳлили муфассали макроиқтисодии рушди бахши давлатӣ хеле кам истифода мешаванд [2,с.49].

Барои арзёбии самаранокии фаъолияти миқёси бахши давлатӣ, инчунин нишондиҳандаи даромаднокӣ низ мавҷуд аст, ки васеъ истифода мешавад. Ба андешаи М.В. Курбатов, Е.С. Каган, А.А. Вшивков, «миқёси калон ва босуръати бахши давлатӣ аксар вақт даромаднокии паст дошта, дар маҷмуъ, ба вазъи иқтисодии кишвар таъсири манфӣ мерасонад» [6,с.9].

Ба гуфтаи Якобсон, афзоиши бахши давлатӣ, ки дар ниҳоят ҳамчун фишанги муҳимми дахолати давлат ба иқтисодиёт истифода мешавад, ба рақобати озод таҳдид мекунад ва ангезаҳои иқтисодиро коҳиш медиҳад. Дар асоси ин, афзоиши миқёси бахши давлатӣ на ҳамеша аз самаранокии низоми иқтисодии кишвар бозгӯ мебошад. Дар асоси

ин миқёс ва ё мавқеи бетарафии бахши давлатии иқтисодиётро ёфтан лозим аст, зеро вай принсипҳои рақобати озодро вайрон накарда, манфиатҳои аҳолиро ҳифз намуда, дараҷаи некуаҳволии онро баланд мебардорад. Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян кардани миқёси оқилонаи бахши давлатии иқтисодиёт омилҳои кам кардани таъсири давлат ба шароити бозор ва истифодаи бахши давлатиро ҳамчун фишанги назорати сатҳҳои нарх ё пешниҳод ба назар гирифтан лозим аст [12,с.58].

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ бояд ҳудуди ҳаракаткунанда дошта бошад, ки аз хусусиятҳои ҳар як зербахши соҳаи хизматрасонӣ вобастагӣ дорад. Масалан, дар соҳаи тиб ва маориф корхонаҳои давлатӣ бояд аз пайи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бошанд, дар соҳаи хизматрасонии соҳибкорӣ бошад, фоида ба даст оварда, буҷети давлатии кишварро пур кунанд. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аксар вақт дар зери таъсири ҳолати сифатии иқтисодиёт тағйир меёбад. «Ҳар қадаре ки он баландтар бошад, ҳамон қадар имкони рушди бахши хусусии иқтисод зиёд мешавад. Дар сурати паст будани сифати иқтисоди миллӣ тамоюли афзоиши бахши давлатии иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад» [4,с.325].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ0 нишондиҳандаҳои умумииқтисодии муайян кардани ҳиссаи давлат дар пешниҳоди ин ё он намуди хизматрасонӣ бо назардошти сармоягузорӣ ба ин соҳа, таъмини шуғли аҳолӣ ва амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд. Барои аниқтар муайян кардани миқёси бахши давлатӣ нишондиҳандаҳое низ истифода мешаванд, ки фаъолияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасониро муайян мекунанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти баъзе корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасониро ду ва ё зиёда вазорату идорадои давлатӣ танзим мекунанд. Аз ин хотир, барои роҳ надодан ба хатогиҳо ҳангоми муайян кардани миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ мебояд дараҷаи такроршавии баъзе вазорату идораҳоеро, ки ҷавобгари моликияти давлат мебошанд, ба назар гирифт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Валиев Н.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Балацкий Е.В. Государственный сектор в системе макроэкономического регулирования / Е.В. Балацкий // «Проблемы теории и практики управления». - 2001. -№1.
2. Балацкий Е.В. Российская модель государственного сектора экономики. Монография / Е.В. Балацкий, В.А. Конышев. -М.: ЗАО Издательство Экономика, 2005. -390 с.
3. Бгане Ю.К. Социальная значимость и экономическая эффективность реализации инвестиционного потенциала сферы потребительских услуг в современной России / Ю.К. Бгане. -М.: АТИСО, 2012. -С.39.
4. Кононкова Н.П. Государственный сектор в рыночной экономике: вопросы теории и современной российской практики: диссертация доктора экономических наук / Н.П. Кононкова. -М:. Гос. ун-т им. М. В. Ломоносова, - 325 с.
5. Конышев В.А. Государственный сектор России: проблемы форми рования и направления совершенствования / В.А. Конышев. -М.: ИМЭИ, 2003.
6. Курбатова М.В. Оценка масштабов государственного сектора регионов РФ их взаимосвязи с уровнем экономического развития / М.В. Курбатова, Е.С. Каган, А.А. Вшивкова // Вопросы регулирования экономики. «ООО Гуманитарные перспективы». – 2016. -Том 7. -№3. -С.9.
7. Петренко В.А. Государственная поддержка становления малого предпринимательства на региональном уровне / В.А. Петренко // Вопросы экономики. - 2005. -№2. -С.54.
8. Рассадина А. Государственный сектор в развитых странах (опыт Франции и Великобритании) / А. Рассадина // «Экономист». - 2002. -№6. -С.10.
9. Стиглиц Дж. Экономика государственного сектора / Дж. Стиглиц. -М.: Инфра-М, 1997. -С.34.
10. Шумаев В.А. Совершенствование управления государственным сектором экономики с учетом опыта зарубежных стран / В.А. Шумаев // Механизация строительства. - 2013. -№10. -С.50.
11. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора / Л.И. Якобсон // Основы теории государственных финансов: учебник для вузов по направлению «Экономика». -М.: Аспект Пресс, 1996. -556 с.


## УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ МИҚЁСИ БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ


Дар мақола аз ҷониби муаллифон андешаҳои муфид доир ба бахши давлатии иқтисодиёт, бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, ҳудуди истифодаи моликияти давлатӣ, мавқеи корхонаҳои давлатӣ дар пешрафти иқтисодиёт ва зарурати баҳодиҳии миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ пешниҳод гардида, ҷанбаҳои назариявии моҳияти моликияти давлатӣ, мақсадҳои асосии моликияти давлатӣ ва муҳиммияти иштироки давлат дар рушди иқтисодиёт шарҳ дода шудааст. Муаллифон зимни таҳқиқи мавзуи мазкур омилҳои фарққунандагии бахши давлатии соҳаи хизматрасониро дар байни кишварҳо пешниҳод

намуда, вобаста ба он ҳадафҳои фаъолият ва нигоҳдории бахши давлатии соҳаи хизматрасониро муайян намудаанд. Доир ба вобастагиҳои миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ақидаҳои олимон оварда шуда, барои муайян кардани он нишондиҳандаҳои мушаххас пешниҳод гардидааст. Барои баҳодиҳии миқёс ва самаранокии бахши давлатии иқтисодиёт якчанд усулҳо пешниҳод гардида, вобаста ба онҳо муодилаҳо шарҳ дода шудааст. Дар мақола вобаста ба миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ қайд шудааст, ки он бояд ҳудуди ҳаракаткунанда дошта бошад. Ҳамин тавр, барои муайян намудани миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои умумииқтисодии муайян кардани ҳиссаи давлат дар пешниҳоди ин ё он намуди хизматрасонӣ бо назардошти сармоягузорӣ ба ин соҳа, таъмини шуғли аҳолӣ ва амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ истифода гардидааст.

**Калидвожаҳо:** моликият, моликияти давлатӣ, ҳудуд, миқёс, андоза, усул, самаранокӣ, бахши давлатӣ, корхона, корхонаҳои давлатӣ, хизматрасонӣ, соҳаи хизматрасонӣ, бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, самаранокӣ, нишондиҳанда.

## МЕТОДЫ ОЦЕНКИ МАСШТАБА ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА СФЕРЫ УСЛУГ

В статье авторы представляют полезные мнения о государственном секторе экономики, государственном секторе сферы услуг, пределах использования государственного имущества, месте государственных предприятий в развитии экономики и необходимости оценки, объяснены масштабы государственного сектора сферы услуг, теоретические аспекты сущности государственной собственности, основные цели государственной собственности и значение участия государства в экономическом развитии. В ходе исследования данной темы авторы представили дифференцирующие факторы государственного сектора сферы услуг среди стран, а также определили цели функционирования и обслуживания государственного сектора сферы услуг. Представлены мнения ученых о зависимости масштабов государственного сектора в сфере услуг и предложены конкретные показатели для его определения. Для оценки масштабов и эффективности государственного сектора экономики предложено несколько методов и объяснены связанные с ними уравнения. Применительно к масштабам государственного сектора сферы услуг в статье отмечается, что он должен иметь пределы перемещения. Таким образом, для определения масштабов государственного сектора сферы услуг, общеэкономических показателей определения доли государства в предоставлении того или иного вида услуг с учетом инвестиций в эту сферу, обеспечения занятости и осуществления контроля использовалась деятельность государственных предприятий в сфере услуг.

**Ключевые слова:** имущество, государственная собственность, территория, масштаб, размер, метод, эффективность, государственный сектор, предприятие, государственные предприятия, услуги, сфера услуг, государственный сектор сферы услуг, эффективность, показатель.

## METHODS FOR ASSESSING THE SCALE OF THE PUBLIC SECTOR IN THE SERVICE SECTOR

In the article, the authors present useful opinions on the public sector of the economy, the public sector of the service sector, the limits of use of state property, the place of state-owned enterprises in the development of the economy and the need for assessment; the scale of the public sector of the service sector, theoretical aspects of the essence of state property, the main goals of state ownership and the meaning of participation are explained states in economic development. In the course of researching this topic, the authors presented the differentiating factors of the public service sector among countries, and also determined the goals of the functioning and maintenance of the public service sector. The views of scientists on the dependence of the scale of the public sector in the service sector are presented and specific indicators are proposed for its determination. To assess the size and efficiency of the public sector of the economy, several methods are proposed and the associated equations are explained. In relation to the scale of the public sector of the service sector, the article notes that it must have limits of movement. Thus, to determine the scale of the public sector of the service sector, general economic indicators of determining the state’s share in the provision of a particular type of service, taking into account investments in this area, providing employment and exercising control over, the activities of state enterprises in the service sector were used.

**Keywords**: property, state property, territory, scale, size, method, efficiency, public sector, enterprise, state-owned enterprises, service, service sector, public service sector, efficiency, indicator.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, датсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 880-80-13-55**

***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. датсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**

***Рустамов Раҳим Умаршоҳович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru.** Телефон**: (+992) 93-510-90-60**

**Сведения об авторах:** ***Имомов Муродали Курбонмахмадович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцент кафедры финансов и налогообложения. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 880-80-13-55**

***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцент кафедры финансов и налогообложения **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**
***Рустамов Рахим Умаршохович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, зав. кафедрой экономического анализа и статистики. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-510-90-60**

**Information about the authors:** ***Imomov Murodali Kurbonmahmadovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Phone: **(+992) 880-80-13-55**
***Khidiraliev Rustam Zulfalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru**. Phone: **(+992) 939-00-07-37**
***Rustamov Rahim Umarshokhovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis and Statistics. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-510-90-60**

**ТДУ: 338.48(575.3)**

# САЙЁҲИИ ДЕҲОТ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИММИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ПЕШРАФТА

***Ҳасанов Ю.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сайёҳӣ дар замони муосир ба пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии миллӣ мусоидат менамояд. Сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми таркиби хоҷагии миллӣ ба сифати муҳаррики иқтисодӣ баромад намуда метавонад. Дар давраи солҳои 90-уми асри XX, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ сурат гирифт, ки дар натиҷа, мушкилиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ падид омаданд. Барои ҳалли ин мушкилот на танҳо таъминоти захиравии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин васеънамоии самтҳои нави кишоварзӣ ба мисли ташкили комплекси кишоварзию саноатӣ (ККС) муҳим аст. Ҷараёни ташаккули кишоварзӣ на танҳо боиси пешрафти деҳот, инчунин яке аз сабабҳои ташаккули шакли нави сайёҳӣ, яъне агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот мегардад.

Зери мафҳуми агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот, баргузории чорабиниҳои гуногун (варзишӣ, шиносоӣ бо ҳайёти деҳот ва самтҳои фаъолияти сокинони деҳот, алалхусус дар бахши кишоварзӣ, беҳдоштӣ, фарҳангию фароғатӣ), ки ба бунёди шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ дар шароити деҳот равона гардидааст, фаҳмида мешавад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба самаранокии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва таъминоти муҳити оптималии рақобатпазир дар бозори сайёҳӣ (дар заминаи шинохти фарҳанги маҳаллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, моҳидорӣ, шикори байналхалқӣ) оварда мерасонад.

Ба маънии том, агросайёҳӣ дар ҷанбаи ҳудудӣ, ҳамчун соҳаи калидӣ баромад намуда, ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва дар маҷмуъ ба пешрафти инфрасохтори деҳот мусоидат менамояд. Агросайёҳӣ яке аз самтҳои экосайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Аз нуқтаи назари геодемографӣ агросайёҳӣ ин сайёҳии берун аз ҳудуди шаҳрӣ, яъне дар маконҳое, ки зичии аҳолӣ кам аст, мебошад. Умуман агросайёҳӣ ин шакли фаъолияти сайёҳӣ оид ба истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихию фарҳангии деҳот маҳсуб меёбад. Аз нуқтаи ташкили истеҳсолоти маҳсулоти рекреатсионӣ - ин маҷмуи хизматрасониҳои гуногун оғоз аз истиқомат дар хонаҳои деҳот, экосайрҳо, сафарҳои саргузаштӣ ва анҷом бо иштироки бевосита дар машғулияти аҳолии маҳал маҳсуб меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои охир вобаста ба вайроншавии муҳити экологӣ, самти сафари сайёҳони байналхалқӣ тағйир ёфтааст. Агар то солҳои 2000-ум фоизи бештари сайёҳон ба сайёҳии ғайрифаъол рӯ меоварда бошанд, пас имрӯз раванди афзоиши сайёҳии фаъол, яъне сайёҳӣ ба муҳити экологии солим бештар шуда истодааст.

Сайёҳӣ бахусус сайёҳии байналмилалӣ ҳарчи бештар тамоюл ба сайёҳии «сабз» намуда истодааст, яъне ба ҷои SSS (sun, sea, sand-офтоб, баҳр, рег) LLL (landskare, lore, leisure-манзара, анъана, фароғат) иваз шуда истодааст. Дар ин замона кишварҳое, ки воқеан ҳам дорои манзараҳои зебои табиӣ ва фарҳанги хосса доранд, имконияти ҷалби бештари сайёҳонро пайдо менамоянд. Барои ҷалби сайёҳон ба минтақаҳои «сабз» бунёди меҳмонхонаҳои баландошёна муҳим нест, яъне зарур аст то меҳмонхонаҳое бунёд шаванд, ки бо табиати атроф омезиш ёбанд. Чунончи, дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ба мисли Сарихосор, Ховалинг, ноҳияҳои водии Рашт, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Панҷакент, Мастчоҳи кӯҳӣ, ҳудудҳои кӯҳии водии Ҳисор ин гуна меҳмонхонаҳо ё маҷмааҳои сайёҳӣ бунёд шаванд, яъне дар ҳудудҳое, ки офати табиӣ вуҷуд надошта бошанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди агросайёҳӣ вобаста ба вазифаҳои муайян хусусияти гуногунҷанбавӣ гирифта истодааст.

Пайдоишу таҳаввули агросайёҳӣ дар давлатҳои Аврупо ба он вобаста буд, ки солҳои охир ҷараёни муҳоҷирати аҳолии деҳот ба шаҳрҳои калони саноатӣ суръати тез гирифт ва дар натиҷа, якуякбора истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба мисли шароб, панир, мева ва маҳсулотҳои мевагӣ ва ширӣ коҳиш ёфта, боиси аз байн рафтани деҳаҳо гардид.

Инчунин, бо мақсади таъмини сафарҳои сайёҳии дохилӣ барои аҳолии табақаҳои камбизоат, барномаҳои махсуси аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда тарҳрезӣ ва

татбиқ гардиданд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар ташкилу рушди агросайёҳӣ давлат нақши калидиро иҷро менамояд.

**Ҷадвали 1. Вазифаҳои агросайёҳӣ дар давлатҳои алоҳида**
**Table 1. Tasks of agrotourism in individual states**

| давлат | вазифаҳо |
|---|---|
| Фаронса<br>Итолиё<br>Австрия<br>Швейсария<br>Лаҳистон | - дастгирии истеҳсолоти кишоварзӣ;<br>- дастгирии деҳаҳои қафомонда;<br>- эҳёи деҳаҳо, ки дар натиҷаи муҳоҷирати ҷавонон ба шаҳрҳо аҳолиашон пайваста кам шуда, хоҷагиҳои кишоварзӣ аз истеҳсолот боз монда истодаанд;<br>- нигоҳдошти аҳолии маҳал. |
| Олмон | - ташкили фароғат барои аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ камдаромад;<br>- дастгирӣ ва рушди деҳаҳо; |
| Кипр | - бунёди деҳаҳои намунавӣ; |
| Малайзия | - ташвиқи хоҷагии кишоварзии миллӣ; |
| Чин | - баландбардории шароити иҷтимоии аҳолии деҳот;<br>- дастгирии бахши кишоварзӣ дар деҳаҳои дар минтақаҳои дурдаст воқеъбуда;<br>- ташкили деҳаҳои намунавӣ ва дар онҳо бунёди меҳмонхонаҳои типи Houmstay ва Guesthouse. |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон (дурнамо) | - эҳёи ҳунарҳои мардумии фаромӯшшуда;<br>- ташкили деҳаҳои бо кишоварзӣ махсуснидашуда ва ғ. |

Ташаккули агросайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ мақсадҳои майянро иҷро менамояд.

**Расми 1. Таъсири сайёҳӣ ба рушди деҳот**
**Figure 1. The impact of tourism on rural development**




Азбаски, ҳоло агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот хусусияти рушди босуботро дар аксар кишварҳо касб кардааст, зарурати мусоидат ва дасгирии давлатӣ дар ташкили самтҳо ва ё комплексҳои сайёҳӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ ба миён омадааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дороиҳои табиӣ-иқлимии хосса имконияти бештари ташаккули сайёҳии деҳотро дорад ва дар натиҷаи тарҳрезию татбиқи барномаҳои мақсадноки агросайёҳӣ метавон маҳсулоти сайёҳии деҳотро дар бозори сайёҳии байналхалқӣ муаррифӣ намуд.

Қобили қайд аст, ки шарти асосии рушди сайёҳии деҳот даврагӣ, зинавӣ, пайдарҳамӣ ва пайвастагӣ дар чаҳорчӯбаи рушди умумииқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади рушди сайёҳии деҳот, зарурати ташкили минтақаҳои агроиқтисодии сайёҳӣ ба миён омадааст. Дар раванди муайян намудани минтақаҳои агросайёҳӣ иқтисодӣ хусусиятҳои он бояд ба инобат гирифта шавад, яъне ҳар як минтақа вижагиҳои худро дорад. Чунончи;

-Минтақаи агросайёҳӣ бо назардошти самтҳои боғпарварӣ, сабзавоткорӣ ва ғалладонагиҳо, (минтақаи Рашт, Ванҷ, Дарвоз Ховалинг, Муминобод, Ҳисор, Турсунзода ва ғ).

- Минтақаи агросайёҳӣ бо назардошти ангурпарварӣ (Ҳисор Шаҳринав, Турсунзода, Панҷакент, Исфара ва ғ). Қобили қайд аст, ки бахши шаробпазии хусусӣ, ки дар аксар кишварҳои ангурпарвар марказҳои ҳудудро муаррифӣ менамоянд (Фаронса, Италия, Юнон), дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоранд.

- Минтақаи агросайёҳии ширию гӯштӣ (ноҳияҳои водии Рашт, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин, Мастчоҳи Кӯҳӣ, ноҳияҳои ғарбии Бадахшон).

Бунёди минтақаҳои агросайёҳӣ алалхусус дар ҳудудҳои деҳоти Тоҷикистон соҳаи мураккаб буда, фаъолияти босамари он ба беҳгардии ҳолати иҷтимоии аҳолии деҳот, рушди инфрасохтори деҳот ҳамчун унсури муҳимми ҳайёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Ҷараёни пешрафти агросайёҳӣ дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ водор менамояд, то SWOT таҳлил гузаронем.

**Ҷадвали 2. SWOT таҳлили шартҳои рушди экосайёҳӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон**
**Table 2. SWOT analysis of conditions for the development of ecotourism in the Republic of Tajikistan**

| **Тарафҳои қавві** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| - мавҷудияти сарватҳои сайёҳии табиӣ, яъне мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва ғайра;<br>- иқтидори баланди кишоварзии ҳудудҳо;<br>- самтҳои бисёрсоҳавии хоҷагиҳои кишоварзӣ;<br>- мавҷудияти ҳудудҳои махсуси боғпарварӣ, зироатҳои полезӣ ва маконҳои паҳншавии гиёҳҳои шифобахш;<br>- дар минтақаҳои гуногуни деҳот мавҷудияти ҳунармандони халқӣ;<br>- нотакрории муҳити табиӣ. | - мавҷуд набудани инфрасохтори хизматрасонӣ дар ҳудудҳои деҳот;<br>- набудану амалӣ нагардидани барномаҳои махсуси мақсадноки дастгирии сайёҳии деҳот;<br>- шароити номусоиди эпидемиологии деҳаҳо;<br>- зинаи пасти инфрасохтори нақлиётӣ;<br>- ҳаракати сусти маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори сайёҳӣ;<br>- мавҷуд набудани шакли махсуси қарздиҳии имтиёзнок ба сокинони ҳунарманди деҳот. |
| **Имкониятҳо** | **Таҳдидҳо** |
| - муҳити мусоиди инвеститсионӣ барои татбиқи лоиҳаҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ;<br>- рушди даромади аҳолии маҳал;<br>- бунёди ҷойҳои нави корӣ;<br>- барқароршавии инфрасохтори деҳот;<br>- ҷалби сайёҳони хориҷӣ. | - болоравии нарх ба хадамоти сайёҳӣ;<br>- коҳишёбии дастрасии аҳолии деҳот ба хадамоти сайёҳӣ вобаста ба болоравии нарх;<br>- нобаробарии иҷтимоӣ;<br>- падид омадани мушкилиҳо вобаста ба носолим гардидани ҳолати экологӣ. |

Таҳлили овардашуда нишон медиҳад, ки дар сурати ташаккул додани агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот заминаи даромадофарӣ барои аҳолии деҳот муҳайё мегардад.

Инчунин, ташаккули агросайёҳӣ ҳамбастагии муассисаҳои фаъолияташон ба самтҳои гуногун равонагардидаро тақозо менамояд, ки дар натиҷа комплекси ягонаи сайёҳӣ дар деҳот ташкил ва мукаммал мегардад. Чунончи:

Таҳлилҳо собит месозанд, ки бахши агросайёҳӣ дар аксар кишварҳо ба яке аз сохторҳои таркибии муҳимми иқтисодӣ табдил ёфтааст.

**Расми 2. Ҳамбастагии муассисаҳои инфрасохторӣ дар ташкили комплекси агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот**

**Figure 2. Cooperation of infrastructural institutions in the creation of an agro-tourism or rural tourism complex**




Ҳамин тавр, ташаккулёбии агросайёҳӣ дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ метавонад, яке аз самтҳои рушди иқтисодиёти деҳот гардида, ба нишондодҳои зерин мусоидат намояд:

-болоравии сатҳи даромаднокии аҳолии деҳот;

-таъмини шуғл (коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ);

-рушди инфрасохтори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳандисии деҳот;

- паси сар намудани вайроншавии ҳудудҳои деҳот;

-эҳёи меросҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ ва ғ.

Ба андешаи мо, бо мақсади таъмини пешрафти агросайёҳӣ ва ташаккули деҳаҳо, хусусан деҳаҳое, ки дорои захираҳои муайяни агросайёҳӣ мебошанд, зарур аст то масъалаҳои зерин таҳлил гардида. нисбати татбиқи онҳо чораҳои амалӣ андешида шаванд:

-ташкили деҳаҳои намунавӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ;

-ташкили марказҳои ҳунарҳои мардумӣ, ки дар он ҷо имконияти бунёд ва фурӯши маҳсулотҳо ба вуҷуд меояд;

-ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ барои агросайёҳӣ;

-ташкили лоиҳаҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва амалинамоии он;

-коркарди дурусти агротехникии заминҳо бо истифода аз дастовардҳои илмӣ;

-таъмини низоми WiFi дар деҳоти намунавӣ;

-ташаккул додани идеологияи аҳолии маҳал дар самти шинохти агросайёҳӣ;

-мубориза бо ифлосшавии муҳити атроф ва пурзур намудани назорат ҷиҳати нигоҳдошти олами наботот ва ҳайвонот;

-омода намудани мутахассисони соҳибкасби маҳаллӣ;

-ташкилу бунёди дастшӯйҳо, партовгоҳҳо ва мағозаҳои махсусонидашуда дар ҳудудҳои деҳот;

-таблиғи имкониятҳои сайёҳии деҳот;

-бунёди стандарти миллии хадамоти сайёҳӣ;

-мукаммалгардонии пойгоҳҳои (базаи) миллии сайёҳӣ бо мақсадӣ тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ;

-нигоҳдошти таърихияти меросҳои фарҳангию таърихӣ ва ғ.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, дар сурати амалӣ гардидани пешниҳодҳои овардашуда, рушди сайёҳии деҳот, ки дар аксар кишварҳо ҳамчун самти нави сайёҳӣ маҳсуб меёбад, имконпазир мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ёров Ҷ.**

## АДАБИЁТ


1. Алиханова Е.В. Формирование программы развития сельского туризма на территории муниципального района / Е.В. Алиханова, К.В. Харченко // Практика муниципального управления. - 2022. -№10. -С.70-76.
2. Амонова Д.С. Основные направления развития туризма в контексте региональных особенностей Республики Таджикистан / Д.С. Амонова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2018. -№1. -С.52-59.
3. Бехешти С.С. Формирование и развитие горного туристского комплекса (на материалах Юго-Восточного Таджикистана): автореф. дис...канд.геогр. наук / Бехешти Сейедахмад Сейеднасер. –Душанбе, 2018. -145 с.
4. Ёров Дж.Н. Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие сектора АПК (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соиск. уч. степени кандидата экономических наук / Дж.Н. Ёров. -Душанбе, 2009. -164 с.
5. Ёров Ҷ.Н. Самаранокии сайёҳии деҳот ва таъсири он ба рушди бахши аграрии ККС: рисолаи илмӣ / Ҷ.Н. Ёров. –Душанбе, 2010.
6. Зикирова Ш.С. Проблемы и перспективы государственного регулирования санаторно-курортного комплекса / Ш.С. Зикирова // Российское предпринимательство. – 2011. -№2. -вып.1(177). -С.140-144.
7. Казначеева С.Н. Агротуризм как одно из перспективных направлений индустрии туризма / С.Н. Казначеева, Е.А. Челнокова, Е.А. Коровина // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 20122. -№3-2. -С.248-252.
8. Машокиров Дж.Н. Некоторые проблемы развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан / Дж.Н. Машокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2014. -Часть 1. -№2/10(152). -С.252-257.
9. Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана. Монография / Х.М. Мухаббатов. -М.: Граница, 1999. -196 с.
10. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2018.
11. Юнусов Т.А. Таҳлили вазъи муосири рушди сайёҳӣ ва самтҳои асосии он: муаммоҳои танзими соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.А. Юнусов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№9. –С.36-45.


## САЙЁҲИИ ДЕҲОТ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИММИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ПЕШРАФТА


Дар мақолаи мазкур сайёҳии деҳот ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз нуқтаи назари геодемографӣ агросайёҳӣ ин сайёҳии берун аз ҳудуди шаҳрӣ, яъне дар маконҳое, ки зичии аҳолӣ кам аст, мебошад. Умуман агросайёҳӣ ин шакли фаъолияти сайёҳӣ оид ба истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихию фарҳангии деҳот маҳсуб меёбад. Аз нуқтаи ташкили истеҳсолоти маҳсулоти рекреатсионӣ, ин маҷмуи хизматрасониҳои гуногун, оғоз аз истиқомат дар хонаҳои деҳот, экосайрҳо, сафарҳои саргузаштӣ ва анҷом бо иштироки бевосита дар машғулияти аҳолии маҳал маҳсуб меёбад. Дар замони муосир агросайёҳӣ ё сайёҳии деҳот яке аз самтҳои муҳимми сайёҳии байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, бештари кишварҳо бо мақсади ҷалби сайёҳон ба ҳудудҳои деҳот чораҳои гуногунро баҳри ташаккули инфрасохтори деҳот амалӣ намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои имкониятҳои васеи ҷиҳати рушди ин навъи сайёҳиро дорад ва зарурати ташаккули сайёҳии деҳот дар ҷумҳурӣ ба миён омадааст.



**Калидвожаҳо:** агросайёҳӣ, сайёҳии деҳот, рекреатсия, инфрасохтор, рушди иқтисодӣ, иҷтимоиёт, шиддати бекорӣ, таъмини шуғл, самаранокӣ.


## СЕЛЬСКИЙ ТУРИЗМ КАК ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: АНАЛИТИЧЕСКИЙ ОБЗОР ПРАКТИКИ ВЕДУЩИХ СТРАН


В данной статье рассматривается сельский туризм как одно из основных направлений туризма в Республике Таджикистан: аналитический обзор практики ведущих стран. С геодемографической точки зрения агротуризм – это туризм за пределами городской территории, то есть в местах с низкой плотностью населения. В целом, агротуризм – это вид туристической деятельности, связанный с использованием природных, исторических и культурных ресурсов села. С точки зрения организации производства рекреационной продукции – это комплекс различных услуг, начиная от проживания в сельских домах, экотуров, приключенческих поездок и заканчивая непосредственным участием в занятиях местного населения. На современном этапе агротуризм, или сельский туризм, является одним из приоритетных направлений международного туризма. Поэтому большинство стран с

целью привлечения иностранных туристов в сельские местности реализуют различные меры по формированию и совершенствованию сельской инфраструктуры. Республика Таджикистан имеет огромные возможности по развитию сельского туризма и реализует разные программы с этой целью.

**Ключевые слова:** агротуризм, сельский туризм, рекреация, инфраструктура, экономический рост, социальный рост, обеспечение занятости, снижение безработицы, эффективность.

## RURAL TOURISM AS ONE OF THE MAIN DIRECTIONS OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: AN ANALYTICAL REVIEW OF THE PRACTICE OF LEADING COUNTRIES

This article examines rural tourism as one of the main areas of tourism in the Republic of Tajikistan: an analytical review of the practice of leading countries. From a geodemographic point of view, agrotourism is tourism outside the urban area, that is, in places with low population density. In general, agrotourism is a type of tourism activity associated with the use of natural, historical and cultural resources of the village. From the point of view of organizing the production of recreational products, it is a complex of various services, ranging from living in rural houses, eco-tours, adventure trips and ending with direct participation in the activities of the local population. At the present stage, agrotourism, or rural tourism, is one of the priority areas of international tourism. Therefore, most countries, in order to attract foreign tourists to rural areas, implement various measures to form and improve rural infrastructure. The Republic of Tajikistan has enormous potential for the development of rural tourism and is implementing various programs for this purpose.

**Keywords:** agrotourism, rural tourism, recreation, infrastructure, economic growth, social growth, employment, unemployment reduction, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанов Юсуф Музафарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 550-05-19-86**

**Сведения об авторе:** ***Хасанов Юсуф Музафарович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономической географии и туризма. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 550-05-19-86**

**Information about the author:** ***Khasanov Yusuf Muzafarovich*** – Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 550-05-19-86**

ТДУ: 530.341

# ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА САҲМИ ОН ДАР ММД-И ТОҶИКИСТОН: УСУЛҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА ДУРНАМО

*Холмуродова Т.Н.*

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Иқтисоди рақамӣ ба омили калидӣ дар ҷаҳони муосир табдил ёфта, қоидаҳои бозиро аз нав навишта, пояҳои рушди иқтисодиро ташаккул медиҳад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ (IT), хизматрасониҳои рақамӣ ва платформаҳои онлайн ба он оварда мерасонад, ки трансформатсияи рақамӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти моро - аз тиҷорат ва маориф то фарҳанг ва идоракунии давлатӣ фаро мегирад. Дар ин замина, арзёбии ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) як воситаи калидии чен кардани саҳми он дар рушди иқтисодии кишвар мегардад. Арзёбии ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД воситаи муҳимми чен кардани дараҷаи таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди иқтисодии кишвар мебошад. Ин нишондиҳанда на танҳо барои фаҳмидани вазъи кунунии трансформатсияи рақамӣ, балки барои муайян намудани потенсиали рушди минбаъда ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ваислоҳот мусоидат мекунад.




Дар ҷаҳон усулҳои гуногуни ҳисоб кардани саҳми иқтисоди рақамӣ ба ММД (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) вуҷуд доранд.

Методологияи BCG барои арзёбии саҳми иқтисодиёти рақамӣ ба ММД (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) воситаи арзёбии таъсири технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо ба иқтисоди кишвар мебошад. Ин усул ба таҳлили ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти иқтисоди миллӣ асос ёфтааст. Биёед ба ин методика муфассалтар назар андозем:

Таърифи ҷузъҳои асосии иқтисоди рақамӣ бахшҳоеро ба мисли технологияҳои иттилоотӣ (IT), телекоммуникатсия, хадамоти рақамӣ, тиҷорати электронӣ, инфрасохтори рақамӣ ва дигар бахшҳои марбут ба технологияҳои рақамӣ дар бар мегирад [8].

**Аҳаммияти иқтисодии иқтисодиёти рақамӣ.** Тибқи ҳисоботҳои гуногун, иқтисодиёти рақамӣ ба беш аз 50% соҳаҳои мухталиф тағйироти бузург меорад. Ин дар он аст, ки технологияҳои иттилоотӣ ва платформаҳо моделҳои бизнесро ба таври куллӣ тағйир дода, самаранокии онҳоро тавассути аз байн бурдани миёнаравҳо ва оптимизатсия зиёд мекунанд. Тавре коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ муайян кардаанд, 10% афзоиши шумораи корбарони интернети баландсуръат метавонад афзоиши солонаи ММД-ро аз 0,4 то 1,4% зиёд намоянд. Эътироф намудани аҳаммияти нақши иқтисоди электронӣ ин аст, ки ҳар сол ҳиссаи он дар ММД-и қариб 20%-ро ташкил медиҳад, ки ин рақам ба ҳисоби миёна дар давлатҳои пешрафта 7%-ро ташкил медиҳад. Ширкати Boston Consulting Group ҳаҷми рақамикунониро барои як гурӯҳи 20 кишвари ҷаҳон 2,3 триллион доллар ё тақрибан 4,1% ММД-и онҳоро ҳисоб кардааст.

Бо идомаи суръати афзоиш, пас аз 10-15 сол ҳиссаи чунин иқтисодиёт дар ММД-и ҷаҳонӣ, тибқи пешгӯиҳои гуногун ба 30-40% мерасад. Дар кишварҳои рӯ ба рушд бахши ТИК тақрибан 1% қувваи кориро ташкил медиҳад. Шумораи нисбатан ками ҷойҳои корӣ бевосита дар ин бахш таъсис дода мешавад, аммо шумораи одамоне, ки дар бахшҳои дигар, ки ба рушди онҳо технологияҳои баланд мусоидат мекунанд, зиёд мешавад (4,9 ҷойи корӣ ба 1 бахш дар соҳаи ТИК) [1].

Имкониятҳои нав барои соҳибкорӣ ва худмаблағгузорӣ низ дар иқтисодиёти рақамӣ босуръат васеъ мешаванд. Дар бисёр мавридҳо сармоягузорӣ ба рушди технологияҳои иттилоотӣ имкон дод, ки дивидендҳо дар шакли рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, пайдоиши намудҳои нави хизматрасонӣ ба аҳолӣ, соҳибкорӣ ва коҳиши идоракунии давлатии хароҷотҳо дар доираи лоиҳаҳои ҳукумати электронӣ гирифта шавад.

Бо вуҷуди ин, дар як қатор кишварҳо таъсири маҷмуи истифодаи онҳо назар ба пешбинишуда сусттар буда, нобаробар тақсим карда мешавад. Барои ба ҳадди аксар расонидани дивидендҳои рақамӣ, мо бояд беҳтар фаҳмем, ки технология бо дигар омилҳои барои рушд муҳим чӣ гуна ҳамкорӣ мекунад, он чизеро, ки гузориши гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ "иловагиҳои аналогӣ" номидааст [13].

Инҳо ҷузъҳои зеринро дар бар мегиранд:

- заминаи меъёрӣ-ҳуқуқие, ки муҳити динамикии тиҷоратро фароҳам меорад ва ба корхонаҳо ва хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки технологияҳои рақамиро барои рақобат ва инноватсия, кам кардани хароҷотҳои гуногун ва баланд бардоштани бароҳати муҳити зист пурра истифода баранд; малакаҳое, ки ба соҳибкорон ва мансабдорони давлатӣ имкон медиҳанд, ки аз қудрати IT истифода баранд;

- муассисаҳо (мақомотҳои давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ), ки дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ кумак мерасонанд.

Бо вуҷуди ин, арзёбии самараи иқтисодии иқтисоди рақамӣ аз сабаби мушкилоти марбут ба ҳисоб кардани робитаҳое, ки барои субъектҳои хоҷагидор тавассути хизматҳои электронӣ ва дастрасӣ ба метамаълумот имконпазир мешаванд, мушкил аст. Дар натиҷа, асоснок кардани имкони сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои гуногуни иттилоотонӣ, махсусан дар сатҳи давлатӣ осон нест. Аён аст, ки ҳисоб кардани арзиши як гигабайти маълумот дар соҳаи муайяни фаъолият на ҳамеша имконпазир аст. Ҳисобҳо метавонанд хеле гуногун бошанд.

Рақамикунонӣ ҳамчун омили ташаккули технологияҳои нави иқтисодӣ, моделҳои нави иҷтимоии ҳамкориҳо дар асоси омезиши платформаҳои иттилоотии муосир мебошад, ки боиси татбиқи амалии технологияҳои нави иқтисодӣ (ТНИ) мегардад. Ба андешаи мо, ин маҷмуи асбобҳо ва усулҳои нави коркарди маълумотро дар бар мегирад, ки дар системаҳои идоракунии ташкилӣ “даровардашуда” карда шудаанд ва ба платформаҳои интегралии технологӣ барои сохтан, интиқол, нигоҳдорӣ ва намоиши маҳсулоти иттилоотӣ (маълумот, ғояҳо, дониш) ва таъмини ҳадди аксар кам кардани хароҷотҳои транзаксия барои ҳамкории агентҳои иқтисодӣ мақсаднок муттаҳид шудаанд.

Ҳиссаи иқтисодиёти рақамиро дар ММД, инчунин бо роҳи ҷамъбасти маҷмуи маҳсулоти иловагии ҳамаи бахшҳои марбут ба технологияҳои рақамӣ ва тақсими он ба ММД-и кишвар ҳисоб кардан мумкин аст.

Формулаи ҳисобот чунин мебошад:

$$\text{Ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД} = \frac{\text{ММД Иқтисодиёти рақамӣ}}{\text{ММД–и умӯмӣ}} \times 100\%, \qquad (1)$$

Гурӯҳбандӣ аз рӯи модели BCG:

Пас аз муайян кардани ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД, натиҷаҳо тибқи модели BCG (BostonConsultingGroup) барои таҳлил ба категорияҳо тақсим карда мешаванд [8]:

- ситораҳо (Stars): соҳаҳое, ки афзоиши баланд ва ҳиссаи баланд дар ММД доранд . Ин соҳаҳо қувваи пешбарандаи иқтисодиёт мебошанд;

- аломатҳои саволҳо (QuestionMarks): соҳаҳое, ки афзоиши баланд, вале ҳиссаи пасти ММД-ро доранд. Ин бахшҳо метавонанд потенсиали рушд дошта бошанд, аммо рушди минбаъда ва сармоягузориро талаб мекунанд;

- модаговҳо (CashCows): соҳаҳое, ки ҳиссаи баланди ММД-ро доранд, вале рушди паст доранд. Ин бахшҳо даромади устувор медиҳанд, аммо барои рушди минбаъда навоварӣ талаб мекунанд;

- сагон (Dogs): соҳаҳое, ки рушди паст ва ҳиссаи ками ММД-ро доранд. Ин бахшҳо метавонанд авлавияти камтар дошта бошанд ва ислоҳот ё азнавташкилдиҳиро талаб кунанд.

Баъди ба категорияҳо тақсим кардани ҳар як соҳа, таъсири он ба иқтисодиёт ва потенсиали тараккиёт таҳлил карда мешавад.

Дар асоси ин таҳлил тавсияҳои стратегӣ барои беҳтар кардани саҳми иқтисоди рақамӣ ба ММД таҳия карда мешавад.

Истифодаи методологияи BCG барои арзёбии саҳми иқтисодиёти рақамӣ ба ММД имкон медиҳад, ки вазъият ва дурнамои рушди бахшҳои рақамии иқтисодиётро арзёбӣ карда, инчунин стратегияи зиёд кардани саҳми онҳо ба рушди умумии иқтисодии кишварро таҳия намоем.

Дар соли 2016, дар методологияи ҳисобкунии Индекси электронии BCG тағйирот ба амал омад: диққат ба технологияҳои мобилӣ дода шуд. Методологияи рейтинги кишварҳо низ тағйир дода шуд: арзишҳои мутлақ бо нишондиҳандаҳои нисбӣ иваз карда шуданд [8].

Ҳисоботҳои байналмилалие, ки ҳамасола нав карда мешаванд, аз қабили гузориш дар бораи сатҳи рушди ҳукумати электронӣ (Э-Governments Survey), Гузориши Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ дар бораи дараҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ (TheGlobalInformationTechnologyReport) ва ғайра, ҳамчун манбаи маълумот истифода мешаванд [14].

Агар барои яке аз параметрҳо маълумот мавҷуд набошад, ҳисобҳоро мувофиқи яке аз усулҳои зерин анҷом додан мумкин аст:

• наздикшавии арзишҳо дар асоси маълумот барои давраҳои қаблӣ;

• ҳисоб дар асоси арзишҳои параметрҳои шабеҳ аз манбаъҳои алтернативӣ;

• регрессияҳо дар асоси параметрҳое, ки ченакҳои зарурии дараҷаи баланди таносуб доранд.

Индекси рақамисозии иқтисодиёт

Индекси рақамисозии иқтисодиёт ҳамчун суммаи миёнаи вазншудаи се зериндекс ҳисоб карда мешавад: рушди инфрасохтор, хароҷотҳои онлайн, фаъолии истифодабарандагон.

Зериндекси "Рушди инфрасохтор" - дараҷаи рушди инфрасохтор, мавҷудият ва сифати дастрасии интернетро (собит ва мобилӣ) инъикос мекунад.

Зериндекси "Хароҷотҳои онлайн" - хароҷотҳоро барои чаканаи онлайн ва таблиғи онлайн дар бар мегирад.

Зериндекси "Фаъолии истифодабарандагон" - ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи вазншудаи зериндексҳои сатҳи поёнӣ ҳисоб карда мешавад: фаъолии ширкат, фаъолии истеъмолкунандагон ва фаъолии мақомоти давлатӣ.

Ҳамаи зериндексҳо аз арзишҳои миёнавазнии якчанд параметрҳои дар онҳо воқеъбуда ташкил карда мешаванд. Инчунин индекс барои устувории тағйирот дар вазнҳо ва интихоби метрикӣ тавассути моделсозии Монте Карло бо истифода аз вазнҳо ва тағйирёбандаҳои тасодуфӣ санҷида мешавад. Агар яке аз параметрҳо тасодуфан партофта шавад, диапазони интерквартали ночиз хоҳад буд. Паҳншавии арзишҳои интерквартилӣ барои ҳар як кишвар ҳангоми тағйир додани вазнҳо хурд аст, аммо барои якчанд гурӯҳи кишварҳо ҳамон арзишҳои рейтингии миёна ба даст оварда шуданд ва диапазони интерквартилии онҳо бо ҳам мувофиқанд [14].

**Ҳисобкунии ММД.** Ҳангоми ҳисоб кардани саҳми иқтисодиёти рақамӣ ба ММД, усули ҳисоб кардани ММД аз рӯи хароҷот истифода мешавад. ММД-и ҳисобшуда аз рӯи хароҷотҳо ин маҷмуи истеъмоли ниҳоӣ, хароҷотҳои асосӣ, хароҷотҳои давлатӣ ва содироти соф мебошад.

Ҳамаи ҳисоботҳо бояд бо пули миллӣ дода шаванд, то оқибатҳои вобаста ба тағйирёбии ногаҳонии қурби асъор бартараф карда шаванд.

Истеъмоли ниҳоӣ аз се ҷузъ иборат аст:

- хароҷотҳои онлайн, ки тиҷорати электронӣ, туризми онлайн, бозиҳо, ВАО (китобҳо, мусиқӣ, филмҳо) ва ғайраро дар бар мегирад;

- хароҷотҳо барои дастрасӣ ба интернет – ин хароҷотҳои истеъмолкунандагон барои дастрасии онҳо ба алоқаи собит ва мобилӣ;

- хароҷотҳо барои дастгоҳҳои дастрасӣ. Ҳиссаи хароҷотҳо барои дастгоҳҳои дастрасӣ (компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, роутерҳо ва ғ.), ки ба ММД дохил мешаванд, ҳамчун ҳиссаи вақти миёнаи сарфшуда дар интернет аз ҷониби истеъмолкунандагон нисбат ба вақти умумии истифодабарии ин дастгоҳ ҳисоб карда мешавад [10,с.5].

Хароҷоти асосӣ аз сармоягузориҳои операторони алоқа ва сармоягузориҳои дигар ширкатҳои хусусӣ иборат мебошад. Ҳангоми ҳисоб кардани саҳми сармоягузории операторони алоқа дар ММД, ҳиссаи сармоягузориҳо ба рушди интернети мобилӣ ва собитӣ ба назар гирифта мешавад. Барои ҳисоб кардани саҳми сармоягузории ширкатҳои дигар ба ММД, хароҷотҳои таҷҳизот мутаносибан ба вақти миёнаи истифодаи таҷҳизот барои дастрасӣ ба интернет нисбат ба вақти умумии истифодаи таҷҳизот ба назар гирифта мешаванд.

Хароҷотҳои давлатӣ барои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), хароҷотҳоро барои сахтафзор, нармафзор, телекоммуникатсия ва хизматрасониҳои инфрасохтор дар бар мегирад. Ҳиссаи хароҷоте, ки дар ҳисобҳо ба назар гирифта шудаанд, мутаносибан ба вақти миёнаи истифодаи таҷҳизот барои дастрасӣ ба интернет нисбат ба вақти умумии истифодабарии таҷҳизот муайян карда мешавад.

Содироти соф ҳамчун маҷмуи содироти софи таҷҳизот ва хизматрасониҳои марбут ба ТИК ва содироти софи марбут ба тиҷорати электронии фаромарзӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳиссаи таҷҳизоте, ки дар ҳисобот ба ҳисоб гирифта шудааст, бояд ба вақти миёнаи истифодаи таҷҳизот барои дастрасӣ ба интернет нисбат ба вақти умумии истифодабарии таҷҳизот мутаносиб бошад.

Дар асоси арзёбии вазъи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 ва дастгирии дахлдори институтсионалии он бо истифода аз маълумоти мавҷуда ва усулҳои ибтидоӣ ҳисобкунии шартии таносуби иқтисодиёти рақамӣ ба ММД-и ҷумҳурӣ анҷом дода шуд. Тибқи маълумоти Агентии омори ҷумҳурӣ «Ҳисобот оид ба ТИК барои соли 2016» - 154 миллиону 609 ҳазор сомонӣ (ҷалби иқтисодиёти рақамӣ) ва маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар соли 2016 54,4 миллиард сомониро ташкил дода, таносуби иқтисоди рақамӣ ба ММД-и (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) ҷумҳурӣ 0,284%-ро ташкил дод [1,с.11].

Вазъият дар Тоҷикистон дар соҳаи рақамисозии иқтисодиёт дар муқоиса бо соли 2016 ба таври куллӣ беҳтар шудааст.

Ҳукумат фаъолона барои рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатситонӣ сармоягузорӣ карда, инфрасохторҳои зарурӣ, барномаҳое, ки барои ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ нигаронида шудааст, эҷод менамояд.

Бо вуҷуди ин, барои дақиқ ҳисоб кардани ҳиссаи рақамисозӣ дар ММД, зарур аст таҳлили ҳамаҷониба гузаронида шавад, ки тамоми паҳлуҳои иқтисодиёти рақамӣ, аз қабили тиҷорати электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва технологияҳои дар равандҳои истеҳсолӣ истифодашаванда ба инобат гирифта шаванд.

Монеаҳо дар ин самт – ин рушди нокифояи инфрасохтори телекоммуникатсия дар минтақаҳои дурдаст, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос ва зарурати такмили заминаи қонунгузорӣ барои дастгирии ташаббусҳои рақамӣ боқӣ мондаанд.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи минбаъдаи иқтидори рақамӣ ва тезонидани суръати рақамисозӣ тамоми заминаҳои заруриро дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба рушди соҳибкорӣ ва идораи давлатӣ, баланд шудани сифати зиндагӣ, пайдоиши шаклҳои нави иҷтимоишавии одамон ва алоқаи онҳо таъсир мерасонад.

Дар маҷмуъ, рақамисозӣ самараи синергетикии умумиро ба вуҷуд оварда, боиси рушди иқтисодии Тоҷикистон гардида истодааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ**
**ба номи ак. М.С.Осимӣ – Ашуров К.Р.**

**АДАБИЁТ**

1. Агентство по статистике РТ. [Электронный ресурс]. URL: http.stat.tj/ru/kvartalnyj-vvp
2. Бек У. Общество риска. На пути к другому модерну / У. Бек; пер. с нем. В. Седельникаи Н. Федоровой. -М.: Прогресс-Традиция, 2011. -384 с.
3. Бочарников И.В. Информационно-коммуникативные противоречия и проблемы современных процессов глобализации / И.В. Бочарников // Экология внешней и внутренней среды социальной системы (ЭкоМир-9): матер. конф. (Мытищи–Москва, 29–30 марта 2018 г.). -М.: Издательство МГТУ им. Н.Э. Баумана, 2019. -С.190–192.
4. Государственная программа развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан на 2014-2017 годы.
5. Долганова, О.И. Готовность компании к цифровым преобразованиям: проблемы и диагностика / О.И. Долганова, Е.А. Деева // Бизнес-информатика. - 2019. -Т.13. -№2. -С.59-72.
6. Дубов, В.С. Показатели оценки развития цифровой экономики / В.С. Дубов // Наука через призму времени. – 2018. -№7.
7. Егоров, Д.В. Финансовые аспекты цифровой экономики / Д.В. Егоров // Банк. дело. - 2017. -№12.
8. Методика BCG- оценки вклада цифровой экономики в ВВП / Б. Банке, В. Бутенко, И. Котов, Г. Рубин, Ш. Тушен, Е. Сычев. –М., 2016.
9. Садовникова, Н.А. Информационно-телекоммуникационная инфраструктура информационного общества: факторы и достижения реализации / Н.А. Садовникова, Е.Н. Клочкова // Статистика и экономика. - 2014. -№6. -С.135-138.
10. Симонова, М.Д. Цифровая экономика и проблемы расчета ВВП / М.Д. Симонова // Ломоносовские чтения-2018. Секция экономических наук. Цифровая экономика: человек, технологии, институты: сб. тез. выступлений. -М.: Экон. фак. МГУ им. М.В. Ломоносова, 2018. -С.506-511.
11. Холматов М.М. Особенности развития цифровой экономики при переходе к инновационному развитию экономики Таджикистана / М.М. Холматов // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2017. -№3. -С.119-136.
12. Цифровая Россия: новая реальность, 2017. электронный ресурс
13. Цифровая экономика как новое направление экономической. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru.
14. Цифровые дивиденды. World Bank. Обзор Доклада: «Цифровые дивиденды». [Электронный ресурс]. URL: www-wds.worldbank.org/…/World 0developm0l0dividends0overview.pdf.
15. Шестакова И.Г. Человеческий капитал в цифровую эпоху / И.Г. Шестакова // Научный журнал НИУ ИТМО. Серия экономика и менеджмент. - 2018. -№1. -С.56-63.

## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА САҲМИ ОН ДАР ММД-И ТОҶИКИСТОН: УСУЛҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА ДУРНАМО

Арзёбии ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) як воситаи калидии чен кардани саҳми он дар рушди иқтисодии кишвар мегардад. Арзёбии ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД воситаи муҳимми чен кардани дараҷаи таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди иқтисодии кишвар мебошад. Ин нишондиҳанда на танҳо барои фаҳмидани вазъи кунунии трансформатсияи рақамӣ, балки барои муайян намудани потенсиали рушди минбаъда ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ва ислоҳот мусоидат мекунад. Индекси рақамисозии иқтисодӣ ва саҳми он ба ММД нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи рақамӣ дар кишвар мебошанд. Индекси рақамисозӣ, ки аз се зериндекс (рушди инфрасохтор, хароҷоти онлайн ва фаъолияти корбарон) иборат мебошад, барои чен кардани сатҳи технологияҳои рақамӣ ва истифодаи онҳо кумак мекунад. Дар навбати худ, ҳисоб кардани ММД аз рӯи хароҷотҳо имкон медиҳад, ки саҳми иқтисодиёти рақамиро ба рушди иқтисодӣ арзёбӣ намоем. Дар мақолаи мазкур усулҳои ҳисоб кардани индекси рақамисозии иқтисодӣ ва таъсири он ба ММД-и Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, консепсия, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, трансформатсияи рақамӣ.

## ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА И ЕЕ ВКЛАД В ВВП ТАДЖИКИСТАНА: МЕТОДЫ ОЦЕНКИ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Оценка доли цифровой экономики в валовом внутреннем продукте (ВВП) становится ключевым инструментом для измерения ее вклада в экономическое развитие страны. Оценка доли цифровой экономики в ВВП является важным инструментом для измерения степени влияния цифровых технологий на экономический рост страны. Этот показатель помогает не только понять текущее состояние цифровой трансформации, но и выявить потенциал для дальнейшего развития и определить приоритетные направления инвестиций и реформ. Индекс цифровизации экономики и его вклад в ВВП являются ключевыми индикаторами развития цифровой сферы в стране. Индекс цифровизации, составленный из трех субиндексов (развитие инфраструктуры, онлайн-расходы и активность пользователей), помогает измерить уровень цифровых технологий и их использование. В свою очередь, расчет ВВП по расходам позволяет оценить вклад цифровой экономики в экономическое развитие. В данной статье рассмотрены методы расчета индекса цифровизации экономики и его влияние на ВВП Таджикистана.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, цифровые технологии, концепция, информационно-коммуникационные технологии, цифровая трансформация.

## DIGITAL ECONOMY AND ITS CONTRIBUTION TO TAJIKISTAN'S GDP: ASSESSMENT METHODS AND PERSPECTIVES

Assessing the share of the digital economy in gross domestic product (GDP) is becoming a key tool for measuring its contribution to a country's economic development. Estimating the share of the digital economy in GDP is an important tool for measuring the degree of influence of digital technologies on a country’s economic growth. This indicator helps not only to understand the current state of digital transformation, but also to identify potential for further development and identify priority areas for investment and reform. The economic digitalization index and its contribution to GDP are key indicators of the development of the digital sphere in the country. The Digitalization Index, composed of three sub-indices (infrastructure development, online spending and user activity), helps measure the level of digital technologies and their use. In turn, calculating GDP by expenditure allows us to assess the contribution of the digital economy to economic development. This article discusses methods for calculating the economic digitalization index and its impact on Tajikistan’s GDP.

**Keywords:** digital economy, digital technologies, concept, information and communication technologies, digital transformation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холмуродова Татяна Насимовна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға:** 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **985-28-24-80.** E-mail: **t.kholmurodova@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Холмуродова Татьяна Насимовна*** - Таджикский технический университет им. М.С. Осими, старший преподаватель кафедры экономики и управления производством. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **985-28-24-80.** E-mail: **t.kholmurodova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tatyana Nasimovna Kholmurodova*** **-** Tajik Technical University M.S. Osimi, senior lecturer at the Department of Economics and Production Management. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **985-28-24-80.** E-mail: **t.kholmurodova@mail.ru**

ТДУ: 334.012

# БЕҲТАР НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ НЕРУИ КАДРИИ КОРХОНАИ ЭНЕРГЕТИКӢ

*Ашуров К.Р., Шарипова А.Б.*

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Дар вақтҳои охир самаранокии кори корхонаҳо бештар аз захираҳои меҳнатӣ, имкониятҳои онҳо дар самти азхудкунии дигаргуниҳо, мутобиқ шудан ба дигаргуниҳо ва истифодабарии тамоми захираи корхонаҳо вобастагӣ дорад. Бояд инро ба инобат гирифт, ки тамоми бақияи захираҳое, ки кори муътадили корхонаҳоро ташкил медиҳанд, қатъиян маҳдуд гаштаанд, ки дар ин маврид барои роҳбарият баланд бардоштани савияи донишу малакаи ҳар як коргар новобаста аз ишғоли вазифаю мансаб аҳаммияти ҷиддӣ ва самаранок ба ҳисоб меравад [2; 1].

Барои он, ки роҳбар тавонад коргаронро барои кори самаранок ҳавасманд гардонад, ӯ бояд донад, ки коргар ба чӣ қодир аст ва кадом усул сабаби кори самараноки ӯ шуда метавонад. Новобаста аз ин, самаранокии кори коргар ҳатман аз аҳаммият додан ба хароҷотҳои музди меҳнат вобастагӣ дорад.

Аз ин метавон хулоса баровард, ки омӯзиши мушкилоти самаранокии кори корхонаҳо аз дуруст истифодабарии фишанги системаи музди меҳнат дар корхонаҳо ва ҳавасмандкунии кормандон вобастагии зич ва аҳаммияти хосса дорад.

Мақсади кори ихтисоснокии мазкур асосан асосноккунии сабабҳо ва натиҷагирӣ аз истифодаи шаклҳо ва системаҳои музди меҳнати коргарони корхонаҳою коркарди масъалаҳое, ки ин равишро мукаммал месозад, мебошад.

***Беҳтар намудани истифодаи неруи кадрии корхонаи энергетикӣ.*** Кормандони корхона гуфта, яъне коргарони корхона, ки амалисозии фаъолияти онро таъмин менамоянд. Аз рӯи иштирок дар ҷараёни истеҳсолот ҷудо карда мешаванд: кормандони истеҳсолию саноатӣ (КИС), яъне коргароне, ки мустақиман ба иҷрои корҳои истеҳсолӣ ва хизматраонии он алоқаманд мебошанд ва кормандони ғайриистеҳсолӣ - коргарони ба истеҳсолот ғайриалоқаманд, вале таъминкунандаи шароити дуруст барои КИС-ро дар бар мегирад.

Кадрҳо ё захираҳои меҳнатии корхона - ин маҷмуи кормандони касбу ихтисосҳои гуногуни дар корхона машғули меҳнат буда ва ба ҳайати рӯйхати он шомил шуда мебошанд.

Ба ҳайати рӯйхати кадрҳои корхона ҳамаи кормандони ба кор қабулгардида, ки бо фаъолияти асосиву ёрирасон машғуланд, дохил мешаванд.

Кормандони истеҳсолию саноатӣ дар ҷараёни истеҳсолот ба категорияҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

Шумораи рӯйхати коргарони корхона - ин шумораи коргарони ҳайати рӯйхати дар санаи муайян бо назардошти коргарони дар ин рӯз ба кор қабулшуда ё азкоррафта мебошад [2; 4].

Шумораи ҳозиршавии коргарони корхона - ин миқдори коргарони ҳайати рӯйхате, ки ба кор баромадаанд. Фарқияти байни ҳайати ҳозиршавӣ ва рӯйхати миқдори бозистии рӯзмарраро (рӯхсатӣ, беморӣ, сафарҳои хизматӣ ва ғайра) тавсиф медиҳад.

Ғайр аз шумораи коргарон тавсифи миқдории неруи меҳнатии корхона метавонад дар шакли фонди захираҳои меҳнатӣ (Фз.м) ба ҳисоби одам-рӯзҳо ё худ одам-соатҳо ифода гардад, ки онро чун ҳосили зарби шумораи миёнаи рӯйхатии коргарон (Шм.к) бар давомнокии миёнаи давраи меҳнати (Тд.м) бо рӯзҳо ё соатҳо ҳисоб менамоянд:

$$Фз.м. = Шм.к. * Тд.м.$$

Тавсифи сохтори захираҳои меҳнатии корхона бо таркиб ва муқоисаи миқдори дараҷа (категория) ва гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони корхона ифода мегардад. *Вобаста ба вазифаҳои иҷрошаванда кормандони корхонаи истеҳсолӣ ба дараҷаву гурӯҳҳо тақсим мешаванд.* Ҳамаи кормандонро ба ду дараҷа тақсим намудан мумкин аст:

а) ***Ҳайати кормандони саноатӣ-истеҳсолӣ***, ки бевосита бо фаъолияти асосии истеҳсолӣ машғуланд. Ба ин категория тамоми кормандони коргоҳу қитъаҳои асосӣ, ёрирасон, хизматрасон, иловагӣ, ташкилоту озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, технологӣ, ки

дар баланси корхона мавҷуданд ва инчунин кормандони тамоми шуъбаву хадамоти идоракунӣ ва хадамоти таъмирӣ дохил мешаванд;

*б)* ***Ҳайати кормандони ғайрисаноатӣ***, ки ба онҳо кормандони савдои хӯроки умумӣ, хоҷагиҳои манзилӣ, муассисаҳои тандурустиву солимгардонӣ, муассисаҳои мактабию томактабӣ дар баланси корхона мавҷудбуда дохил мешаванд [5; 1].

Дар навбати худ, ҳайати кормандони саноатӣ-истеҳсолиро ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:

1) коргарон; 2) хизматчиён.

***Ба гурӯҳи коргарон*** ашхосе мансубанд, ки бевосита ба офаридани неъматҳои моддӣ, таъмири васоити асосӣ, кашонидани мусофирон, интиқоли борҳо, хизматрасонии моддӣ ва ғайра машғуланд.

***Гурӯҳи хизматчиён*** бошад дар корхона аз роҳбарон, мутахассисон ва аслан хизматчиён таркиб ёфтааст. Ба роҳбарон кормандоне дохил мешаванд, ки соҳиби вазифаҳои роҳбарикунандаи корхонаву ҷузъҳои сохтории он мебошанд. Сармутахассисон (сармуҳосиб, сармуҳандис, сармеханик, иқтисодчӣ) ва ҷонишинони директори корхона, мудирону сарварони воҳидҳои сохтории он низ шомили ин гурӯҳанд.




***Ташкили музди кор дар корхона***. Сиёсати музди кор ҷузъи таркибии идораи корхона буда, самаранокии кори корхона ба андозаи қобили мулоҳиза ба он вобаста мебошад, зеро музди кор яке аз муҳимтарин омилҳои ҳавасмандкунанда дар истифодаи оқилонаи қувваи корӣ ба шумор меравад.

***Музди кор*** - ин қисмати дар шакли пул ифодаёфтаи даромади миллӣ аст, ки бар ивази миқдору сифати кори аз тарафи ҳар кадом корманд анҷомёфта тақсим шуда, ба истеъмоли шахсии ӯ ворид мегардад.

Дар корхонаҳо шаклу низомҳои гуногуни музди кор истифода мебаранд, вале ду шакли музди кор - корбайъ ва вақтбайъ шаклҳои аз ҳама интишорёфта ба шумор мераванд.

***Музди кори корбайъ (сдельная оплата труда)***- ин музди коре мебошад, ки барои миқдори маҳсул (кор хадамот)-и тавлидкардашуда пардохта мешавад.

***Музди кори вақтбайъ (почасовая оплата труда)***- ин музде мебошад, ки барои вақту замони анҷомшуда, вале на вақти тақвимӣ, балки вақти меъёрие, ки дар низоми тарифӣ пешбинӣ шудааст, пардохта мешавад [5; 7].

Коркарди системаи мукаммалсозии пардохти музди меҳнати коргарон. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии идоракунии кадрҳо.

Истифодаи оқилонаи кадрҳои ширкат шарти ҳатмии таъмин намудани муттасилии раванди истеҳсолот ва иҷрои бомуваффақияти нақшаҳои истеҳсолӣ мебошад. Барои мақсади таҳлил, тамоми кормандон бояд ба истеҳсолоти саноатӣ ва кормандони ғайрисаноатӣ тақсим карда шаванд. Ба ҳайати кормандони саноатӣ ва истеҳсолӣ ашхосе дохил мешаванд, ки бо амалиёти меҳнатии марбут ба фаъолияти асосии корхона машғуланд ва ба ҳайати ғайриистеҳсолӣ кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, хӯроки умумӣ, тиб ва ғайра, ки ба корхона мансубанд, дохил мешаванд.

Кормандони МБГ ба коргарон ва хизматчиён тақсим карда мешаванд. Дар ҳайати кормандон, менеҷерон, мутахассисон ва дигар кормандон (баҳисобгирии дафтар ва ғайра) ҷудо карда мешаванд. Коргарон ба асосӣ ва ёрирасон тақсим карда мешаванд.

## Ҷадвали 1. Таҳлили ҳайат ва сохтори фонди музди меҳнат
## Table 1. Analysis of the staff and structure of the salary fund

| Нишондиҳанда | 2021с | | 2022с | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Маблағи мутлақ, ҳаз. сомонӣ | Ҷамъи % -ҳо | Маблағи мутлақ, ҳаз. сомонӣ | Ҷамъи % -ҳо | Тағйирот и вазни қиёсӣ, % |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1.1 музди меҳнати ҳисобшуда барои кори ичрошуда ва вақти корӣ | 2347,71 | 37,00 | 3118,10 | 34,39 | -2,61 |
| 1.1.1 аз рӯи маошҳои вазифавӣ | 1443,84 | 22,76 | 1932,15 | 21,31 | -1,44 |
| 1.1.2 аз рӯи ставкаҳои соатҳои тарифӣ | 880,71 | 13,88 | 1118,28 | 12,34 | -1,54 |
| 1.1.3 пардохт аз рӯи шартномаҳо | 23,16 | 0,37 | 67,67 | 0,75 | 0,38 |
| 1.2 пардохтҳои ҳавасмандкунӣ | 1009,0 | 15,90 | 1057,90 | 11,67 | -4,23 |
| 1.2.1 мукофотпулиҳо | 789,6 | 12,44 | 861,12 | 9,50 | -2,95 |
| 1.2.2 кумакҳои молиявӣ ба рухсатии меҳнатӣ | 219,4 | 3,46 | 196,78 | 2,17 | -1,29 |
| 1.3 пардохтҳои ҷуброни вазифаҳо вобаста ба шароити кор | 2259,38 | 35,61 | 3532,99 | 38,97 | 3,36 |
| 1.3.1.1 барои рӯзи кории ғайримеъёрӣ | 16,96 | 0,27 | 25,25 | 0,28 | 0,01 |
| 1.3.1.2 кор дар вақти шабона | 75,8 | 1,19 | 84,91 | 0,94 | -0,26 |
| 1.3.1.3 кор ҳангоми бегоҳирӯзӣ | 14,06 | 0,22 | 16,41 | 0,18 | -0,04 |
| 1.3.1.4 азхудкунии шароитҳои меҳнат | 25,17 | 0,40 | 34,01 | 0,38 | -0,02 |
| 1.3.1.5 махфият | 37,63 | 0,59 | 49,83 | 0,55 | -0,04 |
| 1.3.1.6 роҳбарии бригада | 9,39 | 0,15 | 12,54 | 0,14 | -0,01 |
| 1.3.1.7 ивазкунии касаба, вазифа | 28,72 | 0,45 | 31,42 | 0,35 | -0,11 |
| 1.3.1.8 ҳаҷми кори барзиёд | 43,76 | 0,69 | 69,63 | 0,77 | 0,08 |
| 1.3.1.9 барои кор рӯзҳои истироҳат ва идҳо | 43,34 | 0,68 | 63,85 | 0,70 | 0,02 |
| 1.3.1.1 барои кори аз меъёр зиёд | 17,65 | 0,28 | 33,53 | 0,37 | 0,09 |
| 1.3.2 коэффитсиенти таҷрибавӣ | 1026,63 | 16,18 | 1305,25 | 14,40 | -1,78 |
| 1.3.3 коэффитсиенти ноҳиявӣ | 883,03 | 13,92 | 1740,28 | 19,20 | 5,28 |
| 1.3.4 ҷуброни рухсатии меҳнатӣ | 37,24 | 0,59 | 66,08 | 0,73 | 0,14 |
| 1.4 пардохт барои вақти корнашуда | 728,94 | 11,49 | 1232,84 | 13,60 | 2,11 |
| 1.4.1 пардохт аз рӯи музди миёна | 1,23 | 0,02 | 108,82 | 1,20 | 1,18 |
| 1.4.2 пардохти рухсатии навбатӣ | 613,48 | 9,67 | 874,22 | 9,64 | -0,03 |
| 1.4.3 рухсатии меҳнатӣ аз рӯи шартномаи меҳнатӣ | | 0,00 | 132,05 | 1,46 | 1,46 |
| 1.4.4 пардохт барои рухсатии хониш | 114,23 | 1,80 | 117,75 | 1,30 | -0,50 |
| 2 пардохтҳо аз ҳисоби даромади соф | 0 | 0,00 | 123,85 | 1,37 | 1,37 |
| 2.1 мукофотпулии яквақта | | 0,00 | 123,85 | 1,37 | 1,37 |
| **Ҳамагӣ: фонди музди меҳнат** | **6345,03** | **100** | **9065,68** | **100** | |



*Баҳогузорӣ ва омӯзиши кадрҳо дар корхона.* Ҳангоми ташаккули сиёсати ҶСК "МБГ Душанбе" дар соҳаи сифат, инчунин омиле ба назар гирифта мешавад, ки самаранокии корхона аз самаранокии истифодаи тамоми захираҳо, аз ҷумла ҳар як корманд иборат аст. Ҳалли оптималии масъалаҳои интихоб, ҷойгиркунӣ ва арзёбии кадрҳо меъёр ва кафолати рақобатпазирӣ ва устувории МБГ-и Душанбе дар бозор, нишондиҳандаи сифати ташкили идоракунӣ, омили муҳимтарини муваффақият дар мубоизаи рақобатӣ мебошад [1; 3].

Тартиби умумиҷаҳонии баҳодиҳии кормандон сертификатсияи кормандон мебошад, ки тибқи Низомномаи таҳияшуда амалӣ карда мешаванд.

Мақсади асосии сертификатсия на назорат аз болои фаъолият, балки муайян кардани захираҳо ва ҳавасмандгардонии баланд бардоштани сатҳи бозгашти кормандон мебошад.

Сертификатсияи кормандон ҳамчун маҷмуи якчанд арзёбӣ баррасӣ мешавад:

• баҳодиҳии фаъолияти истеҳсолӣ, натиҷаҳои меҳнат;

• баҳодиҳии интизоми меҳнат;

• арзёбии мунтазам.

**Диаграммаи 3. Сохтори истифодабарии фонди музди меҳнат**
**Diagram 3. The structure of the use of the salary fund**




*Системаи ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхона.* Диққати асосӣ дар системаи ҳавасмандгардонии кадрҳо ба усулҳои ҳавасмандкунии моддӣ дода мешавад. Ширкат намуд, низоми музди меҳнат, андозаи тарифҳо ва маоши мансабӣ, инчунин шаклҳои ҳавасмандии моддиро мустақилона муқаррар мекунад. Қоидаҳои асосии музди меҳнат ва мукофотпулӣ дар Низомномаи музди меҳнати кормандони МБГ Душанбе, ки бо фармони Директори генералӣ тасдиқ шудааст, муқаррар карда шудаанд. Ҳамаи кормандони нав ба кор қабулшуда вазифадоранд бо ин Низомнома шинос шаванд.

Ширкати энергетикӣ сиёсати кафолати устувории низоми музди меҳнатро пеш мебарад: ҳадди ақали музди меҳнатро, ки қонун кафолат додааст, таъмин менамояд. Кормандон дар бораи ҷорӣ намудан ва тағйирот дар шароити муқарраршудаи музди меҳнат на дертар аз 2 моҳ пештар огоҳ карда мешаванд.

Ширкат музди меҳнатро ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳавасмандгардонии меҳнати софдилона истифода мебарад. Маблағи инфиродии кормандони корхонаи энергетикӣ бо саҳми шахсии меҳнатии онҳо, сифати меҳнат, натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагии корхонаи энергетикӣ муайян карда мешавад ва бо андозаи ҳадди аксар маҳдуд намешавад [1; 10].

*Баҳодиҳии самаранокӣ ва фаъолияти сарфакунии энергияи корхона: баҳогузорӣ ва самти мукаммалгардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

- **сарфаҷӯии энергия** – истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия;

– **намудҳои алтернативии сӯзишворӣ** – намудҳои гуногуни сӯзишворӣ (гази моеъ, биогаз, гази генераторӣ, маҳсулоти коркарди биомасса, сӯзишвории ангишти моеъ ва

ғайра), ки барои кам ё комилан иваз намудани истифодабарии захираҳои сӯзишворию энергетикии аввалияи гаронбаҳо ва камчин истифода бурда мешаванд;

– **манбаъҳои барқароршавандаи энергия** – манбаъҳои гуногуни ба намудҳои истихроҷи сӯзишворӣ номарбути ҳамеша мавҷуд, ки такроран дар муҳити ҷараёни офтоб, бод, обҳои гарми зеризаминӣ, биомасса ва дарё пайдо мешаванд;

– **самаранокии энергия** – истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ бо дарназардошти дараҷаи инкишофи техника ва технологияи мавҷуда ва риояи талаботҳои ҳифзи муҳити зист, ноил шудан ба истифодаи самараноки захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок карда шудааст;

– **нишондиҳандаи самаранокии энергия** – муайян намудани фарқи мутлақ ё нисбии андозаи истеъмоли воқеӣ ё талафоти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ барои маҳсулоти (кор ва хизматрасониҳо) таъиноти гуногун дар муқоиса бо меъёри муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ;

– **сарфи ғайриистеҳсолии захираҳои энергетикӣ** – риоя нагардидани сарфи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, ки ба талаботи муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ ё санадҳои дигари меъёрӣ, дастури технологӣ ва маълумоти шиносномаи таҷҳизоти фаъол вобаста мебошад;

– **талафоти захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикӣ** – фарқи байни истеъмол ва истифодаи самараноки миқдори захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикӣ дар ҳар давраи расонидан, интиқол, табдил ва истеъмоли онҳо ва ҳамчунин, талафоти онҳо дар натиҷаи истифодаи бесамарона;

– **сӯзишвории шартӣ** – воҳиди ҳисоби сӯзишвории органикӣ барои муқоисаи намудҳои гуногуни сӯзишворӣ аз рӯи гармидиҳии ҳарораташ баробари 7000 ккал/ кг;

– **меъёри талафот** – дараҷаи талафоти захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикие, ки аз миқдори муқарраршудаи умумии онҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва шиносномаи таҷҳизот зикр шудаанд ё бо тартиби муқарраршуда тасдиқ карда шудаанд;

– **захираҳои сӯзишворию энергетикӣ** – маҷмуи ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ, энергияи табиӣ ва табдилшаванда;

– **захираҳои мустаъмали сӯзишворию энергетикӣ** – захираҳои ҳамчун энергияи иловагӣ аз маҳсулоти пасмонда ё партови истеҳсолоти асосӣ ҳосилшаванда;

– **шиносномаи энергетикӣ** – ҳуҷҷати бо дастур муайяншудаи меъёре, ки дар он аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти энергетикӣ нишондиҳандаҳои воқеии самаранокии энергия ва имконияти сарфаи захираҳои энергетикӣ дарҷ ёфтаанд;

– **таҳқиқоти энергетикӣ (энергоаудит)** – ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот дар бораи истифодаи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ бо мақсади ҳосил кардани иттилооти дуруст дар бораи ҳаҷми захираҳои энергетикии истифодашаванда, дар бораи нишондиҳандаҳои самаранокии энергия, ошкор намудани имкониятҳои сарфаҷӯии энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ бо дарҷи натиҷаҳо дар шиносномаи энергетикӣ [3; 1].

Барномаи истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва сарфаҷӯии неруи барқ барои солҳои 2014-2018 дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 бар меояд, таҳия карда шудааст.

Барномаи мазкур самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва амалӣ кардани нақшаю чорабиниҳо дар бахши самаранокӣ ва сарфаҷӯии энергия, оқилона истифода бурдани неруи барқ ва кам кардани талафоти энергияро фаро гирифта, сиёсати пешгирифтаи давлатро ҷиҳати ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикӣ муайян месозад.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обию энергетикӣ буда, аз ин ҷиҳат дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро ишғол менамояд. Аз 115,6 км$^3$ ҳавзаи Баҳри Арал 64 км$^3$-и он (55,4%) аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад ва айни замон, танҳо 12,52%, ё ин, ки ҳамагӣ 14,58 км$^3$–и ҳаҷми он барои манфиатҳои кишвар истифода бурда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади таъмин намудани амнияти энергетикии кишвар дар марҳилаи гузариш ба рушди устувори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои 2014-2018,

пеш аз ҳама, бо истифодаи оқилона аз захираҳои обию энергетикӣ ба роҳ мондани тавлид, интиқолу тақсимоти неруи барқ ва ҷорӣ кардани сиёсати самаранок дар бахши сарфаҷӯии энергия масъалаи муҳим ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

2) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо неруи барқ, яке аз соҳаҳои Комплекси сӯзишворию энергетикии мамлакат - соҳаи электроэнергетика нақши асосиро мебозад. Неруи барқ дар системаи энергетикӣ асосан аз ҳисоби неругоҳҳои барқи обӣ - 98% ва боқимонда аз ҳисоби неругоҳи барқи ҳароратӣ- 2% истеҳсол карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои истеҳсолии неруи барқ аз захираҳои обӣ ва сӯзишвории воридотӣ вобаста буда, дар давоми 5 соли охир ба ҳисоби миёна 16,5 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳад.

3) Рушд ва фаъолияти бонизоми системаи энергетикӣ, аз тарзи ҷараён гирифтани муносибатҳои мутақобилан судманди истифодабарандагон бо корхонаҳои таъминкунандаи неруи барқ, дар асоси андешидани чорабиниҳои амалӣ дар бахши самаранокӣ ва сарфаҷӯии энергия вобастагии калон дорад [3; 4].

Норасогии неруи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон ба 4-4,5 млрд. кВт.соат баробар буда, дар ҷумҳурӣ маҳдудияти истифодабарии он ҷорӣ карда мешавад. Дар мавсими тобистон бошад, ҷумҳурӣ метавонад бо чунин миқдор ва зиёда аз ин барқи иловагиро истеҳсол намояд ва инчунин ба содирот барорад.

4) Дар ҳолати паст қарор доштани сатҳи ҷамъоварии маблағи барқи истифодашуда, нархномаи пасти тарифҳои амалкунанда, истифодабарии таҷҳизотҳои барқии энергияталаб, дастрас набудани манбаъҳои дигари сӯзишворӣ ба ҳолати пасти техникию иқтисодӣ, норасогии барқ ва талафоти аз меъёр зиёди технологӣ оварда мерасонад.

Бинобар ин, бо мақсади таъмин намудани амнияти энергетикии кишвар дар марҳилаи гузариш ба рушди устувори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои 2014-2016, пеш аз ҳама, бо истифодаи оқилона аз захираҳои обию энергетикӣ ба роҳ мондани тавлиду интиқолу тақсимоти неруи барқ ва ҷорӣ кардани сиёсати самаранок дар бахши сарфаҷӯии энергия масъалаи муҳим ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад [5; 3].

**Муқарриз: н.и.н., дотсенти ДМТ - Набиев Б.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: Учебник / Под ред. В.И.Стражева. -Мн.: Высшая школа, 1998.
2. Ашуров К.Р. Маҷмуи тестҳо аз фанни назарияи иқтисодӣ. Васоити таълими / К.Р. Ашуров, З.Т. Юсуфджонов, Н. Муртазоев. -Душанбе: Ирфон, 2014. -156 с.
3. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом? / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 1995. -384 с.
4. Комилов С.Ҷ. Иқтисоди корхона. Китоби дарсӣ / С.Ҷ. Комилов, Т.Д. Низомова. -Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. -238 с.
5. Назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / К.Р. Ашуров, А.А. Хоҷахонов, Н.А. Муртазоев, А.А. Акрамов. – Душанбе: Ирфон, 2016. -450 с.
6. Низомова Т.Д. Иқтисоди хурд. Китоби дарсӣ / Т.Д. Низомова. -Душанбе: Диловар - ДДМТ, 2001. -244 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). -Душанбе: Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикиистон, 2005.
8. Райзберг Б.А. Управление экономикой: Учебник / Б.А. Райзберг, Р.А. Фатхуддинов. -М.: бизнес-школа «Интел-Синтез», 1999.
9. Фокин В.М. Основы энергосбережения в вопросах теплообмена / В.М. Фокин, Г.П. Бойков, Ю.В. Видин. -М.: Машиностроение-1, 2005. -192 с.
10. Фокин В.М. Энергосбережение в производственных и отопительных котельных / В.М. Фокин. -М.: Машиностроение-1, 2004. -180 с.
11. Фортов Е.В. Энергосбережение – перспективный вид бизнеса / В.Е. Фортов // Энергополис. – 2009. -№1-2.
12. Ҳакимов А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Воситаи таълим / А. Ҳакимов. -Душанбе: Ирфон, 2005. -416 с.
13. Хайдарзода, М.И. Оценка эффективности формирования текстильно-швейного кластера в Центральном Таджикистане / Хайдарзода М.И., Б.М. Джумъаев, З.М. Джабборова // Экономика Таджикистана. – 2018. -№3. -С.95-100.
14. Юсуфджонов З.Т. Основы экономической теории: курс лекции на тадж. яз. / З.Т. Юсуфджонов, Н. Муртазоев, К.Р. Ашуров. -2-е изд. –Душанбе: Издательство НПИ Центра Таджикистан, 2009. -244 с.
15. Юсуфджонов З.Т. Асосҳои назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / З.Т. Юсуфджонов, К.Р. Ашуров, Н. Муртазоев. -Душанбе: Ирфон, 2013. –нашри 3. -312 с.

## БЕҲТАР НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ НЕРУИ КАДРИИ КОРХОНАИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Қобили қайд аст, ки рушди соҳаи энергетика ва таъмини амнияти энергетикӣ яке аз афзалиятҳои рушд дар ҷумҳурии мо ва тамоми давлатҳои пешрафта ба шумор меравад. Дар ин росто барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода додани Неругоҳи барқии обии "Роғун" ҳаётан муҳим буда, рушди босуботи соҳаи энергетика ва дар маҷмуъ, баланд бардоштани маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба он вобастагӣ дорад. Зеро, манбаи алтернативии рушди устувори иқтисоде, ки дар муддати кӯтоҳ аз бунбасти иқтисодӣ мамлакатро раҳо диҳад, вуҷуд надорад. Бинобар ин, истеҳсолоти гидроэнергетикӣ дар кишварамон нисбат ба дигар истеҳсолоти хоҷагии халқи мамлакат афзалиятноктар маҳсуб меёбад. Ҳангоми ташаккули сиёсати ҶСК "МБГ Душанбе" дар соҳаи сифат, инчунин омиле ба назар гирифта мешавад, ки самаранокии корхона аз самаранокии истифодаи тамоми захираҳо, аз ҷумла ҳар як корманд иборат аст. Ҳалли оптималии масъалаҳои интихоб, ҷойгиркунӣ ва арзёбии кадрҳо меъёр ва кафолати рақобатпазирӣ ва устувории МБГ-и Душанбе дар бозор, нишондиҳандаи сифати ташкили идоракунӣ, омили муҳимтарини муваффақият имрӯз дар муборизаи рақобатӣ мебошад. Рушд ва фаъолияти бонизоми системаи энергетикӣ, аз тарзи ҷараён гирифтани муносибатҳои мутақобилан судманди истифодабарандагон бо корхонаҳои таъминкунандаи неруи барқ, дар асоси андешидани чорабиниҳои амалӣ дар бахши самаранокӣ ва сарфаҷӯии энергия вобастагии калон дорад.

**Калидвожаҳо**: энергетика, амният, афзалиятҳои рушд, самаранокӣ, хизматрасонӣ, гидроэнергетика, рушд, стратегия, иқтисодиёти миллӣ, некуаҳволӣ, мусоидат, сармоягузорӣ, соҳавӣ, професионалӣ, неругоҳҳои хурду бузурги барқӣ, истеҳсолот.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КАДРОВ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО ПРЕДПРИЯТИЯ

Следует отметить, что развитие энергетической отрасли и обеспечение энергетической безопасности являются одними из приоритетов развития нашей республики и всех развивающихся стран. В этой связи жизненно важно, чтобы Республика Таджикистан построила и ввела в эксплуатацию Рогунскую ГЭС, обеспечила устойчивое развитие энергетического сектора и, в целом, увеличила ВВП страны. В конце концов, нет альтернативного источника устойчивого экономического развития, который может спасти страну от экономической изоляции в краткосрочной перспективе. При формировании политики АО «МБГ Душанбе» необходимо использование всех ресурсов, в том числе каждого сотрудника. Оптимальное решение вопросов подбора, расстановки и оценки персонала – это стандарт и гарантия конкурентоспособности и стабильности Душанбинского МБГ на рынке, показатель качества организации управления, важнейший фактор успеха в конкурентной борьбе сегодня. Развитие и бесперебойная работа энергосистемы во многом зависят от развития взаимовыгодных отношений между потребителями и энергоснабжающими предприятиями, основанных на реализации практических мер в области эффективности энергосбережения.

**Ключевые слова:** энергетика, безопасность, приоритеты развития, эффективность, услуги, гидроэнергетика, развитие, стратегия, национальная экономика, благосостояние, поддержка, инвестиции, промышленность, профессиональные, малые и крупные электростанции, производство.

## THE IMPACT OF HYDROPOWER DEVELOPMENT ON INDUSTRIAL PRODUCTION

It should be noted that the development of the energy sector and ensuring energy security are among the priorities for the development of our republic and all developing countries. In this regard, it is vitally important for the Republic of Tajikistan to build and commission the Rogun HPP, ensure sustainable development of the energy sector and, in general, increase the country's GDP. Ultimately, there is no alternative source of sustainable economic development that can save the country from economic isolation in the short term. When forming the policy of JSC "MBG Dushanbe", it is necessary to use all resources, including each employee. The optimal solution to the issues of selection, placement and assessment of personnel is the standard and guarantee of competitiveness and stability of Dushanbe MBG in the market, an indicator of the quality of management organization, the most important factor in success in the competitive struggle today. The development and uninterrupted operation of the energy system largely depend on the development of mutually beneficial relations between consumers and energy supplying enterprises, based on the implementation of practical measures in the field of energy saving efficiency.

**Keywords**: modern: energy, security, priorities of development, efficiency, services, hydropower, development, strategic, national economy, well-being, support, investments, industry, professional, small and large power plants, production.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашӯров Камолидин Розикович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға:** 735045, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70**. Телефон: **(+992) 919-16-57-41**

***Шарипова Адолат Бурҳоновна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ, муаллимаи калони кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **918-94-09-26**. E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **-** Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70**. Телефон: **(+992) 919-16-57-41**

***Шарипова Адолат Бурхоновна*** - Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры производственного менеджмента. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **918-94-09-26**. E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** **-** Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management in Production. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70.** Phone**: (+992) 919-16-57-41**
***Sharipova Adolat Burhonovna*** **-** Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Senior Lecturer of the Department of Production Management. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street, 10. Phone: **918-94-09-26.** E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

ТДУ: 332.1

# ВАЗЪИЯТ ВА МУАММОҲОИ РУШДИ ЗЕРСИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВӢ

*Дадоҷонова З.И.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ**

Дар иқтисоди муосир танҳо давлатҳое, ки ба роҳи инноватсионии рушд гузаштаанд ва иқтисодиёташон ба илму дониш асос ёфтааст, устуворона инкишоф меёбанд. Зарурати ворид шудани иқтисодиёти Тоҷикистон ба фазои рақобати шадиди байнидавлатӣ таҷдиди консептуалии сохтори ташкилӣ ва идоракунии бахши асосии иқтисодиёти миллии инноватсионӣ мебошад, ки системаи инноватсионии минтақавии Тоҷикистонро тақозо менамояд.

Гузариши иқтисодиёт ба навъи инноватсионии рушд бе ташаккули системаи рақобатпазири инноватсионии минтақавӣ имконнопазир аст. Системаи инноватсионии минтақавӣ, ин маҷмуи ташкилоти ба ҳам алоқаманди истеҳсолӣ ва (ё) фурӯши тиҷоратии дониш ва технологияҳо мебошад, ки ҳамкории мутақобилаи маҷмуи муассисаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоиро бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ таъмин менамояд. Инчунин, ба таври ғайримустақим бо ташкилоту сохторҳои соҳибкорӣ, ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар сатҳи мамлакати алоҳида фаъолият мебарад. Бояд қайд кард, ки дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ (ЗИМ) низ вобаста ба сохтори минтақа ташаккул ёфта, рушд менамояд.

Барои ташаккули зерсистемаи самараноки инноватсионии минтақавӣ зарур аст:

- зиёд кардани талабот ба инноватсия аз аксари бахшҳои иқтисодиёти минтақа, зеро айни замон фаъолияти инноватсионӣ дар доираи танги бахшҳо мутамарказ гардида, навсозии технологии истеҳсолот, пеш аз ҳама, ба воридоти технология асос ёфтааст, на ба коркарди ватанӣ;
- баланд бардоштани самаранокии бахши тавлиди дониш (илми бунёдӣ ва амалӣ), зеро тадриҷан аз байн рафтани заминаҳои дар солҳои қаблӣ бунёдшуда, пиршавии кадрҳо, паст шудани сатҳи таҳқиқот, ҳамгироии суст ба бозори ҷаҳонии инноватсия ва диққат надодан ба эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақа;
- бартараф намудани парокандагии инфрасохтори инноватсионии минтақавии таъсисдодашуда, зеро бисёре аз унсурҳои он ба вуҷуд омадаанд, вале раванди инноватсиониро дар тамоми раванди тавлид, тиҷорат ва татбиқи инноватсияҳо дар сатҳи минтақавӣ дастгирӣ намекунанд.

Дар баробари ин, ташаккули минбаъдаи ЗИМ, ки ба дурнамои рушди дарозмуддати минтақа ҷавобгӯ аст, ба чунин мушкилоти зерсистемавӣ дучор меояд, аз қабили:

- мавҷудияти талаботи ками бахши воқеии иқтисодиёти минтақа ба самти ояндадор - аз нуқтаи назари истифодаи тиҷоратии онҳо - натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ. Дар баробари ин, омилҳои асосии иқтисодие, ки фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро дар бахши воқеии иқтисодиёти минтақа маҳдуд мекунанд, набудани маблағҳои худӣ барои тавсеаи ин намуди фаъолият, арзиши баланди навоварӣ, хавфҳои иқтисодӣ ва муҳлати тулонии бозпардохт мебошад;
- мавҷуд набудани заминаи таҳияи меъёрии ҳуқуқӣ барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ, инчунин тадбирҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла механизмҳои мустақим (маблағгузории буҷетӣ) ва ғайримустақим (сиёсати фискалӣ, кафолатҳои давлатӣ ва ғ.);
- набудани механизмҳои самарабахши татбиқи самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техника, ки аз ҷониби давлат муайян карда мешавад, «норавшан» шудани номгӯи технологияҳои муҳим, шумораи зиёди ташкилоти илмие, ки ба минтақаи дахлдор барои дастгирӣ муроҷиат мекунанд. Оқибати ин бесарусомонии маблағҳои буҷетӣ ва нокифоягии маблағгузорӣ ба корҳои илмии соҳаҳои ояндадор рақобатпазирии иқтисоди минтақаро дар бозор таъмин карда наметавонад;
- суст шудани алоқаҳои ҳамкории ташкилоти илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла дар зинаҳои системаи такрористеҳсоли кадрҳои илмӣ,

таъминоти ташкилии силсилаи «таҳқиқоти татбиқӣ – лоиҳаи конструксияҳои таҷрибавӣ – истеҳсолот», тайёр намудани кадрҳо барои самтҳои мушаххаси фаъолияти инноватсионӣ;

- шаффофияти пасти иттилоотии соҳаи инноватсионӣ, пеш аз ҳама, набудани маълумот дар бораи технологияҳои нав ва бозорҳои эҳтимолии маҳсулоти комилан нав (инноватсионӣ), инчунин барои сармоягузорони хусусӣ ва ташкилоти қарзӣ - дар бораи объектҳои сармоягузории дорои даромади эҳтимолии баланд;

- нодида гирифтани аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии рушди равандҳои инноватсионӣ дар минтақа аз ҷониби баъзе мақомоти вилоятӣ ва роҳбарият, ки боиси интихоби ғайриасосноки афзалиятҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ барои рушди технологӣ ва мутаносибан паст шудани самаранокии фаъолияти истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ мегардад [1].

Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсат дар соҳаи рушди зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ инҳоро пешбинӣ кардан зарур аст: муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои мақомоти ҳокимияти вилоятӣ, ки ба ташаккули зерсистемаи минтақавии инноватсионӣ ва фаъолияти самараноки он нигаронида шудаанд, муттаҳид намудани саъю захираҳои мақомоти ҳокимияти вилоятӣ ва бахши соҳибкории иқтисодиёт барои фаъол гардонидани равандҳои инноватсионӣ, инчунин муттаҳид намудани тамоми зинаҳои зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ дар як механизми ягона ба манфиати ташаккули манбаи инноватсионии рушди иқтисодиёт дар минтақа.

Зерсистемаҳои асосии системаи инноватсионии минтақавии зеринро метавон ҷудо кард:

- сиёсати иқтисодии минтақавӣ;
- қонунгузории минтақавии инноватсионӣ ва илмию техникӣ;
- системаи тавлид ва паҳнкунии донишҳо, ки бо низоми таҳсилот ва тайёрии касбии истеҳсоли маҳсулоти технологӣ, бозору инфрасохтори дахлдори минтақавӣ ва қонунгузорӣ дар сатҳи минтақа зич алоқаманд аст;
- системаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои технологӣ;
- системаи инфрасохтори инноватсионии минтақавӣ, аз ҷумла дастгирии молиявӣ;
- системаи таълим, тайёрии касбӣ ва бозор.

Макросохтори зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ маҷмуи бахшҳои илмӣ, иттилоотӣ, технологӣ, истеҳсолӣ ва бахши таъмини захираҳо мебошад (расми1).

**Расми 1. Бахшҳои сохтории ЗИМ**
**Figure 1. Structural blocks of the RIS**




Самтҳои дастгирии давлатии дар доираи ташаккули зерсистемаи минтақавии инноватсионӣ татбиқшаванда, бояд асосан ба таъмини воридшавии маблағҳои зиёди ғайрибуҷетӣ равона карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ба хароҷоти буҷет оқилона муносибат карда, барои шиддатнокии истифодаи қарз, лизинг ва дигар воситаҳои молиявии иқтисоди бозорӣ дар равандҳои инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Механизми ташаккули зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ, пеш аз ҳама, ба таъсис ва пурзӯр намудани нақши идоракунии минтақавии равандҳои инноватсионӣ асос ёбад. Идоракунии минтақавӣ ба идоракунии давлатӣ дахл дорад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти минтақавӣ амалӣ карда мешавад.

Барои сохтани модели зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ, сезеркисмӣ системаи инноватсионии минтақавиро ҷудо кардан лозим аст: зерсистемаи тавлиди дониш, зерсистемаи интиқол ва инкубатсияи технология, зерсистемаи тиҷорати доништалаб.

Ин муайянкунии ҷузъҳои зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ имкон медиҳад, ки ба раванди инноватсионии минтақавӣ дар се марҳилаи асосии он таъсири мақсаднок расонад: тавлиди донишҳои нав, интиқол ва табдили он ба инноватсия. Илова бар ин, мавҷудияти якҷояи ин се унсур дар минтақа шарти зарурии рушди инноватсионии ҳудуд мебошад [2].

Ҳамин тариқ, дар сатҳи минтақавӣ барои таъмини рушди инноватсионии онҳо, зарур аст:

- таҳияи стратегияи идоракунии инноватсионӣ дар сатҳи минтақавӣ;
- дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо таъсис додани шуъбаи махсуси масъул барои ҷамъоварӣ ва татбиқи инноватсия, ҷустуҷӯи инноватсия ҳам дар ҳудуди вилоят ва ҳам берун аз он;
- таҳияи тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии захираҳои инсонӣ;
- ташкили марказҳои баҳодиҳӣ ба технология;
- таъсиси марказҳои рушди минтақавӣ ва паҳн намудани технологияҳои нав;
- интихоб ва маблағгузории буҷетии инноватсия.

Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ як қатор тадбирҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ таҳия ва дар амал санҷида шудаанд, ки ба шиддатнокии раванди рушди инноватсионии минтақавӣ мусоидат мекунанд, аз қабили:

- татбиқи барномаҳои махсуси мақсаднок дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ;
- субсидияҳои бевоситаи давлатӣ ва маблағҳои мақсадноки мақомоти минтақавӣ;
- имтиёзҳои андози маҳаллӣ, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо нигаронида шудаанд;
- ташкили паркҳои илмӣ ва марказҳои минтақавии технологияҳои пешрафта ва ташкили инкубаторҳои бизнеси хурд;
- ҷалби сармояи венчурӣ ва сафарбар намудани захираҳои бахши хусусӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди минтақа;
- ташаккули шабакаҳо ва кластерҳои соҳибкорӣ;
- такмили инфрасохтори иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва молиявӣ;
- ташкили машварати идоракунӣ барои соҳибкорон.

Дар расми зерин модели таҳлилӣ пешниҳод карда мешавад, ки қобилияти арзёбии хусусиятҳои инфиродӣ ва ҳолати умумии зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ, инчунин муқоисаи самаранокии ҳам зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ дар сатҳи байниминтақавӣ ва ҳам зерсистемаҳои ҷузъӣ дар сатҳҳои фаъолияти онро таъмин менамояд: минтақа, саноат, кластери саноатӣ ё технологӣ, корхона (расми 2).

Модели содатарин, ки таъсири мутақобилаи унсурҳои модели инноватсионии минтақавиро тавсиф мекунад, нақши бахши хусусӣ (таҳияи технологияҳо дар асоси таҳқиқоти худ ва рушди бозори инноватсия), нақши давлат (дастгирии таҳқиқоти фундаменталӣ дар донишгоҳҳо), маҷмуи технологияҳои стратегӣ, инчунин фароҳам овардани инфрасохтор ва шароити мусоиди институтсионалӣ барои фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ.

**Расми 2. Модели таҳлилии зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ**
**Figure 2. Analytical model of the regional innovation subsystem**



Дар доираи ин модели умумӣ хусусиятҳои минтақавии система ташаккул меёбад: нақши каму беши давлат ва бахши хусусӣ; таносуби тиҷорати калон ва хурд; таносуби таҳқиқоти фундаменталӣ ва таҳқиқоти амалӣ; сохтори соҳавии фаъолияти инноватсионӣ; динамикаи инкишофи он.

**Расми 3. Модели умумии зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ**
**Figure 3. Generalized model of the regional innovation subsystem**




Дар асоси гуфтаҳои боло модели умумии зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ дар расми 3 нишон дода шудааст. Ташаккули зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ бидуни ташаккули инфрасохтори инноватсионии пешрафта ғайриимкон аст. Зарур аст, ки шабакаи васеи ташкилоти инфрасохтори инноватсионӣ дошта, мавқеъ ва нақши онро дар зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ ба назар гирифт. Аз ин рӯ, сохтори принсипиалии онро дар шакли зерин тартиб додан мумкин аст.

**Расми 4. Сохтори принсипиалии зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ**
**Figure 4. Schematic diagram of the regional innovation subsystem**




Бояд қайд кард, ки рушди зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ ҳамчун самти афзалиятнок бояд таъсиси Фонди минтақавии рушди инноватсиониро дар бар гирад, ки ҳадафи асосии он «рушд» додани корхонаҳои нав ва лоиҳаҳои инноватсионии ояндадор бо фурӯши минбаъдаи маҳсулоти таъсисдодашуда мебошад. Ғайр аз ин, Фонди мазкур бояд ҳиссаи калони (то 40-50%) сармояи ибтидоии ширкатҳои венчуриро дар марҳилаи «пеш аз рақобат»-и рушд маблағгузориро таъмин намояд.

Фаъолияти Фонди минтақавии рушди инноватсионӣ ба муқаррароти зерин бояд асос ёбад:

- таваҷҷуҳ дар марҳилаҳои аввал на ба натиҷаҳои макроиқтисодии татбиқи лоиҳаҳо, балки бештар ба намоиш додани модели муассир ва муосири рушди инноватсионии шарикии давлат ва бахши хусусӣ равона карда шавад. Рушди инноватсионии иқтисодиётро тавассути маблағгузории давлат таъмин кардан мумкин нест, вале ин маблағҳо бояд ба сифати катализатори равандҳои инноватсионӣ хизмат кунанд;
- нигоҳ доштани институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашии пештара бо «интегратсия» тадриҷан ба системаи нави инноватсионӣ;
- ташаккули кластерҳои инноватсионии динамикӣ дар ҳудуди агломератсияҳои куҳнаи саноатӣ, муттаҳид намудани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои калон ҳамчун

иштирокчиёни муҳимми низоми нав ва тағйир додани хусусияти фаъолияти инноватсионии онҳо ва хусусияти муносибатҳо бо корхонаҳои хурду миёна;

- таъсиси дастгирии афзалиятноки лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки коркардҳои ояндадори технологӣ, ки ба рушди устувори кластерҳои технологии мавҷуда мусоидат мекунанд, татбиқ мекунанд;

- ташаккули боварӣ ба институтҳои нав бояд аз сабаби он ба даст оварда шавад, ки ба мақомоти олии идоракунӣ ва шуроҳои нозирон, намояндагони давлат ва соҳибкорӣ дохил карда шаванд, ки дар ҷомеа ва муҳити соҳибкорӣ эҳтироми эътирофшуда доранд;

- расонидани хадамоти технологӣ аз ҷониби Фонди минтақавии рушди инноватсионӣ, аз ҷумла омӯзиши кадрҳо, мусоидат дар сертификатсияи маҳсулот ва ғайра.

Ҳамзамон, дар сатҳи минтақавӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: идоракунии стратегӣ ва фаврӣ дар доираи соҳаи инноватсия; маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионии минтақавӣ; дастгирии корхонаҳои «маҳаллӣ»-и инноватсионӣ; ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ; ба роҳ мондани ҳамкории дохилӣ ва берунӣ.

Инчунин барои маъмурияти вилоят муҳим аст, ки ширкатҳои фаъоли инноватсионӣ ҳангоми иштирок дар тендерҳои ҷумҳуриявӣ ва ҳангоми мурочиат ба «муассисаҳои рушд» бо пешниҳоди мактубҳои кафолати эътимоднокии ширкат ва манфиати минтақа дар татбиқи лоиҳаи инноватсионии пешниҳодшударо дастгирӣ намояд.

Донишгоҳҳо ва донишкадаҳои илмӣ дар ташаккули зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ нақши махсус мебозанд. Онҳо донишеро тавлид мекунанд, ки дар шакли моликияти зеҳнӣ таҳия шудаанд, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ғояи тиҷоратӣ мебошанд. Донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ корхонаҳои нави инноватсионӣ ва технологӣ бунёд мекунанд.

Барномаи инноватсионии минтақаро ҳамчун қисми барномаи комплексии рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят метавон маҷмуи фаъолияти маркетингӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, конструкторӣ, технологӣ, сохтмонӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ ва молиявию хоҷагиро муайян кард. Барномаҳои мазкур аз рӯи захираҳо, иҷрокунандагон ва муҳлатҳои татбиқ, ки ба ҳалли вазифаи афзалиятноки рушди минтақа нигаронида шудаанд ва дар шахси мақомоти маҳаллӣ ё мақомоти ваколатдори онҳо фармоишгари ягона доранд ва алоқаманданд.

Принсипҳои баррасишуда барои баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшуда дар таҳияи сиёсати инноватсионии минтақа пешбинӣ шудаанд ва инчунин бояд дар раванди ба даст овардани консенсус оид ба ҳадафҳо, натиҷаҳо, воситаҳои истифодашаванда, мувозинати афзалиятҳо, ҷонибҳои манфиатдор ва гузаронидани таҳқиқоти махсуси зарурии хусусиятҳои минтақавии инноватсия дар минтақа мазмуни моҳиятии худро гиранд.

Дар рушди инноватсионии минтақаҳо шаҳрҳои калон, ки ба марказҳои идоракунии донишҳо табдил меёбанд, нақши махсус мебозанд. Дар натиҷа, назария ва амалия ба эҷоди минтақаҳои зеҳнӣ ва омӯзишӣ нигаронида мешавад. Вазифаи муҳимтарини он нисбат ба макроминтақа, дар маҷмуи кишвар, гурӯҳҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ таъсис ва паҳн намудани донишу усулҳои нави истифодаи самараноки он мебошад. Ин минтақаҳо ба марказҳои идоракунии дониш ва ташаккули ҷомеаи дониш асосёфта табдил меёбанд. Ин хулоса дар як пажуҳиши Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд бароварда шудааст [3].

Дар вилояти Суғд чунин марказҳо ба ҷуз аз шаҳри Хуҷанд бояд дар шаҳрҳои Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Бӯстон ва як қатор ноҳияҳои дигар бунёд шаванд.

Самти навбатии кор оид ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон таҳияи сиёсати мақсадноки рушд барои якчанд самтҳои афзалиятноки фаъолият ё кластерҳо барои минтақаҳо мебошад. Ҳангоми муайян кардани афзалиятҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ, бояд кластерҳои инноватсионии аллакай дар минтақа мавҷудбударо ба ҳисоб нагирифт. Кластери инноватсионӣ маҷмуи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ маҳалликунонидашудаи субъектҳои иқтисодии аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол бо муносибатҳои асоснок ва устувори ҳамкорӣ фаҳмида мешавад, ки системаи муттасили гирифтан, аз худ кардан дар истеҳсолот, истеҳсоли саноатӣ ва фурӯши маҳсулоти бозорро

дар сегменти алоҳидаи саноат ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон, аллакай кластерҳо дар асоси соҳаҳои асосии саноат таъсис дода шудаанд.

**Расми 5. Ҳадафҳои ташаккул ва рушди зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ**
**Figure 5. Goals of formation and development of the regional innovation subsystem**




Дар кори мазкур дарахти ҳадафҳо барои ташаккул ва рушди зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ асоснок карда шудааст (расми 5). Ҳадафи умумӣ баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди минтақа буда, ҳадафҳои сатҳи аввал ташаккули кластерҳои минтақавӣ, системаи банақшагирии стратегӣ ва барномасозӣ, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ислоҳоти соҳаи маориф, тандурустӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, рушди соҳибкории хурду миёна мебошад. Ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз ҳисоби тағйирот дар сохтор ва сифати идораи минтақавӣ, беҳбуди фазои соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, ислоҳоти муносибатҳои байнибуҷавӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, таъмини мувозинат дар бозори меҳнат мебошад.

Иқтидори инноватсионии минтақаро метавон ҳамчун маҷмуи мутавозини шароитҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии таъсис, рушд ва паҳн намудани самтҳои самарабахш бо назардошти таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ муайян кард (расми 6).

**Расми 6. Потенсиали инноватсионии минтақа**
**Figure 6. Regional innovation potential**




Ҳамаи гуфтаҳои боло барои баровардани хулосаи зарурӣ имкон медиҳад, яъне ба механизми институтсионалии таъмини равандҳои ташаккул ва фаъолияти зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ таваҷҷуҳи махсус бояд кард. Таъсири назарраси ин омил на ҳама вақт аён аст, аммо ҳамеша дар ҳама падидаҳои иқтисодӣ мавҷуд аст. Тартиб додани зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ раванди ислоҳоти институтсионалӣ хоҳад буд ва бояд амалӣ гардад. Азбаски навъҳои ба расмият даровардашудаи муассисаҳо ба қоидаҳои ғайрирасмӣ, фарҳанг ва анъанаҳо асос ёфтаанд, ки тамоми таҳаввулоти таърихии шуури аҳолии ин минтақаро инъикос мекунанд. Тағйир додани онҳо дар як муддати кӯтоҳ амалан ғайриимкон аст, раванди тадриҷан ба таври ҳамаҷониба иваз кардан, ҷобаҷо кардан ва илова кардани муассисаҳои кухна ба муассисаҳои нав комилан асоснок ва мантиқӣ ба назар мерасад. Дар баробари ин, бояд номутаносибии мавҷуда дар рушди институтҳо ошкор ва бартараф карда шавад, ки ба чунин оқибатҳо, аз қабили афзоиши ришвахитоӣ, рушди шаклҳои бесамар ва аксаран ҳатто зараровари институтсионалӣ оварда мерасонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, мушкилоти бартарии

ниҳодҳои давлатӣ бар институтҳои моликият боқӣ мемонад, ки боиси суст шудани рушди институтҳои бозорӣ ва институтҳои рушди инноватсионӣ мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДП ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд - Султонова М.М.**

## АДАБИЁТ


1. Аралбаева, Ф.З. Организационная модель формирования региональной инновационной подсистемы / Ф.З. Аралбаева, Т.В. Кузаева // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2011. -№8(127). -С.238.
2. Ахмедов, Ф.В. Факторы формирования и развития малого бизнеса Согдийского региона: теоретические и территориальные аспекты / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). -Душанбе, 2016. -№2/9(165). -С.218.
3. Батталов, Р.М. Управление региональными инновационными подсистемами в условиях цифровой трансформации: дис.канд. экон.наук: 08.00.05 / Р.М. Батталов. –Д., 2022. -262 с.
4. Герчикова, И. Государственное содействие развитию предпринимательской деятельности в Бельгии / И. Герчикова // Маркетинг. - 1999. -№2. -С.91-98; -№3. -С.93-103; -№4. -С.91-99; -№6. -С.107-113; 2000. -№1. -С.84-92.
5. Егоров, Н.Е. Инновационное развитие экономики региона на основе кластерного подхода / Н.Е. Егоров. -СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2010. -С.27.
6. Калинин, А.В. Анализ развития и состояние малого и среднего бизнеса в мире / А.В. Калинин // Экономика, предпринимательство и право. – 2011. -№4. -С.3-12.
7. Махмадиев, Ф.Б. Формирование региональных отраслевых кластеров, важнейший этап создания инновационной экономики / Ф.Б. Махмадиев, Н.С. Холова // Peasant. – 2015. -№2. -С.84-85.
8. Мухамедьяров, А.М. Региональная инновационная система: развитие, функционирование, оценка, эффективность / А.М. Мухамедьяров, Э.А. Диваева. -Уфа: АН РБ, Гилем, 2010. -188 с.
9. Серебрякова, Н.А. Механизм формирования региональной инновационной подсистемы / Н.А. Серебрякова, Н.В. Дорохова, М.И. Исаенко // Вестник Воронежского государственного университета инженерных технологий. – 2019. -№4(82). -С.293.
10. Усенко, Л.Н. Инновационно-инвестиционная деятельность организаций по производству сельскохозяйственной техники: анализ и прогнозирование: монография / Л.Н. Усенко, Д.П. Бондаренко. -Ростов н/Д: Изд-во РГЭУ «РИНХ», 2009. -С.123.
11. Файзуллоев, М.К. Перспективы инновационно-технологического развития Республики Таджикистан / М.К. Файзуллоев // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. - 2012. -№01. -С.265.
12. Хофизов, Х.А. Инвестиции и инвестиционная деятельность в системе факторов регионального развития / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. - № 2-9. -С.34-38.
13. Шарипов Б.К. Внедрение инновационного проекта в промышленном регионе //// Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). -Душанбе, 2017. -№2/4. –часть II. -С.62-65.
14. Knowledge management in the learning Society. -Paris: OECO, 2000. -257 p.
15. Cooke P. The regional innovation system in Baden-Wurttembeig / P Cooke, K. Morgan // International Journal of Technology Management. - 1994. -№9. -P.429.


## ВАЗЪИЯТ ВА МУАММОҲОИ РУШДИ ЗЕРСИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВӢ


Мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши вазъият ва муаммоҳои рушди зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ дар мисоли минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола вазъияти кунунии зерсистемаи инноватсионии минтақа ошкор карда шуда, сабабҳои асосии рушд, мушкилоти асосӣ, тақсимоти зерсистемаҳо, моделҳои таҳлилӣ, сохтори принсипиалӣ, ҳадафҳои ташаккул ва рушди он шарҳ дода шудааст. Инчунин, дастрасии ҳадафҳои асосӣ дар ҳолати ташаккул ва рушд ёфтани зерсистемаи инноватсионии минтақа ошкор карда шудааст, ки тартиб додани зерсистемаи инноватсионии минтақавӣ раванди ислоҳоти институтсионалӣ хоҳад буд ва бояд амалӣ гардад. Азбаски навъҳои ба расмият даровардашудаи муассисаҳо ба қоидаҳои ғайрирасмӣ, фарҳанг ва анъанаҳо асос ёфтаанд, ки тамоми таҳаввулоти таърихии шуури аҳолии ин минтақаро инъикос мекунанд ва тағйир додани онҳо дар як муддати кӯтоҳ амалан ғайриимкон аст, раванди тадриҷан ба таври ҳамаҷониба иваз кардан, ҷобаҷо кардан ва илова кардани муассисаҳои кухна ба муассисаҳои нав комилан асоснок ва мантиқӣ ба назар мерасад. Дар баробари ин, бояд номутаносибии мавҷуда дар рушди институтҳо ошкор ва бартараф карда шавад, ки ба чунин оқибатҳо аз қабили афзоиши ришваситоӣ, рушди шаклҳои бесамар ва аксаран ҳатто зараровари институтсионалӣ оварда мерасонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, мушкилоти бартарии ниҳодҳои давлатӣ бар институтҳои моликият боқӣ мемонад, ки боиси суст шудани рушди институтҳои бозорӣ ва институтҳои рушди инноватсионӣ мегардад.



**Калидвожаҳо:** рушди зерсистема, зерсистемаи инноватсионӣ, бизнеси хурд, потенсиали инноватсионӣ, модели таҳлилӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, потенсиали инноватсионӣ, фонди минтақавӣ.

## СОСТОЯНИЕ И ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ИННОВАЦИОННОЙ ПОДСИСТЕМЫ

Данная статья посвящена исследованию ситуации и проблем развития региональной инновационной подсистемы на примере Согдийской области Республики Таджикистан. В статье раскрывается современное состояние инновационной подсистемы региона, объясняются основные причины ее развития, основные проблемы распределения подсистем, аналитических моделей, принципиальная структура, цели ее формирования и развития. Также для достижения основных целей в случае формирования и развития инновационной подсистемы региона выявлено, что создание инновационной подсистемы региона будет процессом институциональных реформ и должно быть реализовано. Поскольку формализованные типы институтов основаны на неформальных правилах, культуре и традициях, отражающих всю историческую эволюцию сознания населения региона, и изменить их за короткий период времени практически невозможно, так как происходит постепенный процесс комплексной замены, перемещения и дополнения. Кажется, совершенно разумным и логичным преобразовать старые институты в новые. При этом должны быть выявлены и устранены существующие дисбалансы в развитию институтов, которые приводят к таким последствиям, как росту коррупции, развитие неэффективных, а зачастую даже вредных институциональных форм. Для Республики Таджикистан и ее регионов сохраняется проблема доминирования государственных институтов над институтами собственности, что приводит к медленному развитию рыночных институтов и институтов инновационного развития.

**Ключевые слова:** развитие подсистемы, инновационная подсистема, малый бизнес, инновационный потенциал, аналитическая модель, инновационная инфраструктура, инновационный потенциал, региональный фонд.

## STATE AND PROBLEMS FORMATION AND DEVELOPMENT OF A REGIONAL INNOVATION SUBSYSTEM

This article is devoted to the study of the situation and problems of development of the regional innovation subsystem using the example of the Sughd region of the Republic of Tajikistan. The article reveals the current state of the region's innovation subsystem, explains the main reasons for its development, main problems, distribution of subsystems, analytical models, fundamental structure, goals of its formation and development. Also, in order to achieve the main goals in the case of the formation and development of the region’s innovation subsystem, it was revealed that the creation of the region’s innovation subsystem will be a process of institutional reforms and must be implemented. Since formalized types of institutions are based on informal rules, culture and traditions that reflect the entire historical evolution of the consciousness of the population of the region, and it is almost impossible to change them in a short period of time, since a gradual process of complex replacement, movement and addition occurs. It seems perfectly reasonable and logical to transform old institutions into new ones. At the same time, existing imbalances in the development of institutions must be identified and eliminated, which lead to such consequences as the growth of corruption, the development of ineffective and often even harmful institutional forms. For the Republic of Tajikistan and its regions, the problem of dominance of state institutions over property institutions remains, which leads to the slow development of market institutions and institutions of innovative development.

**Keywords:** subsystem development, innovation subsystem, small business, innovation potential, analytical model, innovation infrastructure, innovation potential, regional fund.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дадоҷонова Зебоҷон Илҳомҷоновна*** - Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, ассистенти кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷмент. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И.Сомонӣ, 226. Телефон**: (+992) 92 916-36-63.** E-mail: **zebokhon98@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Дадоджонова Зебоджон Илхомджоновна*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им.М.Осими в городе Худжанде, ассистент кафедры инженерной экономики и менеджмента. **Адрес**: 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И. Сомони, 226. Телефон**: (+992) 92 916-36-63.** E-mail: **zebokhon98@list.ru**

**Information about the author**: ***Dadodzhonova Zebodzhon Ilkhomdzhonovna*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M. Osimi in Khujand, assistant of the Department of Engineering Economics and Management. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, I. Somoni Avenue, 226. Phone: **(+992) 929-16-36-63.** E-mail: **zebokhon98@list.ru**

ТДУ: 332.1(575.3)

# КОРКАРДИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ УСТУВОРИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРӢ ВА СОҲАҲОИ ОН ДАР МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ

***Ҳакимзода М.М., Азимов А.Ҷ.***

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти рушдро доро буда, бештар дар шароити гузариш ба механизми рушди устувор амал мекунанд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид.

Таҳияи механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақаҳои сераҳолӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вилояти Суғд яке аз минтақаҳои сераҳолӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат нақши муҳим дорад.

Таъминоти бехатарии озуқаворӣ бояд ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои мавҷуд буда ва соҳаҳои таъсисёбандаи он равона карда шавад, ки қобилияти коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот, дастрасии аҳолӣ ба озуқаворӣи калидиро ба миён меорад. Дар ин васила хулосае дуруст ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он ҳар як давлат бояд хавфҳои гуруснагии аҳолиро бартараф намуда, барои таъмини озуқаворӣи зарурӣ дар тули вақти муайянро дар ҳолати номуътадилии бозорҳои озуқаворӣ дар назар дорад. Таъминоти бехатарии озуқаворӣ, ки барои дастрасии кафолати кифоягии озуқаворӣ барои тамоми аҳолӣ таъинот дорад, бояд ба татбиқи чунин ҳадафҳои бо ҳам алоқаманд равона карда шаванд:

- афзоиш ва васеъшавии самаранокии сиёсати дастгирии нархи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- дастгирии содироти комплекси аграрии мамлакат;
- дастрасии ҳифзи захираҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- ҳавасмандгардонии қарзи кишоварзӣ;
- дастгирии фаъолияти таҳқиқотии комплекси аграрӣ;
- дастгирии озуқаворӣи шахсони даромадҳои паст дошта;
- дастрасии сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ бо нархҳои паст.

Ба коркарди механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- баландшавии бузургиҳои ҳудудии имконпазири ғанигардонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи воридотӣ;
- сатҳи наонқадар баланди талаботи пардохтпазири аҳолӣ барои озуқаворӣ;
- тағйирёбии назарраси нархӣ дар бозори озуқаворӣ;
- инкишоф наёфтани инфрасохтори бозорӣ;
- норасогии кадрҳои баландихтисос;
- инкишофи сусти пешгӯикунӣ ва мониторинги бозори кишоварзӣ.

Имрӯзҳо ҷумҳурӣ дар вобастагии калон аз воридоти маҳсулоти хӯрока қарор дорад, ки ба ҳисаи он дар мамлакат 46% рост омада, дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда то 70%-ро ташкил медиҳад. Барои воридоти озуқаворӣ Ҳукумати мамлакат ҳамасола тақрибан 16-18 млрд. доллари ИМА хароҷот мекунад. Ин маблағҳо мантиқан ҳамчун инвеститсия барои инкишофи соҳаи кишоварзии хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Афзоишёбии муттасил ва мақсадноки воридоти озуқаворӣ дар шароити муосир ҳамчун алтернативаи инкишофи истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ баромад мекунад. Чунин вазъият ба коҳишёбии имкониятҳои рушди соҳаҳои КАС ва дар дурнамо ба пастшавии истеҳсоли он, пастшавии сатҳи некуаҳволӣ ва паҳншавии камбизоатии аҳолӣ оварда расониданаш мумкин аст.

Вазъияти дар кам кишвар мавҷуд буда ба шиддатёбии зиддият оварда мерасонад, ки он байни зарурати азнавсозии куллии сохтори истеҳсолоти агросаноатӣ, ки ба ҷалби инвеститсияҳо эҳтиёҷ дорад ва ҳаҷми наонқадар баланди инвеститсияҳо қарор дорад.

Норасогии сармоягузориҳо, ки хоҷагиҳои кишоварзӣ доимо бо он рӯ ба рӯ мешаванд, бо диққатҷалбкунии пасти сармоягузорӣ алоқаманд аст, ки дар навбати худ бо диққатҷалбкунии пасти сармоягузории ҳама соҳаҳо тавсиф карда мешавад.

Танҳо беҳтаргардонии муҳити инвеститсионӣ қобилият дорад ба густариши фаъолияти инвеститсионӣ оварда расонад, ки ҳамчун шарти асосии раҳоӣ аз ҳолати буҳронии комплекси аграрӣ ва омили калидии рушди интенсивии он баромад мекунад. Дар ин ҷода зарурати ислоҳоти тартиботи технологӣ ва иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ дар деҳот ба воситаи таҷдиди институтсионалӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Лекин ҳамаи ин дар лаҳзаи ибтидоии ислоҳоти аграрӣ муҳим буданд. Дар шароити муосир ба ғайр аз чунин вазъият, ҷалби инвеститсияҳои калон барои соҳаи кишоварзӣ ва тамоми соҳаҳои КАС зарур арзёбӣ карда мешавад. Ташаккулёбии механизмҳо барои таъминоти захираҳои инвеститсионии ҳаҷман калон ба бахши аграрӣ ҳамчун унсури зарурии сиёсати давлатии агарии инвеститсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мушкилоти инкишофёбии комплекси аграрӣ ва комплекси озуқаворӣ аз бисёр ҷиҳат номукаммалии механизми ташаккули сиёсати инвеститсиониро дар назар дорад. Истифодабарии равандҳои инвеститсионӣ имкон медиҳад, ки ҳама заминаҳои зарурӣ барои ҳалли мушкилотҳои ҷамъшудаи бахши аграрӣ, интенсификатсияи раванди истеҳсолӣ, коркарди инноватсияҳо, рушди ҳосилнокии меҳнат ва ғайраҳо таъмин карда шаванд. Дар ин васила дар марҳилаи муосир коркард, инчунин амалигардонии сиёсати инвеститсионии маҳсулнокии давлатӣ, ки мақсади он таъминоти рушди интенсивӣ, баланд намудани самаранокии иқтисодиёт ба ҳисоб меравper, ҳамчун яке аз самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ баромад мекунад. Мушкилоти асосии комплекси аграрӣ, асосан бо норасогӣ дар механизми татбиқи сиёсати аграрӣ ифода меёбад, ки шароити имрӯзаи фаъолият ва инкишофи соҳаҳои хоҷагии қишлокро муқаррар менамояд.

Зарурати ҳалли масъалаҳои таъминоти бехатарии муҳити табиӣ пайдоиши муносибати сиёсатҳаро оид ба дастрасии сатҳи зарурии бехатарии озуқавории мамлакат ба миён овард, ки чунин сатҳҳоро дар бар мегирад:

- таъминоти босуръат ва мустақим бо молҳои озуқаворӣ;
- афзоиши маҳсулнокии хоҷагии қишлоқ;
- баланд намудани омодагии ҳиссиёт ба офатҳои табиӣ [3].

**Ҷадвали 1. Таъминоти бехатарии озуқаворӣ**
**Table 1. Provision of food safety**

| Дастрасии озуқаворӣ | Алоқамандӣ ва вобастагӣ |
|---|---|
| Ҷисмонӣ | Бо таъминоти муттасили таъминоти озуқаворӣ ба ҷойҳои истеъмолот бо миқдори зарурии ба талаботи пардохтпазир мутобиқат мекарда |
| Иқтисодӣ | Дар алоқамандии зич бо сатҳи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат қарор дорад, ки ба ҳама табақаҳои аҳолӣ дастрасии миқдори зарурии маҳсулоти озуқавориро бо нархҳои назаррас таъмин менамояд. |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ин ҷо имконияти истеҳсолии аҳолиро барои истеъмолоти худӣ дар хоҷагии наздиҳавлигӣ дохил намудан мумкин аст.

Шарти асосии бехатарии озуқавории мамлакат, ин қонеъгардонии эҳтиёҷоти тамоми аҳолӣ бо маҳсулот хӯрока аз ҳисоби амалигардонии истеҳсолоти худӣ ва ҳавасмандгардонии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Истеҳсолоти худии мамлакат бо сатҳи инкишофи комплекси аграрӣ ва соҳаҳои саноати коркард дар алоқамандии зич қарор дорад.

Ҳамин тавр, худи категорияи “бехатарии озуқаворӣ” аз ҷиҳати сиёсӣ (ҳимояи бозори дохилӣ ва дастгирии сатҳи кофии мустақилияти давлат дар ҳалли мушкилоти бо таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ алоқаманд ифода меёбад), иқтисодӣ (ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, инчунин истеъмолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ

алоқаманд буда) ва иҷтимоӣ (таъминоти бехатарӣ ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ) тавсиф дода мешавад.

Бехатарии озуқаворӣ мушкилоти фундаменталии иқтисодӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Онро ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии марказии бахши аграрӣ мушоҳида намудан зарур аст. Одатан зери мушкилоти бехатарии озуқаворӣ таъминоти кафолатнокии аҳолӣ бо ҳама молҳои озуқаворӣ бо миқдори зарурии барои фаъолият ва ҳаёти солим лозим буда, дарк карда мешавад. Худи сохтори бехатарии озуқаворӣ иерархияи бисёрсатҳа мебошад, ки асоси онро субъект ташкил медиҳад, ки мушкилоти озуқавориро ҳал менамояд. Ба ибораи дигар, мавқеи марказӣ дар мушкилоти бехатарии озуқаворӣ, инсон бо эҳтиёҷоти худ барои хӯрокворӣ ишғол менамояд. Бе қонеъагрдонии эҳтиёҷоти асосии мазкур таъминоти фаъолияти маҳсулнокии инсон имконнопазир мегардад.

Самтҳои афзалиятноки таъмини бехатарии озуқаворӣ ин ҳавасмандгардонии рушди хоҷагии агросаноатӣ ва бо чораҳои дастгирии он, бахусус татбиқи сиёсати протексионизм ба ҳисоб мераванд.

Бо мақсади муайян намудани категорияи "худтаъминкунии озуқаворӣ" як қатор роҳу усулҳо истифода мешаванд, ки дар байни онҳо усули аз тарафи Илина З.М. коркардшударо махсус қайд кардан мумкин аст ва аз чунин марҳилаҳо иборат мебошад [5]:

1. Муайян намудани номгӯи молҳои озуқаворӣ, ки нисбатан пурра сохтори истеъмолоти гурӯҳҳои аҳолиро ифода менамоянд. Дар баробари ин, маҳсулоти хӯрока бо раддабандии ҳадди аксар тавсиф карда шуда, инчунин бояд қобилияти ивазшавӣ дошта бошад. Шумораи молҳои озуқаворӣ бояд ҳадди ақал буда, 80% истеъмолотро дар калориянокӣ ва ашёҳои калидии хӯрокаро таъмин намояд. Барои шароити минтақаҳо мумкин аст 9 номгӯи чунин маҳсулотро аз ҳам ҷудо намуд: маҳсулоти нонӣ, сабзавот, картошка, буттамеваҳо, равғани растанӣ, шакар, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ ба ҳисоби шири холис ва тухм. Молҳои озуқавории мазкур зиёда аз 90% истеъмолот ва таъминоти калорияҳоро барои аҳолӣ ташкил карда, 85% молҳои асосии хӯрокаро ташкил медиҳанд.

2. Муайян намудани нишондодҳои появӣ оид ба коркарди А.А. Лушик ба онҳо дохил мешаванд [7,с.216-222]:

- истеъмолот ба ҳар сари аҳолӣ, ки барои ҳар як намуди маҳсулот ҳисоб карда мешавад;
- индекси истеъмолоти маҳсулот, ки ба нисбияти ҳаҷми истеъмоли маҳсулот ба меъёри физиологии он баробар аст;
- индекси интегралии истеъмолот, ки ҳамчун ҷамъи индексҳои истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад;
- индекси интегралии содирот (воридот), ки фарқияти индексҳои истеъмолот ва истеҳсолотро ифода менамояд;
- индекси интегралии арзиши энергетикӣ, ки ҳамчун ҷамъи индексҳои истеъмолӣ бо зарбкунӣ ба калориянокӣ муайян карда мешавад;
- индекси интегралии арзиши хӯрока, ки бо худ ҷамъи индексҳои истеъмолиро бо зарбзанӣ ба таркиби ҳиссаи онҳо ба ашёи хӯрокаи мутобиқ муайян карда мешавад (мисол, чарбу, сафедаҳо, углеводҳо ва ғайраҳо);
- коэффитсиенти норасогии калория дар истеъмолот ва инчунин ҷудо намудани коэффитсиенти норасгии чарбу, сафедаҳо ва углеводҳо.

Нишондиҳандаи интегралии бехатарии озуқаворӣ, индекси тобоварии ҳаёт, ки нишондиҳандаҳои арзиши энергетикӣ ва озуқавориро дар бар мегиранд.

Бехатарии озуқавории мамлакат (минтақа) бояд дар ҳудудҳои 0,8 қарор гиранд, дар ҳолати норасогӣ нишондиҳандаи мазкур дар ҳудудҳои 0,5-0,8 қарор мегирад. Дар ҳолати критикӣ ин нишондиҳанда аз 0,5 кам мешавад.

Дар ҳолати хислати мутавозии истеъмолот индексҳои индегралии арзиши энергетикӣ ва хӯрока бояд ба ҳамдигар баробар шаванд. Ҳангоми истеъмолоти номутаносиб (дар

ҳолати баланд шудани ҳиссаи ягон маҳсулоти хӯрока) индекси индегралии арзиши энергетикӣ аз индекси арзиши хӯрокворӣ баландтар мешавад.

Оид ба бехатарии озуқаворӣ сухан ронда, афзоиши воридоти масҳулоти сохтакорӣ ва пастсифат ба бозори озуқавориро қайд намудан зарур аст, ки барои саломатии инсон хатарнок ба ҳисоб мераванд.

Паст шудани сифати як қатор маҳсулоти кишоварзии ватанӣ (пеш аз ҳама, маҳсулоти сабзавот) бо риоя накардани технологияи нигоҳдорӣ ва парвариш алоқаманд аст. Ба ғайр аз ин коҳишёбии бехатарии экологии маҳсулоти озуқаворӣ ба назар мерасад.

Заминаи зарурӣ дар инкишофи низоми бехатарии иқтисодӣ дар соҳаи озуқаворӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон” баромад мекунад. Ин ҳадаф шаҳодати воридшавии мамлакат ба марҳилаи нави худтаъминкунии озуқаворӣ гардид. Қайд намудан зарур аст, ки барномаи қабулгардида ба олимон ва истеҳсолкунандагон барои дарёфти ҷавоб мушаххас ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати моддии мушкилоти озуқаворӣ имкон медиҳад.

Ҳуҷҷати мазкур моҳиятан аз барномаҳои пештара фарқият дорад. Мантиқан, ин барнома бо худ маҷмуи мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, инчунин самтҳои асосӣ ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминоти бехатарии озуқавории мамлакатро ифода менамояд.

Бояд қайд намуд, ки асоси коркарди ин барнома муқаррароти дар асоси моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ то давраи соли 2030” ва зербанди 45 “нақша чорабиниҳо оид ба иҷроиши вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 “Оид ба самтҳои сиёсати дохилӣ ва берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар гардида ва бо қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017 таҳти №АП-984 коркардашуда баромад мекунад. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз лаҳзаи қабулгардидани Барнома супориш дода шуда буд, ки дар асоси муқаррароти асосӣ дар соҳаи татбиқи амалии онҳо ва коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқии ба мушкилоти бехатарии озуқавории мамлакат диққати махсус зоҳир карда шавад.

Дар ин Барнома ҳадафи асосии стратегии дастраскунии бехатарии озуқавории мамлакат, таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ муқаррар карда шудаанд. Дар баробари ин, кафили таъминоти он муътадилии сарчашмаҳои ашёи хом ва захираҳои озуқавории ватанӣ, яъне мавҷудияти истеҳсолоти дохилии инкишофёфта баромад мекунад. Мақсадҳои асосии Барнома инҳо мебошанд [3]:

- васеъшавии тамоюли таъминоти бехатарии озуқавории маҳсулот, ки барои баланд намудани сифати маҳсулоти хӯрока ва саломатии аҳолӣ равона карда шудаанд;
- мутобиқати масъалаҳои таъминоти бехатарии озуқаворӣ, истеҳсоли маҳсулот бо истифодабарии консепсияи бехатарии озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар чор унсур асос мегирад: мавҷудияти озуқаворӣ, дастрасии онҳо, истифодабарӣ ва устуворӣ.

Барнома чор самтҳои асосиро дар бар мегирад:

- ҳолати таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ дар мамлакат;
- дастрасии аслӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ;
- таъминоти инкишофи истеҳсолот, сифат, номгӯй ва ғизонокии маҳсулоти озуқаворӣ;
- таъминоти санҷиш ва мониторинги бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ.

Махсусан қайд намудан зарур аст, ки дар ин Барнома шартҳои асосии бехатарии озуқаворӣ маҷмуи ду омилҳои баҳамалоқаманд эътироф карда мешаванд, ки барои чунин вазъият ҳамчун кафил баромад мекунанд:

1. муътадилии истеҳсолоти дохилӣ;
2. мавҷудияти захираҳои зарурӣ.

Чунин тафсир вобастагии муайяни бехатарии озуқавориро аз комплекси агросаноатии миллӣ ва “болишти бехатарӣ” дар намуди захираҳои стратегии озуқаворӣ ифода менамояд. Масалан, хушксолӣ бе мавҷудияти болишти бехатарӣ метавонад ба

вобастагии озуқаворii муайян оварда расонад. Лекин ташаккулёбии чунин хатари бехатарии озуқаворӣ ба миён намеояд, агар захираҳои давлатии кофӣ мавҷуд бошанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки истифодабарии низоми захираҳои давлатӣ бе такрористеҳсол ба коҳишёбии захираҳо оварда мерасонад, ки дар шароити ҷоришудаи вобастагии озуқаворӣ ҳамчун хатари бехатарии озуқаворӣ баромад мекунад. Бинобар ин, дар шароити муосир зарур аст, ки КАС-и ватанӣ инкишоф ёбад. Аммо бо дарназардошти ҷиҳати берунисиёсӣ зарур аст, ки мутаносибии байни истеҳсолоти худӣ ва маҳсулоти воридотӣ дарёфт карда шавад, пеш аз ҳама, дар доираи Иттиҳоди гумрукӣ ва кишварҳои БРИКС.

Шиддатёбии бухрони ашёи хом, озуқаворӣ, демографӣ ва экологӣ ба афзоишёбии объективонаи тамоюлҳои зиддиятнок дар муҳити ҷомеъаи ҷаҳонӣ новобаста ба кӯшиши аксарияти мамлакатҳо барои маҳдуд намудани ҳаҷм ва шаклҳои чунин зиддиятҳо оварда мерасонад. Бинобар ин, барои мамлакат таъмини бехатарии иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, бехатарии озуқаворӣ шарти зарурии на танҳо нигоҳдории давлатдорӣ, балки мавҷудияти аҳолии он ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо, таъминоти бехатарии озуқаворӣ мақсади асосии рушди устувори стратегии соҳаҳои комплекси озуқаворӣ ва дар асоси он барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар тули солҳои охир истеҳсоли маҳсулоти асосии хӯрока дар ҷумҳурӣ ба 30-40% зиёд гардидааст, аз ҷумла гӯшт – ба 53,3%, маҳсулоти ширӣ – ба 40,8%, гандум – ба 19,3% (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Тағйирёбии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулот аз тарафи соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, %**

**Table 2. Changes in the production of the main types of products by the industries of the food complex, %**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | - | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Гандум | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 110,4 | 110,4 | 101,6 | 110,7 | 112,1 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 112,6 | 105,9 | 93,5 | 120,6 | 121,2 |
| Картошка | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 116,7 | 102,8 | 101,8 | 105,1 | 105,8 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 117,3 | 113,7 | 103,5 | 106,2 | 107,3 |
| Сабзавот | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 134,2 | 113,6 | 104,8 | 104,5 | 104,9 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 133,6 | 113,2 | 102,2 | 106,5 | 106,8 |
| Полезиҳо | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 122,8 | 107,9 | 108,2 | 102,9 | 103,6 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 219,7 | 119,1 | 102,4 | 95,5 | 101,5 |
| Меваҳо | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 133,2 | 98,7 | 95,0 | 115,2 | 118,7 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 70,4 | 92,4 | 66,9 | 133,2 | 134,1 |
| Ангур | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 164,1 | 96,7 | 111,8 | 112,6 | 113,1 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 140,3 | 82,0 | 108,1 | 108,6 | 108,9 |
| Гӯшт | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 175,3 | 121,4 | 137,1 | 130,6 | 140,6 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 148,0 | 113,7 | 113,8 | 102,6 | 121,2 |
| Шир | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 134,5 | 102,0 | 102,1 | 102,1 | 105,6 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 111,3 | 101,4 | 101,4 | 101,8 | 103,1 |
| Тухм | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 | 154,0 | 135,5 | 107,2 | 115,1 | 108,6 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 254,2 | 138,3 | 107,3 | 120,2 | 126,8 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон

Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба бехатарии озуқаворӣ нашри даҳуми индекси глобалии бехатарии озуқаворӣ The Global Food Security Index чоп карда шудааст, ки мувофиқи он Тоҷикистон мавқеи худро ба 10 андоза нисбат ба соли 2019 беҳтар гардонидааст. Дар ин раддабандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби 51,1 хол гардида, мавқеи 83-умро дар байни 113 мамлакати ҷаҳон соҳиб шуд. Соли 2019 Тоҷикистон дар мавқеи 93 ва соли 2020 мавқеи 85-умро соҳиб гашта буд. Холи бадастовардашуда ба Тоҷикистон имкон дод, ки мавқеи худро дар гурӯҳи мамлакатҳо бо сатҳи муътадили бехатирии озуқаворӣ нигоҳ дорад.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи нишондоди ФАО (Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ), бехатарии озуқаворӣ на танҳо маънои истеҳсоли ҳаҷми зарурии маҳсулоти хӯрока, инчунин қобилияти ворид намудани миқдори зарурии озуқавориро барои таъминоти эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат дар назар дорад.

Соли 2020 Тоҷикистон ҳамагӣ 5 кг гӯшт ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсол мекард. Аз рӯи натиҷаи соли 2021 ин нишондиҳанда ба 19 кг баробар шудааст. Инчунин истеҳсоли шир аз 51 литр ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2020 то 114 литр дар соли 2021 афзоиш ёфтааст. Дар тули 20-сол нишондиҳандаҳои оид ба истеҳсоли тухм ба ҳар сари аҳолӣ (аз 4 то 100 адад), гандум (аз 88 кг то 180 кг), картошка (аз 58 кг то 104 кг), сабазавот ва меваҳо (аз 50 кг то 260 кг) беҳтар гардиданд.

Аксарияти кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдкарда, пояи инкишофёфтаи консептуалӣ ва қонунини бехатарии озуқавориро дорад. Қонунҳо оид ба танзим ва банақшагирии хоҷагии қишлоқ ва озуқавориро ҳама мамлакатҳо бо хоҷагии қишлоқи инкишофёфта доранд. Муҳиммияти махсуси онҳо бо вазъияти номусоиди комплекси озуқаворӣ асоснок карда шудааст, ки бо тамоюли баландшавии нархи ҷаҳонии озуқаворӣ шиддат меёбад.

Мафҳуми “бехатарӣ” на танҳо таъминоти фаъолияти субъектони иқтисодиро бо шароити мусоид, инчунин ҳифзи онҳоро аз таъсиррасонии беруна ва дохили дар назар дорад.

Ҳар як мамлакат бехатарии озуқавориро ба таври гуногун мутобиқи сатҳи иқтисодии худ, инчунин шароити иқлимӣ ва географӣ муайян менамояд. Консепсияи таъсисдиҳии истеҳсолоти мутавозини кишоварзӣ, ки аз тарафи Созмони озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқи СММ (ФАО) дар соли 1992 пешкаш карда шудааст, дар назар дорад, ки натиҷаи аввалин ва асосии татбиқи барномаи бехатарии озуқаворӣ ин бехатарии истеъмолот мебошад. Истеъмолоти дуруст рушд ва инкишофи муътадилро таъмин намуда, барои баланд намудани қобилияти корӣ, коҳишёбии беморшавӣ, дарозумрии одамон мусоидат менамояд ва онҳорор барои мутобиқати муваффақона ба муҳити атроф дар шароити бадшавии вазъияти экологӣ таъмин мекунад.

Ҳалли мушкилоти истеъмолоти дуруст аз бисёр ҷиҳат ба амалигардонии мақсадҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии устувор мусоидат менамояд. Мувофиқи маънидодкунии ФАО “бехатарии озуқаворӣ ин ҳолатест, ки дар он ҳама одамон дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодиро ба озуқаворӣии бехатар ва ғизонок бо миқдори кифоя барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ дар ҳаҷми зарурӣ барои зиндагонии солим ва шоиста доранд”.

Нисбат ба консепсияи ФАО мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бехатарии озуқаворӣ ҳамчун “ҳолати иқтисодиёти давлат, ки дар он аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ бехатарии озуқаворӣии мамлакат таъмин карда мешавад ва кафолати дастрасии ҷисмонии миқдори зарурӣ барои зиндагонии солим ва таъмини рушди демографӣ” дарк карда мешавад [14].

Мушкилоти бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои марказӣ дар фаъолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар баробари мушкилотҳои мудофиа, бехатарии умумииқтисодӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ба фикри мо, масъалаи бехатарии озуқавориро бо омилҳои дохилӣ ва беруна алоқаманд намудан зарур аст. Дар баробари ин, таъсири омилҳои дохилӣ ба вайроншавии иқтисодиёт ва комплекси озуқаворӣ нисбат ба омилҳои беруна ҳаҷман калон ва таъсирбахш ба ҳисоб мераванд. Дар шароити муосир таъсири омилҳои дохилӣ то рафт афзоиш ёфта истодаанд.

Ислоҳот дар деҳот ба озодшавии нархҳо ва истеҳсолот оварда расонида, аз нав ташкилкунӣ ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, дуршавии давлат аз вазифаи танзимкунанда ва мавҷуд набудани пурраи дастгирии инвеститсионӣ ва молиявии хоҷагии қишлоқ тавсиф карда мешавад. Дар натиҷа пояи истеҳсолии пурра инкишофнаёфта вайрон карда шуда, коҳишёбии ҳосилхезии заминҳо, қатъ гардидани фаъолияти истеҳсолии аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ ба миён омад.

Ба омилҳои берунаи бехатарии озуқаворӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст: иқтисодиёти кушод ва бозори миллӣ, коҳишёбии рақобатпазирии бозори озуқаворӣ. Иштироки фаъолона дар тақсимоти байналмилалии меҳнат барои рушди иқтисодиёт афзалиятҳои тағйирнопазирро фароҳам меоваранд. Лекин озодшавии фаъолияти берунииқтисодӣ дар бозори озуқаворӣ ба афзоишёбии вобастагӣ аз маҳсулоти озуқаворӣ, аз даст додани бозори дохилӣ барои истеҳсолкунандагони ватанӣ оварда расонид.

Хатари асосии бехатарии озуқаворӣ ва фишанги забткунии бозори озуқаворӣ нархҳои демпингӣ баромад мекунанд, ки ҳамчун нархҳои ҷаҳонӣ пешкаш карда мешаванд. Ин нархҳо ба арзиши аслии озуқаворӣ дар кишварҳои содироткунанда ба шарофати мавҷуд будани субсидияҳои содиротӣ, тахфифҳо барои харидорони яклухт, инчунин фурӯши захираҳои озуқаворӣии дар натиҷаи харидҳои давлатии изофагии маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо мутобиқат намекунанд. Одатан нархи паст ба сифати пасти маҳсулот мувофиқат мекунад.

И.С. Ашӯров чунин қайд мекунад, ки ба бехатарии озуқаворӣи мамлакат хатари бевоситаро коҳишёбии иқтидори комплекси агросаноатӣ мерасонад, ки дар бекоршавии фондҳои истеҳсолии асосии азнавбарқарорнашуда, қатъ гардидани соҳаҳои таъминкунандаи захираҳои моддию техникӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ, саноати хӯрока ва коркард, коҳишёбии ҳосилнокии замин, вайроншавии низоми тухмипарварии маҳсулоти кишоварзӣ ва чорвои зотӣ ифода ёфтаанд [2].

Аз рӯи ақидаҳои профессор Орифов А.О. хатарҳо барои бехатарии миллӣ дар муддати дароз дар шакли кушод ифода намеёбанд, лекин ин маънои онро надорад, ки ба мо ҳеҷ чиз таҳдид намекунад ва ё ҳама бухронро метавон бо осонӣ паси сар намуд [10,с.58-63].

Воридоти озуқаворӣи назоратнашавандаи оммавӣ хатари воридшавии маҳсулоти пастсифат, сохтакоришуда ва барои саломати зарароварро ба бозори дохилии озуқаворӣ ба миён меорад. Бинобар ин, дар солҳои охир мушкилоти бехатарии маҳсулоти хӯрока барои истеъмолкунандагон шиддат ёфтааст.

Дар замони муосир ба монанди давраи то ислоҳот, вазифаи назорати давлатӣ аз болои сифати маҳсулоти хӯрока байни хадамотҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Идораи назорати давлатии бойторӣ ва назорати чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда шудаанд.

Афзоишёбии мунтазам дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеъмолшавандаи ҳиссаи воридоти озуқаворӣ, хатари мустақимро барои бехатарии озуқаворӣ ва миллӣ фароҳам меоварад. Ба ақидаи мо, ин вазъият бо чунин шароит маънидод карда мешавад (ҷадвали 3).

Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, шароити зарурии бехатарии озуқаворӣ ин худтаъминкунӣ, яъне мустақилияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки зери он таъминоти қисми аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокаи аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин шуда, дарк карда мешавад. Мустақилияти озуқаворӣ ин шарти таъминоти бехатарии озуқаворӣ мебошад, ки ҳангоми он дар ҳолати қатъ гардидани воридоти маҳсулоти хӯрока аз хориҷа вазъияти ногувори озуқаворӣ ба миён намеояд. Дар баробари ин, барои ҳар як вилоят намудҳои афзалиятноки маҳсулоти хӯрока муайян карда мешавад. Барои вилояти Суғд ба ин маҳсулот гандум ва маҳсулоти нонӣ, равғани растанӣ, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ дохил мешаванд, ки истеҳсоли онҳо бояд аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ ва қонунгузорӣ дастгирӣ карда шаванд.

**Ҷадвали 3. Хатари озуқавории воридотӣ**
**Table 3. Risk of imported food**

| № | Вазъият |
|---|---|
| 1 | Вобастагии объективона аз тағйирёбии вазъияти бозори озуқавории ҷаҳонӣ ба устувории бозори дохилии маҳсулоти хӯрока аз рӯи нишондодҳои арзиши молӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Хушксолиҳо дар кишварҳои таъминкунанда ба болоравии нархи маҳсулот ва ё қатъгардии он сабаб шуда метавонанд. |
| 2 | Имконияти фишори нархӣ аз тарафи мамлакатҳои содироткунандаи озуқаворӣ дар ҳолати ба миён омадани шароити номусоиди кишоварзӣ барои соли ҷорӣ ба миён меояд. |
| 3 | Аҳаммияти маҳсулоти хӯрока барои дастгирии зиндагонии аҳолӣ, ба миён омадани шаклҳои гуногуни фишор аз тарафи мамлакатҳои содироткунандаи озуқаворӣ (пурра қатъ гардонидани дастрасии маҳсулоти озуқаворӣ) бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои муайяни иқтисодӣ ва сиёсӣ дар муносибатҳои дутарафа. |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Сатҳи худтаъминкунии аҳолии вилояти Суғд бо маҳсулоти асосии хӯрока дар ҷадвали 4 оварда шудаанд. Маълумоти ҷадвали 4 оид ба рӯйпӯшкунии назарраси эҳтиёҷоти меъёрӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулот шаҳодат медиҳад. Сатҳи қонеъгардонии меъёрӣ дар соли 2022 аз рӯйи картошка, сабзавот, полезиҳо ва равғани растанӣ мувофиқан 93,5%, 213,1%, 155,3%, 34,9% ва 117,5% ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 4. Сатҳи таъминоти аҳолии вилояти Суғд бо маҳсулоти асосии хӯрокаи растанипарварӣ**
**Table 4. The level of supply of the population of Sughd region with the main food products of plant breeding**

| Нишондиҳандаҳо | Намуди маҳсулоти хӯрока | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Маҳсулоти нонӣ** | **Картошка** | **Сабзавот ва полезиҳо** | **Мева ва ангур** | Равғани растанӣ |
| **Соли 2010** | | | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 118,6 | 127,3 | 226,3 | 45,8 | 13,3 |
| Меъёр ба 1 нафар, кг/сол | 147,7 | 92 | 166,1 | 124,1 | 16,6 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 80,3 | 138,4 | 136,2 | 36,9 | 80,1 |
| **Соли 2015** | | | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 119,5 | 133,7 | 264,2 | 58,8 | 14 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 80,9 | 145,3 | 159,1 | 47,4 | 84,3 |
| **Соли 2020** | | | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 127,6 | 186 | 340,4 | 74,4 | 18,6 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 86,4 | 202,2 | 204,9 | 60,0 | 112,0 |
| **Соли 2021** | | | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 116,4 | 187,7 | 351,6 | 73,3 | 18,5 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 78,8 | 204,0 | 211,7 | 59,1 | 111,4 |
| **Соли 2022** | | | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 138,1 | 196,1 | 257,9 | 43,3 | 19,5 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 93,5 | 213,1 | 155,3 | 34,9 | 117,5 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз рӯйи се мавқеъ сатҳи истеҳсолот аз эҳтиёҷоти меъёрӣ ба таври назаррас зиёд мебошад. Лекин истеъмолоти аслии онҳо аз эҳтиёҷоти меъёрӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Азбаски молистеҳсолкунандагон қисми зиёди картошка, сабзавот ва полезиҳоро барои ба даст овардани дигар молҳо барои эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ мефурӯшанд.

Сатҳи таъминоти аҳолии вилояти Суғд бо маҳсулоти озуқавории асосии чорводорӣ дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Сатҳи таъминот барои тавсифдиҳии бехатарии озуқаворӣ нишондиҳандаи ягона намебошад. Ба фикри мо, барои тавсифи сатҳи таъминот бояд сатҳи истеъмоли маҳсулоти асосии истеъмолӣ аз эътибор дур набошад.

**Ҷадвали 5. Сатҳи таъминоти аҳолии вилояти Суғд бо маҳсулоти асосии хӯроквории соҳаи чорводорӣ**

**Table 5. The level of supply of the population of Sughd region with the main food products of the livestock sector**

| Нишондиҳандаҳо | Намуди маҳсулоти хӯрока | | |
|---|---|---|---|
| | **Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ** | **Шир ва маҳсулоти ширӣ** | **Тухм (дона)** |
| **Соли 2010** | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 14,5 | 95,6 | 24,9 |
| Меъёр ба 1 нафар, кг/сол | 40,8 | 115,3 | 180 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 35,5 | 82,9 | 13,8 |
| **Соли 2015** | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 19,2 | 95,2 | 56,6 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 47,1 | 82,6 | 31,4 |
| **Соли 2020** | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 24,2 | 99,2 | 216,0 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 59,3 | 86,0 | 120,0 |
| **Соли 2021** | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 26,8 | 98,0 | 225,9 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 65,7 | 85,0 | 125,5 |
| **Соли 2022** | | | |
| Истеҳсолот ба 1 нафар, кг. | 27,1 | 98,1 | 267,2 |
| Сатҳи таъминнокӣ, % | 66,4 | 85,1 | 148,4 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Мисол, сатҳи худтаъминкунӣ бо тухм дар вилояти Суғд соли 2022 148,4% ташкил дод. Лекин, сатҳи истеъмолоти тухм ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ ба 148,5% нисбат меъёри оқилонаро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, мисоли мазкур нишон медиҳад, ки инкишофи комплекси озуқаворӣ бо сатҳи пасти талаботи пардохтпазири аҳолӣ маҳдуд карда мешавад. Гумон кардан мумкин аст, ки бо баробари раҳоӣ аз буҳрон ва баландшавии сатҳи зиндагонии қисми зиёди аҳолӣ, талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ муътадил гардида, мувофиқан устувории рушди комплекси озуқаворӣ низ баланд мегардад.

Профессор А.А. Мадаминов дуруст қайд мекунанд, ки “ ... иқтидорҳои зиёди имконпазири баланд намудани ҳосилнокии замин, истеҳсоли маҳсулот аз як воҳиди замин барои афзоишдиҳии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот на танҳо бо мақсади эҳтиёҷоти озуқаворӣии маҳаллӣ, балки ворид намудани қисми муайяни онҳо аз бозори беруна мавҷуданд” [8].

Барои таҳлили бехатарии иқтисодӣ, на танҳо худи нишондиҳандаҳо, балки бузургии ҳудудии онҳо зарур мебошанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки аз рӯи як қатор маҳсулоти хӯрокворӣ мо ба ҳудуди критикии он расидем, ки баъди он хатари мавҷудият ва саломатии аҳолӣ ба миён меояд. Мустақилияти озуқаворӣии вилоятро кифоягӣ шуморидан мумкин аст, агар вазни қиёсии истеҳсолоти ватанӣ дар ҳаҷми умумии истеъмолот на кам 80%-ро ташкил диҳад. Агар дар вилоят вобастагии баланд аз воридоти озуқаворӣ роҳ дода шуда бошад, дар шароити коҳишёбии қурби асъори миллӣ он на танҳо барои хароҷоти барзиёд барои харидорӣ намудани асъор барои дастрас намудани озуқаворӣ аз хориҷа оварда мерасонад, балки вобастагиро ба вазъияти дигаргуншавандаи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ баландтар мегардонад.

Ҳангоми шомилшавӣ ба СУС ва озодшавии умумии савдои ҷаҳонӣ, талаботи асосӣ дар коҳиш додани боҷҳои гумрукӣ ва субсидияҳои давлатӣ ифода меёбад, ки барои дастгирӣ намудани истеҳсолоти кишоварзӣ равона карда мешаванд. Мутаассифона дар ин ҳолат стандарти дукарата истифода мешавад. ИМА, ИА, Ҷопон ҳамчун муаллифони стратегияи савдои ҷаҳонӣ дар тули давраи дуру дарози савдо дар раундҳои токиёӣ ва баъдан дар раунди уругвайӣ муқаррароти асосии Оинномаи СУС-ро чунин таҳия намуданд, ки аксарияти кишварҳоро ба ҳолати нобаробарӣ қарор медиҳанд. Хоҷагии қишлоқи ин мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар шароити дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ ташаккул ёфтаанд.

Айнан ҳамин тавр оид ба ҳимояи берунисавдоӣ низ гуфтан мумкин аст. Дар Оинномаи СУС сухан оид ба коҳиш додани боҷҳои гумрукӣ меравад. Дар ИМА бо хоҷагии қишлоқи таъиноти содиротӣ дошта ин ҳолат ягон мушкилиро ба миён намеорад. Иттиҳоди Аврупо дигар роҳро пеша кард: қисми асосии низоми ҳимояи онҳо ин боҷҳо набуда, балки низоми ҷамъкунии конфессионалӣ ва квотаҳои тарифӣ мебошанд, ки нархҳои ҷаҳонӣ ва дохилии ИА-ро муътадил мегардонад. Оид ба ин хислатҳо дар Оинномаи СУС ягон сухан гуфта намешавад. Ҷопон тавонист барои ду маҳсулоти зарурии мамлакат биринҷ ва шир чораҳои СУС-ро паҳн накунад, зеро бо хоҳиши онҳо ин молҳо молҳои зарурии стратегӣ барои кишвар эълон карда шудаанд.

Доктринаи савдои беруна, ба монанди таҷрибаи даҳсолаи охир барои боҷҳои пасти воридотӣ дар соҳаи озуқаворӣ нигаронида шуда буданд, ба ҳисоби миёна тақрибан 14%. Аз сабаби фарқият дар самаранокии истеҳсолот дар мамлакати мо ва мамлакатҳои пешрафтаи содироткунанда ва мавҷудияти субсидияҳои содиротӣ дар ин кишварҳо, дар ҷумҳурии мо маҳсулоти воридотӣ дар ҳаҷми калон ба назар мерасанд.

Аз ҳамин сабаб, зарурати коркарди мавқеъро зарур мешуморем, ки ба шароити кишвари мо ҷавобгӯ бошанд. Дар баробари ин, бояд сиёсати агроозуқаворӣ мутобиқи чораҳои имконпазири танзимкунии СУС амалӣ карда шавад, ки дар ин ҷо сухан оид ба дасткашӣ аз таъминоти бехатарии озуқавории мамлакат ва ҳимояи бозори озуқавории дохилӣ намеравад.

Ба чораҳои аввалиндараҷа барои бартараф намудани хатарҳои дохилӣ ва берунаи бехатарии озуқаворӣ равона шуда, инҳо дохил карда мешаванд:

- ҳамзистии оптималии танзими давлатӣ ва бозории нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ;
- танзимкунии ҳаҷми воридот аз рӯи намудҳои асосии стратегии озуқаворӣ: гандум, орд, шакар, равғани растанӣ;
- инкишофи инфрасохтори бозори озуқаворӣ, баланд намудани дастрасии он барои ҳама истеҳсолкунандагони бахши аграрӣ-озуқаворӣ ва таъсиси бозори ягонаи озуқавории кишварҳои ИДМ бо дасткашии давра ба давра аз боҷҳои гумрукӣ ва мутобиққунонии сиёсати нархӣ, дар баробари ин, бояд воридшавии молҳоро бе боҷҳо ба мамлакат ба воситаи кишварҳои ИДМ аз кишварҳои сеюм;
- коҳишдиҳии пай дар пайи воридшавии маҳсулоти хӯрока ба мамлакат, ки истеҳсоли онҳоро дар дохили кишвар ба роҳ мондан мумкин аст;
- танзими фаъолонаи давлатии сатҳ ва сохтори нархҳои чакана барои озуқаворӣ бо мақсади ҷоннок намудани талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва баланд намудани рақобатпазирии озуқавории ватанӣ дар бозори дохилӣ ва дар дурнамо дар бозори беруна;
- амалигардонии “мониторинги озуқавории” аҳолӣ ва татбиқи сиёсати пешниҳоди субсидияи озуқавории буҷетӣ барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ.

Рушди устувори соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, ки дар сатҳи микро ва макроиқтисод мушоҳида карда мешаванд, зарурати таъсироти идорашавандаро аз тарафи давлат нисбат ба равандҳои иқтисодӣ дар назар дорад. Муътадилгардонии макроиқтисодӣ ин ягона роҳи баланд намудани бехатарии озуқаворӣ мебошад, зеро рушди иқтисодиёт афзоиши даромадҳои аслии аҳолӣ ва мувофиқан талаботро таъмин менамояд, ки онҳо дар навбати худ рушди бахши агроозуқавориро муайян менамоянд.

Ба фикри мо, таъминоти таносубҳои зарурии рушди иқтисодии уствори маҳсулоти хӯрока дар тули муддати кӯтоҳ танҳо дар асоси такомули шароити истеҳсолот, азнавкунии воситаҳои меҳнат ва истифодабарии технологияҳои пешрафта имконпазир мебошад. Гузариш ба раванди муттасили инноватсионӣ имкон фароҳам меоварад, ки ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ, экологӣ, ки бо таъминоти рушди устувори комплекси озуқаворӣ алоқаманд ҳастанд, ба таври самаранок ҳал карда шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмаа маълумотҳои оморӣ. Омори солона. – Душанбе, 2023, саҳифаи 204..
2. Ашуров И.С. Аграрная реформа Республики Таджикистана / Ашуров И.С.. -М.: ООО НИПКЦ «Восход - А»,

2008. – 332 с.
3. Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2023. -171с.
4. Барномаи рушди озуқаворӣ барои солҳои 2015-2020. ФАО (созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ). -2014. –С.121-140.
5. Ильина З.М. Продовольственная безопасность: теория, методология, практика / З.М. Ильина. -Минск: ГНУ «Институт экономики НАН Беларуси», 2007. -229 с.
6. Куренная В.В. Определение и характеристика основных факторов формирования и функционирования локальных монопродуктовых подкомплексов /В.В. Куренная // Экономика и предпринимательство. –М.: ООО «Буки Веди», 2013. -№11. -Ч. 2(40-2). -С.103–108.
7. Лущик А.А. Продовольственная самообеспеченность, независимость и безопасность страны / А.А. Лущик // Проблемы современной науки. - 2011. -№2. -С.216-222.
8. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана / А.А. Мадаминов. -Душанбе, 2006. -300 с.
9. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Махмадизода Ф.Б. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№1. -С.182-189.
10. Орифов А.О. К вопросу об экономической безопасности Таджикистана / А.О. Орифов, Н.Ю. Блиничкина // Известия ТГУПБП. -Худжанд, 2009. -№2(38). -С.58-63.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023. –Душанбе: Шарқи озод, 2023.
12. Рахимов З.А. Региональные особенности формирования агропродовольственных комплексов в Таджикистане / Таджикистан и современный мир / З.А. Рахимов // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ. –Душанбе, 2015. -№4(47). -С.133-136.
13. Серова Е.В. Структура и функции агропродовольственных рынков в России / Е.В. Серова, И.Г. Храмова // Вопросы экономики. - 2000. -№7. -С.45-66.
14. Содействие устойчивому сельскому хозяйству и развитию сельских территорий. -Рим: ФАО, 1996.
15. Самиев, Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/10. -С.126-130.

## КОРКАРДИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ УСТУВОРИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРӢ ВА СОҲАҲОИ ОН ДАР МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ

Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти рушдро доро буда, бештар дар шароити гузариш ба механизми рушди устувор амал мекунад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Таҳияи механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақаҳои сераҳолӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вилояти Суғд яке аз минтақаҳои сераҳолӣ ба ҳисоб рафта, дар тахмини амнияти озуқавории мамлакат нақши муҳим дорад. Таъминоти бехатарии озуқаворӣ бояд ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои мавҷуд буда ва соҳаҳои таъсисёбандаи он равона карда шавад, ки қобилияти коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот, дастрасии аҳолӣ ба озуқавории калидиро ба миён меорад. Дар ин васила хулосае дуруст ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он ҳар як давлат бояд хавфҳои гуруснагии аҳолиро бартараф намуда, барои таъмини озуқавории зарурӣ дар тули вақти муайянро дар ҳолати номуътадилии бозорҳои озуқаворӣ дар назар дорад.

**Калидвожаҳо**: бехатарии озуқаворӣ, минтақаҳои сераҳолӣ, комплекси озуқаворӣ, таъмини озуқавории зарурӣ.

## РАЗРАБОТКА МЕХАНИЗМА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПИЩЕВОГО КОМПЛЕКСА И ЕГО ОТРАСЛЕЙ НА ГУСТОНАСЕЛЕННЫХ ТЕРРИТОРИЯХ

Современная экономика Республики Таджикистан имеет особенности развития и функционирует преимущественно в условиях перехода к механизму устойчивого развития. После обретения независимости Республики Таджикистан система работы в экономическом процессе претерпела серьезные изменения. Разработка механизма устойчивого развития продовольственного комплекса густонаселенных территорий в условиях рыночной экономики считается одним из важнейших вопросов. Анализ показывает, что Согдийская область является одним из самых густонаселенных регионов и играет важную роль в продовольственной безопасности страны. Обеспечение безопасности пищевых продуктов должно быть направлено на устойчивое развитие пищевого комплекса существующих и развивающихся отраслей, что позволит сократить объемы производства и обеспечить доступ населения к ключевым продуктам питания. Таким образом, правильным считается вывод, согласно которому каждое государство должно исключить риск голодной смерти населения и обеспечить необходимое снабжение продовольствием на определенный период времени в случае нестабильности продовольственного рынка.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, густонаселенные территории, продовольственный комплекс, обеспечение необходимыми продуктами питания.

**DEVELOPMENT OF A MECHANISM FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE FOOD COMPLEX AND ITS INDUSTRIES IN A DENSELY POPULATED AREA**

The modern economy of the Republic of Tajikistan has the characteristics of development and operates mostly in the conditions of transition to the mechanism of sustainable development. After the independence of the Republic of Tajikistan, the work system in the economic process faced serious changes. The development of a mechanism for sustainable development of the food complex in densely populated areas in the conditions of a market economy is considered one of the most important issues. The analysis shows that the Sughd region is one of the most populated regions and plays an important role in the food security of the country. The provision of food safety should be directed to the sustainable development of the food complex and the existing and emerging industries, which will reduce the production volume and provide the population access to key food. In this way, the conclusion is considered correct, according to which every state should eliminate the risk of starvation of the population and ensure the necessary food supply for a certain period of time in the case of food market instability.

**Keywords:** food safety, densely populated areas, food complex, supply of necessary food.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға**: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, хиёбони И.Сомонӣ, 169. Телефон: **92-774-99-81.** E-mai: **hakimzoda79@gmail.com**
***Азимов Абдумавлон Ҷалилович*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға**: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, хиёбони И.Сомонӣ, 169. Телефон: **92-789-18-54**

**Сведения об авторах:** ***Хакимзода Маруф Махмуди*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанд, кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес**: 735700, город Худжанде, Республика Таджикистан, Согдийская область, проспект И.Сомони, 169. Телефон: **927-74-99-81.** E-mail: **hakimzoda79@gmail.com**
***Азимов Абдумавлон Джалилович*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанде, доктор экономических наук, профессор. **Адрес**: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, Согдийская область проспект И.Сомони, 169. Телефон: **92-789-18-54**

**Information about the authors:** ***Hakimzoda Maruf Mahmudi*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State Business University in the city of Khujand, candidate of economic sciences, i.v. associate professor of accounting, analysis and audit department. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Sughd region, I.Somoni avenue, 169. Phone: **92-774-99-81**. E-mail: **hakimzoda79@gmail.com**
***Azimov Abdumavlon Djalilovih*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State Business University in the city of Khujand, candidate of economic sciences, professor. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Sughd region, I.Somoni avenue, 169. Phone: **92-789-18-54**

ТДУ: 338.24(575.3)

# РАВИШҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

*Ғафорзода Ҷонона Ғафор*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда, тағйирот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон боиси навсозии низоми маорифи миллӣ гардидааст. Мушоҳида мегардад, ки дар айни замон ба низоми таълимоти касбӣ-техникӣ дигаргуниҳои дар иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ ба амаломадаистода таъсири калон расонида истодаанд. Ҳамин аст, ки раванди ташаккули иқтисодиёт ва истеҳсолоти муосир боиси афзудани талаботи ҷамъият ба мутахассисони сатҳи миёнаи касбӣ гардида, боиси тағйир ёфтани талаботе гардидааст, ки ҷамъият ба сифати таълимоти касбӣ-техникӣ гузашта истодааст.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар раванди тағйироти динамикӣ қарор дорад, ҳадафҳо ва самтҳои арзишҳои нав ташаккул меёбанд, фармоиши иҷтимоӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамчун маҷмуи дархостҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ин шароит масъалаҳои идоракунии муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ба таври наву замонавӣ ба миён гузошта мешаванд. Вобаста ба ин, масъалаи таҳияи технологияҳои самараноки идоракунӣ ва баҳодиҳии онҳо, ҷанбаи меъёрию ҳуқуқии фаъолият, эҷоди тамсилаҳои (моделҳои) муосири идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ҳар як муассисаи таълимии алоҳида мубрам мегардад.

Низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки аслан дар Тоҷикистон тули садсолаҳо ташаккул ёфтааст (аввалин омӯзишгоҳи техникии педагогӣ дар Тоҷикистон соли 1926 ташкил карда шуда буд), талаботи гуногунҷанбаи ҷомеа ва талаботи рӯзафзуни шунавандагонро то ҳанӯз ба қадри кофӣ қонеъ карда натавониста истодааст. Яъне, фаъолияти касбӣ дар шароити муосир соҳаи асосии ҳаёти инсон буда, дар он дараҷаи азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа зоҳир мегардад. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ на танҳо донишу малакаҳои касбии муосир дошта бошад, балки соҳиби фарҳанги касбӣ ва дорои тафаккури мукаммали ба мушкилоти рушди ҷомеа ва ҷаҳони атроф нигаронидашуда, бошад. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин сифатҳои хатмкунандагон барои мутобиқ шудан ба бозори меҳнат дар шароити имрӯза мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, зарурати ҷустуҷӯи равишҳои шартан нави таъмини сифати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути татбиқи сохторҳои самарабахши идоракунӣ ва технологияҳои интенсивии педагогӣ ба миён меояд.

Аз нигоҳи мо, чуноне қайд кардем, идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар заминаи назариявии ибтидои садсолаҳо бунёд шуда, фаъолияти худро махсусан дар шароити муосири иқтисодиёти рушддошта самаранок таъмин карда натавонист. Бинобар ин, зарурати ислоҳоти соҳаи мазкур аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад, ки бо зиёд гардидани шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ғайрибуҷетӣ сатҳу сифати идоракунӣ ва сифати таълим бо маротиб ба поён рафт. Дар ин самт нақши намоёнро ҷобаҷогузории кадрҳои мувофиқу муносиб иҷро намуда, сатҳи донишу малакаи корӣ метавонад барои идоракунии пурсамар ва сифати таълими шоиста роҳ ҳамвор кунад.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр, таҳқиқот муайян намуд, ки марҳилаи ҳозираи навсозии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои зерини ба ҳам зич алоқаманд тавсиф карда мешавад:

- таъсис ва татбиқи системаҳои идоракунии сифати таҳсилоти дохили коллеҷ мутобиқи талабот ва тавсияҳои стандартҳои байналмилалии менеҷменти сифат;

- гузариш ба арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти муассисаи таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла гирифтани шаҳодатномаи сифати ISO 9001:2000[1] барои хизматрасониҳои таълимӣ, мавҷудияти системаҳои самараноки идоракунии сифати таҳсилот дар дохили коллеҷ;

- вусъат додани рақобат дар низоми таҳсилоти касбӣ-техникӣ;

- зарурати ҳамоҳангсозии таҳсилоти касбии ватанӣ бо дигар системаҳои маориф дар доираи Созишномаи Копенгаген бо мақсади ҷалби истеъмолкунандагони иловагии дохилӣ ва ворид шудан ба фазои байналмилалии таҳсилот;

- баланд бардоштани сифати натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, ки бо сифати салоҳиятҳои ташаккулёфтаи хатмкунандагони таҳсилоти миёнаи касбӣ, шаҳрвандии фаъол, сатҳи маданият ва ахлоқи онҳо муайян карда мешавад.

Дар асоси равандҳои муайянгардида, аз нигоҳи мо, барои гузаронидани санҷиши ҳамаҷонибаи сифати таълим дар коллеҷ бояд низоми доимии идоракунии сифат (минбаъд НИСТ) ҷорӣ карда шавад, ки он дар оянда ҳамчун кафили сифати хизматрасониҳои таълимии пешниҳодшаванда баромад хоҳад намуд.

Низоми идоракунии сифат дар муассисаи таълимӣ бояд нишондиҳандаҳои то кадом андоза дуруст ба роҳ монда шудани раванди таълимро мувофиқ ва самаранок будани низомҳои идоракунии дар он сохташуда, то чӣ андоза касбӣ будани кормандоне, ки дар идоракунӣ иштирок мекунанд ва то кадом андоза низоми ташкилӣ ба навоварӣ мусоидат мекунад, назорат ва таҳлил намояд.

Бинобар ин, аз нигоҳи мо бо назардошти тамоилҳои имрӯзаи инкишофи касбӣ-техникӣ дар сохтори коллеҷҳо, ташаккули низоми идоракунии сифати таълим (НИСТ) зарурати ҳамаҷониба дорад. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурат пешниҳод менамоем, ки ҳамчун тамсилаи идоракунии сифати таълим дар асоси стандарти байналмилалии сифат силсилаи ISO ё стандартҳои мутобиқшудаи миллӣ, ки дар асоси шартҳои муҳим ва бобарори зерин бунёд гардидааст, барои таҳия ва амали НИСТ истифода карда шавад.

- ✓ пешво будани роҳбари муассисаи таълимии касбӣ (лидерство);
- ✓ ҷалби кормандон бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим;
- ✓ муносибат бо низом ҳамчун раванди фаъолият;
- ✓ беҳтарсозии мунтазами тамоми сохторҳои фаъолият;
- ✓ интихоби дурусти шарикони ҳамкор;
- ✓ ҷамъоварии маълумоти объективӣ ва истифодаи воситаҳои сифат барои қабули қарорҳо.

Барои расидан ба иҷроиши чунин шартҳо амали самтҳои зерин барои муассисаҳои миёнаи касбӣ тавсия мешавад.

1. Таҳияи стратегия, сиёсат, ҳадафҳо ва вазифаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар самти сифати таҳсилот.

Дар асоси таҳлили дархостҳои истеъмолкунандагони асосии хизматрасонии таълимии коллеҷ ва пурсиши омӯзгорон, донишҷӯён ва волидон, маъмурият, рисолат, ҳадафҳо, сиёсат, вазифаҳо ва уҳдадориҳои коллеҷро дар соҳаи сифат таҳия менамоянд. Таҳия ва тасдиқи чунин ҳуҷҷатҳо дар ҳуҷҷатгузории низоми идоракунии сифат афзалият доранд.

2. Омӯзонидани маъмурият ва гурӯҳҳои алоҳидаи омӯзгорон оид ба истифодаи НИСТ дар муассисаи таълимии мушаххас.

Ташаккули НИСТ дар муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ дар асоси тамсилаҳои гуногун самти наву муосири идоракунии ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аҳли

[1] ISO (Ташкилоти Байналмилалии Стандартизатсия) федератсияи умумиҷаҳонии мақомоти миллии стандартҳо дар асоси Созишномае, ки дар семинари байналмилалии IWA 2 қабул шуда буд, дар семинаре, ки моҳи октябри соли 2002 дар Акапулькои Мексика баргузор шуд, тасдиқ карда шуд. Бюрои стандартизатсияи Мексика (DGN). Кумак ва дастгирии иловагӣ аз ҷониби Зеркумитаи шабеҳ оид ба системаҳои менеҷменти сифат Кумитаи Мексика ISO, Институти стандартизатсия ва сертификатсияи Мексика (IMNC) ва Кумитаи Миллии Стандартизатсияи системаҳои идоракунии сифат (COTENNSISCAL). Инчунин аз ҷониби Институти Амрикои Лотинӣ оид ба масъалаҳои сифат (INLAC) кумак расонида шуд. Сарчашмаи маълумот: Системы менеджмента качества – Рекомендации по применению ISO 9001:2000 в образовании. Номер для ссылки IWA 2:2007(E). ЗАО Технорматив 2007, перевод на русский язык. https://usk.pnzgu.ru/files/usk.pnzgu.ru/dokumenty_smk/iso_v_obrazovanii.pdf

маъмуриятро дар соҳаи сифат, инчунин он омӯзгороне, ки ба раванди тартиб додани унсурҳо ва ҳуҷҷатҳои НИСТ ҷалб карда мешаванд, омӯзонидан зарурати ҳамаҷониба дорад. Пеш аз ҳама, худи роҳбари муассиса, маъмурияти коллеҷ ва корманди сифат, бояд аз омӯзиш гузаранд. Барои ин мақсадҳо беҳтар аст, ки курсҳои гуногуни такмили ихтисос дар самти «Идоракунии сифат» ҳамчун заминаи таълимӣ истифода шаванд. Мақсади ин марҳила ташаккули мавқеи ягонаи маъмурият дар соҳаи сифат ва мутахассисоне мебошад, ки қодиранд ҷузъҳои дахлдори НИСТ-ро таҳия кунанд. Баъдтар, дар раванди таҳияи корҳо оид ба таҳия ва татбиқи низоми сифат бояд кормандони нави муассиса омода карда шуда, ба ин раванд ҷалб карда шаванд. Махсусан бояд қайд намуд, ки раванди омӯзиши кормандони муассисаи таълимӣ дар соҳаи сифат бояд пайваста ва бефосила бошад, то ки тамоми марҳилаҳои таъсис ва такмили минбаъдаи НИСТ-и муассисаи таълимиро ҳамроҳӣ намояд. Дар асоси ин гуфтаҳо, ташаккули сохтори ташкилии НИСТ-ро барои коллеҷ чунин тарҳрезӣ менамоем:

–аниқ тақсим намудани тамоми ваколатҳо ва уҳдадориҳои роҳбарони ҳамаи воҳидҳои сохторӣ оид ба таъмини сифат;

–аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ таъин намудани шахси ваколатдор оид ба сифат (беҳтар аст агар чунин шахс муовини директор оид ба таълим ва ё сардори раёсати таълим бошад);

–ташаккули Шурои алоҳида оид ба сифати таълим;

–таъини кормандони сифат дар воҳидҳои алоҳидаи сохторӣ, ки вазифаҳои онҳо бевосита рушд ва такмили низоми сифат ва ҳуҷҷатгузории онро дар бар мегирад.

3. Дар ҳаҷми калон нишон додани (проексияи) стратегия ва сиёсат дар самти сифати таҳсилот ба ҳамаи сатҳҳои роҳбарият ва шуъбаҳои коллеҷ.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии коллеҷ дар ҳама сатҳҳои роҳбарият ва воҳидҳои сохторӣ пешбинӣ гардида, дар нақша-чорабиниҳо ва чорабиниҳои мушаххас бо нишон додани меъёрҳои фаъолият, муҳлат ва шахсони масъул ифода меёбанд.

4. Худтафтишкунӣ ё худмуоинакунӣ дар коллеҷ.

Дар ин марҳила корбарӣ оид ба таҳлил, танзим ва ба низом даровардани ҳуҷҷатҳои меъёрии мавҷуда (дохилӣ) ва таҳияи муқаррароти нави камбудиҳо анҷом дода мешавад. Дар ҷараёни ин марҳила ҳамаи ҳуҷҷатҳо барои мувофиқат ва мувофиқ будан бо ҳамдигар тафтиш карда шуда, дар мавриди зарурат ба баъзе ҳуҷҷатҳо ислоҳот даровarда мешавад ва дар натиҷа, дар коллеҷ маҷмуаи санадҳои меъёрии дохилӣ метавонад омода ва чоп гардад.

Ҳамзамон, самти дигари худтафтишкунӣ метавонад аудити дохила бошад, ки барои дарёфти камбудиҳо ва роҳҳои ҳали онҳо роҳ ҳамвор мекунад. Аудити сифат - таҳлили мунтазам ва мустақил барои муайян кардани мутобиқати фаъолиятҳои сифатӣ ва натиҷаҳо бо фаъолиятҳои ба нақша гирифташуда, инчунин, самаранокии амалисозии фаъолиятҳо ва мутобиқати онҳо ба мақсадҳои пешбинишуда мебошад. Яъне, тавассути аудити сифат самаранокии тамоми намудҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, ки сатҳи сифатро таъмин мекунанд, санҷида мешавад.

Ҳамин тавр, фаъолият оид ба баланд бардоштани сифат чор марҳилаи ба ҳам вобастаро дарбар мегирад: мушоҳида, ҷамъоварии иттилоот, таҳлил ва таҳияи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сифат ва татбиқи он.

Дар баробари гузаштани бомувафақият аз ин чаҳор марҳила ва бо гузаштани расмиёти дахлдори марбут ба сертификатсияи НИСТ коллеҷ Сертификати мутобиқат ба низоми менеҷменти сифат дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои таълимии касбӣ, аз ҷумла омода намудани мутахассисон дар соҳаи таҳсилоти миёна ва иловагии касбиро бо иҷрои талаботҳои стандартӣ метавонад дастрас намояд.

Аз нигоҳи мо, дар натиҷаи ташкили илман асосноки НИСТ дар коллеҷ имконияти дастрасӣ ба омилҳои зерини мусбати фаъолияти таълимӣ пайдо мегардад:

- афзалиятҳои таълимӣ, ки мантиқан ба рисолати коллеҷ ва стратегияи он алоқаманданд ба миён меоянд ва дар ин ҷода дурнамои рушд мушоҳида карда мешавад;

- дар давоми фаъолияти НИСТ ба амалҳои интуитивӣ ва қабули қарорҳои беасос роҳ дода намешавад, зеро механизмҳои кофии самараноки пешгирӣ ва ҳалли мушкилот таҳия шудаанд;

- ухдадорию ваколатҳо дар байни шуъбаҳо ва муайян намудани меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои фаъолияти иҷрошуда, возеҳтар тақсим мегарданд;

- аниқ будани дастуруламали вазифавии ҳар як корманд, меъёрҳои возеҳи додани музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддӣ, ки шаффофияти фаъолияти муассисаи таълимиро зиёд мекунанд;

- донишҷӯён имкони гирифтани таҳсилоти сифатан кафолатнокро доранд ва ба қисматҳои муҳимтарини он метавонанд таъсир расонанд;

- имтиёзҳо барои маъмурият: шаффофият ва самаранокии баландтари идоракунӣ, имконияти ҷалби захираҳои иловагӣ; дигаргуниҳои мусбати маданӣ, такмили санадҳои меъёрӣ дохилӣ, қарорҳо ва ҳуҷҷатнигориҳо;

- баланд бардоштани нуфузи коллеҷ ва рақобатпазирии он.

Илова бар ин, сертификатсияи низоми кунунии идоракунии сифати коллеҷро метавон шарти муваффақият дар гирифтани аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ арзёбӣ кард.

Ҳамин тариқ, низоми менеҷменти сифат ҳамчун асоси муҳити рушдёбанда, чун механизми пешбарандаи татбиқи равандҳои инноватсионӣ амал мекунад ва имкон медиҳад, ки навсозиҳое, ки ба беҳбудӣ ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунанд, амалӣ карда шаванд.

Дар баробари ҳамаи ин гуфтаҳо, ба назари мо, ташаккули тамсилаи инноватсионии муассисаи таълимӣ номумкин аст бе иҷрои чунин ҳолатҳо:

- навсозии мазмуну мундариҷа ва технологияҳои таълим, таъмини мувозинати асоснокӣ ва салоҳиятнокӣ;
- таҳия ва рушди вариантҳои гуногуни барномаҳои таълимӣ;
- навсозии механизмҳои маблағгузории муассисаҳои таълимӣ мутобиқи ҳадафҳои рушди инноватсионӣ;
- ташкили низоми аттестатсияи мустақили берунаи мутахассисони касбӣ;
- муқаррар намудани низоми ҷалби корфармоён ба таҳияи стандартҳои таълимӣ ва аккредитатсияи барномаҳои таълимӣ;
- гузаштани муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми додани стипендия, ки имконияти мустақилона зистани хонандагони ниёзмандро дар минтақаи таҳсил таъмин менамояд;
- дохил шудан ба ассотсиатсияҳои байналмилалӣ оид ба аккредитатсияи барномаҳо ва муассисаҳои таълимӣ;
- ташкили низоми рейтинги ҷамъиятии ташкилотҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, барномаҳои таълимии муттасили касбӣ;
- ҷорӣ намудани низоми пардохти музди меҳнати кормандони омӯзгорӣ ва маъмурии муассисаҳои таълимӣ бо назардошти сифат ва самаранокии фаъолияти онҳо.

Дар рафти офариниш, рушд ва паҳн намудани навовариҳо дар соҳаи маориф низоми нави муосири таълим ташаккул меёбад, ки системаи ҷаҳонии таълими озод, чандирӣ, инфиродӣ, дониш эҷодкунандаи тамоми умри муттасили инсонро дарбар мегирад. Ҳангоми интихоби технология равиши модули салоҳиятнокӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ аз назари мо самаранок ва афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Вазифаи коллеҷ қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон дар гирифтани маълумоти касбӣ, таъмини рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат мебошад.

Дар асоси мақсаднокӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти коллеҷ инҳоянд:

- таҳия ва татбиқи низоми таҳсилоти муттасили касбӣ;
- таъсиси таъминоти ҳамаҷонибаи таълимию методии ихтисосҳо;
- таҳия ва татбиқи низоми идоракунии сифати таҳсилот дар асоси НИСТ;
- ташкили низоми шарикии иҷтимоӣ;
- истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ;
- рушди системаи таълими фосилавӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Дар мазмуни таҳсилоти касбӣ маҳз модул ҳамчун воҳиди сохтории нав ҷойи марказиро ишғол мекунад, зеро талабот ба натиҷаҳои таълим ҳамчун номгӯи намудҳои фаъолияти касбӣ ва салоҳиятҳои дахлдори касбӣ мураттаб гардидааст. Дар рафти таҳсил хатмкунанда бояд, пеш аз ҳама, таҷрибаи амалӣ омӯзад, ки он ба малакаю донишҳои

ҳаматарафа азхудшуда асос ёфтааст. Ҳар як модулро мустақилона аз худ кардан мумкин аст ва маҷмуан онҳо имкон медиҳанд, ки ба салоҳиятнокии ниҳоӣ дар соҳаи касбӣ ноил шавад. Таҷдиди сохтори раванди таълим дар асоси шарти модулӣ омӯзиши пешакии амиқи байнисоҳавии мундариҷаи барномаҳои таълимии мавҷударо бо мақсади аз байн бурдани порчаҳои такрорӣ аз фанҳои таълимӣ, муқаррар намудани траекторияи эҳтимолии таълим дар доираи модули касбӣ, таҳияи системаи татбиқи модулҳои касбӣ, ки таҷдиди сифатии заминаи моддию техникӣ, иттилоотӣ-китобхонадории муассисаҳои таълимӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогиро дар татбиқи равиши модулӣ ба таълим тақозо менамояд, ҷорӣ намудани фаъолияти маъмурию идоракунии муассиса дар асоси шартҳои нав, ки ба азнавсозии ҳозиразамони раванди таълим мувофиқанд ва ғайраҳоро дарбар мегирад.

Идоракунии коллеҷ - ин мувофиқи нақша, муташаккил, илман асоснок ва мунтазам таъсиррасонӣ ба ҳайати кормандони муассисаи таълимӣ бо мақсади таъмини фаъолияти муътадил ва босамари он мебошад. Раванди идоракунии коллеҷ ба шартҳои асосии зерин асос меёбад:

✓ шарти мақсадгузорӣ, ки талаботи муқаррар намудани мақсадҳоро бо назардошти муносибӣ (оптималӣ) ва воқеият, аҳаммияти иҷтимоӣ ва дурнамои онҳо инъикос менамояд;

✓ шарти ҳамкорӣ ва тақсимоти идоракунии меҳнат - муҳимтарин талабот ва фаъолияти роҳбарикунанда дар ҳама сатҳҳо буда, такя ба эҷодиёти коллективӣ ва хирадмандии коллективиро дар бар мегирад;

✓ шарти муносибати функсионалӣ, ки татбиқи он шарти рушди доимӣ, такмили фаъолияти идоракунӣ дар асоси мунтазам навсозӣ, аниқ ва мушаххас кардани вазифаҳои иҷрокунандагон мебошад;

✓ шарти маҷмуӣ - мукаммалии идоракунии мақсаднок, функсионалӣ ва идоракунии мунтазамро дар бар мегирад;

✓ шарти мунтазам такмил додани худидоракунӣ дар асоси комёбиҳои назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами идоракунӣ.

Вобаста аз шартҳои раванди идоракунии коллеҷ масъалаҳое, ки бевосита дар дохили муассиса, аз ҷумла дар низоми назорати дохилӣ ҳал кардан мумкин аст, аз нигоҳи мо инҳо мебошанд:

- баҳодиҳии омӯзгорон ба фаъолияти коллеҷ (мониторинги дохилии сифат);
- баҳо додан ба фаъолияти коллеҷ аз рӯи шуъбаҳо (бахшҳо) (худташхискунӣ);
- арзёбии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби хатмкунандагони коллеҷ (пурсиш, анкета);
- баҳодиҳии донишҷӯён ба сифати таълим, дастрасӣ ва возеҳии пешниҳоди маводи таълимӣ (пурсиш, анкета);
- ба инобат гирифтани андешаи волидайни хонандагон дар бораи фаъолияти коллеҷ (мониторинги дохилии сифат);
- кори мустақилонаи донишҷӯён (пурсиш).

Ба андешаи мо, барои дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷорӣ намудани чунин модели инноватсионӣ бояд ҳамаи самтҳои фаъолияти коллеҷ бо назардошти арзёбии талаботи корфармоён, бо дарназардошти тағйироте, ки дар ҳаёти иҷтимоии кишвар ва дар бозори меҳнат ба амал меоянд, ба таҳлили ҳамаҷониба фаро гирифта шавад, аз ҷумла:

1. Вусъат додани фаъолияти касбӣ тавассути ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии касбии иловагӣ ба раванди таълим, бо назардошти таъсири ҷомеа ба рушди шахсият, нигоҳ доштани робитаи доимӣ.
2. Низоми назорати сифати таҳсилотро ба беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии ҳайати педагогӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва дигар технологияҳои инноватсионӣ ба раванди таълим равона намудан.

Тайи солҳои охир баҳси олимон ва зиёиёни кишвар баҳри он, аст ки раванди иқтисодиёт торафт мураккаб шуда, баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбии мутахассисонро талаб мекунад, вале, дар баробари ин, ба саволи он ҷавоб дода

наметавонем, ки дар низоми таҳсилоти касбӣ чиро тағйир бояд дод, то ки мутахассисон фарогири таҳсилоти босифат ва ҷавобгӯи талаботҳои замони муосир бошанд.

Ба ақидаи мо, камбудиҳои зерин мавҷуданд. Аз як тараф, шаҳрвандон бо ҳар роҳ барои дастрасӣ ба маълумоти олӣ, касбӣ кӯшиш мекунанд, аз тарафи дигар, барои фаъолияти муътадили бисёре аз соҳаҳои иқтисодиёт коргарони ихтисоснок ва мутахассисони зинаи миёна ниҳоятан камӣ мекунанд. Дар доираи модели таҳсилоти миёнаи касбӣ чӣ пешниҳод кардан мумкин аст? Ҳаддал имкон се тадбир: Якум, зарур аст, ки ба қадри имкон ва бо талаботи бозори меҳнати тасдиқшудаи барномаҳои таълимии сатҳи олии касбӣ ҷорӣ карда шаванд. Сониян, ба толибилмон имконият додан лозим аст, ки барномаҳои таълимӣ, касбӣ-техникиро аллакай дар мактаб азхуд кунанд ва баъдан, дар коллеҷҳо таълимро дар синфхонаҳои махсус ҷорӣ кунанд. Чунин таҷриба то андозае дар замони ҳокимияти Шуравӣ ҷорӣ гардида буд. Имрӯз ҳангоми ҷорӣ намудани чунин барномаҳо дар доираи тайёрии тахассусӣ, фароҳам овардани имкони ҳисоб кардани натиҷаҳои дар таҳсилоти минбаъдаи касбӣ, аз ҷумла таҳсилоти олӣ муҳим аст. Ин боиси тадбири сеюм - сохтори модулии барномаҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ мегардад. Тарҳрезии модулии барномаҳои кушода, қобилияти муттаҳид кардани таҳсил ва кор, пайваста аз пайи технологияҳои босуръат навшаванда мебошад.

Ба андешаи мо, таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар баъзе ҳолатҳо сатҳи мактаби олиро рахна намояд. Дар ин ҷо тамоюли умумӣ дар сохтан ва татбиқи барномаҳои тағйирпазири таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ зоҳир мегардад, ки дар байни барномаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, байни таҳсилоти иловагӣ ва асосӣ, таҳсилоти умумӣ ва махсус як навъ «кӯпрук ё пӯлҳо» ба вуҷуд меоянд, ки ин яке аз шартҳои асосии модели муосири соҳаи маориф мебошад.

Дар хотимаи саволи навбатӣ бояд қайд кард, ки тағйирот бояд ба шартҳои идоракунии низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ низ чунин таъсир расонад:

–низоми идоракунии сифати таълим (НИСТ) бояд нуқтаи ибтидоии ҳаракат дар самти таъмини таълими босифати касбӣ, дар муассисаи таҳсилоти касбӣ гардад. Таълимоти босифат - ин натиҷаи босифат ва самараноки менеджмент дар идоракунӣ мебошад. НИСТ бояд дар дохили муассисаи таълимӣ пайваста амал кунад. Ин як навъ нишондиҳандаест, ки имкон медиҳад рушди коллеҷро мувозинат гардонад. Дар ин самт назорати доимии кори ҳар як воҳиди сохторӣ ба ошкор намудани камбудиҳои кории роҳбарии муассиса ёрӣ мерасонад;

–шарти “баръакси алоқа” бояд мафҳуми калидӣ дар идоракунӣ ва яке аз асосгузори НИСТ бошад;

– иштироки аҳли ҷамъият, махсусан волидайн дар идоракунӣ ва назорати сифати таҳсилот чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва чӣ дар сатҳи шаҳру вилоятҳо (Шуроҳои нозирон, парасторон ва роҳбарон). Мушоҳидаҳо дар ин самт нишон медиҳанд, ки маҳз иштироки волидайни толибилм дар назорати сифати таълим метавонад нақши созгор ва такондиҳандаи раванди таълим гардад. Мисоли ҳақиқии ин гуфтаҳоро ташаккули “Шурои волидайн” дар гурӯҳҳои таълимӣ, “Шурои нозирон” дар сатҳи муассисаи таълимӣ ва “Шурои директорон” дар сатҳи вилоят ва ё ҷумҳурӣ исбот хоҳад намуд, ки шарти зер онро тақвият медиҳад;

–ошкоро ё озод будани раванди таълим, вақте ки муассисаҳои таълимӣ мунтазам ба истеъмолкунандагон ва аҳолӣ дар бораи фаъолияти худ маълумот пешниҳод мекунанд, аз ҷумла тавассути сомонаи расмӣ пешниҳоди маълумоти муфид. Ин ҷо омӯзиш ва таҷрибаи амалии Федератсияи Россия ба сатҳи идоракунӣ ва сифати таълим мусоидат мекунад. Яъне, таҳияи сомонаи ягона барои ҳар як сатҳи таҳсилот, шуруъ аз мактабиби таҳсилоти миёнаи умумӣ то донишгоҳҳои олии касбӣ. Дар сомона барномаҳои таълимӣ ва арзёбии татбиқи онҳо, ҳайати илмӣ-омӯзгорӣ, иқтидори илмӣ-техникӣ ва варзишӣ-фароғатии муассиса, заминаи моддӣ-техникӣ, дастовардҳои ҳар як толибилм давоми ҳафтаи хониш, китобхонаи электронӣ, ташкили ҳаргуна чорабиниҳои гурӯҳӣ-синфӣ ва ғайраҳо бояд ҷойгир карда шаванд;

–маҷмуи мунтазам таҷдидшавандаи барномаҳои модулии тахассусии касбӣ бояд бо мақсади мутобиқшавии муассир ба талаботи бозори меҳнат таҳия карда шавад, ки барои

давомнокии омӯзиш муносиб карда шуда, барои ҳамаи хоҳишмандон кушода, озод бошанд;

–коллеҷҳо на танҳо барномаҳои таълимӣ барои онҳое, ки бори аввал таҳсилоти касбӣ мегиранд, балки барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии коргарон ва мутахассисони бозори меҳнатро низ татбиқ карда метавонанд.

Аз нигоҳи мо, чунинанд равишҳои асосии идоракунии муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар марҳилаи ҳозираи раванди таълиму тарбия. Бо мақсади асоснокгардонии гуфтаҳои боло таҳияи моделҳо ва механизмҳои идоракунии низоми хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои рушди устувори онҳо роҳро ҳамвор менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Беляева А.П. Интегративная теория и практика многоуровневого непрерывного профессионального образования / А.П. Беляева. -СПб., 2002.
2. Алешина А.В. Модернизация среднего профессионального образования / А.В. Алешина, Л.Н. Сердюкова. -Новосибирск: СибАК, 2013. -197.
3. Алешина А.В. Навсозии таҳсилоти миёнаи касбӣ / А.В. Алешина, Л.Н. Сердюкова. -Новосибирск: СибАК, 2013. -197 с.
4. Амонов Х.О. О развитии среднего специального и высшего педагогического образования в Таджикистане в предвоенные годы (1917-1941гг.) / Х.О. Амонов // Уч. зап. Кулябского гос. пединститута. -Куляб, 1958. -Вып. 4.
5. Гафорзода Дж.Г. (Караева Дж.Г.). Подготовка преподавателей средних профессиональных учреждений в Республике Таджикистан / Дж.Г. Караева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2016. -№2/7(213). -С.62-64.
6. Ғафорзода Ҷ.Ғ. (Қараева Ҷ.Ғ.). Тамоюли рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.Ғ. Қараева, Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2017. -№2/3. -С.150-152.
7. Ғафорзода Ҷ.Ғ. (Қараева Ҷ.Ғ.). Ворид намудани усули дугонаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.Ғ. Қараева, Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -№2. -С.59-64.
8. Ғафорзода Ҷ.Ғ. (Қараева Ҷ.Ғ.). Асосҳои илмии идоракунии молиявии соҳаи маориф / Ҷ.Ғ. Қараева, Б.Ҳ. Боқилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№5/2. -С.98-100.
9. Гафорзода Дж.Г. (Караева Дж.Г.). Роль и состояние системы среднего профессионального образования в национальной экономике / Дж.Г. Караева, Н.Н. Шукуров, Х. Худойдод // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№7. -С.134-139.
10. Гафорзода Дж.Г. (Караева Дж.Г.). Основные направления реформирования сферы образования / Дж.Г. Караева, Азимова Ф.И., Хамдамзода З.Р. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№8. -С.72-77.
11. Музаффаров, Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. -№3. -С.22.


## РАВИШҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда, тағйирот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон боиси навсозии низоми маорифи миллӣ гардидааст. Мушоҳида мегардад, ки дар айни замон ба низоми таълимоти касбӣ-техникӣ дигаргуниҳои дар иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ ба амаломадаистода, таъсири калон расонида истодаанд. Раванди ташаккули иқтисодиёт ва истеҳсолоти муосир боиси афзудани талаботи ҷамъият ба мутахассисони сатҳи миёнаи касбӣ гардида, боиси тағйир ёфтани талаботе гардидааст, ки ҷамъият ба сифати таълимоти касбӣ-техникӣ гузашта истодааст. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар раванди тағйироти динамикӣ қарор дорад, ҳадафҳо ва самтҳои арзишҳои нав ташаккул меёбанд, фармоиши иҷтимоӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамчун маҷмуи дархостҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Дар асоси равандҳои муайянгардида аз нигоҳи мо, барои гузаронидани санҷиши ҳамаҷонибаи сифати таълим дар коллеҷ бояд низоми доимии идоракунии сифат (минбаъд НИСТ) ҷорӣ карда шавад, ки он дар оянда ҳамчун кафили сифати хизматрасониҳои таълимии пешниҳодшаванда баромад хоҳад намуд. Бо назардошти тамоилҳои имрӯзаи инкишофи касбӣ-техникӣ дар сохтори коллеҷҳо ташаккули низоми идоракунии сифати таълим (НИСТ) зарурати ҳамаҷониба дорад. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурат пешниҳод менамоем, ки ҳамчун тамсилаи идоракунии сифати таълим дар асоси стандарти байналмилалии сифат силсилаи ISO ё стандартҳои мутобиқшудаи миллӣ, ки дар асоси шартҳои муҳим ва бобарори зерин бунёд гардидааст, барои таҳия ва амали НИСТ истифода карда шавад.

**Калидвожаҳо:** сифати таълим, низоми идоракунӣ, барномаҳои таълимӣ, иқтисодиёт, барномаҳо, таҳсилоти миёнаи касбӣ, бозори меҳнат, талаботи бозор, баръакси алоқа, ҷамъият, муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳои электронӣ, раванди таълим, ғайрибуҷетӣ, моделҳо.

## СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К УПРАВЛЕНИЮ УСЛУГ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В современном быстроменяющемся мире изменения во всех сферах жизни человека привели к модернизации национальной системы образования. Отмечается, что в настоящее время изменения в экономике и общественной жизни оказывают большое влияние на систему профессионально-технического образования. Процесс формирования современной экономики и производства привел к увеличению потребности общества в специалистах среднего профессионального уровня, к изменению спроса общества на качество профессионально-технического образования. Среднее профессиональное образование в системе образования Республики Таджикистан сегодня находится в процессе динамичных изменений, формируются цели и направления новых ценностей, социальный заказ для учреждений профессионального образования рассматривается как совокупность запросов различных социально-экономических групп. На основании выявленных процессов, на наш взгляд, для проведения комплексной проверки качества образования в колледже должна быть внедрена постоянно действующая система менеджмента качества (далее НИСТ), которая будет выступать гарантом качества предоставляемых образовательных услуг в будущем. Учитывая современные тенденции профессионально-технического развития в структуре колледжей, формирование системы управления качеством образования (НИСТ) является абсолютно необходимым. В связи с этой необходимостью для разработки и внедрения НИСТ мы предлагаем использовать серию ISO или адаптированные национальные стандарты в качестве примера управления качеством образования на основе международного стандарта качества, который базируется с соблюдением важных условий.

**Ключевые слова:** качество образования, система управления, образовательные программы, экономика, программы, среднее профессиональное образование, рынок труда, рыночный спрос, обратная связь, общество, образовательные учреждения, электронные библиотеки, образовательный процесс, внебюджетные модели.

## MODERN APPROACHES TO MANAGEMENT OF SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATION SERVICES

In today's rapidly changing world, changes in all spheres of human life have led to the modernization of the national education system. It is noted that currently changes in the economy and social life have a great impact on the system of vocational education. The process of formation of a modern economy and production has led to an increase in society's need for mid-level professional specialists and has led to a change in society's demand for the quality of vocational and technical education. Secondary vocational education in the education system of the Republic of Tajikistan today is in the process of dynamic changes, goals and directions of new values are being formed, the social order for vocational education institutions is considered as a set of requests from various socio-economic groups. Based on the identified processes, in our opinion, in order to conduct a comprehensive audit of the quality of education in the college, a permanent quality management system (hereinafter referred to as NIST) should be introduced, which will act as a guarantor of the quality of the educational services provided in future. Considering current trends in vocational and technical development in the structure of colleges, the formation of an education quality management system (NIST) is absolutely necessary. Due to this need, for the development and implementation of NIST, we propose to use the ISO series or adapted national standards as an example of educational quality management based on an international quality standard that is based on important and successful conditions.

**Keywords:** quality of education, management system, educational programs, economics, programs, secondary vocational education, labor market, market demand, feedback, society, educational institutions, electronic libraries, educational process, extra-budgetary models.

**Маълумот дар болраи муаллиф:** ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идора. **Суроға:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикитсон, хиёбони Рӯдаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Сведения об авторе:** ***Гафорзода Джонона Гафор*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономика и управления. **Адрес:** 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Information about the author:** ***Gaforzoda Jonona Gafor*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **931-01-86-86**

ТДУ: 331.526

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ ИДОРАИ ОН

*Абдумухторозода Нигина Абдумухтор, Халифазода Ҷовидон Бобохон*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Мақсади ҳамаи системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ин таъмини афзоиши иқтисодӣ мебошад, ки асоси баландравии некуаҳволӣ ва дараҷаи зиндагии аҳолӣ мегардад. Дараҷаи шуғл яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Шахс шуғлманд ҳисобида мешавад, дар ҳолате, ки ҷойи кор надошта бошад, бекор ҳисобида мешавад, агар ҷойи кор надошта бошад ва дар пайи дарёфти ҷойи кор бошад.

Мувофиқи нишондоди Ташкилоти байналхалқии меҳнат (ТБМ) ба шуғлмандон мувофиқи нишондодҳои қабулшудаи умумӣ шахсони ҳар ду ҷинси дар синну соли муайян, ки (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-сола) ба кори кироя муайяне ва подоши муайян дар шароити пурраи вақти корӣ машғуланд, дохил мешаванд, ки барои фаъолият даромад меорад [12].

Давлат барои амалӣ гардонидани сиёсати пурраю сермаҳсул ва озодона интихоб намудани шуғл, ки он ба фароҳам овардани шароит баҳри амалӣ гардонидани ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон нигаронида шудааст, масъул мебошад. Умуман, мафҳуми шуғли пурра дар давраҳои гуногуни тараққиёти ҷамъиятӣ маъноҳои гуногунро гирифтааст. Ба ақидаи мутаффакирони мамлакатҳои Ғарб «Шуғли пурра» – ин ҳолати иқтисодӣ мебошад, ки дар он ҳамаи хоҳишмандони коркунанда бо назардошти дараҷаи музди меҳнати воқеӣ, ҷойи кор доранд. Ҳамаи ҷанбаҳои дар боло зикрёфтаро ба назар гирифта, саволе ба миён меояд, ки дар кадом сатҳ ҷалби меҳнатии касбӣ ва тахассусӣ шуғли пурраро таъмин менамояд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҷавоби ин саволро дар самтҳои асосии ҷойҳои корӣ мувофиқи талаботи аҳолӣ пайдо кард. Лекин на ҳамеша шумора ва сифати ҷойҳои корӣ ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯянд. Мисол, мувофиқи маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 шумораи расмии умумии бекорон, яъне шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, ҷои кор ҷустуҷӯ доранд ва дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд 68,8 ҳазор нафарро ташкил кардааст, ки аз он 51,0 ҳазор нафар мақоми бекорро доранд. Қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт 3068,0 ҳазор нафарро ташкил намудааст. Дар соли 2020 изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон 14,6 ҳазор нафар буд. Аз ҳисоби умумии бекорон 36,4 ҳазор нафар бо кор таъмин шудаанд, ки 64,2%-и мурочиаткардагонро ташкил медиҳад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ будани ҷойҳои корӣ, ин маҳсулнокии ҷойҳои корӣ, яъне таъмин бо воситаи меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, таъмини воситаҳои гардон мебошад, ки ба инсон имконияти амалӣ шудани хоҳишҳои ӯ ва ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнатро дар асоси истифодабарии дастовардҳои илмӣ-техникӣ фароҳам месозад. Соҳиб шудан ба музди меҳнати сазовор - ин бозтавлиди муътадили корманд ва оилаи ӯро таъмин менамояд. Дар бисёр корхонаҳо барои иҷрои ин талаботи ҷойҳои корӣ дар 2-3 баст истифода бурда мешаванд.

Дар бисёр мавридҳо ҳангоми таъмини шуғли пурра ҷой доштани баъзе камбудиҳо дар ҷойҳои кори мавҷуда, ба ҳолати иқтисодӣ номувофиқ будани ҳайати касбӣ-тахассусӣ ва дараҷаи маълумотнокӣ оварда расонидан имкон дорад. Дар ин вазъ ҳам корманд ва ҳам давлат талафи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебинанд. Як қисми кормандон музди меҳнати паст мегарданд, ки бозтавлиди одии онҳоро таъмин карда наметавонанд, давлат бошад, маблағҳои муайянро ба буҷа ворид карда наметавонад, инчунин дар натиҷа фондҳои иҷтимоӣ низ кам мешаванд.

Барои ҳамин ҳам, дар ҷамъият масъалаи дигар, яъне шуғли самаранок пайдо мешавад. Бисёре аз олимоне, ки дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд, дар шароити иқтисоди бозорӣ шуғли самаранок гуфта, шуғлеро меноманд, ки даромади сазовор, саломатӣ, баландравии дараҷаи маълумотнокӣ ва касбиро барои ҳар як аъзои ҷамъият дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ таъмин намояд.

Чунин тавсифи шуғли самаранок барои рушди инсоният мувофиқи мақсад аст, аммо он мазмуни васеъ дорад, ки вайро бо ёрии як нишондиҳанда чен кардан номумкин аст. Барои ҳамин ҳам, мо тавсифи миқдории онро бо якчанд нишондиҳандаҳо сода намудем.

Нишондиҳандаи аввалин, ин системаи дараҷаи меҳнати касбии шуғли аҳолӣ мебошад. Коэффитсиенти дараҷаи меҳнати касбӣ вобастагии дараҷаи шуғлро аз омилҳои демографӣ ифода мекунад, яъне аз коэффитсиенти таввалуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои омор ҳисоб карда мешавад. Ин коэффитсиент яке аз тавсифҳои дараҷаи некуаҳволии ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Масалан, дар соли 2020 шумораи аҳолии шуғлдошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2557,0 ҳазор нафарро ташкил додааст. Шумораи умумии аҳолӣ 9506,3 ҳазор нафар, захираҳои меҳнатӣ 5625 ҳазор нафар буд. Дар ин шароит коэффитсиенти шуғл 45,5%-ро ташкил медиҳад.

Дар ин сол захираҳои меҳнатӣ 59,9%-и аҳолиро ташкил кардааст. Дар соли 1991 коэффитсиенти шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 78,0% баробар буд. Аз ин маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки соли 2020 нисбат бо соли 1991 коэффитсиенти шуғл 30,6% коҳиш ёфта аст, ки ин ҳолат тарафҳои манфӣ дорад.

Нишондиҳандаи дувум, ин дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнат дар хоҷагии ҷамъиятӣ мебошад. Дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнат аз ҷиҳати иқтисодӣ, аз як тараф, талаботи хоҷагии ҷамъиятиро ба кормандон ифода намояд, аз тарафи дигар, талаботи аҳолиро ба ҷойҳои корӣ муайян мекунад. Дар соли 2020 дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 47,8%-ро ташкил додааст. Ҳол он, ки ин нишондиҳанда дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз 62,4 то 71,0%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвал 1. Тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (%)**

**Table 1. Distribution of the employed population in the economy of the republic by types of economic activity (%)**

| Нишондиҳандаҳо | Сол | | | | | 2020 нисбат ба 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2020 | |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 44,7 | 65,0 | 67,5 | 65,9 | 60,9 | +16,2 |
| саноат | 13,0 | 6,9 | 5,7 | 4,2 | 3,9 | -9,1 |
| сохтмон | 7,5 | 2,1 | 2,9 | 3,2 | 4,1 | -3,4 |
| дигар бахшҳои воқеӣ | 2,2 | 0,6 | 0,5 | 0,45 | 1,11 | -1,09 |
| савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 7,0 | 4,7 | 4,8 | 6,1 | 6,3 | -0,7 |
| хоҷагиҳои манзилӣ-коммуналӣ, намудҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишии аҳолӣ | 3,0 | 1,5 | 1,6 | 2,6 | 2,7 | -0,3 |
| тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 5,0 | 4,7 | 3,4 | 3,6 | 4,7 | -0,3 |
| соҳаи маориф | 10,0 | 9,6 | 8,2 | 8,1 | 9,9 | -0,1 |
| Фарҳанг ва саноат, илм ва хизматрасонии илмӣ | 1,7 | 1,1 | 0,8 | 0,8 | 0,6 | -1,1 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 2,3 | 1,7 | 2,2 | 2,9 | 1,8 | -0,5 |

Аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки байни шуғлмандони бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди шуғлмандон ба соҳаҳои истеҳсолӣ тааллуқ дошта, ба шуғлмандони бахшҳои ғайриистеҳсолӣ ва хизматрасонӣ камтар дахл доранд. Дар бахшҳои истеҳсолӣ соли 1991 ҳамагӣ 77,6% ва соли 2020 – 70,0% шуғлмандон банд буданд ва мувофиқан дар бахшҳои ғайриистеҳсолӣ ба паствавӣ тамоюл доранд. Мувофиқи маълумотҳои ҷадвал шуғлмандоне, ки дар соҳаи маориф фаъолият мекунанд, нисбат ба ҳамаи шуғлмандон аз 10,0% соли 1991 ба 9,9% дар соли 2020, шуғлмандоне, ки дар соҳаи фарҳанг ва санъат, дар илм ва хизматрасонии илмӣ фаъолият мекунанд, мувофиқан аз 1,7% то 0,6% кам шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо пешравӣ ба ҳисоб намераванд. Бояд қайд кард, ки ин нишондиҳандаҳо дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон

баръаксанд, яъне шуғлмандони соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ аз соҳаҳои истеҳсолӣ зиёданд. Масалан, дар солҳои 90-уми асри XX, дар соҳаи хизматрасонии ИМА қариб 80%-и шуғлмандон фаъолият мекарданд. Дар ин соҳа зиёда аз 80%-и маҳсулоти дохилии ИМА истеҳсол карда мешуд.

Мақсади асосии механизмҳои ташкиливу иқтисодии танзими шуғли аҳолӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт - ин ҳама он чорабиниҳои давлатӣ दониста мешаванд, ки нисбати аҳолӣ ва бахусус захираҳои меҳнатӣ ҳамчун таъминкунандаи асосии арзаи он дар бозори меҳнат ба ҳисоб мераванд. Ба ҳайси механизмҳои ташкилӣ, давлат барои аҳолии шуғлманд, ки асоси пешравии иқтисодиёт бар онҳо вобаста аст, таъмини аҳолии шуғлманд бо касбу тахассусҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва ташкили ҷойи кори муносиб дониста мешавад. Ба ҳайси механизмҳои иқтисодӣ бошад, ин, пеш аз ҳама, ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнат ба воситаи қонунҳо ва меъёрҳои муайяншуда ва додани кафолат бахри поймол нашудани ҳуқуқу ухдадориҳои тарафайн дар бозори меҳнат дониста мешавад.

Бозори меҳнат маҳаки муҳимми баҳодидии вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Дараҷаи шуғли аҳолӣ ва бекорӣ аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ мебошанд, ки аз рӯйи сатҳи онҳо тамоюли рушди иқтисодиёт, ҷолибияти сармоягузорӣ, дараҷаи татбиқи барномаҳои давлатии шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дар ниҳояти кор, дараҷаи зиндагонии аҳолии мамлакат арзёбӣ мегардад. Ҳодисаҳое, ки дар Тоҷикистон марбут ба барҳамхӯрии низоми танзими мутамаркази давлатии иқтисоди миллӣ ва ташаккули унсурҳои муносибатҳои бозорӣ, ҷанги бародаркушии солҳои 90-ум, ба паст шудани сатҳи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйирёбии сохтори он оварда расонд. Халалдор шудани робитаи байнихоҷагӣ ва байниминтақавӣ, азнавсозии сохтори иқтисодиёт ва пурзур нигарониши он ба истеҳсоли ашёи хом, ба афзоиш ёфтани бекорӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои синну сол ва гурӯҳҳои синну солии аҳолии қобили меҳнат мусоидат намуд. Қатъ гардидани фаъолияти даҳҳо корхона, якбора коҳиш ёфтани пешниҳоди мол ба бозор ва афзоиши назарраси воридоти мол ба рафтани кадрҳо ба хориҷи кишвар боис гардиданд [8].

Бо назардошти вазъи воқеӣ дар бозори меҳнат ва эҳтимолияти ногузири таъсири бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон, танзими масъалаи муносибатҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ нақши аввалиндараҷаро касб менамояд ва хеле муҳим аст, ки тақсимоти аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар мақсаднок амалӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ буда, ба ҳисоби миёна афзоиши он дар як сол 2,1-2,2%-ро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) аз рӯйи баҳои пешакӣ дар моҳи июни соли 2022-ум 2578,7 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ин теъдод 2522,1 ҳазор нафар (97,8%) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, ба 56,6 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ дода шудааст, ки 2,2%-и қувваҳои кориро ташкил медиҳад.

Дар моҳи июни соли 2022 аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият 1241,6 ҳазор нафар ё 49,2%-и шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар моҳи июни соли 2022 нисбат ба моҳи майи соли 2022 0,4% ва нисбат ба моҳи июни соли 2021 0,9% зиёд шуд. Ҳамзамон, дар ин давра нисбат ба соли 2021 шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисодиёт 1,9% зиёд шуда, 697,6 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, бахши хизматрасонӣ бошад дар ҳамин давра 0,3% кам шуда, 544,0 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Моҳи июни соли 2022 дар шароити болозикр 49,2 ҳазор нафар машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 4,0%-и шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

Дар моҳи июни соли 2022 аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 58,0% зиёд шуда, 15,8 ҳазор ҷойро ташкил дод. Ин нишондод аз рӯйи касбҳои коргарӣ 88,0% зиёд шуда, 8,0 ҳазор ҷойро ташкил намуд (50,5%-и ҷойҳои кории холӣ). Нисбат ба моҳи майи соли 2022 шумораи ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда 15,5% зиёд шуда,

талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 5,2 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2021 7,6 нафарро ташкил медод.

Сатҳи бекории расман бақайдгирифташуда 2,2%-ро аз шумораи қувваҳои корӣ ташкил намуд.

Мувофиқи нишондодҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025, давоми солҳои 2023-2025 тавассути мусоидати бевоситаи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 516,3 ҳазор шаҳрванд ба шуғл ҷалб гардида, аз ин шумора 210,0 ҳазор нафар дар корхонаю ташкилот бо кор таъмин карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ин давра 174,3 ҳазор нафар аз ҳисоби ҷойҳои кории холӣ, 25,5 ҳазор нафар аз ҳисоби ҷойҳои кори бандшуда (квотаҳо) ва 12,6 ҳазор нафар тавассути ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок бо кор таъмин карда мешаванд. Ҳамзамон, дар давраи мадди назар 105,0 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, 30,0 ҳазор нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардида, ба 82,4 ҳазор нафар хизматрасониҳои машварати касбӣ анҷом дода шуда, ба 88,9 ҳазор нафар бекорон кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ пардохт карда мешавад. Мувофиқи барномаи мазкур 532,6 ҳазор нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл фаро гирифта мешаванд. Тавассути мусоидати бевоситаи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 205,8 ҳазор нафар шаҳрвандон ба шуғл фаро гирифта мешаванд. Аз ин шумора 79,6 ҳазор нафар дар корхонаю ташкилотҳо бо кор таъмин мегарданд, аз ҷумла 66,5 ҳазор нафар аз ҳисоби ҷойҳои кории холӣ, 33,2 ҳазор нафар ба тайёрии касбӣ ва бозомузӣ, 11,0 ҳазор нафар ба корҳои музднoки ҷамъиятӣ ҷалб мешаванд. Ҳамзамон, ба 6,9 ҳазор нафар шаҳрвандон қарзҳои имтиёзнок барои ташкили соҳибкории инфиродӣ ва ба 12,6 ҳазор нафар кумакпулиҳо барои бекорӣ таъин ва пардохт карда мешавад.

Ҳадафҳои асосии барнома мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташаккул додани низоми инклюзивии рушди таълим, инчунин, таъмини занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд бо ҷойи кор бо мақсади коҳиш додани осебпазирӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои бунёди ҷойҳои кории нав, ин рушди соҳаҳои меҳнатталаб мебошад. Хусусан аз ҳисоби тағйирдиҳии сохтори заминҳои кишт ва зиёд намудани онҳо ба соҳаҳои меҳнатталаби ба монанди картошкапарварӣ, сабзавот, инчунин аз ҳисоби заминҳои наздиҳавлигии шаҳрвандон ва заминҳои бекорхобида ва заминҳое, ки истифода бурда намешаванд. Заминҳои лалмӣ, хусусан дар ноҳияҳои кӯҳистон хеле зиёд мебошанд, ки истифода намешаванд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби пурра ба итмом нарасидани таркиби навсозиҳо, аз ҷумла пурра муҳайё набудани инфрасохтори бозорӣ ва маълумотҳои дақиқи сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва нисбатан баланди дараҷаи беқурбшавии пул, ҳисоби дурусти меъёри табиии бекориро муайян кардан мураккаб аст. Ба фикри мо, сабаби он дар мамлакат вуҷуд доштани дараҷаи баланди бекории пинҳонӣ мебошад. Ин имкон намедиҳад, ки шуғли самаранок дуруст ҳисоб карда шавад. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки якчанд нишондиҳандаҳо аз ҷумла коэффитсиенти шуғл, дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнати ҷамъиятӣ ба соҳаҳои фоиданок, таркиби оқилонаи тақсимоти кормандон дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, мувофиққунонии таркиби касбӣ-тахассусии кормандон истифода бурда шавад.

Ҳамин тавр дар охир ҳаминро бояд қайд намоем, ки барои талаботи бозори меҳнатро бо мутахассисони баландихтисоси касбӣ таъмин намудан, дар мадди аввал талаботи истеъмолии аҳолиро ба инобат гирифта, мувофиқ ба он мутахассис омода намудан зарур аст. Рақобатпазирии корманд дар ин ҳолат ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ мегардад ва ӯ метавонад мувофиқ ба касбу ихтисоси азхудкардааш ҷойи кори мувофиқ пайдо намуда, шуғли пурраи доимӣ дошта бошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Урунбоев А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев, Х.А. Бозори меҳнат / Х.А. Абдуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2010. -280 с.
2. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -228 с.
3. Ғаниев, Т.Б. Ташкили менеҷменти захираҳои башарӣ / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2011. -450 с.

4. Васиев Ф.М. Определение имеющихся профессиональных навыков возвратившихся трудовых мигрантов в Республике Таджикистан / Ф.М. Васиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№9. -С.159-166.
5. Генкин, Б.М. Экономика и социология труда / Б.М. Генкин. –М., 2006.
6. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Кишоварз. – 2014. -№3. -С.91-93.
7. Искандаров, Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2-4(204). -С.16-21.
8. Исмаилов, А.М. Нишондиҳандаҳои рушди минтақавии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.М. Исмаилов // Экономические науки. – 2022. -С.386-390.
9. Кабутов, М.К. Занятость населения трудоизбыточного региона в условиях становления рыночной экономики. – Душанбе: Дониш, 1997.
10. Колосова О.Г. Организация оплаты труда как фактор конкурентоспособности предприятия на рынке. Вестник Омского университета. Серия «Экономика». – 2015. -№2.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (аз 1.08.2003с., №44).
12. КПРТ. ТБМ (Ключевые показатели рынка труда). -С.69-73.

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ ИДОРАИ ОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимми шуғли аҳолӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои тавсифи миқдории шуғли самаранок дида баромада шудааст. Инчунин, ҳангоми таъмини шуғли пурра ҷой доштани баъзе камбудиҳо дар ҷойҳои корӣ мавҷуда, ки ба ҳолати иқтисодӣ номувофиқ будани ҳайати касбӣ-тахассусӣ ва дараҷаи маълумотнокӣ оварда мерасонад, нишон дода шудааст. Дар ин вазъ ҳам корманд ва ҳам давлат талафи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебинанд. Як қисми кормандон музди меҳнати паст мегиранд, ки бозтавлиди одии онҳоро таъмин карда наметавонад, давлат бошад, маблағҳои муайянро ба буҷа ворид карда наметавонад, инчунин дар натиҷа фондҳои иҷтимоӣ низ кам мешаванд. Дар мақола тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ таҳлил шуда, зарурати омода намудани мутахассис мувофиқи ба инобат гирифтани талаботи истеъмолии аҳолӣ ва бо ин роҳ таъмин намудани талаботи бозори меҳнат бо мутахассисони баландихтисос баррасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** шуғли аҳолӣ, бекорӣ, вақти корӣ, шуғли самаранок, ҳосилнокии меҳнат, захираҳои меҳнатӣ, бозори меҳнат, мутахассис, иқтисодиёт, қувваи корӣ, рақобатпазир.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ И ПУТИ ЕЕ УПРАВЛЕНИЯ

В данной статье рассматриваются важные вопросы занятости населения, в том числе показатели количественной характеристики эффективной занятости. Также при обеспечении полной занятости указывается наличие некоторых недостатков на существующих рабочих местах, что приводит к экономической неадекватности профессионально-квалификационного состава и уровня образования. В этой ситуации и работник, и государство несут экономические и социальные потери. Часть работников становится низкооплачиваемой, неспособной обеспечить их обычное воспроизводство, а государство не может вносить определенные суммы в бюджет, что также приводит к сокращению социальных фондов. В статье анализируется распределение населения, занятого в экономике республики, по видам экономической деятельности и рассматривается необходимость подготовки специалистов с учетом потребительского спроса населения и, таким образом, обеспечения потребностей рынка труда высококвалифицированными специалистами.

**Ключевые слова:** занятость, безработица, рабочее время, эффективная занятость, производительность труда, трудовые ресурсы, рынок труда, профессионализм, экономика, рабочая сила, конкурентоспособность.

## THEORETICAL ISSUES OF EMPLOYMENT AND WAYS OF ITS MANAGEMENT

This article discusses important issues of employment, including indicators of quantitative characteristics of effective employment. Also, when ensuring full employment, the presence of some shortcomings in existing workplaces is indicated, which leads to economic inadequacy of the professional qualification staff and the level of education. In this situation, both the employee and the state suffer economic and social losses. Some workers become low-paid, unable to ensure their normal reproduction, and the state cannot contribute certain amounts to the budget, which also leads to a reduction in social funds. The article analyzes the distribution of the population employed in the economy of the republic by types of economic activity and considers the need to train specialists taking into account the consumer demand of the population and, thus, to meet the needs of the labor market with highly qualified specialists.

**Keywords:** employment, unemployment, working hours, effective employment, labor productivity, labor resources, labor market, professionalism, economy, labor force, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдумухторозода Нигина Абдумухтор*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **555562195**. E-mail: **urunbaevan@list.ru**

***Халифазода Ҷовидон Бобохон*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **000022336**. E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Абдумухторозода Нигина Абдумухтор*** – Таджикский государственный фінансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **555562195**. E-mail: **urunbaevan@list.ru**
***Халифазода Джовидон Бобохон*** – Таджикский государственный фінансово-экономический университет, кандидат экономических наук, ассистент кафедры налогов и страхования. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **000022336**. E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Abdumukhtorozoda Nigina Abdumukhtor*** **–** Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. Phone**: 555562195.** E-mail: **urunbaevan@list.ru**
***Khalifazoda Jovidon Bobokhon*** **–** Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Assistant of the Department of Taxes and Insurance. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. Phone: **000022336.** E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

УДК: 33+378()575.3(

# ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ, КАК ФАКТОР ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

*Джураева А., Мамадов Ф.Р.*
**Таджикский национальный университет**

В последние годы искусственный интеллект (ИИ) стал мощным инструментом, который активно внедряется в самые разные сферы нашей жизни, включая образование, здравоохранение, финансы, производство, транспорт. Рассмотрим, как ИИ меняет эти области, какие выгоды он приносит и какие задачи решает, а также определим его влияние на эти отрасли, которые уже ощутимо сегодня и продолжают расти.

Когда мы говорим об искусственном интеллекте в образовании, на ум приходят картины из фантастических фильмов: роботы-учителя, которые знают всё на свете, или умные программы, которые могут заменить преподавателей. Но на самом деле, ИИ уже сегодня активно внедряется в образовательные процессы, и это приносит ощутимые результаты, рассмотрим как именно ИИ может помочь образованию и почему это выгодно не только с точки зрения улучшения качества обучения, но и с экономической точки зрения. ИИ позволяет создавать персонализированные учебные программы, рассматривается когда каждый ученик – уникален, поэтому некоторые лучше воспринимают информацию визуально, другим легче даётся текст, поэтому лучше всего учится на практике.

Анализируя данные о предпочтениях и способностях студента, ИИ помогает составить индивидуальный учебный план, который учитывает темп и стиль обучения каждого, поэтому традиционная система образования не всегда может учесть эти особенности, где данный процесс обучения становится более эффективным, что позволяет ученикам достигать лучших результатов. С экономической точки зрения персонализированное обучение помогает сократить затраты на дополнительное образование и репетиторов, однако если студент получает необходимые знания и навыки в удобном для него формате, меньше вероятность, что ему потребуется дополнительная помощь, что помогает снизить нагрузку на преподавателей, освобождая их время для работы с учениками, которым действительно нужна поддержка. Видно, что ИИ значительно улучшит оценочные показатели студентов, поэтому современные ИИ-системы способны анализировать результаты тестов, домашних заданий и проектов, выявляя сильные и слабые стороны каждого учащегося, а также, ИИ может предсказывать успеваемость, основываясь на анализе академической истории и поведенческих паттернов, что позволит преподавателям заранее определить, кто из студентов нуждается в дополнительной поддержке, и принять меры по повышению качества образования. Экономическая выгода очевидна, потому что снижение числа неуспевающих и выбывающих студентов означает, что образовательные учреждения могут лучше использовать свои ресурсы, поэтому чем меньше студентов, нуждающихся в повторном прохождении курсов, тем меньше отчислений, так как всё это снижает затраты и повышает эффективность работы учебных заведений. Кроме того, ИИ может взять на себя рутинные задачи, такие как проверка домашних заданий, контроль посещаемости и ведение журнала успеваемости. Это освобождает преподавателей от выполнения монотонной работы и позволяет им больше времени уделять творческим аспектам преподавания и взаимодействию с учащимися, та как автоматизация рутинных задач позволяет сократить административные расходы и повысить общую производительность преподавателей, поэтому учебные заведения могут тратить меньше денег на поддержание бюрократического аппарата и больше – на развитие учебных программ и улучшение инфраструктуры учебного заведения, оказывающего образовательные услуги. Таким образом, ИИ открывает возможности для создания адаптивных образовательных платформ, которые подстраиваются под каждого ученика, так как такие системы могут автоматически корректировать сложность задач в зависимости от прогресса учащегося, поддерживая его интерес и мотивацию. Это особенно полезно для дистанционного обучения, которое становится всё более популярным.

Адаптивные платформы позволяют учащимся учиться более эффективно, что сокращает время, необходимое для достижения образовательных целей, что может снизить расходы на обучение как для студентов, так и для образовательных учреждений. Можно сказать, что внедрение ИИ в образование – это не просто модная тенденция, а экономически целесообразный шаг, который приносит выгоды всем участникам образовательного процесса, с одной стороны, это улучшает качество обучения, делая его более индивидуализированным и эффективным, а с другой стороны это позволяет образовательным учреждениям оптимизировать свои ресурсы, снижая затраты и повышая эффективность работы, что ведет к созданию более устойчивой и доступной образовательной системы, которая отвечает требованиям современного общества.

Экономические прогнозы и выгоды от ИИ выглядят впечатляюще, поэтому внедрение ИИ ведет к повышению производительности и эффективности работы благодаря автоматизации рутинных задач, минимизации ошибок и оптимизации использования ресурсов, что особенно важно в условиях жесткой конкуренции, когда небольшое преимущество может сыграть решающую роль. Активное внедрение ИИ, могут снизить затраты на 20-30%, что значительно укрепит их позиции на рынке, однако ИИ не просто технология для сокращения издержек, она также создает новые возможности для занятости общества, что способствует возникновению новых отраслей и профессий, требующих высококвалифицированных специалистов, таких как разработчики ИИ-систем, аналитики больших данных и эксперты по кибербезопасности, что эти новые рабочие места стимулируют развитие образовательных программ и повышают общий уровень квалификации рабочей силы, что способствует созданию новых продуктов и услуг.

По прогнозам, к 2030 году ИИ может добавить мировому ВВП от 13 до 15 триллионов долларов, а это обусловлено не только повышением производительности, но и развитием новых отраслей экономики, а также улучшением качества продукции и услуг, поэтому страны, которые активно инвестируют в развитие ИИ, уже сегодня занимают лидирующие позиции на мировом рынке и получают существенные экономические выгоды.

Необходимо отметить, что внедрение ИИ ведет к улучшению качества жизни, например это касается как улучшения доступности и качества услуг в здравоохранении и образовании, так и создания более безопасных и эффективных транспортных систем. Все это повышает уровень жизни населения и создает условия для долгосрочного экономического роста, например развитие здравоохранения и образования с помощью ИИ увеличивает продолжительность жизни и повышает уровень квалификации трудоспособного населения, что позитивно сказывается на экономическом развитии страны.

Государственные учреждения также могут извлечь выгоду из ИИ в таких областях, как управление финансами, социальное обеспечение и здравоохранение, что помогает оптимизировать бюджетные расходы, повысить прозрачность и эффективность государственных программ, а также снизить уровень коррупции, а это позволяет высвободить значительные ресурсы, которые могут быть направлены на решение социальных задач.

Высока роль ИИ в устойчивом развитии и охране окружающей среды, так как становится возможным более эффективное использование природных ресурсов, снижение выбросов вредных веществ, оптимизация энергопотребления и развитие возобновляемых источников энергии, что сокращает затраты на энергоресурсы и способствуют защите окружающей среды.

Илова бар ин, маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ дар принсипҳои дахлнопазирии шахсият, манзил ва махфияти мукотибот, ҳабсҳои ғайриқонунӣ, кофтуковҳо, мусодира ва дигар чораҳои маҳдудкунандаи озодӣ ифода ёфтаанд, аммо ба назари бархе аз муҳаққиқон, принсипҳои мазкур хусусияти рамзӣ дошта, механизми амалишавӣ ва субъектони татбиқкунандаи дахлдор дар ин самт мавҷуд набуд.

Баробарҳуқуқии шаҳрвандон чун принсип ва меъёри афзалиятноки Конститутсияи соли 1937 пазируфта шуда, танҳо дар шакли фишурдаи кӯтоҳ ҷой дода шуда буд.

Дар Конститутсия таъкид гардида буд, ки «баробарҳуқуқии шаҳрвандон сарфи назар аз миллат ва нажодашон» таъмин карда мешавад. Сарфи назар аз он ки давлат таъмини некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ (шуғли кафолатнок, нафақа, таҳсилоти ройгон, хизматрасонии тиббӣ, кумакпулӣ оид ба беморӣ ва ғайраро) ба зиммаи худ гирифта бошад ҳам, аммо, ҳамаи ин аз ҷониби давлат аз рӯйи принсипҳои мутаносибӣ ва тибқи меъёри муайян таъмин карда мешуд.

Ҳуқуқ ба меҳнат низ чун меъёри конститусионӣ дар матни он ҷойд дода шуда, бо ҳуқуқи дастрасӣ пайдо намудан ба меҳнати кафолатнок ва музди меҳнати мувофиқ асосонок карда шудааст.

Ба назари мо, меъёри мазкур ченаки арзишманди маърифтаи ҳуқуқиро доро буда, ҳамчун далели тавоноӣ ва муҳофизати сохти сотсиалистӣ, ки халқро аз буҳрони истеҳсолии барзиёд ва бекорӣ озод кард буд, ба миён гузошта шуд. Аммо, боз ҳам механизми ҳуқуқии татбиқи он ҳамчун омили ноанҷоми мантиқӣ боқӣ монд.

Аз ҷониби дигар, қоНуни асосӣ дарвоқеъ афзалияти принсипи ягонагии ҳокимият ва халқи мехнаткашро, ба фаъолияти Шуроҳо вогузор карда буд. Шуроҳо ҳам вазифаи қонунгузор ва ҳам иҷроияро дар дасти худ муттаҳид менамуданд.

Суд ва мустақилияти судӣ, ки мақоми ягонаи татбиқкунандаи ниҳоӣ ба шумор мерафт, ба таври эъломиявӣ эътироф карда шуда, интихоб, ҳисоботдиҳӣ ва бозхонд кардани судяҳо аз тарафи Шуроҳо ба амал бароварда шуда, мустақилияти онҳоро амалан аз байн бурд.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, дар эътирофи аввалия ва рамзии ҳуқуқи инсон ҳамчун зуҳуроти демократӣ ва омили мафкуравӣ дар Конститутсияи соли 1937 ҷой дода шуда буд, бо вуҷуди ин муҳиммияти воқеии онро мушоҳида намудан хеле душвор аст.

Конститутсияи соли 1978, дар маҷмуъ, ғояҳо, принсипҳо ва арзишҳои конститутсияҳои қаблии шуравиро нигоҳ дошт. Дар он дастгоҳи ҳокимиятӣ ва тобеиятӣ пурзӯр карда шуда, мутаносибан эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва номгӯйи он дар Конститутсияи соли 1978 васеъ карда шуд. Ба андешаи муҳаққиқон, Конститутсияи соли 1978 ифодакунандаи “музаффариятҳои сотсиализм» ба шумор мерафт, чун дар он нақши Ҳизби комуннистӣ ва ваколатҳои он васеъ карда шуданд. Сохтори ҳизб ҳам дар марказ ва ҳам дар маҳал ба мақоми дастурдиҳанда мубаддал гашта, ҷузъи таркибии меъёри конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар доираи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, гарчанде ки Конститутсияи соли 1978 меъёрҳои бевоситаи таъсирарасонии санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар накарда бошад ҳам, аммо дар қисми 2-и он, ки ба давлат ва шахс бахшида шудааст, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фитрияти онҳо низ бо мазмуни моҳияти сотсиалистӣ доштанашон ба инобат гирифта шудааст.

Ифодаи меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ дар Конститутсияи соли 1994 Тоҷикистон бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, пеш аз ҳама, дар эътирофи халқи Тоҷикистон

ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ифода мегардад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии маърифтаи ҳуқуқӣ таъсиргузории он ба низоми сиёсии ҷомеа аст. Аз инҷост, ки Конститутсияи Тоҷикистон соҳибистиқлол асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян кард, ки дар натиҷа низоми сиёсӣ устувор ва давлати миллии мо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ рушду тараққӣ карда истодааст.

Дарвоқеъ, ҳуқуқи инсон дар Конститутсияи навини Тоҷикистон танҳо бо нишондоди меъёрҳои давлат маҳдуд намешавад. Ба мафҳуми ҳуқуқи муосир дар илми имрӯза ҳуқуқҳои инсон, аниқтараш ҳуқуқҳои дар қонун (ҳуқуқи позитивӣ) ифода гаштаи инсон дохил карда мешаванд. Ифодаи онҳо дар Конститутсия чун *стандартҳои* (талаботи барои ҳамаи давлатҳо ва одамон умумии) *байналхалқӣ* муқаррар карда шуда баромад мекунанд. Ягон давлати ҷаҳон наметавонад аз риояи талаботи ҳуқуқи байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон саркашӣ намояд.

Ҳуқуқҳои инсон дар конститутсияҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Конститутсияи Тоҷикистон (м. 10) чун муқарраროти мустақиман амалкунанда зикр гаштаанд. Бо назардошти такмили қонунгузорӣ ва рушди маърифати ҳуқуқӣ айни замон ҳуқуқҳои инсон бевосита амал карда, барои мушаххас намудани онҳо қабули асноди меъёрӣ зарурат надорад. Ҳуқуқҳои инсон бевосита заминаи ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бевосита (бидуни мушаххасгардӣ дар қонунгузорӣ) муносибатҳои ҷамъиятиро (алалхусус бо иштироки одамон) танзим мекунанд.

Ҳамин тариқ, маърифати ҳуқуқӣ, ки дар мазмуни Конститутсияи соли 1994 баръало инъикос ёфта, меъёри маърифати ҳуқуқии демократӣ, аз ҷумла принсипҳо, арзишҳои демократиро фаро мегирад, дар чунин нуқтаҳо инъикос карда шудааст:

— дар шуури ҷамъиятӣ ва мавҷудияти ғояҳои афзалиятноки инсон ва шаҳрванд, эҳтиром ва шаъну эътибор онҳо;

— иштироки бевоситаи халқ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ, ташаккули демокартии онҳо дар асоси низоми интихоботӣ, ки ба асосҳои баробарӣ, озодӣ, рақобат, адолат, асос ёфтааст;

— маҷмуи институтҳои устувори конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар демократикунонии ҷомеа ва давлат, озодии шахс ва бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, амаливашии принсипи таҷзияи ҳокимият, ки ифодаи бевоситаи ирода ва мақсадҳое, ки ормонияти миллиро ифода мекунанд, гуногунандешии сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ, ки дар асоси эътиқод ва манфиатҳои миллӣ ба расмият дароварда шудаанд, бунёд ёфтааст;

— мавҷудияти механизмҳои мурофиавии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, таъсис ва иштирок дар корҳои ҷамъиятии сиёсии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

— низоми ҳифзи сохти конститутсионӣ ва арзишҳои Конститутсия тавассути талаботи волоияти қонун ва риояи ҳатмии он аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ ва ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон.

Хулоса, меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ, ки дар Конститутсияи навини Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, муҳимтарин дастовардҳои замони истиқлол ба шумор рафта, марҳилаи устувори рушди ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбанд.

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев С.С. 1) Общая теория права / С.С. Алексеев. - Т. 1. -М., 1981. -С.213.
2. Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования / С.С. Алексеев. -М., 1999. -С. 269.
3. Бабаева В.К. Общая теория права / В.К. Бабаева. - 4-изд. –М., 2000. -С.111.
4. Имомов А. Основные этапы развития Конституции Таджикистана / Государство и право / А.Имомов. -Душанбе, 2002. - №1.- С.2-3.
5. Клейменова, Е.В. Правовая культура и ее стандарты в конституциях Российской Федерации / Е.В. Клейменова, К.А. Моралева // Правоведение. -2003. -№1. -С.50-56.
6. Каминская В.И., Ратинов А.Р. Правосознание как элемент правовой культуры. Кейзеров Н.М. Политическая и правовая культура. -М., 1983. -С.57.
7. Комаров С. А. Общая теория права / С. А. Комаров. -М., 1996. -С. 168; Явич Л.С. Сущность права / Л.С. Явич. -Л., 1985. -С. 183.

8. Насридинов Э.С. Правововаая культура / Э.С. Насридинов. -Душанбе, 2014. - С. 23.
9. Мартышин О.В. Национальная политическая и правовая культура в контексте глобализации. - 24 октября, 2008.
10. Съезды Советов (в документах) 1923-1927гг. -Том VII. – С. 403-404.
11. Теория государства и права. Под ред. В. В.Лазарева. -М., 1994.-С. 167.
12. Тахиров Ф.Т. Станавление советского права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе, 1987. - С –34-39.
13. Ятимов С. Илм ва Амният / С.Ятимов. – Душанбе: Ганљ, 2015 – С.18.

## МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИ ВА ТАҶАССУМИ ОН ДАР КОНСТИТУТСИЯҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили қонуниятҳои инкишофи маърифати ҳуқуқӣ ва ифодаи он дар конститутсияҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои гуногуни тадқиқоти маърифати ҳуқуқӣ тибқи консепсияҳои антропологӣ, соотсиологӣ ва фалсафӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Бо тамаркуз ба принсипи инсонмеҳварӣ ангезаҳои биологӣ ва иҷтимоие, ки метавонанд нигаришҳои муайянеро дар ҷомеа ба вуҷуд оваранд, маърифати ҳуқуқӣ дар доираи мақолаи мазкур ҳамчун маҷмуи натиҷаҳои фаъолияти ҳуқуқӣ арзёбӣ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, давлат, ҷомеа, маърифати ҳуқуқӣ, қонун, санад, дахлнопазирӣ, принсипҳои ҳуқуқ, озодӣ, инсон, низоми сиёсӣ, ҳизб, табиати ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ И ЕГО ВОПЛОЩЕНИЕ В КОНСТИТУЦИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье проводится анализ закономерностей познавательно-правового развития и его выражение в конституциях Таджикистана периода независимости. Различные аспекты исследования правового знания анализируются с точки зрения антропологической, социологической и философской концепций. Придавая особое внимание принципу гуманизма, биологическим и социальным предпосылкам, способным создать в обществе определенные взгляды, в рамках данной статьи правовое просвещение оценивается как совокупность результатов юридической деятельности.

**Ключевые слова**: Конституция, государство, общество, правовое знание, закон, документ, иммунитет, принципы права, свобода, человек, политический строй, партия, правовая природа.

## LEGAL NURTURING AND ITS IMPLEMENTATION IN THE CONSTITUTIONS OF TAJIKISTAN

In this article analyzes the patterns of cognitive-legal development and its expression in the constitutions of Tajikistan during the period of independence. Various aspects of the study of legal knowledge are analyzed from the point of view of anthropological, sociological and philosophical concepts. Paying special attention to the principle of humanism, biological and social prerequisites that can create certain views in society, within the framework of this article, legal education is assessed as a set of results of legal activity.

**Keywords**: Constitution, state, society, legal knowledge, law, document, immunity, principles of law, freedom, person, political system, party, legal nature.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Камолзода Илҳом Икром-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 734025 ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902902657**

**Сведения об авторе:** ***Камолзода Илхом Икром*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902902657**

**Information about the author:** ***Kamolzoda Ilkhom Ikrom*** – Tajik National University, Doctor of Law, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)902902657**

ТДУ: 343.3 (575.3)

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ОИД БА КИРДОРҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА РАВАНДИ ТАНЗИМИ ОНҲО

*Шарифзода Шарифбек*
**Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Коррупсия зуҳуроти номатлуб ба ҳисоб рафта, фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Он эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меоварад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол намуда, пояҳои ахлоқии ҷомеаро заиф мегардонад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки коррупсия миқёс, хусусият ва вазъи тағиирёбии натиҷаи проблемаҳои умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар буда, дар даврони дигаргунсозӣ ва навсозӣ доимо дар ҳолати афзоиш аст.

Дар ҳоли ҳозир дар тамоми ҷаҳон коррупсия на танҳо проблемаи ҷиноӣ, балки як омили манфии умумидавлатие гардидааст, ки на фақат обрӯи ҳокимиятро коҳиш медиҳад, балки низоми давлатдориро хароб намуда, ба тахриби боз ҳам бештари амнияти иқтисодии давлат мусоидат менамояд.

Ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ дар давлатҳои мутараққӣ ва давлатҳои рӯ ба тараққӣ новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Ҳаҷм ва паҳншавии коррупсия, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои миллӣ, шакли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити ҳуқуқии ин ё он давлат вобаста мебошад.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ оғоз шуд ва ҷанги шаҳрвандии баъди он баамаломада боиси пайдоиш ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонидани омилҳои мазкур гардид, ки муайянкунандаи коррупсия мебошад.

Бинобар ин, дар кишвар ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия заминаҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ба танзим дароварда шуданд ва мукаммал гардиданд.

Ҳарчанд дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, истилоҳи «коррупсия» дида нашавад ҳам, аммо тибқи моддаи 17 Конститутсия, давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додааст.

Дар асоси моддаи 5 Конститутсия, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд [3,с.5]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки манбаи асосии қонунгузории зиддикоррупсионӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва меъёрҳои алоҳидаи он бевосита ба пешгирии коррупсия нигаронида шудааст, ки онҳо принсипи тақсими ҳокимият, манъи ишғол кардани вазифаи дигар аз ҷониби шахсони мансабдор, аъзои ҳукумат, судяҳо ва прокурорҳо ва машғул шудани онҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Ин талабот дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мустаҳкам карда шудааст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат бо коррупсия ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст [7,с.2].

Аз ин рӯ, давлат вазифаи худро оид ба таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ иҷро намуда, зарур мешуморад, ки тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида ва субъектони он пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия тақвият дода шавад.

Коррупсия барои ҳар давлат зуҳуроти басе хатарнок аст, зеро он ба содиркунии ҷиноятҳои мансабию хизматӣ иртибот дорад. Ин ҷиноятҳо, аз қабили гирифтани пора, додани пора, суиистифодаи ваколати хизматӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва ғайра мебошанд, ки дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Бояд ёдовар шавем, ки 9 майи соли 1935 бо қарори Иҷлосияи давлатии Кумитаи иҷроияи марказии советии ҶСС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Советии

Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур гирифтани пора (м. 186 КҶҶ ССТ), додани пора (187 КҶҶ ССТ) ва миёнаравӣ дар порагириро (м. 187[1] КҶҶ ССТ) дар моддаҳои алоҳида нишон дода, барои гирифтани пора ҷазоро аз се сол оғоз намуда, то ҷазои қатл бо мусодираи амвол пешбинӣ карда буд. Дар ҷинояти додани пора ва миёнаравӣ дар порагирӣ бошад, ҷазоро аз 2 то 15 сол бо мусодираи амвол муқаррар намуда буд [11,с.21]. Чунин санксияи ҷазодиҳӣ дар гирифтан ва додани пора, инчунин миёнаравӣ дар қиёс ба меъёрҳои Кодекси ҷиноятии амалкунандаи кишвар аз ҷарима оғоз ёфта, ҷазои маҳрумӣ аз озодии он дар маҷмуъ аз 5 то 12 солро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шояд бо назардошти сабукии ҷазо ва ё беназоратии субъектони дахлдор шумораи ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус додану гирифтани пора ва иғвои порадиҳӣ, рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Барои мисол, агар соли 2012 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 60 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 79 нафар бо моддаҳои 319–321 баррасӣ гардида бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2017 ба 84 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 119 нафар расидааст. Ҳамчунин, мутобиқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2013–2020 судяҳо 561 адад парвандаҳои хусусияти коррупсионидоштаро нисбати 708 нафар мавриди баррасӣ қарор доданд [3,с.117-119]. Дар ин самт ҷазои асосӣ барои шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир кардаанд, ҷаримаҳое буданд, ки ба миқдори зиёди бо тариқи порагирӣ онҳо ба даст овардаанд. Қисми зиёди маҳкумшудагон кормандони давлатӣ – 33%, кормандони соҳаи тандурустӣ ва рушди иҷтимоӣ – 25%, маориф – 20% ва 22,% – дигарро кормандони хадамоти иҷро ва дигар соҳаҳое ташкил намудаанд, ки вазифаҳои фаврӣ – оперативиро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷро менамуданд [10,с.7]. Аксар вақт одамон барои пора дар ҳаҷми 1–2 ҳазор сомон, баъзан ҳатто камтар аз ин ба курсии айбдоршаванда нишаста буданд. Дар зиёда аз сад ҳолат, маблағи пора аз панҷсад сомон зиёд набуд.

Бояд қайд намоем, ки асоси гирифтани пораро додани пора ташкил медиҳад, яъне додани пора сарчашмаи гирифтани пора мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳам барои порадиҳанда ва ҳам барои порагиранда ҷазо баробар татбиқ карда шавад ва бовар дорем, ки амалӣ гардидани он дар қонунгузории кишвар нақши калидӣ мебозад.

Ба ақидаи профессор Н.И. Гетман, "тағйироти пай дар пай дар тамоми маҷмуи заминаи қонунгузорӣ дар иқтисодиёт боиси номутобиқати ҳуқуқӣ шудааст. Дар як қатор ҳолатҳо, муносибатҳои иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ҳанӯз ҳам меъёрҳои давраи шуравиро идора мекунанд. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани механизми самарабахши татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, хусусияти декларативии онҳо боиси аномия- беамалии қонун мегардад" [2,с.54].

Назорати иҷрои қонунҳо ва қарорҳои ҳукумат дар муқовимат бо коррупсия нақши муҳим мебозад. Аксар вақт ҳама чиз бо таҳия ва қабули қонунҳо маҳдуд мешавад ва ба назорати иҷрои амалии онҳо диққати зарурӣ дода намешавад. Коррупсия на танҳо риоя накардани қонунҳо, балки аз сабаби камбудиҳо дар қонунгузорӣ ва номукаммалии он шуда метавонад. Одатан қонунгузорӣ дар давраи буҳронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ заиф аст.

Ҳуқуқшинос Аглямова Г.М. чунин қайд менамояд: "Набудани танзими зарурии ҳуқуқии рушди муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, суст шудани назорати иҷтимоии фаъолияти иқтисодӣ боиси афзоиши тамоюлҳои коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад" [1,с.43]. Ин намуди робитаи қонунгузорӣ бо коррупсия ба равандҳои объективии иҷтимоӣ–сиёсӣ вобаста аст.

Намуди дигари муносибати байни ин падидаҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ барои муҷозоти ин зуҳуроти манфии иҷтимоӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ меъёрҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки дар ибтидо татбиқнашаванда ва баъдан дар таҷриба ғайри қобили амал мебошанд. Барои ин якчанд маротиба такмил ёфтани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гирифтан ва додани пора, инчунин иғвои порагирӣ мисол шуда метавонад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 15 марти соли 2016 таҳти №1274, ба Кодекси мазкур тағйиру илова ворид карда шуд. Мувофиқи он дар моддаҳои 319, 320 ва 321 Кодекс

ҷазо дар намуди ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ гардид ва баъди татбиқ намудани он сатҳи содиршавии ин ҷиноятҳо рӯ ба афзоиш ниҳод.

Таҷриба нишон дод, ки ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима барои содир намудани ҷинояти гирифтани пора, додани пора ва иғвои порадиҳӣ чораи таъсиррасонии натиҷабахш набуда, барои кам намудани сатҳи содиршавии чунин ҷиноятҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Чунончи, аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки соли 2016 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ бо моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 58 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 78 нафар баррасӣ гардида, аз ин шумора нисбат ба 21 нафар (26,9%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 20 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 7 нафар (35%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин шудааст. Бо моддаи 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ҷазо дар намуди ҷарима татбиқ карда нашудааст.

Соли 2017 бошад, аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ бо моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 90 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 26 нафар (28,8%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 22 нафар баррасӣ гардида, нисбат ба 8 нафар (36,3%) ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда шудааст. Бо моддаи 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 3 нафар баррасӣ гардида, ҷазо дар намуди ҷарима таъин карда нашудааст [8,с.2].

Бо назардошти афзудани чунин ҷиноятҳо ва мутобиқ гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботи тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истанбулии шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР) дар мавриди пурзӯр намудани ҷазо нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин аз байн бурдани ҷазои алтернативӣ оид ба ҷинояти гирифтани пора, додани пора ва иғвои порадиҳӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла, аз банди 2 тавсияи 16 нақшаи мазкур (иқдоми минтақавии СҲИР) аз 14 сентябри соли 2017 бармеояд, ки «ҷиноятҳои коррупсионӣ (моддаҳои 319–320 – гирифтан ва додани пора дар назар аст) бояд аз номгӯйи ҷиноятҳое, ки бо онҳо суд метавонад ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабударо таъин намояд, хориҷ карда шуд. Муҳтавои ин тавсия тақозо менамояд, ки ба ин гурӯҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ ба сифати ҷазои асосӣ ғайр аз маҳрум сохтан аз озодӣ, дигар намуди ҷазо татбиқ карда нашавад.

Бинобар ин, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 июни соли 2018 таҳти №1124 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Дар ҳамин асос бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ аз қисмҳои 3 ва 4 моддаи 319, қисми 2 моддаи 320 ва моддаи 321 Кодекси ҷиноятӣ ҷазои асосӣ дар намуди ҷарима хориҷ карда шуд.

Инчунин, бо мақсади ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои таснифкунандаи ҷинояти гирифтани пора, аломати таснифкунанда «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» аз қисми 4 ба қисми 3 моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Қабули чунин меъёрҳо дар қонунгузорӣ муқовимат бо ҷинояткориро фароҳам оварда, дар назди қонун падидаҳои манфии коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ ва дигар амалҳои мансабдоронро бартараф менамояд.

Бо ишора ба тавсеаи омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гуфта мешавад, ки то кунун ҳеҷ кишваре дар мубориза бо ин падидаи номатлуб пурра муваффақ нашудааст. Мусаллам аст, ки дар чунин ҳол вусъати ин падидаи номатлуб дар рушди иқтисоди кишварҳо бетаъсир нахоҳад буд.

Сиёсати пешгирифтаи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз давраҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар маншаъ гирифта, бо дарки хавфи баланд доштани коррупсия Тоҷикистон дар миқёси давлатҳои Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»–ро қабул намуд [5]. Минбаъд вобаста ба зарурият ва мутобиқати қонунгузории соҳавӣ ба талаботи Эъломияи СММ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди

коррупсия» [5] ва соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қабул гардид [6].

Қонунҳои мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатиро фаро гирифта, чораҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар намудаанд.

Қонунгузории соҳаи коррупсия хусусияти маҷмуӣ дорад. Яъне, асосҳои ҳуқуқии коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориҳои ҷорӣ арзёбӣ гардидааст. Дар ин самт зери сиёсати пайгиронаи зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои давлатие ба тасвиб расиданд, ки татбиқи онҳо ба ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шаҳрвандон нақши бориз гузоштааст.

Чунончи, «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз ҷумлаи он барномаҳои давлатие махсуб меёбанд, ки кафолати ноил гардидан дар муборизаи дастаҷамъонаро зидди ин зуҳуроти номатлуб таъмин намуда, сиёсати зиддикоррупсионии кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф намуд [13].

Дар баробари ин, ҷиҳати инкишоф ёфтани шаклҳои нави ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияҳои давлатӣ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ва паҳншавии ҷиноятҳои коррупсионӣ [12] ва баланд бардоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ қабул гардид.

Ба андешаи мо, санадҳои ҳуқуқии зиддикоррупсионии қабулгардидаи болозикр дар ҳолате эҳтирому нуфуз пайдо менамоянд, ки барои бечуну чаро иҷро гардидани онҳо ҳама саҳм гузоранд. Аз тарафи дигар ин санадҳо бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеаро дар бар гиранд [9].

Дар қонунҳои зиддикоррупсионии соҳавии солҳои 1999, 2005 ва 2020 қабулгардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгарӣ муқаррар карда шуда, аммо феҳристи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар он мушаххас карда нашудааст.

Ғайр аз ин, мафҳумҳои ду қонуни аввал, яъне солҳои 1999 ва 2005 баҳсҳои зиёди ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, дар қонуни охирин, ки соли 2020 қабул карда шуд, мафҳуми коррупсия сода ва оммафаҳм дар шакли зайл пешбинӣ гардидааст: “Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ” [6,с.1].

Дар Қонуни мазкур ибораи “мубориза ба коррупсия” ба ибораи “муқовимат ба коррупсия” иваз карда шуда, он фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсияро дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсияро дар бар мегирад.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», номгӯйи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ҷавобгарӣ ба он дар боби чоруми он пешбинӣ шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар моддаҳои 24 ва 25 Қонуни мазкур ҳуқуқвайронкуниҳое, ки хусусияти коррупсионӣ доранду боиси ба ҷавобгарии интизомӣ ё маъмурӣ кашидани шахс мегарданд, аз рӯйи хусусият ва дараҷаи ба ҷомеа хавфнокиашон бо қонунгузории меҳнат, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Аммо ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар Қонун мушаххас пешбинӣ нашуда, қонунгузор чораҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсияро ба зиммаи субъектҳои муқовимат ба коррупсия ҳавола кардааст.

Субъектони бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва ваколатҳои онҳо дар моддаҳои 8 ва 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" пешбинӣ гардида, фаъолияти онҳо бо роҳи андешидани чораҳои пешгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд амалӣ карда мешавад, ки чунин кирдорҳо дар меъёрҳои алоҳидаи қисми махусуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии ҳуқуқие эътироф мешавад, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро муайян менамояд. Дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муҳимми ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда бо ифодаи онҳо дар фаслу бобҳо муқаррар гардидаанд. Аммо мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва таснифи онҳо дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" пешбинӣ нагардидааст.

Мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25–уми июли соли 2005, №100 қаблан оварда шуда буд, ки тибқи он ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешуданд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаанд.

Ҷиноятҳои коррупсионӣ аслан тибқи "Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №414 тасдиқ гардида буд, амал менамуд. Минбаъд аз 25 октябри соли 2022, №506 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд" тасдиқ гардид, ки он аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд.

Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қоидаҳои таҳия ва пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурории амалисозӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии муроҷиатҳо ва маълумот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияҳои шахсони чунин ҷиноятҳоро содирнамуда, натиҷаи баррасии судии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияҳои шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва пешбурди ҳисоботи омории ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва феҳристи чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян менамояд.

Тартиби мазкур ба ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ва мадании ба коррупсия алоқаманд татбиқ намегардад.

Тибқи тартиби мазкур субъектҳои баҳисобгирандаи ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта Агентии зидди коррупсия, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ ва мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумрук, судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлате, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати ошкор намудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидоштаро доранд, шуда метавонанд [16].

Чи тавре дар боло қайд намудем, оид ба феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда мавҷуд нест. Ин ҷиноятҳо дар таркиби фаслу бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Муайян намудани доираи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас анҷом дода мешавад. Ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта моддаҳои алоҳидаи бобҳои 26, 27, 30, 32 ва 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Дар моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки ба тобеияти тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 номгӯйи ҷиноятҳо вобаста мебошанд, ки онҳо ҳамчун хусусияти коррупсиондошта эътироф шуда, бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд.

Банди 7, моддаи 161-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятиро муқаррар кардааст. Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки дар моддаи 245 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4, моддаҳои 246, 247 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4, ба шарте, ки ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, моддаҳои 257, 258, 259, $259^1$, 260, $260^1$, 261, 262, 264, агар ин кирдор аз ҷониби роҳбари корхона, муассиса ва ташкилоти дигар қатъи назар аз шакли моликият содир шуда бошад, моддаҳои 265, 268, 269, 270, 271, моддаи 273 қисми 3 банди «в», ба шарте ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошад, моддаҳои 274, 278, 279, 280, 287, моддаи 289 қисми 3 банди «б», агар ин кирдор бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир шуда бошад, қисми 4, агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад, моддаи 291 қисми 2 банди «б», моддаҳои 292, 293, 295, 296, 314 - 317, агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд, моддаҳои 318 - 321, 323 - 327, $338^1$, $340^1$, 345 қисми 3, агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир шуда бошанд, моддаҳои 348, 349, 359 қисмҳои 2 ва 3, ба шарте ки ин кирдорҳо аз ҷониби субъекти ҷинояти хусусияти коррупсионидошта содир шуда бошанд, моддаҳои 360, 363 ва 391, агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад.

Тафтиши пешакии парвандаҳо дар ҳаққи судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (аз ҷумла кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия), оид ба ҷиноятҳое, ки дар ҳамин қисм пешбинӣ шудаанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад.

Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дигар пешбининамуда дар моддаҳои 143 - 164, 244 – 297 - и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тафтиши парванда оид ба ҷиноятҳои дар қисми 7 моддаи мазкур пешбинигардида алоқаманд мебошанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад [4,с.24].

Зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳисобот дохилкунии онҳо бояд мавқеи мансабии шахс, ваколатҳои ӯ, амалҳои ғайриқонунӣ иҷронамудаи ӯ ба манфиати худ ва дигарон, инчунин аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ дошта ба назар гирифта шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки баъзе ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз ҷумла: "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ" (моддаи 316), "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор" (моддаи 317), "Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар" (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359) ва "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" (моддаи 360) дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, на ҳамеша хусусияти коррупсионӣ дошта метавонанд.

Хулоса, аз омӯзиши таърихи ташаккули қонунгузорӣ дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бармеояд, ки инкишоф ва ташаккули соҳаи қонунгузорӣ дар ин самт аз давраҳои шуравӣ оғоз гардидааст. Вобаста ба ин пайгирӣ намудани зинаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷолиб ва ҳам зарур

мебошад. Дар ин замина зарур аст, ки санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва салоҳияти шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар самти муқовимат бо коррупсия мушаххас ва мукаммал гардонида шаванд.

Дар қонунҳои амалкунандаи зиддикоррупсионӣ бояд стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда ҷорӣ карда шаванд.

Барои паст намудан ва ё коҳиш додани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ номукаммалии бархе аз меъёрҳои қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти шумораи зиёди камбудиҳо ва бархӯрдҳо дар он, имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботи аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ бозбинӣ карда шаванд.

**Мукарриз: н.и.ҳ., полковники милитсия**
**Академияи ВКД ҶТ - Қосимов Ф.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Аглямова Г.М. Виктимологические аспекты предупреждения коррупционной преступности в сфере местного самоуправления / Г.М. Аглямова // Бюллетень Удмурт. гос. ун–та. Сер.: Экономика и право. – 2012. -№4. -С.78.
2. Гетман Н.И. Преодоление коррупции: проблемы активизации гражданского общества / Н.И. Гетман, В.Д. Кузнечевский // Преодоление коррупции – главное условие утверждения правового государства: межведом. науч. сб. – М., 2009. -С. 482.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. С. 60. [Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат): 01.11.2023.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо коррупсия" аз 10 июли соли 2005, №100
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 [Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат 16.08.2020).
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд" аз 25 октябри соли 2022, №506.
8. Нашрияи МОҶТ «Садои мардум» аз 04.08.2018, таҳти №94 (3888) Иҷлосияи шонздаҳуми МмМО ҶТ даъвати панҷум. «Минбаъд ба порадиҳандагон ҷарима не, балки ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ татбиқ мешавад».
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2007. [Манбаи электронӣ]. URL: httr: // www.Resident. tj (санаи мурочиат: 22.04.2024).
10. Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия барои давраи то соли 2030 аз 15 августи 2020, таҳти №1504.
11. Уголовный кодекс Таджикской ССР от 9 мая 1935 г. – С. 36.
12. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028» аз 06 феврали соли 2018, №1005. [Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.11.2020).
13. Шарифзода Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; рисолаи илмӣ. - Душанбе, 2022. -С. 227.


## СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ОИД БА КИРДОРҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА РАВАНДИ ТАНЗИМИ ОНҲО


Дар мақолаи мазкур сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан, навъҳои ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ва танзими ҳуқуқии онҳо баррасӣ шудаанд. Мақсади сиёсати ҳуқуқӣ такмили усул, чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, пешгирии самаранок, ошкор ва бартараф кардани коррупсия маҳсуб мееёбад. Аз омӯзиши таърихи ташаккули қонунгузорӣ дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бармеояд, ки инкишоф ва ташаккули соҳаи қонунгузорӣ дар ин самт аз давраҳои шуравӣ оғоз гардидааст. Вобаста ба ин пайгирӣ намудани зинаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷолиб ва ҳам зарур мебошад. Дар ин замина зарур аст, ки санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва салоҳияти шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар самти муқовимат бо коррупсия мушаххас ва мукаммал гардонида шаванд. Барои паст намудан ва ё коҳиш додани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ номукаммалии бархе аз меъёрҳои қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти шумораи зиёди камбудиҳо ва бархӯрдҳо дар он, имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ,

муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботи аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ бозбинӣ карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ, маблағҳои давлатӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан, ҳуқуқвайронкуниҳо, тартиби баҳисобгирӣ, санадҳои қонунгузорӣ.

## УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА В ОТНОШЕНИИ КОРРУПЦИОННЫХ ДЕЯНИЙ И ПРОЦЕССА ИХ РЕГУЛИРОВАНИЯ

В статье освещена правовая политика государства в направлении уголовной ответственности за предупреждение, раскрытие, виды преступлений, связанных с коррупцией, и их правовое регулирование. Ее цель – совершенствование методики, комплекса организационно-правовых, социально-экономических мер, эффективного предотвращения, выявления и ликвидации коррупции. Из изучения истории становления законодательства об уголовной ответственности за коррупционные преступления выясняется, что развитие и формирование области законодательства в этом направлении началось еще в советский период. Исходя из этого интересно и необходимо проследить основные этапы формирования ответственности за коррупционные преступления. В связи с этим необходимо уточнить и дополнить антикоррупционные нормативно-правовые документы и полномочия государственных должностных лиц и приравненных к ним лиц в направлении противодействия коррупции. В целях снижения или снижения уровня коррупционных преступлений, несовершенства некоторых антикоррупционных законодательств Республики Таджикистан, наличия в нем большого количества недостатков и противоречий, широкой возможности разработки ведомственных и местных правил, определение широких полномочий, отсутствие соответствующих административных процедур, чрезмерные требования к лицам, которые должны чаще пересматриваться для реализации своих прав.

**Ключевые слова:** политика, коррупция, скрытая экономика, государственные средства, правовая основа, предупреждение, выявление, раскрытие, нарушение, порядок учета, законодательные акты.

## CRIMINAL LAW POLICY REGARDING CORRUPTION ACTS AND THE PROCESS OF THEIR REGULATION

The article highlights the legal policy of the state in the direction of criminal liability for prevention, detection, detection, types of crimes related to corruption, and legal regulation. Its goal is to improve the methodology, complex of organizational, legal, socio-economic measures, effective prevention, detection and elimination of corruption. From the study of the history of the formation of legislation on criminal liability for corruption crimes, it turns out that the development and formation of the field of legislation in this direction began in the Soviet period. Based on this, it is interesting and necessary to trace the main stages of the formation of liability for corruption crimes. In this regard, it is necessary to clarify and supplement anti-corruption regulatory legal documents and the powers of public officials and persons equivalent to them in the direction of combating corruption. In order to reduce or reduce the level of corruption crimes, the imperfection of some anti-corruption legislation of the Republic of Tajikistan, the presence of a large number of shortcomings and contradictions in it, a wide possibility of developing departmental and local rules, the definition of broad powers, the lack of appropriate administrative procedures, excessive requirements for persons who must be reviewed more often to exercise their rights.

**Keywords:** politics, corruption, hidden economy, public funds, legal basis, prevention, identification, disclosure, violations, accounting procedures, legislative acts.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шарифзода Шарифбек*** - Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи Ташкили идоракунӣ фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети якум. ***С*урога:** 734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кучаи М. Мастонгулов, 3. Телефон:**(+992) 938870707**

**Сведения об авторе: *Шарифзода Шарифбек*** - Академия МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры организации управления правоохранительной деятельности первого факультета. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3. Телефон**::(+992) 938870707**

**Information about the author: *Sharifzoda Sharifbek*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Senior Lecturer at the Department of Organization of Management and Law Enforcement Activities of the First Faculty. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastongulov street, 3. Phone**: (+992) 938870707**

ТДУ: 347.2/.3(575.3)

# НИГОҲЕ БА ҲУҚУҚИ МЕРОС ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Назарализода Н.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инсоният аз лаҳзаи пайдоиши худ ба мерос ва муносибатҳои меросӣ алоқаманд буда, ҳамеша ба он эҳтиёҷ дошт. Дар ҳар давру замон ба мерос муносибатҳо гуногун буд, аммо моҳиятан дар ҳамаи он гузариши молу мулк аз як шахс ба шахси дигар дида мешуд [1; 7].

Ҳуқуқи мерос ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ давраҳои гуногуни ташаккул ва инкишофро аз сар гузаронидааст. Дар сарзамини таърихии тоҷикон ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи меросро ба се давра ҷудо намудан мумкин аст:

1. давраи тоинқилобӣ;
2. давраи шуравӣ;
3. даврони Истиқлолияти давлатӣ.

Дар давраи тоинқилобӣ муносибатҳои меросӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба танзим даровarda мешуданд. Дар ин давра муносибатҳои меросӣ хусусиятҳои худро дошта, гузариши молу мулк дар он хеле маҳдуд буда, на ҳамаи талаботе, ки дар муносибатҳои меросӣ айни замон дида мешаванд, дар он замон ба танзим даровarda мешуданд [9]. Пас аз инқилоб дар ҳудуди Тоҷикистон оилаи ҳуқуқии нав, ҳуқуқи романӣ-олмонӣ паҳн шуд, ки дар он муносибатҳои меросӣ пурра бо шакли нав ба танзим даровarda шуданд. Оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, ки то ҳол дар ҳудуди Тоҷикистон ин оилаи ҳуқуқӣ амал мекунад, дар такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқ ба меросро ба танзим медарорад. Аммо новобаста аз он ки ба ин шакли мукаммали оилаи ҳуқуқӣ ворид шуданд, муносибатҳои меросӣ дар Тоҷикистон дар он давра ба шакли зарурӣ инкишоф наёфтанд. Зеро дар даврони Ҳокимияти шуравӣ моликияти хусусӣ мавҷуд набуд ва гузариши ин шакли моликият тавассути мерос ғайриимкон буд. Кодекси граждании Тоҷикистон соли 1964 ҳуқуқи давлатиро нисбат ба ҳуқуқи инсон афзалтар мешуморид ва бартарии моликияти давлатӣ бар хусусӣ пурра дида мешуд. Бинобар ин, қонуни мазкур муносибатҳои меросиро дар сатҳи зарурӣ ба танзим даровarda натавонист, зеро бештари объектҳо ба молу мулки меросӣ, махсусан молумулки шахс дохил намешуд ва чун ҳамеша бартарият ба моликияти давлатӣ дода мешуд. Аз ин рӯ, масъалаҳои моликияти хусусӣ, махсусан мерос аз танзими ҳуқуқӣ ва омӯзишу таҳқиқоти олимону мутафаккирони соҳаи ҳуқуқи граждантӣ берун монданд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меросӣ дар шаклҳои гуногун вуҷуд доштанд. Аммо аз замони истиқлоли давлатиро ба даст овардан муносибатҳои меросӣ ва ҳуқуқи мерос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои навро ба даст оварданд.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва тақсим шудани он ба давлатҳои мустақил асосҳои сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлатҳо ба таври назарас тағйир ёфт. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона таъсис ёфта, дар Эъломияи истиқлолияти худ, ки 24-уми августи соли 1991 қабул гардида буд, махсус муқаррар гардида буд, ки минбаъд Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр тамоми масъалаҳои дохилию хориҷиро мустақиман мавриди баррасӣ қарор дода, ҳал мекунад. Баъд аз пурра ба истиқлолияти давлатӣ ноил гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисодиёти нақшавӣ даст кашида, ба иқтисодиёти бозаргонӣ гузашт, ки ин ба пайдо шудани моликияти хусусӣ мусоидат намуд. Тоҷикистон ҳамчунин давлати ҳуқуқбунёд эътироф гардида, 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи худро қабул намуд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар моддаи 12 моликияти хусусӣ дар баробари дигар шаклҳои моликият эътироф гардид. Ҳамчунин, ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф карда, ҳуқуқ ба меросро ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ муқаррар намуд.

Мутобиқи моддаи 32-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Меъёри мазкур дар инкишофи ҳуқуқи меросӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузории мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон низ дар асоси меъёри номбурда ҳуқуқ ба меросро ба таври хеле васеъ муқаррар намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи нави инкишофи худ қарор дорад ва муносибатҳои ҳуқуқӣ рӯз ба рӯз инкишоф ёфта истодаанд. Шахс акнун метавонад, ки на танҳо молу мулки шахсӣ, балки молу мулки хусусиро ба даст орад. Аз ин рӯ, муносибатҳои меросӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ инкишоф ёфта истодаанд.

Айни замон тамоми намуди моликиятро ба мерос гузоштан мумкин аст. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими муносибатҳои ҳуқуқ ба мерос дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Шуруъ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 32 пешбинӣ намудааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад» [6].

Талаботи мазкур асос шудааст, ки шахс дорои тамоми моликият бошад ва онро ба мерос гузорад. Аммо барои пурра ба танзим даровардани масъалаи мазкур як талаботи моддаи 32 кифоя нест. Аз ин рӯ, қонунгузор танзими пурраи ҳуқуқ ба меросро тавассути қонуни алоҳида ба роҳ мондааст.

Баҳри устувор нигоҳ доштани қувваи амалӣ гардонидани меъёри Конститутсионии ҳуқуқи мерос, қонунгузор фасли алоҳидаро бо номи “Ҳуқуқи мерос” дар қисми 3 Кодекси маданӣ муқаррар намудааст.

Фасли VII-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқи мерос» номгузорӣ шуда, баъди дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст. Дар фасли мазкур муҳимтарин масъалаҳо оид ба меросу меросгирӣ ба таври пурра танзими гардидаанд. Қонунгузор чунин як фасли васеи Кодекси мазкурро такмил дода, ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи мерос равона намудааст. Фасли мазкур аз 5 боб ва 53 модда иборат буда, қариб тамоми паҳлуҳои муносибатҳои меросгузорию меросгириро ба таври хеле мукаммал танзим намудааст. Гарчанде баъзан норасоиву нуқсонҳо дар таркиби фасли номбурда ҷой дошта бошанд ҳам, вале дар таҷрибаи судӣ кам ба чашм мерасанд.

Инчунин, қонунгузор масъалаҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи меросро низ дар қисми 1 ва 2-и Кодекси мазкур аз қабили дар зерфасли 2-и фасли 1 ва фасли 8 муносибатҳое, ки қонунгузории маданӣ танзим менамояд ба таври хеле мукаммал танзим намудааст.

Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба мерос тавассути ҳуқуқи маданӣ амалӣ карда мешавад. Аммо то соли 2023 танзими ҳуқуқии он тавассути ҳуқуқи гражданӣ амалӣ карда мешуд. Ҳамзамон, ҳуқуқи мерос дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] пешбинӣ шудааст, то соли 2023 дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон* пурра танзим карда шуда буд.

Қонунгузор дар қисми 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро муқаррар намуда, дар моддаи 19 пешбинӣ намуда буд, ки шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ... молу мулкро мерос гирад ва васият кунад. Ҳамин талаботро қонунгузор дар моддаи 19 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин шакл такроран муқаррар намуд.

Талаботи мазкур дар ҳақиқат ба воқеият мутобиқат мекунад ва ин ҳуқуқро дар дигар шакл пешбинӣ намудан ё онро умуман пешбинӣ накардан, моҳиятан нодуруст аст. Дар ҳақиқат, пайдоиши мерос ба ин талабот вобастагӣ дорад. Аз даврони қадим мерос аслан бо муқаррароти ин ҳуқуқ алоқамандии зич дошт ва он ба ягон мушкилӣ ва мураккабӣ оварда намерасонад. Ба талаботи мазкур агар диққат диҳем, дар ҳақиқат он доираи васеи молу мулкро фаро гирифта, ба ҳуқуқҳои шахс тавъам мебошад.

Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки қонунгузор дар меъёри моддаи 19 Кодекси маданӣ нигоҳи нав намуда, дар он дигар калимаи «шаҳрванд»-ро пешбинӣ накарда, ба ҷойи он калимаи «шахси воқеӣ»-ро истифода намудааст. Ин дигаргунӣ ба талаботи ин ҳуқуқ мувофиқат мекунад, зеро калимаи «шаҳрванд» дар худ калимаи «шахсони бешаҳрванд» ё «шахсони бетабаа»-ро фаро намегирад.

---

* Бо қабул гардидани Кодекси мадании ҶТ аз 24.12.2022 № 1918 дар таҳрири нав Кодекси граждании ҶТ аз 1 июли соли 2023 аз эътибор соқит дониста шуд.

Аз ин бармеояд, ки шахси бешаҳрванд ё бетабаа наметавонист молу мулкро мерос гирад ва васият кунад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор ба масъалаи мерос нигоҳи навро пеш гирифта, ба баъзе мафҳумҳо дигаргуниҳоро ворид намуд. Аз ҷумла, қонунгузор аз мафҳуми «ворисӣ» даст кашид.

Дар қисми 1 моддаи 1138 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворисӣ гузариши ҳуқуқи амволӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба дигар шахс ё ашхос (ворисон) гузаштани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк вобастаи шахси фавтида (меросгузор) тибқи шартҳои ворисии ҳуқуқии универсалӣ эътироф мегардад. Мерос, агар аз қоидаҳои ҳамин фасл тартиби дигаре барнаояд, ҳамчун як маҷмуи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад.

Дар қисми 1 моддаи 1252 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меросгирӣ гузариши молу мулки шахси вафоткарда (меросгузор) ба шахс (шахсон)-и дигар – меросгир (меросгирон) бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ дар намуди бетағйир ҳамчун як маҷмуи том ва дар ҳамон як лаҳза мебошад, агар аз муқаррароти ҳамин Кодекс тартиби дигар барнаояд.

Дар ҳақиқат, истифодаи ворисӣ дар мафҳуми мерос худ як нофаҳмие буд, ки қонунгузор аз он даст кашид. Агар ба мафҳуми ин калима рӯ оварда шавад, пас маълум мешавад, ки дар зери ин мафҳум умумам дигар ҳолат инъикос карда шудааст. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ[10] дар зери мафҳуми калимаи “ворисӣ” “мансуб ба ворис; ирсӣ” пешбинӣ карда шудааст. Дар зери мафҳуми калимаи “ворис” дар ҳамин фарҳанг “он ки ба гирифтани мерос ҳақ дорад ва ё мероси касе ба ӯ расидааст, меросхӯр фаҳмида мешавад. Яъне, ҳам калимаи “ворисӣ” ва ҳам калимаи “ворис” ба шахс тааллуқ дошта, шахсиятеро нишон медиҳанд, ки ба гирифтани мерос ҳуқуқ дорад. Аммо худи мерос ва ҳуқуқ ба онро ин калима ифода карда наметавонад. Меросгирӣ раванд ё амале мебошад, ки ба он ворис ҳуқуқ дорад.

Дар баробари ин, қонунгузор гузариши молу мулки шахси вафоткарда (меросгузор) ба шахс (шахсон)-и дигарро пешбинӣ намуд, ки ин талабот низ тибқи тартиб ба роҳ монда шуд. Зеро ҳуқуқи амволӣ, ки дар моддаи 1138 истифода шудааст, дар қисми 1 Кодекси гражданӣ ин мафҳум истифода намешуд. Аз ин рӯ, истифодаи молу мулк дар моддаи 1225 Кодекси маданӣ тибқи талабот пешбинӣ шудааст.

Дар ҳуқуқи меросӣ ҷойи асосӣ ва марказиро мерос ташкил медиҳад ва ҳамаи дигар муносибатҳои меросӣ низ дар атрофи он ба вуҷуд меоянд. Агар мерос вуҷуд надошта бошад, пас гузариши он, яъне меросгирӣ (меросгирон) низ ҷой надорад. Аз ин маълум мешавад, ки мавҷудияти мафҳуми мерос ҳам имконпазир аст. Гарчанде агар мафҳуми мерос дар қонун дода нашуда бошад ҳам, вале дар илми ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос мафҳумҳои гуногуни мерос пешкаш гардидаанд. Масалан, олими рус Бондарева Н.И. зери мафҳуми мерос он ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси вафоткардаро мефаҳмад, ки баъди вафоти вай қатъ нагардида, ба дигар шахс мегузаранд [4,с.3]. Аммо дар байни онҳо се мафҳуми зерин аз ҳама бештар қобили қабул дониста шудаанд:

1) Мерос гуфта, чизеро меноманд, ки баъди марг бо тартиби ворисии ҳуқуқӣ аз меросгузор ба ворис мегузарад.

2) Мерос гуфта, амволеро меноманд, ки баъд аз марг бо тартиби ворисии ҳуқуқӣ аз меросгузор ба ворис мегузарад.

3) Дар баробари таърифҳои дар боло додашудаи мерос мафҳуми бештар эътирофшуда 213ув а213аст: зери мафҳуми мерос маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои амволиеро мефаҳманд, ки баъд аз марг бо тартиби ворисии ҳуқуқӣ аз меросгузор ба ворис мегузарад.

Меросгирӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ мебошад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шудааст. Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо дигар қонунҳои кишвар муносибатҳои меросиро вобаста ба характеру хусусиятҳои предметҳое, ки доир ба онҳо муносибатҳои мазкур ба вуҷуд меоянд, ба танзим медароранд. Беҳуда нест, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати қисме аз объектҳои ҳуқуқи маданӣ раванди махсуси ҳуқуқӣ муқаррар намудааст. Дар ҷараёни меросгирӣ низ ин 213ув а объектҳо аҳаммияти муҳим доранд. Дар рафти

омӯзиши мавзуъ ба мо маълум гардид, ки ба объектҳои зерин кадом объектҳо дохил шуда метавонанд.

Бояд қайд кард, ки бо назардошти пешрафту тараққиёти соҳаҳои ҳаёти инсонӣ рӯз аз рӯз молу ашёҳои нав ба вуҷуд омада истодаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як чизи наверо, ки дар ҳаёти инсон пайдо мегардаду мавриди истифода қарор мегирад, танзим менамояд. Аз ин лиҳоз, дар айни замон мо ба меросгирии намудҳои объектҳое, ки мавриди таҳлил қарор дода гузаштем, маҳдуд шуда наметавонем. Мувофиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи он чизе, ки ба молу мулки меросгузор тааллуқ дорад, метавонад мавриди меросгузорӣ қарор гирад, ба шарте ки агар аз муқаррароти Кодекси мазкур ва қонунҳои дигар тартиби дигар барнаояд. Ин чунин маъно дорад, ки номгӯйи молу мулки мавриди меросбандӣ қарор мегирифта бешумор аст. Мақсад аз омӯзишу таҳлили мавзуи меросгирӣ муайян намудани тартиби ҳуқуқии ба мерос гузаштани муҳимтарин ва рӯзмарратарин объектҳо мебошад, ки бо вижагиҳояшон аз дигар молу мулки меросӣ фарқ мекунанд.

Тавре дар ҷараёни омӯзиши мавзуъ ба мо маълум гардид, меросгирии манзили истиқоматӣ имрӯз қариб ки анъана гардидааст. Чунки манзили истиқоматӣ аз ҷумлаи он объектҳоест, ки бо умри 214ув а аз он зиёди насли одам мавҷудият мекунад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рӯз то рӯз қоидаю тартиби навро оид ба меросгирии манзили истиқоматӣ муқаррар намуда истодааст. Агар ба таърих назар афканем, манзили истиқоматӣ аз давраи пайдоиши муносибатҳои меросӣ то кунун ҳамчун объекти меросгузорӣ арзи вуҷуд дорад. Аз ин хотир, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин объект низ раванди махсуси ҳуқуқӣ бахшида, соли 1997 ва соли 2022 дар таҳрири нав Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Дигар объекти меросӣ, ки дар шароити имрӯза баъзан душвориҳоро ба миён меорад, ин меросгирии ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин мебошад. Душвориовар аз он сабаб аст, ки замин моликияти истисноии давлат буда, шаҳрвандон наметавонанд ҳуқуқи моликиятиро нисбат ба он ба даст оранд. Ҳангоми меросгирӣ низ на худи замин, балки ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии он ба мерос мегузарад. Аз як тараф, меросгирии худи замин ва ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии замин қариб ки як маъниро доранд. Маҳдуд кардани он асосан ба хотири вайрон накардани таъиноти истифодаи замин мебошад.

Ҳам дар Кодекси граждании пешина ва ҳам дар Кодекси маданӣ ҳуқуқ ба мерос ҳамчун гузариши ҳуқуқи универсалӣ ё умумӣ пешбинӣ шудааст, ки онро олимон низ дастгирӣ намудаанд.

Мерос гузариши универсиалии ҳуқуқ бо иштирок ва дар тарафи шахси фавтидаи ҳуқуқдиҳанда мебошад. Бо мерос ивазшавии дорандаи ҳуқуқ ва гузариши ҳуқуқ (аз ҷумла, ивазшавии молик ва гузариши ҳуқуқи моликият) ба вуҷуд меояд [5,с.50-51].

Чунин ақида аз тарафи дигар олимон низ дастгирӣ карда шудааст [11,с.3-4].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилҳои дар боло гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқи мерос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст:

1. то замони шуравӣ;
2. замони шуравӣ;
3. давраи муосир.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Қурбонализода Н.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Барщевский, М.Ю. Наследственное право: Учеб. пособие / М.Ю. Барщевский. -2-е изд., испр. и доп. –М.: Белые альвы: МП «Исток», 1996. -182 с.
4. Бондарева Н.И. О праве на наследство и иго оформлении / Н.И. Бондарева, Э.Б. Эйдинова. -М. Юрид. лит. 1975. -С. 3.
5. Гражданское право: В 2 т. Под ред. Е.А. Суханова. -М., 2005. – Т.3 – С. 50-51.
6. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 майя 2016 г. (на таджикском, русском и английском языках). – Душанбе, 2016. -86 с.
7. Максина С.В. Наследственное право: учебное пособие / С.В. Максина, Е.А. Низамова. -Санкт-Петербург: СПбГАУ, 2018. – 63 с.
8. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, 1918.

9. Сюкияйнен Л.Р. Мусульманское право: вопросы теории и практики / Л.Р. Сюкияйнен; АН СССР, Ин-т государства и права. –М.: Наука, 1986. - 254 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ч. -Ҷ. 1. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода ва дигарон. –Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ – 2008. -950 с.
11. Эйдинова Э.Б. Наследование по закону и завещанию / Э.Б. Эйдинова. -М.: Юридическая литература, 1985. -С.3-4.

## НИГОҲЕ БА ҲУҚУҚИ МЕРОС ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба баррасии ҳуқуқи мерос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Инсоният аз лаҳзаи пайдоиши худ ба мерос ва муносибатҳои меросӣ алоқаманд буда, ҳамеша ба он эҳтиёҷ дошт. Дар ҳар давру замон ба мерос муносибатҳо гуногун буд, аммо моҳиятан дар ҳамаи он гузариши молу мулк аз як шахс ба шахси дигар дида мешуд. Ҳуқуқи мерос ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ давраҳои гуногуни ташаккул ва инкишофро аз сар гузаронидааст. Дар сарзамини таърихии тоҷикон ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи меросро ба се давра ҷудо намудан мумкин аст: давраи тоинқилобӣ, давраи шуравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатӣ. Бояд қайд кард, ки бо назардошти пешрафту тараққиёти соҳаҳои ҳаёти инсонӣ рӯз аз рӯз молу ашёҳои нав ба вуҷуд омада истодаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як чизи наверо, ки дар ҳаёти инсон пайдо мегардаду мавриди истифода қарор мегирад, танзим менамояд. Аз ин лиҳоз, дар айни замон мо ба меросгирии намудҳои объектҳое, ки мавриди таҳлил қарор дода гузаштем, маҳдуд шуда наметавонем. Мувофиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи он чизе, ки ба молу мулки меросгузор тааллуқ дорад, метавонад мавриди меросгузорӣ қарор гирад, ба шарте ки агар аз муқаррароти Кодекси мазкур ва қонунҳои дигар тартиби дигар барнаояд. Ин чунин маъно дорад, ки номгӯйи молу мулки мавриди меросбандӣ қарор мегирифта бешумор аст. Мақсад аз омӯзишу таҳлили мавзуи меросгирӣ муайян намудани тартиби ҳуқуқии ба мерос гузаштани муҳимтарин ва рӯзмарратарин объектҳо мебошад, ки бо вижагиҳояшон аз дигар молу мулки меросӣ фарқ мекунанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи мерос, ташаккул ва рушди ҳуқуқи мерос, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуи мерос.

## ВЗГЛЯД НА ПРАВА НАСЛЕДСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена рассмотрению прав наследования в Республике Таджикистан. Человечество было связано с наследием и отношениями с наследием с момента его зарождения и всегда нуждалось в нем. В каждую эпоху существовали разные подходы к наследованию, но по сути во всех них рассматривалась передача имущества от одного человека к другому. Право наследования как явление культурного права переживало разные периоды становления и развития. На исторической земле таджиков становление и развитие права наследования можно разделить на три периода: дореволюционный период, советский период и период государственной независимости. Следует отметить, что с учетом прогресса и развития сфер человеческой жизни изо дня в день создаются новые товары и предметы. Законодательство Республики Таджикистан регулирует каждую новую вещь, которая появляется в жизни человека и используется. С этой точки зрения на данный момент мы не можем ограничиваться наследованием тех типов объектов, которые мы проанализировали. Согласно гражданскому законодательству Республики Таджикистан все, что принадлежит имуществу наследника, может подлежать наследству, если иное не установлено положениями настоящего Кодекса и других законов. Это значит, что список имущества, подлежащего наследованию, бесконечен. Целью изучения и анализа предмета наследования является определение юридического порядка наследования наиболее важных и бытовых предметов, отличающихся от другого наследственного имущества по своим признакам.

**Ключевые слова**: право наследования, становление и развитие права наследования Законодательство Республики Таджикистан, предмет наследования.

## A LOOK AT INHERITANCE RIGHTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the consideration of inheritance rights in the Republic of Tajikistan. Mankind has been associated with heritage and relations with heritage since its inception and has always needed it. In each era, there were different approaches to inheritance, but in essence, all of them considered the transfer of property from one person to another. The right of inheritance as a phenomenon of cultural law has experienced different periods of formation and development. In the historical land of Tajiks, the formation and development of the right of inheritance can be divided into three periods: the pre-revolutionary period, the Soviet period and the period of state independence. It should be noted that, given the progress and development of spheres of human life, new goods and objects are created day after day. The legislation of the Republic of Tajikistan regulates every new thing that appears in a person's life and is used. From this point of view, at the moment we cannot limit ourselves to the inheritance of those types of objects that we have analyzed. According to the civil legislation of the Republic of Tajikistan, everything that belongs to the property of the heir may be subject to inheritance, unless otherwise established by the provisions of this Code and other laws. This means that the list of property subject to inheritance is endless. The purpose of studying and analyzing the subject of inheritance is to determine the legal order of inheritance of the most important and everyday items that differ from other inherited property in their characteristics.

**Keywords:** right of inheritance, formation and development of the right of inheritance Legislation of the Republic of Tajikistan, subject of inheritance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарализода Нуралишо Иброҳим*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи гражданӣ. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Назарализода Нуралишо Иброхим*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Nazaralizoda Nuralisho Ibrokhim*** - Tajik National University, applicant of the civil law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 341.9(575.3)

# ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН СОҲАИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард, ки соҳаҳои ҳуқуқ дар кишвар вобаста ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ташаккул ва рушд дода шаванд. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар ба замони истиқлолияти давлатӣ нисбат дода мешавад, гарчи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон таърихи қадима дошта бошад ҳам, баъди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқи кишвар мавқеи ҳуқуқии худро пайдо намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар ҷамъият торафт мураккаб гардида, танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, оилавӣ, муҳоҷират, иқтисоди хориҷӣ, сармоягузорӣ ва ғ. дар доираи низоми ҳуқуқии кишвар маҳдуд нагашта, балки дар танзими онҳо меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ нақши муҳим дорад. Чунин вазъ сабаб ва асоси пайдоиши соҳаи нави ҳуқуқро ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ тақозо дорад, ки он бояд дорои ном, мафҳум, усулҳо, низом, сарчашма, принсип ва мавқеи ҳуқуқӣ бошад. Аз ҳамин лиҳоз моро зарур аст, ки барои муайян кардани соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ адабиётҳои ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои онро таҳлил намоем. Зеро, илм ва амалия дар коркарди соҳаи мустақили ҳуқуқ нақши ҳалкунанда доранд.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ низ дар шароити муосир дар ҳоли рушд қарор доранд, ки чунин вазъ пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқро ба вуҷуд овардааст ва дар ин бахш нақши ҳуқуқ бо унсури хориҷӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи асосӣ дорад, зеро муносибатҳои ҷамъиятии гуногунҷанбаро танзим ва ҳифз менамояд. Вазифаи асосии ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, предмет ва усулҳои соҳаи ҳуқуқ ин ба амал баровардан, ё ин ки дар амал татбиқ кардани зуҳуроти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ҳифз кардан аст.

Чуноне ки профессор Р.Ш. Сотиволдиев қайд менамояд, “низоми ҳуқуқ зуҳроти таркибӣ буда, мисли дигар низомҳои иҷтимоӣ аз воҳидҳои таркибӣ иборат аст. Унсурҳои таркибии низоми ҳуқуқ – меъёрҳои ҳуқуқ, институтҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои ҳуқуқ мебошанд” [11]. Гуфтан бамаврид аст, ки ҳар як соҳаи ҳуқуқ бо як қатор хусусиятҳои ба худ хос предмети танзими худро доро мебошад.

Донишмандони тоҷик, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Менглиев, Н. Шонасриддинов, Ф.М. Нодиров, Р.Б. Бозоров ва Ф.С. Сулаймонов нуктаи назари хешро вобаста ба соҳаи ҳуқуқ иброз намудаанд. Онҳо аз ҷумла қайд менамоянд, ки вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити имрӯза соҳаҳои ҳуқуқ (чи соҳаи мустақил ё соҳаи комплексӣ ва ё ин ки низоми мустақили ҳуқуқ), ба монанди ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи манзил [6,с.7], ҳуқуқи корпоративӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ [14,с.32], ҳуқуқи шартномавӣ, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи сайёҳӣ [12,с.9], ҳуқуқи сармоягузорӣ [3,с.11], ҳуқуқи рақобат [13], ҳуқуқи молиявӣ [5,с.23], ҳуқуқи энергетикӣ, ҳуқуқи интеренетӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд ё мавқеи мустаҳкамро пайдо менамоянд [9,с.6] ва ё аз байн мераванд. Барои чунин соҳаи мустақил ё комплексии ҳуқуқро донистан, муттаҳид шудани падидаҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои якранги ҷамъиятиро ба танзим медароранд, предмет ва усулҳо бояд якранг бошанд.

Албатта, муносибатҳои ҷамъиятӣ мураккаб ва бо ҳам печида мебошанд, агар мавҷудияти соҳаи комплексиро эътироф намоем, соҳаи комплексӣ соҳаи мустақил набошад ҳам, соҳа дониста мешавад, чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ сарҳади байни ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусиро вайрон намуда, духӯрагии соҳаи ҳуқуқро дар низоми ҳуқуқ ифода менамояд. Аз ин рӯ, Ҳ.Р. Қодирқулов чунин қайд менамояд: “Мусаллам аст, ки предмети ҳар як соҳаи ҳуқуқ аз гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст

[10,с.21]. Предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусиро муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ташкил мекунанд, ки онҳо ба низоми мушаххас ё институтҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ такя намуда, табиати ҳуқуқии худро мустаҳкам мегардонанд.

И.В. Гетман-Павлова бошад, қайд менамояд, ки "ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ як навъи махсуси муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро фаро мегирад, ки ба ду ва зиёда тартиботи ҳуқуқии давлатҳо алоқамандӣ дошта бошад" [4,с.23]. Дар асоси қонуне, ки онҳоро дар шакли меъёри императивӣ ва диспозитивӣ ба тартиб дароварда шуда бошад ҳам, бо тарзу воситаҳои умумӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим дароварда, бевосита ба соҳаи дахлдори ҳуқуқ таъсири ҳуқуқии худро мерасонад. Дар ин радиф Л.П. Ануфриева чунин қайд менамояд: "Тавре аз муқарраротӣ умумии ҳуқуқ бармеояд, масъалаи танзими ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, танзими объект, меъёрҳо, принсипҳо ва сарчашмаҳои як соҳаи ҳуқуқ ишора ба соҳаи мустақили ҳуқуқ мекунад ва мавқеи соҳаи ҳуқуқро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад ва фарогирандаи муносибати муайяни ҷамъиятӣ мегардад" [1,с.86].

Р.Б. Морева чунин қайд менамояд: "Яке аз проблемаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзими васеи муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мебошад, ки бинобар ин, мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ амри зарурӣ мебошад. Дар ҳақиқат, набудани нуқтаи назари ягона доир ба соҳаи мустақили ҳуқуқ, табиати меъёрҳои ҳуқуқӣ, усулҳо, сарчашмаҳои ҳуқуқ ва низоми мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баҳсҳо идома доранд [8,с.42]. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки барои муҳокима кардани хусусиятҳои соҳаи мустақили ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқеро, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои танзимшаванда мутобиқат мекунанд, мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон баҳри муайян кардани мақоми ҳуқуқии онҳо паҳн мегардад. Мисол, дар асоси қисми 1 моддаи 1315 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи муайян кардани татбиқи ҳуқуқ нисбати шахсони воқеӣ дар чунин мазмун муқаррар гардидааст: "Қонуни шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар зиндагӣ мекунад. Агар инсон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад". Яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибати наздик ба масъалаҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии давлатҳои хориҷиро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки на ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ба предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ шомил мегарданд. Чунки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ навъи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Мисол, муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ навъи махсусе, ки дар асоси ҳамкории мутақобилаи байналмилалӣ ба вуҷуд омада бошанд ва ин муносибатҳо табиатан хосси предмети соҳаи мазкур бошанд.

Бо вуҷуди ин, дигар проблемаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба миён меоянд. Зеро ҳуқуқи байналмилалии хусусиро набояд мутобиқ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳаёти байналмилалӣ шакл диҳем, зеро хусусиятҳои соҳаи мустақили ҳуқуқ навъи махсуси муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки он муносибатҳои байналмилалии хусусие, ки сирф бо унсури хориҷии муносибатҳои хусусӣ дошта бошад: ба монанди: субъект-шаҳрванд ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад, объект дар хориҷи кишвар қарор дошта бошад ва факти ҳуқуқӣ дар хориҷи кишвар рух дода бошад, дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар кадом ҳолате ки набошад, табиати ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (унсури хориҷӣ таъсири худро ба табиати муносибаҳои маданӣ-ҳуқуқ мерасонад, зеро соҳаҳои дигари ҳуқуқро предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ташкил карда метавонад, навъи махсуси ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва ғайра, инчунин мумкин аст, ки дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ шарҳ дода шаванд.

Ш.М. Менглиев дар солҳои 90-уми асри гузашта яке аз аввалинҳо шуда ба тадқиқи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон шуруъ чунин намуда қайд намудааст: “Дар ҳама ҳолат иштирокчиёни ин муносибатҳо, шаҳрвандони хориҷӣ, ё ин ки шахсони ҳуқуқии хориҷӣ баромад мекунанд. Дар замони муосир талаботи зиёди шартномаҳо ё созишномаҳо байни шаҳрвандони давлати мо ва шаҳрвандони давлатҳои гуногуни хориҷӣ рӯ ба инкишоф доранд” [7,с.26].

Бояд гуфт, ки дар ҳама ҳолат ҳуқуқи мадании як давлат наметавонад, ҳамаи муносибатҳои хусусиро ба танзим дарорад, аз ҷумла муносибатҳои хусусие, ки бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷиро ба танзим дарорад, зеро ин муносибатҳо хосси танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошанд. Аз нигоҳи моҳият ва таъиноти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эҷоди нави муносибатҳои ҷамъиятӣ, бунёди ҷомеаи ҳуқуқӣ, эҷоди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ташаккули фазои ҳуқуқӣ ҳам барои шаҳрвандон ва ҳам барои шаҳрвандони хориҷӣ, таҳкими ҳамкории байналмилалии давлатро, дар назар дорад.

Предмети танзими ҳуқуқӣ шакли навъи муносибатҳои иҷтимоиест, ки он ба меъёрҳои соҳаи муайяни ҳуқуқ таъсир мерасонад. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ предмат ва усули танзимнамоии худро дорад, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ. Дар замони муосир яке аз як қатор проблемаҳои муҳим дар байни олимону муҳаққиқон таҳқиқнашуда ба ҳисоб мераванд. Мисол, ду хусусияти асосии предмети ҳуқуқи байналмилалии ҳусусӣ вуҷуд дорад: якум муносибатҳои иҷтимоие, ки бояд табиатан хусусиятҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ дошта бошанд ва дуюм, муносибатҳои ҷамъиятие, ки бояд табиатан хусусиятҳои муносибатҳои байналмилалиро дар худ дошта бошанд [2,с.18]. Вақте ки мо ба хусусиятҳои иҷтимоии предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ назар мекунем, мушоҳида менамоем, ки хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамаи хусусиятҳои ҳуқуқи хусусиро дар бар мегиранд.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсионӣ асос ёфта, дар маҷмуъ, пурра мазмуни ин соҳаи ҳуқуқро ташкил медиҳад. Яъне, дар таҳқиқоти олимон, чунин нуқтаи назар мушоҳида мегардад, ки заминаҳои асосии соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро меъёрҳои коллизионии муқаррар намудаи давлат ташкил менамояд ва ин меъёрҳо муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятиро бо унсури хориҷӣ ба миён оварда, бо ёрии меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсионӣ асоси соҳаи мазкурро ташкил менамоянд.

Соҳаи ҳуқуқ он муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки таъсири бевоситаи он оид ба мавқеи идоракунанда ва идорашавандаи табиати ҳуқуқии соҳаи мустақили ҳуқуқ равона гардида бошад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз чунин усулҳо иборат аст. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ усулҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсионӣ ба як низоми том ва мазмуни идоракунанда ва идорашавандаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ифода мекунанд ва мавқеи ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқро дар низоми ҳуқуқи миллӣ пурра мегардонанд.

Одатан ҳуқуқи байналмилалии хусусиро унсури хориҷӣ пурра мекунад, ки дар се мазмун шарҳ дода мешаванд: субъекти муносибатҳои мазкур шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бошад; объекти муносибатҳои моддӣ ва ғайримоддӣ дар хориҷи кишвар бошад; факти ҳуқуқӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ гардидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёнро дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар бар гирифта тавонад. Бояд қайд намуд, ки дар танҳоӣ як худи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои муайян кардани соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ шуда наметавонад. Зеро ҳар як соҳаи ҳуқуқ дорои предмети худ, усулҳои (методи) худ, сарчашмаҳои худ, низоми ва принсипҳои мустақили худ мебошад.

Пеш аз ҳама, зери мафҳуми усули танзими соҳаи мустақили ҳуқуқ, чунин усул фаҳмида мешавад: усулҳои танзими соҳаи мустақили ҳуқуқ гуфта маҷмуи тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқро меноманд, ки тавассути онҳо муносибатҳои муҳимми ҷамъиятие, ки предмети соҳаи мустақили ҳуқуқ фарогири муносибатҳои мазкур ба ҳисоб меравад, фаҳмида мешавад. Бояд усулҳои танзими ин ё он соҳаи мустақили ҳуқуқ алоқамандии зич

ба предмети он соҳа дошта бошад, табиатан дар якҷоягӣ бо ҳамдигар мувофиқ буда, муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим медароранд.

Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои байналмилалии хусусӣ барои бартараф кардани мухолифати усулҳо бештари вақт усули ғайридавлатӣ амал мекунад.

Дар ин маврид ду унсури асосие ҳаст, ки барои мустаҳкам намудани соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мусоидат мекунад:

1.унсури ташаккул додани идоракунии дохили меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, ки бо факти ҳуқуқӣ ифода меёбад;

2.унсури дигари он бошад, тартиботи дохилии хусусӣ-ҳуқуқӣ дар низоми алоҳидаи ҳуқуқ.

Аз ин рӯ, унсурҳои асосии соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ гуфта маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ба муносибатҳои ҷамъиятие меноманд, ки байни субъектони ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Ҳамин тариқ, аз тадқиқоти мавзуи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

1. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст, ки аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фаро гирифта мешавад ва онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

А) ба сифати меъёрҳои иҷтимоӣ баромад мекунад, он муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникӣ, урфу одат, ҷашну маросим, оила, ахлоқ, илм ва ғайраҳоро фаро мегирад, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қарор доранд;

Б) иштироки шахсони воқеии хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ва дар ин маврид вазифаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзим ва кафолати ҳуқуқии арзишҳои инсонӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар ва нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон чунин мақоми ҳуқуқии онҳоро муайян карда бошад.

2. Ба соҳаи мустақили ҳуқуқ, он муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқие, ки бо унсури хориҷӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мураккаб гардидаанд, дохил карда мешаванд.

3. Дар фаҳмиши васеъ ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на танҳо муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқе, ки бо унсури хориҷӣ вобастаанд, дохил мешаванд, балки ба соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ як гурӯҳи махсуси муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ки онҳо хусусияти умумиҳуқуқиро дар табиати ҳуқуқи хусусӣ ҳифз карда тавонанд. Аслан сухан дар бораи он муносибатҳое, ки аз ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, манзил, бонкӣ, корперативӣ, арбитражи байналмилалӣ, мурофиаи маданӣ ва ғайраҳо бо унсури хориҷӣ вобастаанд, сухан меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқӣ иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робитаҳои иқтисоди ҳориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, сармоягузорӣ дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунад, фаро мегиранд.

Мафҳуми пешниҳодгардидаро бо чунин асосҳо муайян мекунем, ки ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Вобаста ба мафҳуми пешниҳодгардида метавон се хусусияти ҳуқуқи байналмилалии хусусиро тавсиф намуд:

1.ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ иборат аст: меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ; меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ягона (унификатсионӣ);

2. муносибатҳое, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзим мекунад, ба монанди: муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, иқтисоди хориҷӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ;

3. ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дорои субъектҳои худ мебошад: шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат, инчунин бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, шахси

бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Сафарзода Н.**


**АДАБИЁТ**

1. Ануфриева Л.П. Международное частное право / Л.П. Ануфриева. - Том 1. Общая часть. 2002. – С.86.
2. Абдуллин А.И. Становление и развитие науки международного частного права в России:проблема понимания природы международного частного права в трудаҳ российскиҳ правоведов XlX века / А.И. Абдуллин // Журнал международного частного права. – 1996 г. -№ 3. -С.18.
3. Бозоров Р.Б. Инвестиционое право / Р.Б. Бозоров. –Душанбе: Матбуот, 2008. -С.11.
4. Гетьман-Павлова И.В. Международное частное право. Учеб. / И.В. Гетьман-Павлова. - М., 2009.- С.23.
5. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.К. Ғаюров. – Душанбе: Сино, 2005. -С.23.
6. Маҳмудзода М.А. Ҳуқуқи гражданӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.7.
7. Менглиев Ш. Международное частное право ощбе част Учебние / Ш. Менглиев. – Душанбе, 2013. -С.26.
8. Морева Р.Б. Природа и место международного частного права в правовой системе Российкой Федератции / Р.Б. Морева РГБ. Москва. Diss.rsl.ru/ 2007 г. -С.42.
9. Раҳимзода М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. –Душанбе, 2002. -С.6.
10. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ / М.Н.Раҷабов, А.М.Мирзоев. –Душанбе: ЭР-граф, 2018. -С.21.
11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2009. -223с.
12. Сангинзода Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2012. -С.9.
13. Сангинзода Д.Ш. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / Д.Ш.Сангинзода, И.М. Шарифов. - Душанбе: Дақиқӣ, 2014. 200 с.
14. Шонасриддинов Н. Ҳуқуқи соҳибкорӣ / Н.Шонасриддинов, Ф.М. Нодиров. – Душанбе, 2009. -С.32.


## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН СОҲАИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар раванди ҷаҳонишавӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар ҷамъият торафт мураккаб гардида, танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, муҳоҷират, иқтисоди хориҷӣ, сармоягузорӣ ва ғ. дар доираи низоми ҳуқуқии кишвар маҳдуд нагашта, балки дар танзими онҳо меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ нақши муҳим доранд. Чунин вазъ сабаб ва асоси пайдоиши соҳаи нави ҳуқуқро ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ тақозо дорад, ки он бояд дорои ном, мафҳум, усулҳо, низом, сарчашма, принсип ва мавқеи ҳуқуқӣ бошад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқӣ иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робитаҳои иқтисоди ҳориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, соҳаи нақлиёт, сайёҳӣ, сармоягузорӣ дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунанд, ба танзим медарорад.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, соҳаи мустақили ҳуқуқ, низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқ, соҳаи комплексии ҳуқуқ, унсури хориҷӣ.


## МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО КАК САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ОТРАСЛЬ ПРАВА В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В процессе глобализации правовое регулирование общественных отношений с иностранными элементами в обществе усложняется, а правовое регулирование имущественных и личных неимущественных отношений, семьи, миграции, внешнеэкономической деятельности, инвестиций и т.д. ограничены рамками правовой системы страны, но в их регулировании правовые нормы играют важную роль. Такая ситуация требует причины и основания для возникновения новой области права как регулятора общественных отношений, которая должна иметь название, понятие, методы, систему, источник, принцип и правовое положение. Международное частное право как самостоятельная отрасль права состоит из совокупности сложных правовых норм, к которым относятся имущественные и личные неимущественные отношения, семейные, трудовые, внешнеэкономические, научно-технические, культурные, деловые, транспортные, туристические, инвестиционные культурно хозяйственные, исполнение судебных решений, международно правовые документы, соглашение сторон и другие вопросы, входящие в состав международного частного права с иностранным элементом.



**Ключевые слова**: международное частное право, самостоятельная отрасль права, правовая система Республики Таджикистан, отрасль права, отрасли права, комплексная отрасль права, иностранный элемент.


## PRIVATE INTERNATIONAl lAW AS AN INDEPENDENT BRANCH OF lAW IN THE lEGAl SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


In the process of gIobaIization, the legal regulation of social relations with foreign elements in society is becoming more complex, and the legal regulation of property and personal non-property relations, family, migration, foreign economic activity, investments, etc. are limited by the country’s legal system, but legal norms play an important role in their regulation. This situation requires a reason and basis for the emergence of a new area of law as a regulator of social relations, which must have a name, concept, methods, system, source principle and legal status. Private international law as

an independent branch of law consists of a set of complex legal norms, which include property and personal non- property relations, family labor, transport, tourism, investment cultural and economic, execution of court decisions, international legal documents, agreement of the parties and other issues included in compositions of private international law with foreign element.

**Keywords:** international private law, independent branch of law, legal system of the Republic of Tajikistan, branch of law, branches of law, complex branch of law, foreign element.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdullozoda141290@mail.ru**. Телефон: **(+992) 985-27-97-80**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Ёкуб Махмадисуф*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международного права. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **abdullozoda141290@mail.ru**. Телефон: **(+992) 985-27-97-80**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Yokub Makhmadisuf*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of International Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: abdullozoda141290@mail.ru.** Phone**: (+992) 985-27-97-80**

**ТДУ: 340.12(575.3)**

# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҲУҚУҚИ МУОСИР ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Мирзозода Фархундаи Субҳон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷаҳонишавӣ самараи хаёлоти зеҳнӣ нест, балки як раванди воқеӣ, бебозгашт ва нобаробар бо оқибатҳои замонист.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар тамоми соҳаҳои илм назаррас ва мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Вале муайян кардан душвор аст, ки кӣ аввал ин вожаро истифода намуда, мафҳуми онро шарҳу эзоҳ додааст. Дар мақолаи пешин низ мо баъзе паҳлуҳои ин мавзуъро баррасӣ намуда, такя ба адабиёти илмӣ фикру ақидаҳои хешро иброз намуда будем. Мақолаи мазкурро давоми мантиқии он шуморидан мумкин аст.

Рушди назарияи ҷаҳонишавӣ аз эълони доктринаи Рейган соли 1985 сурат гирифта, дар матбуоти шуравӣ ин доктрина "неоглобализм" – “ҷаҳонишавии нав” номида шуд [15].

Дар доираи неоглобализм, ИМА бо такя аз мавқеи бартаридоштааш дар соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсӣ ва экологӣ, ба таври ошкоро дастгирӣ ва маблағгузории ҳама гуна ташаббусҳои демократӣ ва либералиро оғоз кард. Баъдтар, солҳои 1990-ум ва то амали террористӣ дар Ню-Йорк, (моҳи сентябри соли 2011) дар ВАО расман тасаввуроти оммавӣ дар бораи падидаи ҷаҳонишавӣ ташаккул меёбад. Ниҳоят, аз ибтидои асри XXI ташаккули муносибатҳои нави хоҷагии ҷаҳонӣ торафт назаррас мегардад.

Р. Робертсон (Донишгоҳи Питтсбург, ИМА) бар ин назар аст, ки дар ташаккули ҷаҳонишавӣ назарияи ҷаҳон - падидаи низомӣ, ба истилоҳ “хориқаи муназзам” саҳми назаррас гузоштааст. Намояндагони ин самт изҳор медоранд, ки дар шаш асри охир бо суръати афзоянда "низоми иҷтимоӣ"-и ҷаҳонӣ, ки ба рушди муносибатҳои капиталистӣ ва табодули иқтисодии истисморгар асос ёфтааст, ташаккул ёфтааст. Тасдиқи капитализми ҷаҳонӣ ҳоло як падидаи системавӣ аст. Давлатҳои миллӣ ба бозигарони асосии капиталистӣ табдил ёфтанд, новобаста аз идеологияи эълонкардаи онҳо ё фарҳангҳои бартаридошта дар онҳо.

Робертсон дар ин назария ба ду ҷанбаи асосии ҷаҳонишавӣ ишора мекунад. Аз як тараф, инҳо равандҳое мебошанд, ки асосан дар дохили ҷомеаҳои алоҳида ё тамаддунҳо сурат мегиранд ва аз тарафи дигар, шиддат гирифтани муносибатҳои байни ҷомеаҳо, тамаддунҳо ва фарҳангҳои гуногун [14,с.47-48].

Худи мафҳуми ҷаҳонишавӣ хеле гуногунҷанба аст. Ба маънои васеи калима маълумоти объективӣ ва ба маънои маҳдуд сиёсати огоҳона, ки паҳншавии таъсири фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии як кишвар ё якчанд кишварро ба тамоми ҷаҳон аз ҷиҳати назариявӣ таъқиб мекунад. Ба ақидаи А.С. Панарин, се намуди ҷаҳонишавӣ вуҷуд дорад. Якум, бо фазои ягонаи ҷаҳонӣ ва пешрафту имконоти шахсони алоҳида алоқаманд аст. Дуюм, ҷаҳонишавии умумии элитаҳои ҳоким, ки ҳокимияту давлатро ба манфиати худ ташкил медиҳанд. Намуди сеюми ҷаҳонишавӣ маҳсули талоши абарқудрати мушаххас - ИМА ба ҷаҳони яккутба мебошад [22,с.86-94].

Ҷаҳонишавӣ яке аз падидаҳоест, ки зери аломати он асри XXI аломатҳои пеш аз он, яъне асри XX-ро иваз кард. Бо ҷамъбасти аломатҳои хосси ин падида, ҷаҳонишавиро метавон ҳамчун раванди макромиқёс, бисёрҷанба ва дар дохили худ зиддиятнок, афзоиши умумият дар системаҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф кард.

Ба андешаи ҷомеашиносони охири асри XX ва аввали асри XXI, чун С. Сассен, Валлерстайн, Э. Гидденс, М. Кастелс, У. Бэк, М. Уотерс, С. Хангтингтон, З. Бауман, Т. Фридман тамоюли калидии замони муосир ҷаҳонишавӣ мебошад. Аз ин рӯ, "дар ҷомеашиносӣ заминаи ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баррасӣ мегардад [13,с.124], хусусияти мувофиқи таҳлили муосирро муайян мекунад. Мувофиқи ақидаи С. Сассен, раванди дигари калидӣ, ки тавассути он ҷаҳонишавӣ рух медиҳад, шабакасозӣ, яъне ташаккули шабакаҳои фаромиллӣ байни субъектҳо мебошад, ки дар натиҷа "таҳкими равандҳои интегратсионӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаётии ҷомеа" мушоҳида мешавад. Дар робита ба ин, дар назарияи ҷомеашиноси амрикоӣ муносибати шабакавӣ нақши махсус дорад, ки

муқаррароти онро ҳамчун асосҳои назариявӣ-методологии муносибат ҳисобидан мумкин аст.

Бо такя ба ҳаракати бемамониати сармоя, неолиберализм нобаробарии байни минтақаҳои ҷаҳонро мустаҳкам мекунад. Манбаи дигари конфликтогенӣ фарқияти куллӣ дар тарзи зиндагӣ, нисбат ба тарафҳои гуногуни ҳаёт, дар муқаррароти арзишӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқон ҷаҳонишавии имрӯза асосан "фарзанд"-и Ғарб, пеш аз ҳама ИМА мебошад. Азбаски тамаддуни ғарбӣ як қисми ками аҳолии Заминро ташкил медиҳад, бисёр чизҳо дар рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ эътирозҳои одилона ва шикоятҳои боқимондаи ҷаҳонро ба бор меоранд.

Яке аз оқибатҳои муҳимтарини равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ тағйир додани қонунгузории миллии давлатҳои соҳибихтиёр дар шароити таҳаввулоти пурзӯри системаҳои ҳуқуқии миллӣ мебошад. Дар ин замина, таъкид ва таҳлили тамоюлҳои асосӣ барои аксари давлатҳо, аз ҷумла барои Русия, рушди системаҳои қонунгузорӣ, ки аз ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд, муҳим аст.

Ҳамчун тамоюли аввал, мо афзоиши нақши мусбат ҳуқуқро, аз ҷумла дар қонунгузорӣ, дар ҳаёти ҷомеа ва давлат қайд мекунем. Муносибати бевоситаи ин тамоюл бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ба он вобаста аст, ки дар ҷомеаи муосир ҷиҳатҳои мусбати ҳуқуқ, аз як тараф, воситаи амалисозӣ ва таҳкими қонунии тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, воситаи назорат ва тасҳеҳ дар раванди дарки тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ мебошад. Табиист, ки ба ғайр аз ҷиҳатҳои мусбати ҳуқуқ, воситаҳои дигари танзимнамоӣ низ ҳастанд: идеологӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғайра, аммо аҳаммияти махсуси танзими ҳуқуқӣ дар заминаи ҷаҳонишавӣ ба хусусияти ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, ки ба таври мусбат бо хусусиятҳои ба монанди универсалӣ, расмӣ, системавӣ, мушаххас, ҳатмӣ, умумӣ ва ғайра хос аст.

В.С.Нерсесянс дар мисоли ФР дуруст изҳор медорад, ки "иштироки муваффақона ва самарабахш дар равандҳои ҷаҳонишавӣ иштироки дурусти илмӣ ва пурмазмунро талаб мекунад". Шаклҳои муассири ҳуқуқии баён, ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллии Русия дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва зиддиятнок назаррасанд" [10].

Ба ибораи дигар, ҷаҳонишавӣ аз ҷиҳати табиат ва хислаташ як падидаи умумиҷаҳонӣ буда, мақоми падидаи байнисоҳавиро гирифт ва на танҳо иқтисоди ҷаҳонӣ, молия, васоити ахбори оммаро дар бар мегирад, балки дигар соҳаҳо ва ҷанбаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқро низ танзим менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки ташаккули илми ҳуқуқ раванди тулонии таърихӣ мебошад, ки як қатор марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст ва бо хусусиятҳои тамаддунҳои мушаххаси таърихӣ, хусусиятҳои миллии рушд, фарҳанг, илм дар ин ё он кишвар муназзам гардидааст. Марҳилаи муҳимтарин, ки воқеан ташаккули ҳуқуқро дар шакли таҳсилоти мустақили меъёрии институтсионалӣ ифода мекунад, марҳилаи хеле мушаххаси ташаккули он мебошад, ки онро шартан метавон таърихи пешини ҳуқуқ номид ва ба раванди ҷаҳонишавӣ бешубҳа пайваст.

Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ дар ин бора дуруст қайд мешавад, ки ҷаҳонишавӣ ба тағйирот ва навсозӣ таъсири назаррас мерасонад. Мавҷудияти таъсири муайяни раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ, ки натиҷаи он, ба гуфтаи муҳаққиқон "ташаккули ба истилоҳ "метаҳуқуқ"\\ҳуқуқи миёнҷӣ\\ мебошад", ҳамчун марҳилаи қонунӣ ва ниҳоӣ рушди ҳуқуқро дар сатҳи сайёра бо суръати "кайҳонӣ" амиқ ва ошкор мекунад. Дар баробари хусусиятҳои номбаршуда, дар маҷмуъ, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ, институтҳои алоҳидаи он ва назарияи ҳуқуқ, дар ҳаёти воқеӣ хусусиятҳои дигаре низ мавҷуд ва ба ҳам алоқамананд. Дар ин масъала, олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ корҳои зиёдеро анҷом додаанд, ки асосҳои методологӣ доранд. Ба монанди С.С. Алексеев, Н.Н. Арзамаскин, О.А. Арин, А.С. Ахиезер, М.И. Байтин, В.К. Бабаев, В.М. Баранов, А.М. Василев, А.Б. Венгеров, К.С. Гаҷиев, В.Г. Графский, Ю.И. Гревсов, В.Е. Гулиев, Н.Н. Деев, А.И. Денисов, В.В. Илин, А.А. Кененов, Д.А. Керимов, А.И. Ковлер, И.Ю. Козлихин, С.А. Комаров, Л.Т. Кривушин, Г.И. Курдюков, В.М. Куритсин, О.Е. Кутафин, В.В. Лазарев, О.Э. Лейст, Р.З. Лившитс, И.И. ва дигарон.

Ақидаҳои гуногуни олимони ҳуқуқшиноси бурунмарзӣ, ба монанди Е.В. Алферова, К.Ф. Загоруйко, Ф.Д. Гарсия, И.А. Умнова (Конюхова), Шойерман У., дар бораи

ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқ, дар самти рушди илмҳои ҳуқуқӣ, таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва миллии ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле ҷолибанд.

Ҷаҳонишавӣ чист, роҳҳо ва шаклҳои таъсири он ба ҳуқуқ чигунаанд, ба кадом соҳҳои ҳуқуқ таъсир мерасонад, дар қонуни умумӣ, соҳаҳо ва институтҳои он, қонунгузорӣ чӣ гуна тағйирот ва навовариҳо ба амал меоянд, амалияи миллӣ ва байналмилалии ҳалли мушкилоти ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ чист – ин ва дигар масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшинос қарор доранд. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ, ҷанбаҳои соҳавӣ ва институтсионалӣ дар асарҳои Е.А. Афанасев, И.А. Лиситсин-Светланов, Н.В. Кравчук, Н.В. Крисанова, Волф А., Г.Н. Андреева, А.В. Четвернина, Т.В. Захаров ва дигарон инъикос ёфтааст.

Ҷаҳонишавӣ падидаи объективии замони муосир аст, ки тибқи қонуни худ рушд ва амал мекунад, омили ҷаҳонишавӣ имрӯз ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба назар гирифта нашавад. Ҷаҳонишавӣ муносибатҳои афзояндаи одамон, тамоюлҳои умумии рушди инсониятро инъикос мекунад. Ҷаҳонишавиро бо сабабҳои объективӣ худи таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад. Ҷаҳонишавӣ мавзуи омӯзиши қариб ҳамаи фанҳои илмии ҷамъиятӣ гардид, мақоми падидаи байнисоҳавиро гирифт. Дар адабиёти ҳуқуқии рус И.И. Лукашукро асосгузори глобалистикаи ҳуқуқӣ номидаанд.

"Глобалистика" ё ба ибораи дигар, раванди ҷаҳонишавӣ ба омӯзиши харитаи ҳуқуқии ҷаҳон, аввалан, имкон медиҳад, ки ба омӯзиши чунин падидаҳои воқеияти ҳуқуқӣ, ки қаблан бо проблемаҳои ҳуқуқшиносӣ фаро гирифта нашуда буданд, муроҷиат намоем; дуюм, ба як қатор мушкилоти анъанавии фанҳои умумитаълимӣ ва илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоем; сеюм, таҳияи методологияи нави гуманитарии омӯзиши падидаҳои ҳуқуқии давлатиро талаб мекунад [16].

Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ яке аз ҷавонтарин самтҳои илми ҳуқуқи муосир мебошад, ки ба мушкилоти замони муосир ҷавобҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, экологӣ, иқтисодӣ, динӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, иттилоотӣ, ахлоқӣ ва байналмилалӣ пешниҳод мекунад. Дар баробари ин, он ҳамчун натиҷаи низоми ҳамкориҳои ҳуқуқии муосир ва муколамаи тамаддунҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ баромад мекунад. Мақсади асосии ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ташаккули консенсуси нави ҳуқуқии ҷаҳонӣ мебошад. Дар назди ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ зарурати таҳияи парадигмаи нави гуманитарӣ ҷиҳати рушди ҳуқуқии ҷаҳонӣ ба миён меояд. Тағйири парадигма дар ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ маънои амиқи фалсафӣ-антропологӣ дорад: он бояд беэҳтиётии антропологии муносибати "ратсионалии" европосентристӣ, ки ба механизмҳои объективӣ аз ҳад зиёд такя мекунад ва вобастагии онҳоро аз инсон ҳамчун тафсири озоди нақшҳо ва қоидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки ӯ метавонад онҳоро баланд бардорад ва аз байн барад, нишон диҳад. Пеш аз ҳама, вазифаи ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ дар он аст, ки ба шахси "ҳуқуқӣ" назари маънавию ҳуқуқӣ диҳад, ба ӯ боварии гумшударо нисбат ба ягонагии ҳақиқат, қонун ва адолат баргардонад.

Дар кадом самтҳо ҷаҳонишавӣ ба қонун таъсир мерасонад? Дар посух ба ин ва дигар саволҳои ба ин монанд, муаллифони ғарбӣ, ки бо таҳқиқи мушкилоти ҷаҳонишавӣ машғуланд, ҳадди ақал се самти асосии таъсири онро ба ҳуқуқ ва ҳамзамон ба назария ва методологияи дониши он ҷудо мекунанд. Якум, аз ин самтҳо бо таъсири ҷаҳонишавӣ ба хусусияти муносибатҳо бо ҳамдигар аз ҷониби системаҳои ҳуқуқии миллӣ алоқаманд аст, ки бо сабаби робитаи зич ва ҳамкории онҳо айни замон "таҳқиқи ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ кофӣ нест, балки онҳоро дар системаи умумӣ баррасӣ кардан лозим аст". Назарияҳои қаблӣ, ки аз "худтаъминкунии ҳуқуқи дохилидавлатӣ" ва самти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ба танзими танҳо робитаҳои берунии байни давлатҳои гуногун бармеоянд, "айни замон, ба андешаи муаллифон, аз ҳақиқати воқеӣ хеле фарқ мекунанд". Самти дуюми таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ ва назарияи он, ба ақидаи муҳаққиқони ғарбӣ – мутахассисони соҳаи ҳуқуқи англосаксонӣ, асосан бо тағйирёбии самти асосии рушди ин оилаи ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки ба ҷойи проблемаи тартиботи дохилии ҳуқуқӣ ба мушкилоти тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ (глобалӣ) диққати бештар медиҳад. Ниҳоят, самти сеюм, таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ на ҳамчун падида, балки ба назария ва методологияи дахлдори он алоқаманд аст" [8].

Ҳамзамон, муаллифон бар он ақидаанд, ки таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ назарияҳои “куҳнашуда”-и ҳуқуқӣ ногузир тағйир меёбанд ва "моделҳои нав" ба вуҷуд

меоянд, дар асоси онҳо фарҳанги нави ҳуқуқӣ, идеология ва инчунин методологияи нави шинохти муҳити ҳуқуқии атрофи инсон ногузир мегардад" [23,с.53-54]. Аммо, бешубҳа, ҷаҳонишавӣ ҳамзамон ба равандҳои дохилии дар қонун рухдода таъсир мерасонад, ҳарчанд сиёсатшиносон "ҷаҳонишавиро, пеш аз ҳама, падидаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиесӣ медонанд. Ин тавсеаи сайёравӣ (глобалӣ)-и шахсони алоҳида, коллективҳо, давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайра дар соҳаҳои савдо, ҷараёни молиявӣ, саноат, коммуникатсия, информатика, илм, техника, фарҳанг, дин, ҷинояткорӣ ва ғайра мебошад. Яке аз хусусиятҳои асосии ҷаҳонишавӣ нобаробарии шадиди он мебошад. Муҳаққиқ Веляминов Г.М бар он андеша аст, ки марҳилаи муосири ҷаҳонишавӣ дар охири асри XX ба авҷи худ расид. Ҳоло он рӯ ба таназзул ниҳода истодааст [2,с.8-28].

Дар бораи афзоиши нақши ҳуқуқ сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ дар доираи қариб ҳамаи системаҳои ҳуқуқӣ қонунгузорӣ, манбаъҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Илова бар ин, баланд бардоштани аҳаммият ва эътибори қонун шарти зарурии ташаккули давлат дар самти ҳуқуқӣ мебошад, ки бе он дар доираи ҷаҳонишавӣ муносибат бо субъектҳои асосӣ ғайриимкон аст.

Яке аз тамоюлҳои объективии рушди қонунгузорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳким ва густариши ҳамкории қонунгузории дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин тамоюл инъикоси тақвияти ҳамкории ҷомеаи миллӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин ҳамгироии сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Иштироки давлат дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкили иттифоқҳои байнидавлатӣ, ҳамаи ин дар ҷаҳони муосир дарки сатҳи миллии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро талаб мекунад.

Ҳуқуқи байналмилалӣ соҳаҳои нав ба навро фаро мегирад. Афзалияти он ногузир ба наздикшавии системаҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Тавассути ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ принсипҳои асосии демократия, ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд муқаррар карда мешаванд. Ҳамаи ин ба тағйироти ҷиддӣ дар қонунгузории миллии конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва бисёр соҳаҳои дигар оварда расонд. Илова бар ин, ба шарофати ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ, имкониятҳои давлат дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ (сода кардани гардиши мол, қувваи корӣ, боҷҳои имтиёзноки гумрукӣ ва ғайра) ба таври назаррас васеъ мешаванд.

Ин тамоюли ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ дар асарҳои Ю.А. Тихомиров, А.С. Пиголкин, И.И. Лукашук, Д. Бхагвати, А.Ю. Саломатин ва дигарон таъкид шудаанд.

А.С. Пиголкин чунин тамоюли рушди қонунгузории миллии Русия ва дигар давлатҳоро, ба "иқтисодикунонӣ" ва "ҷомеакунонӣ" ҷудо мекунад.Олим бар он ақидааст, ки соҳаи иқтисодӣ яке аз асосҳои раванди ҷаҳонишавӣ дар тамоми соҳаҳои дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар давраи ҷаҳонишавӣ, масъалаҳои марбут ба гардиши фаромарзии сармоя, монополия ва таъсири корпоратсияҳои фаромиллӣ ба сиёсати давлатӣ ва умумиҷаҳонӣ, бартарияти иқтисодии кишварҳои нуфузёфта бо паст шудани истеҳсолкунандагони ватанӣ пеш меоянд [3,с.34-35].

Дар ҷойи дигар, А.Ю. Саломатин ҷаҳонишавиро марҳилаи сифатан нави байналмилалишудаи тамаддун ва бо давраи навсозӣ алоқаманд медонад [17,с.3].

Навсозӣ ва ҷаҳонишавӣ, албатта, ба давлат таъсири номуътадил дорад, чунки дар ин давра сиёсати ҷаҳонӣ мураккабтар гардида, дар он ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва корпоратсияҳои фаромиллӣ бо мақсадҳои гуногун иштирок мекунанд.

Ба ақидаи назариячиёни фаромиллӣ Ҷ. Най ва Р. Кохейн:

- робитаи байни акторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ меафзояд, ба пайдоиши муносибатҳои байнидавлатӣ ва фаромиллӣ, ки бидуни иштироки давлатҳо ба амал меоянд, оварда мерасонад;
- тафовут байни сиёсати "баланд" ва "паст" мураттаб шуда, масъалаҳои амниятӣ дигар рӯзмарра намегарданд;
- нақши қувваи низомӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ коҳиш меёбад [9; 11].

Айни замон дар бораи сарнавишти давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ тахминҳои зиёде мавҷуданд. Масалан, “гиперглобалистон” бар он андешаанд, ки "мавҷудияти давлатҳо ҳатто барои фаъолияти бомуваффақияти демократия зарур нест. Аз нуктаи назари онҳо,

тартиботи нави ҷаҳонӣ бояд аз ҷониби корпоратсияҳои фаромиллӣ таъмин карда шавад, ки давлатҳои муосирро аз саҳна берун мекунанд [12,с.133].

Аммо ду ҷараёни дигар - скептикӣ ва трансформистӣ ба қудрат ва аҳаммияти функсионалии давлат боварии комил доранд. Намояндагони ҷараёни скептикӣ ҷаҳонишавӣ ва минтақасозиро ду тамоюли муқобил ҳисобида, давлатро ҳамчун эҷодкори байналмилалишавӣ арзёбӣ менамоянд. Намояндагони ҷараёни трансформистӣ бар ин назаранд, ки ҳангоме давлати алоҳида дар раванди рушди бозори ҷаҳонӣ қавитар нашудааст, давлатҳо бояд ҷиҳати қабули қарорҳои муштарак бо ҳам муттаҳид шаванд [11,с.81].

Ба ақидаи М.Н. Марченко, ба механизми миллии давлатӣ-ҳуқуқӣ омилҳои иқтисодӣ ва технологӣ таъсир мерасонанд, ки "ба пайдоиши бозори байналмилалӣ ва пайдоиши субъектҳои нави муносибатҳои бозорӣ дар арсаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба корпоратсияҳои фаромиллӣ оварда расонидаанд". "Ҷаҳонишавии босуръати бозори молиявӣ,.. ҷаҳонишавии васоити ахбори омма ва алоқа, тақсимоти меҳнат, ки дар сатҳи байнидавлатӣ такмил ёфтааст, ба афзоиши мушкилоти ҷаҳонӣ бурда мерасонад” [8].

Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ баҳсҳои доимӣ дар бораи моҳият, сабабҳо ва давраи пайдоиши падидаи ҷаҳонишавӣ идома доранд.

Дар мавриди дигар, ҳангоми таҳлили сиёсати ҷаҳонӣ олимони соҳа баъзе назарияҳои дигарро низ пешниҳод менамоянд, ки ба он пурра розӣ шуда наметавонем. Яъне, “падидаи ҷаҳонишавӣ дорои субъекти худ (ИМА), метод ё усул (НАТО) ва объект (тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ) мебошад. Дар мавриди қонун, идеяи ташкили як соҳаи ягонаи ҳуқуқӣ, албатта, ин фикри нав нест. Ҳангоми таҳлили таърихи ҳуқуқ (аз шаклҳои ибтидоӣ то шаклҳои муосири он), мо ба хулосае омадем, ки ин таърихи ҳаракати ҳуқуқ ба ҷаҳонишавӣ, умумикунонӣ ва муттаҳидсозӣ мебошад” – менависанд муҳаққиқон С.А. Шетинин, В.А. Хвалеев, В.В. Янков [20,с.4-5].

Ҳанӯз Р. Иеринг навишта буд, ки "ҳаёти халқҳо ҳолати ҷудогона аз якдигар нест; аммо ҳамчун ҳаёти шахсони алоҳида дар давлат муоширатро, системаи ҳамгироӣ ва таъсири дӯстона ва душманӣ, баргардонидан ва тасарруф, қарзгирӣ ва паём, мубодилаи бузургест, ки тамоми паҳлуҳои мавҷудияти инсонро фаро мегирад” [6].

Новобаста аз он ки мо инро мехоҳем ё не, ҷаҳонишавӣ падидаи объективии ҷаҳони муосир аст. Ин шояд падидаи умдатарин, формулаи ҷамъбастӣ, таърифи ниҳоии ҳамаи равандҳои асосие бошад, ки дар сиёсати байналмилалии асри нав ва ҳазорсолаи нав ба амал меояд. Ҷаҳонишавӣ тамоюл, сабаби рушди инсоният аст, ки мо дар ояндаи наздик бо он сарукор дорем ва хоҳем дошт [4].

Ба ибораи муаллифи дигар, "ҷаҳонишавӣ - оқибати қонунӣ ва ҳатто ногузири пешрафти ҷаҳон аст» [18,с.24].

Тавре раиси собиқи Чин Сзян Сзэмин иброз дошта буд: "Ҷаҳонишавӣ рақобатест, ки ба тамоми ҷаҳон таъсир мерасонад... Ин рақобат шино кардан зидди ҷараёнро мемонад, ки ё наҷот меёбед ё мавҷ шуморо мебарад»[21,с.218].

Ҳамзамон, эътироф мешавад, ки ҷаҳонишавӣ ҳам хусусиятҳои манфӣ ва ҳам мусбат дорад, ки ба онҳо суръати баланди татбиқ ва паҳн кардани дастовардҳои техникӣ ва усулҳои муосири идоракунӣ, дурнамои нави иқтисодӣ барои давлатҳо ва шахсони алоҳида, ҳалли самараноки мушкилоти глобалии инсоният, имконияти таъмини сатҳи баланди зиндагии инсоният ва ғайра дохил мешаванд. Баъзе муҳаққиқон ҷаҳонишавиро ҳамчун ҷараёни объективӣ, новобаста аз инсон дар рушди тамаддун муайян мекунанд. Тарафдорони ин нуқтаи назар чунин мешуморанд, ки "ҷаҳонишавӣ раванди таърихан табиӣ ва объективии ҳамгироии босуръати иқтисодиёт, соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавию фарҳангии ҳаёти ҷамъиятӣ дар сайёра мебошад, ки бо пешрафти истеҳсолот, техника, технологияҳои иттилоотӣ ва қонуниятҳои ҷамъиятсози истеҳсолот ва меҳнат вобаста аст" [7].

В. Сорокин дар кори худ "Глобалистикаи ҳуқуқӣ" дар маҷмуъ қариб 30 таърифи мафҳумҳои ҷаҳонишавиро, ки аз ҷониби муаллифони гуногун, дар аксари ҳолатҳо олимони иқтисоддон дода шудаанд, овардааст. Хулоса, муаллиф қайд мекунад, ки гуногунии маъноҳои мафҳуми ҷаҳонишавӣ аз он шаҳодат медиҳад: якум, "ҷаҳонишавӣ" воқеияти иҷтимоӣ аст, ки бо параметрҳои гуногун тавсиф мешавад ва дуюм, "ҷаҳонишавӣ"

раванди мураккаб ва гуногунҷанба мебошад, ки дар натиҷаи он робитаҳои байни сохторҳои гуногуни ҷаҳонӣ, фарҳангҳо, миллатҳо ва халқҳо, инчунин байни шахсони алоҳида тақвият меёбанд [19].

Шояд айни замон, ҳеҷ як раванд ва ҳеҷ як падида он қадар баҳсбарангез набошад, ба мисли ҷаҳонишавӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳуқуқ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ назди қонунгузорӣ масъулияти муҳим гузошта мешавад. Аз ҷониби дигар, бояд тамоюлҳои дахлдори ҷаҳонишавӣ ва таъмини воридшавии давлатҳои муосир ба ҷомеаи ҷаҳонӣ қонунан ва расман мустаҳкам карда шаванд.

Ҷанбаи ҳуқуқии равандҳои ҷаҳонишавӣ унсури хеле муҳим буда, асоснокӣ ва дараҷаи баланди аҳаммияти таҳқиқи падидаи ҷаҳонишавии ҳуқуқи муосирро ироа менамояд. Дар робита ба ин, тадқиқоти равандҳои ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, аҳаммияти махсус пайдо мекунад, ки имкон медиҳад, динамикаи равандҳои зикршуда марҳила ба марҳила баррасӣ шаванд, тамоюлҳои асосии ҷаҳонишавии ҳуқуқ бо мақсади арзёбӣ аз нуктаи назари миллӣ, фаҳмиши падидаи ҳуқуқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷудо карда шаванд.

Дар замони муосир баъзан паст шудани сифати идоракунӣ, чи давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва чӣ тиҷоратӣ ба назар мерасад. Бухрони танзими ҳуқуқӣ низ то андозае дар ин маврид аз эҳтимол дур нест. Айни замон таваҷҷуҳи ҳуқуқшиносон бештар ба масъалаҳои уҳдадориҳои давлатӣ ва тақдири он дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудааст. Дар ин ҷо ду ҷанбаро ҷудо кардан мумкин аст: нақши институти давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар дохили кишвари алоҳида.

Г. Келзен чунин хулосаеро асоснок кардааст, ки давлати соҳибихтиёр метавонад дар доираи тартиботи ҳуқуқии миллӣ амал кунад, ки дар ҳудуди ин ё он кишвар аз он болотар ягон низоми дигар вуҷуд дошта наметавонад. Бо норавшан кардани соҳибихтиёрии давлатӣ, глобалистон ба тартиботи ҳуқуқии миллӣ зарбаи сахт мезананд ва миллатҳо ва халқҳои дар қаламрави ин кишвар бударо аз таъсири хориҷӣ бемуҳофизат мемонанд [5].

Дар марҳилаи аввали ҷаҳонишавӣ танзими ҳуқуқӣ чунин хусусиятҳои хос дорад:

1.Тағйирот ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, махсусан муносибатҳои оилавӣ ва ҳаёти шахсии инсон сурат мегирад. Тавсеаи танзими ҳуқуқӣ дар замони ҷаҳонишавӣ на аз ҳисоби муносибатҳое, ки дар онҳо ниёзҳои муҳимми иҷтимоии одамон қонеъ карда мешаванд ва сифати зиндагии онҳо баланд мешавад, ба амал меояд, ин тамоюл бо пайдоиши соҳаҳо ва институтҳои нави ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мақомот ва расмиёти сершумор тавсиф карда мешавад.

2. Демократикунонии усулҳои танзими ҳуқуқӣ дар марҳилаи аввали ҷаҳонишавӣ ба тамаркузи қудрат дар дасти олигархияи ҷаҳонӣ ва истифодаи васеи амалияҳои манипулятивӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

3. Гибридизатсияи танзими ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавиро бо хоҳиши тартиб додани падидаҳои ҳуқуқӣ аз қисмҳои таркибии қаблан номувофиқ, махсусан, дар шакли шуури ҳуқуқӣ ва воситаҳои танзими ҳуқуқӣ шарҳ додан мумкин аст.

4. Бархӯрдҳои ҳуқуқӣ ҳамчун наҷотдиҳандагони инсоният ногузир мегарданд.

5. Дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ фаъолона иштирок мекунанд, ҳуқуқ дубора иҷтимоӣ мегардад, ки дар он меъёрҳои қонунгузорӣ (дар бораи таъминоти иҷтимоии категорияҳои ниёзманди аҳолӣ, тандурустӣ, маориф) ба ҳадди ақал танзим мегарданд ва ғ.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳаи ҷаҳонишавӣ динамикаи низоми ҷаҳонӣ метавонад мувозинатро аз даст диҳад ва дар ин ҳолат самаранокии танзими ҳуқуқӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад. Вале бо вуҷуди ин, агар дар шароити ҷаҳонишавӣ дар соҳаи иқтисодӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал ояд, пас нақши танзими ҳуқуқӣ ба таври назаррас меафзояд. Якум, қонун воситаи муҳимтарини ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ боқӣ мемонад. Дуюм, ҳуқуқшиносӣ асосӣ ва ягона ҳимоятгари ҳуқуқ ва озодиҳои шахс боқӣ мемонад. Сеюм, ҳуқуқшиносӣ дар самти навовариҳои даврӣ, ҳамчун бартарафкунандаи баъзе амалҳои номатлуби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида нақш дорад. Ба ҷумлаи В.В. Сорокин, "Фазои ягонаи ҳуқуқӣ шарти

муҳимми нигоҳ доштани назорат дар унсурҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ, ҳалли ихтилоф дар раванди ҷаҳонишавӣ эътироф карда мешавад” [19].

**Муқарриз: д.и.ҳ. профессори ДМТ – Шарофзода Р.Ш.**

## АДАБИЁТ


1. Биндюков Н. Мир. Политическая составляющая эпохи глобализации и Россия / Н.Биндюков // Диалог-ОД. - 2002. -№ 12. -С. 67.
2. Вельяминов Г.М. Глобализация: суть и динамика //Вопросы теории / Г.М. Вельяминов. -С.8-28.
3. Глобализация и развитие законодательства: Очерки. Отв. ред. Ю.А. Тихомиров, А.С. Пиголкин. -М., 2004. -С.3.
4. Дугин А.Г. Философия глобализма – философия контрглобализма» (доклад на международной конференции «Глобализм и глобальная безопасность», г. Москва, декабрь 2000 г., Храм Христа Спасителя) // Основы евразийства. -М., 2002. -С. 549.
5. Эррера Карлос Мигель.Кельзен о демократии: теория и ее время. Текст научной статьи по специальности «Политологические науки». Франция- 2019. Тарҷума аз забони фаронсавӣ.
6. Иеринг Р. Дух римского права на различных ступенях его развития / Р. Иеринг СПб., 1875. -Ч.1. -С. 4−5.
7. Лопата П. Глобализм – главная угроза безопасности России и мира / П.Лопата. // Диалог. -2004. -№ 2. -С.73.
8. Марченко М.Н. Основные направления и тенденции развития права в условиях глобализации / М.Н.Марченко, Е.М.Дерябина // Право и государство. - № 4 (61). - 2013.
9. Мировая политика в условиях кризиса. Под ред. С.В.Кортунова. –М.,2010. -С.11.
10. Нерсесянц С. Общая теория права и государства / С.Нерсесянц. - Москва: Норма : ИНФРА-М, 2023. — 560 *с*.
11. Никитина Ю.А. Международные отношения и мировая политика. Введение в специальность / Ю.А. Никитина. – М., 2009. -С.81.
12. Ноженко М. Национальные государства в Европе / М. Ноженко. - СПб., 2007. -С. 133.
13. Осипова Н.Г. Неравенства в эпоху глобализации: сущность, институты, региональная специфика и динамика / Н.Г. Осипова // Вестник Московского университета. Серия социологии и политологии. -2014. -№ 2. -С. 124.
14. Панарин А.С. Искушение глобализмом / А.С. Панарин. - М., 200. -С. 47-48.
15. Пач, Честер. «Доктрина Рейгана: принцип, прагматизм и политика», Presidential Studies Quarterly (2006) 36 # 1 стр. 75.
16. Саидов А.Х. Глобалистикаи ҳуқуқӣ: муносибати глобалӣ ба харитаи ҳуқуқии ҷаҳон // Давлат, ҳуқуқ ва ҷаҳонишавӣ.
17. Саломатин А.Ю. Государство и право в условиях глобализации (по материалам стран Евросоюза) / А.Ю. Саломатин // Методические рекомендации по курсу. -Пенза, 2011. -С. 3.
18. Сеидов А.В. Международное право в эпоху глобализации. Эволюция концепции государственного суверенитета / А.В. Сеидов. - М., 2005. -С. 24.
19. Сорокин В.В. Правовое регулирование общественных отношений перед вызовами глобализма / А.В. Сеидов //Российская юстиции. – 2011. -№ 1.
20. Щетинин С.А. Правовая Глобализация: Теоретико-методологический аспект / С.А.Щетинин, В.А. Хвалеев, В.В. Янков //Специальный выпуск. - № 2 Вестник ТГПИ. Гуманитарные науки.
21. Ян Жуй-ши. Реализация принципа беспристрастности и справедливости: реформа системы правосудия Китая в условиях глобализации / Ян Жуй-ши // Московский юридический форум «Глобализация, государство, право, XXI век». По материалам выступлений. -М., 2004. -С. 218.
22. Robertson R. Interpreting globality // Globalization: Critical concepts in sociology / Ed. by Robertson R. and White K. – Vol. 1. -L.; N.Y.: Routledge, 2004. – P. 86–94.
23. Twinig W. Op. cit. P. 53-54.


## БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҲУҚУҚИ МУОСИР ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ


Ҷаҳонишавии ҳуқуқ яке аз ҷавонтарин самтҳои илми ҳуқуқи муосир ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳуқуқ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ назди қонунгузорӣ масъулияти муҳим гузошта мешавад. Ҷаҳонишавӣ муносибатҳои афзояндаи одамон, тамоюлҳои умумии рушди инсониятро инъикос мекунад Ҷаҳонишавиро бо сабабҳои объективӣ худи таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад. Ҷаҳонишавӣ мавзуи омӯзиши қариб ҳама соҳаҳои илм гардида, мақоми падидаи байнисоҳавиро гирифтааст. Ҳамин тариқ, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳаи ҷаҳонишавӣ динамикаи низоми ҷаҳонӣ метавонад мувозинатро аз даст диҳад ва дар ин ҳолат самаранокии танзими ҳуқуқӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад. Вале бо вуҷуди ин, агар дар шароити ҷаҳонишавӣ дар соҳаи иқтисодӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал ояд, пас нақши танзими ҳуқуқӣ ба таври назаррас меафзояд. Якум, қонун воситаи муҳимтарини ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ боқӣ мемонад. Дуюм, ҳуқуқшиносӣ асосӣ ва ягона ҳимоятгари ҳуқуқ ва озодиҳои шахс боқӣ мемонад. Сеюм, ҳуқуқшиносӣ дар самти навовариҳои даврӣ, ҳамчун бартарафкунандаи баъзе амалҳои номатлуби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида нақш дорад.



**Калидвожаҳо**: ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонишавии ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, назарияҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ, навовариҳои даврӣ, механизми миллии давлатӣ-ҳуқуқӣ, тамоюли ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ, раванди ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, асосҳои методологии ҷаҳонишавии ҳуқуқ.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО ПРАВОВЕДЕНИЯ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Глобализация права – одно из самых молодых направлений современной юридической науки. В условиях глобализации право приобретает особое значение. В условиях развития глобализационных процессов на законодательство возложена важная ответственность. Глобализация отражает растущие взаимоотношения людей, общие тенденции человеческого развития. Глобализация стала предметом изучения практически во всех областях науки и приобрела статус междисциплинарного явления. Таким образом, по мнению большинства исследователей в области глобализации, динамика мировой системы может потерять равновесие, и в этом случае эффективность правового регулирования существенно снизится. Но, несмотря на это, если в условиях глобализации в экономической сфере имеет место регулирование общественных отношений, то роль правового регулирования существенно возрастает. Во-первых, закон остается важнейшим средством регулирования общественных отношений. Во-вторых, юриспруденция остается главным и единственным защитником прав и свобод личности. В-третьих, юриспруденция играет роль в направлении циклических инноваций, как устранение некоторых нежелательных действий различных социальных групп и отдельных лиц.

**Ключевые слова**: глобализация, глобализация права, правовая система, различные теории глобализации, циклические инновации, национальный государственно-правовой механизм, правовая тенденция глобализации, процесс правовой глобализации, методологические основы глобализации права.

## SOME THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FEATURES OF MODERN LAW IN GLOBAL CONDITIONS

Globalization of law is one of the youngest areas of modern legal science. In the context of globalization, law acquires special significance. In the context of the development of globalization processes, legislation bears an important responsibility. Globalization reflects the growing relationships between people, general trends in human development. Globalization has become a subject of study in almost all areas of science and has acquired the status of an interdisciplinary phenomenon. Thus, according to the majority of researchers in the field of globalization, the dynamics of the world system may lose its balance, and in this case the effectiveness of legal regulation will significantly decrease. But, despite this, if in the context of globalization in the economic sphere there is regulation of social relations, the role of legal regulation increases significantly. Firstly, the law remains the most important means of regulating social relations. Secondly, jurisprudence remains the main and only defender of the rights and freedoms of the individual. Thirdly, jurisprudence plays a role in the direction of cyclical innovations, as the elimination of some undesirable actions of various social groups and individuals.

**Keywords:** globalization, globalization of law, legal system, various theories of globalization, cyclical innovations, national state-legal mechanism, legal tendency of globalization, process of legal globalization, methodological foundations of globalization of law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзозода Фархундаи Субҳон*** -Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Мирзозода Фархунда Сухроб*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Mirzozoda Farkhunda Sohrob*** – Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

**ТДУ: 346.2(575.3)**

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ АЛОҚАИ МАРКЕТИНГӢ

*Абдуҷаборзода Хушбахт Абдуҷабор*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Хизматрасонии алоқаи маркетингӣ маҷмуи хизматҳо ва чараёнҳои ташкилӣ барои эҷод, муайян ва расонидани хизматҳои пулакӣ ба мизоҷон, инчунин идоракунии муносибатҳои муштариён бо мақсади ба даст овардани даромад аз фаъолияти ғайримоддии иқтисодӣ мебошад. Бахшҳои асосии хизматрасонии алоқаи маркетингӣ чунинанд: маркетинги тиҷорат (Trade marketing); таблиғи истеъмолӣ (Consumer promo); маркетинги чорабиниҳо (Event marketing); маркетинги рақамӣ (Digital marketing); хизматрасонии саҳроӣ (Field services); маркетинги мустақим (Direct Marketing); маркетинги алоқаи визуалӣ дар мағоза (POSm and In-Store visual communication) [1,с.48].

Ба субъектҳои хизматрасонии алоқаи маркетингӣ дохил мешаванд: ташкилотҳои хизматрасонӣ; истеъмолкунандагони ниҳоӣ; ташкилотҳои истеъмолкунандагон; мутахассисони маркетинг; миёнаравҳо (савдои яклухт ва чакана, брокерҳо, дилерҳо, дистрибюторҳо); рақибон – гурӯҳҳои шахсони воқеӣ ё ташкилотҳое, ки ба бозор хизматрасониҳои якхела пешкаш мекунанд. Гурӯҳи асосии унсурҳои низоми маркетинг — субъектҳои он — аз таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо, рақибон ва истеъмолкунандагон иборат аст [2,с.34].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати мақсаднок дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” аз 9 декабри соли 2004, №72 ба вуҷуд оварда шуд [3]. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим даровarда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон маҷмуи тадбирҳоест, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешаванд ва ба танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки байни истеъмолкунанда ва субъекти фаъолияти соҳибкорӣ - истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшанда ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудааст.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон инҳоро дар бар мегирад: муқаррар намудани ҳуқуқҳои мушаххаси истеъмолкунандагон; шаклҳои эҳтимолии поймолкунии ҳуқуқ ва механизми ҳифзи онҳо; ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон [2,с.31].

Ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳангоми иҷрои шартномаҳо оид ба хизматрасонӣ ё иҷрои кор бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мутобиқи онҳо қабул шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

Қонунгузор ба истеъмолкунанда як қатор ҳуқуқҳоро медиҳад: гирифтани маълумоти зарурӣ ва боэътимод дар бораи корҳо, хизматрасониҳо, таъмини имконияти интихоби дурусти онҳо; дар бораи пудратчӣ, тарзи кор ва кору хизматҳои иҷрокардааш маълумоти зарурӣ ва боэътимод пешниҳод намояд; оид ба маърифати ҳуқуқи истеъмолкунандагон; таъмин намудани он, ки кор, хизматрасонӣ барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист бехатар бошад, инчунин ба моликияти истеъмолкунанда зарар нарасонад.

Вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон на танҳо масъулияти молумулкӣ, балки ҷуброни зарари маънавӣ, ки дар азоби ҷисмонӣ ва (ё) маънавӣ, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё ба тавri номатлуб иҷро накардани кор ва хизмати расонидашуда расонида шудааст, ифода меёбад [6,с.45].

Ҳуқуқҳои истеъмолкунанда дар соҳаи мол ва хизматрасонӣ дар қонунгузории Тоҷикистон ба таври кофӣ муайян карда шудаанд ва дар сатҳи қонунгузории маданӣ ҳифз карда мешаванд. Аммо азбаски муносибатҳо дар соҳаи иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ба монанди муносибатҳои хариду фурӯши чакана характери ҳуқуқи маданӣ доранд, масъулияти мадани истеҳсолкунанда ё иҷрокунанда бартарият дорад.

Таҳлили қонунгузории амалкунанда дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки низоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ин соҳа сохтори мураккаби иерархӣ буда, бидуни зиддият ва таносуби дурусти унсурҳои алоҳидаи онро тақозо мекунад.

Истеъмолкунандае, ки ҳуқуқаш поймол шудааст, метавонад яке аз ду шакли ҳифзи манфиатҳои худро интихоб намояд - ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ.

Солҳои охир категорияҳои парвандаҳои мадание, ки қаблан дар таҷрибаи судӣ дучор нашуда буданд, пайдо шуданд, ки мавзуи онҳо талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои доираи номуайяни шахсон, яъне шахсони иштироккунандаи парванда, ки манфиатҳои қонунии худро надоранд (мақомоти шаҳрӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ) бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои на як истеъмолкунандаи мушаххас, балки умуман истеъмолкунандагон ба суд бештар мурожиат мекунанд.

Пайдо шудани чунин категорияҳои парвандаҳои маданӣ аз афзоиши масъулият ва таваҷҷуҳ ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар сатҳи давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва рушди ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Дар амал низоми ягонаи муттаҳидшудаи меъёрҳои таъмини назорат вуҷуд надорад.

Миқёс ва самаранокии назорати давлатӣ ба миқёси вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон мувофиқат намекунад. Давлат иштироки назоратии худро дар муносибатҳои бозоргонӣ кам карда, иҷрои ҳукмҳоро ба манфиати истеъмолкунандагон таъмин намекунад. Дараҷаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон низ кам карда шудааст.

Ҳимояи судӣ яке аз усулҳои муҳимми давлатии ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии субъектҳои ҳуқуқ буда, дар шакли адолат амалӣ мегардад ва аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Илова ба усулҳои давлатии ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳо, низоми ҳуқуқии муосир имкон медиҳанд, ки роҳҳои дигари ҳимояи ҳуқуқҳо, масалан, худмуҳофизати ҳуқуқҳо амалӣ гардонида шавад. Аммо дар низоми ҳуқуқӣ танҳо мавҷудияти институти ҳимояи ҳуқуқи судӣ, ки ба принсипи «ҳар як ҳуқуқи поймолшуда бояд аз ҷониби судӣ ҳифз карда шавад» асос ёфтааст, шарти зарурии эътирофи чунин низоми ҳуқуқии воқеан демократӣ мебошад.

Низоми ҳуқуқии муосир бояд мустақилияти ҳокимияти судиро кафолат диҳад. Ин мустақилият, ки бо тадбирҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сиёсӣ, идеологӣ таъмин карда мешавад, хусусияти ҷудонашавандаи институти судии ҳуқуқҳои поймолшуда мебошад, ки дар он ҳимояи судии ҳуқуқҳои поймолшудаи субъект, аз ҷумла дар ҳодисаҳои аз тарафи давлат поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ифода меёбад.

Механизмҳои ғайрисудии оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон бояд ё воситаҳои алтернативии ҳалли низоъҳо ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро ба суд пешниҳод кунанд ё ҳамчун воситае амал кунанд, ки аслан механизмҳои судиро пурра мекунанд.

Ҳифзи ғайрисудӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолиятест, ки дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бидуни иштироки мақомоти судӣ ба роҳ монда мешавад. Агар истифодаи механизмҳои судӣ тартиби мутаносибан ҳатмии судии ҳимояи ҳуқуқи инсонро пешбинӣ карда бошад, пас ҳангоми истифодаи механизмҳои беруназсудӣ баҳсҳоро ҳал кардан, ҳуқуқи поймолшударо бидуни баҳси судӣ барқарор кардан мумкин аст. Ҳамзамон, механизмҳои ғайрисудӣ метавонанд аз механизмҳои судӣ пеш оянд, масалан, дар марҳилаи таҳияи ариза ба суд. Истифодаи механизмҳои ғайрисудӣ имкон медиҳад, ки дар навбати аввал тавассути чунин ниҳодҳо, аз қабили назорати прокурорӣ ва назорати шаҳрвандӣ, нақзи ҳуқуқи инсон пешгирӣ карда шавад.

Муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатиеро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Ба механизмҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқи инсон институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, институти вакилони вилоятҳо, прокуратура, механизми шикоят аз амали шахсони мансабдор ва мақомот дохил мешаванд. Аз болои

ҳама гуна амали (беамалии) корманди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ шикоят кардан мумкин аст. Шикоят ба шахси мансабдори болоӣ дар шакли шикояти хаттӣ дода мешавад.

Дар асоси қисми 1, моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" аз 23 июли соли 2016, № 1339 муроҷиатҳои ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳодшуда дар давоми си рӯз ва муроҷиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар мӯҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси қисми 2, моддаи 20 Қонун бошад, барои пурра, холисона ва дар мӯҳлати муқаррарнамуда баррасӣ намудани муроҷиатҳо шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдоршуда ҳуқуқ доранд ҳангоми зарурат барои гирифтани маълумотҳои иловагӣ дар доираи ваколатҳои худ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоту ташкилоти дахлдор мавод талаб намоянд. Мақомоту ташкилоти дахлдор тибқи дархости мақомоти баррасикунандаи муроҷиат ӯҳдадоранд дар мӯҳлати панҷ рӯз пас аз ворид шудани дархост маълумоти талабшударо ирсол намоянд, ба истисноӣ ҳуҷҷатҳое (мавод), ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд ва ба онҳо тартиби махсуси пешниҳод муқаррар гардидааст. Дар сурати ғайриимкон будани пешниҳоди маълумот, мақомоту ташкилоти пешниҳодкунандаи маълумот дар ин хусус бояд дар мӯҳлати се рӯз ба таври хаттӣ мақомоти баррасикунандаи муроҷиатро хабардор намоянд.

Омӯзиши ҳуқуқии истеъмолкунандагон ба таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори истеъмолӣ, саҳеҳтар ва дурусттар тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории ҳуқуқи истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

**Муқарриз:д.и.х., профессори ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ - Сангинзод Д.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Азарова С.П. Стратегия маркетинга предприятий сферы услуг: теория и практика / С.П. Азарова. –М., 2015. - 169 с.
2. Айман Т.О. Защита прав потребителей / Т.О. Айман. - М.: РИОР, 2018. – 97 с.
3. Баканов Г.Б. Маркетинг: лекции / Г.Б. Баканов. - Таганрог: ТРТУ, 2005. – 100 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" аз 23 июли соли 2016, № 1339// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2016. -№7. - Мод. 617.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 декабри соли 2004, № 72// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 424, № 436, аз 28.12.2013 № 1052, аз 18.03.2015 № 1193, аз 2.01.2018 № 1498, аз 29.01.2021 № 1769, аз 23.12.2021 № 1847, аз 15.03.2023 № 1959.
6. Храмцов А.В. Актуальные проблемы в сфере защиты прав потребителей / А.В. Храмцов // Наука Красноярья. - 2018. -Т. 7. -№. 2. -С.67-69.


## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ АЛОҚАИ МАРКЕТИНГӢ


Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон маҷмуи тадбирҳоест, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешаванд ва ба танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки байни истеъмолкунанда ва субъекти фаъолияти соҳибкорӣ - истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшанда ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудааст. Дар мақола муаллиф оид ба омӯзиши ҳуқуқии истеъмолкунандагон баҳри таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори истеъмолӣ, саҳеҳтар ва дурусттар тафсир ва татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории ҳуқуқи истеъмолкунандагон андешаронӣ намудааст. Таҳлили қонунгузории амалкунанда дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки низоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ин соҳа сохтори мураккаби иерархӣ буда, бидуни зиддият ва таносуби дурусти унсурҳои алоҳидаи онро тақозо мекунад.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ҳуқуқи истеъмолкунандагон, фаъолияти соҳибкорӣ, иҷрокунанда, фурӯшанда, бозори истеъмолӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ.


## ЗАЩИТА ПРАВ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ РЫНКА УСЛУГ МАРКЕТИНГОВОЙ СВЯЗИ


Защита прав потребителей – комплекс мер, реализуемых государством и направленных на регулирование общественных отношений, возникающих между потребителем и субъектом предпринимательской деятельности – производителем, исполнителем и продавцом. В статье автор высказал мнение о правовом изучении потребителей для укрепления экономических отношений на потребительском рынке, более точного и правильного толкования и применения правовых норм законодательства о правах потребителей. Анализ действующего законодательства о защите прав потребителей показывает, что система норм, регулирующих отношения в этой сфере, представляет

собой сложную иерархическую структуру, не имеющую противоречий и требующую правильного баланса отдельных ее элементов.

**Ключевые слова:** право, конституционные права, права потребителя, предпринимательская деятельность, исполнительная власть, продавец, потребительский рынок, имущественные права.

**PROTECTION OF CONSUMER RIGHTS IN THE MARKET OF MARKETING COMMUNICATION SERVICES**

Consumer protection is a set of measures implemented by the state and aimed at regulating social relations that arise between the consumer and the business entity – the manufacturer, the contractor, and the seller. In the article, the author expressed his opinion on the legal study of consumers to strengthen economic relations in the consumer market, more accurate and correct interpretation and application of legal norms of consumer rights legislation. An analysis of the current legislation on consumer protection shows that the system of norms regulating relations in this area is a complex hierarchical structure that has no contradictions and requires the correct balance of its individual elements.

**Keywords:** law, constitutional rights, consumer rights, entrepreneurial activity, executive power, seller, consumer market, property rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуҷаборзода Хушбахт Абдуҷабор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 918-30-50-40.** E-mail: **hushbaht84@yandex.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуджаборзода Хушбахт Абдуджабор*** **–** Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, соискатель юридической кафедрыфакультета истории и права. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 918-30-50-40.** E-mail: **hushbaht84@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Abdujaborzoda Khushbakht Abdujabor*** – Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant of the Department of Law, Faculty of History and Law. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 918-30-50-40**. E-mail: **hushbaht84@yandex.ru**

**УДК 341.22(575.3)**

# ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ КОММЕРЧЕСКОЙ ТАЙНЫ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

*Имомова Н.М.*
**Таджикский национальный университет**

В условия активного развития интеграционных процессов, а также процесса глобализации в большинстве стран мира преобладает рыночная модель экономики, в связи с чем особую актуальность приобретают правоотношения по защите коммерческой тайны юридических лиц, главной задачей которых выступает извлечение прибыли из своей предпринимательской деятельности.

Немаловажную роль в данном вопросе играет процесс построения государством эффективного законодательства в области охраны конфиденциальной корпоративной информации, которое в полной мере отвечало бы современному этапу развития данной области правоотношений. В этой связи было бы уместно провести соответствующий анализ законодательства зарубежных стран в области охраны коммерческой тайны. Следует отметить, что законодательная практика большинства стран, анализируемых в данной статье (за исключением КНР), являются странами с западной моделью рыночной экономики, которые обошли социалистический путь развития с плановой экономической политикой и административно-командными элементами в хозяйственной деятельности. Подобный подход обусловлен тем фактом, что в рыночных экономиках доминирует конкуренция между предприятиями и предпринимателями, стремящимися к максимизации своей прибыли. Защита коммерческой тайны играет ключевую роль в сохранении конкурентных преимуществ и сокрытии информации от других участников рынка. В плановых экономиках, где государство контролирует основные отрасли экономики, управляет распределением ресурсов и нет частной собственности, как правило, нет такой острой конкуренции и стремления к инновациям, как в рыночных экономиках. В связи с чем, развитие института коммерческой тайны исторически было более динамичным именно в странах, основывающих свою экономическую политику на рыночных принципах.

Одной из таких стран является Великобритания, которая в европейской историографии имеет важное значение как место, где происходила промышленная революция, изменившая в дальнейшем картину мира и, помимо прочего, имеющая давние традиции регулирования института коммерческой тайны.

Как отмечает О.С. Щерба: «В Великобритании существует отрасль конфиденциального права (law of confidence), которая сложилась благодаря судебным прецедентам. Именно она содержит те правовые нормы, которые осуществляют регулирование коммерческой тайны на территории государства» [11,с.189]. Более того, необходимо отметить, что в Великобритании не существует чёткого законодательного закрепления самого понятия «коммерческая тайна» как правовой дефиниции. Вопросы охраны коммерческой тайны в большей степени регулируются прецедентами права, так как правовая система этой страны входит в англо-саксонскую правовую семью. Судебный процесс по данной категории дел, как правило, осуществляется в закрытом режиме, чтобы не создавать условий для возможного распространения коммерческой тайны. Суды также могут применять юридические меры для защиты коммерческой тайны. Например, в случае нарушения суд может вынести решение о запрете на дальнейшее раскрытие конфиденциальной информации, о предоставлении компенсации за ущерб, причиненный обладателю тайны, или о привлечении нарушителя к уголовной или гражданской ответственности.

Еще одной из важных особенностей охраны коммерческой тайны в Великобритании является использование соглашений о конфиденциальности. На практике компании заключают такие соглашения с сотрудниками, партнерами, поставщиками и другими сторонами, которые могут иметь доступ к информации, составляющей коммерческую тайну. Как правило, в данных

соглашениях обычно определяются правила использования и раскрытия конфиденциальных данных, а также последствия за их нарушения.

Достаточно схожим образом вопрос защиты коммерческой тайны регулируется законодательством стран, традиционно входящих в англо-саксонскую правовую семью: Новая Зеландия, Австралия, Индия и т.д. Тем не менее, существуют специфические особенности в законодательном регулировании среди эти стран. К примеру, в Австралии нет специального закона о коммерческой тайне, однако предусматривается гражданско- и уголовно- правовая ответственность для лиц, виновных в разглашении или незаконном использовании конфиденциальной информации [4,с.61].

Статья 90 Германского торгового уложения гласит, что «торговому представителю не разрешается использовать либо сообщать другим коммерческие и производственные секреты, которые ему доверены или стали ему известны в связи с его деятельностью предпринимателя» [9,с.101].

Гражданское законодательство ФРГ, в части регулирования правоотношений, связанных с защитой коммерческой тайны, традиционно оперирует понятием «Ноу-хау». На практике данная правовая категория рассматривается в двух плоскостях: в технической и коммерческой. В техническом смысле это могут быть правоотношения по охране таких технологических секретов на производстве, как информация о рецептуре того или иного продукта, данные о результатах научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ предприятия, информация об оптимизации отдельных элементов готовой продукции и т.д.

Касаемо коммерческого содержания понятия «Ноу-хау», следует указать, что в этот перечень могут входить данные по особенностям работы с клиентами, специфика маркетинговой политики предприятия, статистические данные по финансовому состоянию, информация о предстоящих сделках предприятия и т.д. В немецком законодательстве, по аналогии с Великобританией, существует практика заключения соглашений о конфиденциальности между работниками и работодателем.

Еще одной характерной особенностью германского законодательства является его особый акцент на сферу ответственности должностных лиц и государственных служащих соответствующих ведомств в части обеспечения надлежащего обращения с информацией, составляющей коммерческую тайну предприятий. В случае распространения такой информации по вине сотрудников контролирующих органов предусмотрена особая ответственность, которая может доходить вплоть до уголовной. Аналогичные правила касаются и судебных органов, в случае рассмотрения ими дел, связанных с коммерческой тайной предприятий.

В Итальянском гражданском законодательстве, в отличие от большинства государств Европейского Союза, существует специфическое понятие – «Долг верности» [5,с.51]. Согласно статье 2105 Гражданского кодекса Италии [1], которая озаглавлена как «Долг верности», работнику запрещено предпринимать действия в пользу третьих лиц, которые могут конкурировать на рынке с его собственным работодателем.

Необходимо отметить, что «Долг верности» («Обязательство лояльности»), закреплённый в итальянском гражданском законодательстве, включает в себя не только выполнение прямых обязанностей, но и сохранение конфиденциальности на производстве, преданность интересам компании и предотвращение действий, которые могут причинить ущерб работодателю. В случае нарушения указанной нормы в отношении работника могут быть применены соответствующие меры ответственности, включая дисциплинарные или даже увольнение, а также гражданская ответственность за причиненный ущерб.

В Швейцарии и Франции защита конфиденциальной информации осуществляется на основе применения широкого спектра норм гражданского, трудового и уголовного права. В части трудовых отношений, работник обязан соблюдать режим конфиденциальности, не разглашать конфиденциальные сведения о деятельности работодателя. И что не менее важно, даже после увольнения работник не имеет права заниматься конкурирующей деятельностью, что, в свою очередь, обеспечивает защиту коммерческих интересов работодателя.

Большинство французских ученых (Ф. Дюкесн, Ж. Пелисье, А. Супье, А. Жаммо, Ж. Кутюрье) сходятся в позиции, что соглашения о неконкуренции являются проявлением

лояльности работника и защитой интересов (в том числе потенциальных) работодателя [6,с.183].

Определённую схожесть в вопросе предоставления для работодателя законодательных гарантий неразглашения коммерческой тайны со стороны работника после его увольнения имеют положения законов США. В этой связи необходимо привести мысль Н.В. Нестеревой, которая пишет: «… соглашение о неконкуренции (Non-Compete Agreement) заключается с работником при приеме на работу и закрепляет его обязанность в течение определенного времени после прекращения трудовых отношений не конкурировать с бывшим работодателем, то есть не работать в компаниях-конкурентах, не заниматься определенными видами деятельности, в частности, не заниматься предпринимательской деятельностью в определенных областях, а также не приглашать на работу работников данного работодателя, устанавливать запрет на конкурирование с работодателем на территории определенного города, штата или всей территории США» [8,с.99].

Подобная практика, на первый взгляд, может показаться ограничительной и не совсем справедливой по отношению к работнику, но существует ряд обстоятельств, которые могут свидетельствовать об обратном. Во-первых, американская практика заключения с работником соглашений о неконкуренции выступает в качестве достаточно эффективного механизма на пути к коммерческому шпионажу. Во-вторых, в случае если бывший работник имел дело с базой клиентов прежнего работодателя, которая обеспечивала предприятию финансовую состоятельность, то данная мера также выступит в качестве гарантии сохранения клиентской базы. В-третьих, заключение подобных соглашений, в определённом смысле, положительным образом способствует укреплению долгосрочных отношений между работником и работодателем.

Бо дарёфти воқеият ва асли таърих Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолро барои ҳамаи наслҳои миллати мо, аз ҷумла ниёгони сарбаландамон, ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорӣ ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих бо сабру таҳаммули оқилона ва ҳусни тадбир дар ниҳоди давлатдории аҷнабиён пеш бурдани суннатҳои давлату давлатдории аҷдодӣ арзёбӣ намуданд [3,с.18].

Андешаҳои сиёсӣ ва хиради азалии ниёгони мо буд, ки дар тули таърих тавонистанд ҷуғрофиёи бузургеро аз қаламрави Чини марказию ғарбӣ то Мисру Мадрид аз Ҳиндустон то Қафқозу Қазоқистон як тафаккури олии инсонӣ ва фарҳанги фаромиллии хешро паҳн намоянд. Дуруст аст, ки дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлол ҳамеша вуҷуд доштанд: асолат ва ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузург ва созандаи иҷтимоӣ, фарҳанг ва маънавиёти дурахшон, ки ҳамаи онҳо дар асл шаҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо буданд, мавҷуд буд [3,с.8].

Халқи тоҷик баъди садсолаҳо соҳиби давлати мустақил гардида, мақому манзалати аз даст рафтаро бо шарофати истиқлоли давлатӣ аз нав барқарор намуд. Барои миллат ин бахти баланд ва воқеаи хеле фараҳбахш буд. Аз нахустин рӯзҳои истиқлоли давлатӣ роҳи минбаъдаи инкишофи хешро ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян сохт. Аз ҷиҳати шароити таърихӣ, ҳарчанд эъмори давлати дунявӣ кори саҳл набуд, вале ақлу заковат ва хиради азалии миллати тоҷик ва дарки ҳувияти миллӣ ба он боис гардид, роҳи интихобнамудаи рушди ҷомеаи навини тоҷикон дуруст баргузида шавад.

Омӯзиши таҳлилии таърихи кишварҳои дар асри XX ба истиқлоли давлатӣ соҳибшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мардуми ин кишварҳо зиёда аз 200 сол бар муқобили мустамликадорони хеш мубориза бурда, хуни ҳазорҳо фарзандони баору номуси худро резонда, соҳиби истиқлол шудаанд. Агар ба таърихи кишвари худ назар андозем, мебинем, ки истилои араб ва мазҳабсозии мардуми маҳаллӣ ба ҳамон андоза муассир гардид, ки дар натиҷа дар олами арзишҳои фарҳангии миллат арзишҳои нав реша давонида, тадриҷан соҳиби унвони "худӣ" гардиданд. Гардиши куллии ба ҳамин монандро дар таърихи давлатсозии миллати мо барпошавии Давлати Шуравӣ ва барҳамхӯрии он ба вуҷуд овардаанд. Агарчанде барпошавии Давлати Шуравию барҳамхӯрии он падидаҳои ба ҳам муқобиланд, лекин ҳарду падида дар таърихи бадастоварии истиқлоли давлатӣ нақши муҳим бозидаанд. Барпошавии Давлати Шуравӣ барои дар заминаи миллати тоҷик бунёд намудани давлати ниммустақил баъд аз ҳазор сол заминаҳои мусоид фароҳам овард. Ҳамчунин барҳамхӯрии Давлати Шуравӣ барои соҳиб гардидан ба истиқлоли расмии давлатӣ мусоидат намуда, қадами тақдирсоз барои рушди мустақилонаи минбаъдаи иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию

фарҳангии миллат гардид. Дар ин хусус боз ҳам Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид таъкид намудаанд: “Пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ боиси он гардид, ки дар қатори дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон низ аз неъмати бебаҳои истиқлоли воқеӣ баҳравар шуд. Ин давраро метавон чун оғози марҳилаи нави давлатдорӣ ва истиқлоли миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуд...” [4,с.205].

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки тамоми салтанатҳои бузурги олам замоне сукут кардаанд, ки манофеъи миллиро нодида гирифта, онро поймол кардаанд. Истиқлоли комили як давлат асоси озодӣ ва истиқлоли шаҳрвандони он аст. Таърихи миллати тамаддунофари тоҷик аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон дар масири таърих, ба дастовардҳои моддиву маънавӣ, фитрати фарҳангофарин ва маърифатбунёди худ дар ҷаҳони муосир бо дарёфти мақому манзалати ифтихорангез ноил гардидаанд. Замоне ниёгони мо дар канор ва муҳити роҳбарону пешвоёни ҷонфидою одил ва ҳалқаи сиёсати созандаи роҳбарони давлату салтанати худ муттаҳид гашта, бо офаридани шоҳкориҳои адабӣ, таъсиси низоми одилонаи идоракунӣ, поягузории ахлоқи ҳамидаи инсонгароёна тавонистанд, ки барои садсолаҳо намунаи ибрати ҷаҳониён гарданд ва дар навбати худ, манбаи омӯзиш ва тақлиди тамаддуни Аврупо ва Ғарб шаванд.

Қайд намудан ба маврид мебошад, ки ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ, талқину таҳкими оини давлатдорӣ, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлоли Ватан ва пойдории тамаддуни аҷдодӣ раҳнамоӣ карда, дар давраҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст.

Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ саҳифаҳои навину дурахшонро дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии миллати тоҷик ифшо намуда, чароғи ҳидояти фардои дурахшони Тоҷикистон гардид.

Инчунин, Истиқлоли давлатӣ дар назди ин миллати фарҳангпарвар масъулияти басо бузург ва дар айни замон пуршарафро ба монанди: ҳифзи Истиқлоли давлатию манфиатҳои миллӣ, ҳимояи арзишҳо ва суннатҳои фарҳангӣ, талаботи бунёди ҷомеаи демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро гузошта, бегазанд ба насли оянда интиқоли ин рисолати таърихиро тақозо намуд.

Ҳанӯз дар ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ миллати худогоҳи тоҷик ба хубӣ дарк намуда буд, ки Истиқлолро соҳиб шудан ҳанӯз кам аст ва онро ҳамчун арзиши муқаддастарини давлату давлатдорӣ, шарафу номуси ватандорӣ ва ифтихор аз давлату миллати хеш пайгирона бояд ҳифз намуд.

Мутаассифона, ин неъмати бебаҳои таърихӣ дар рӯзҳои аввали даврони соҳибистиқлолӣ дар сатҳи зарурӣ мавриди қадршиносӣ қарор нагирифт. Талошҳои сиёсии як зумра ашхоси мансабталаб, дахолату ғаразҳои сиёсии неруҳои дохиливу хориҷӣ боиси ихтилофу низоъҳо байни мардум гардид.

Дар чунин шароит замон ба сари ҳокимият шахсеро овард, ки тақдири миллати тоҷик ва эҳёи давлатдории навини тоҷикон аз ӯ вобаста буд. Ин шахсияти таърихӣ, фарзанди содиқи Ватан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Мавсуф аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат омаданаш бо кӯшишҳои шабонарӯзӣ ва ҳамгироии мардуми кишвараш ба бунёди давлатдории навини тоҷикон асос гузошт.

Шахсе, ки дар марҳилаи мураккабтарини таърихи давлату миллат масъулияти сарварии кишварро ҷасурона ба даст гирифт, бо талошу иродаи бемисли худ боиси наҷоти киштии шикастаи давлатдории тоҷикон шуд. Дар натиҷа, Тоҷикистон на танҳо ҳамчун давлат наҷот ёфт, балки ба як силсила дастоварди бунёдие, ки барои сарнавишти давлату миллати мо аҳаммияти бисёр муҳим доранд, соҳиб гардидааст.

Кӯшишҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, умедворию заковати мардуми бонангу соҳибтамаддунамон натиҷаҳои дилхоҳ доданд ва ниҳоят 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Барқарор гардидани сулҳи комил ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон, истиқлоли давлатиро бозҳам устувор гардонид ва нури умед баояндаи нек дар дили мардум роҳ ёфта, барои гузаронидани як қатор чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи воқеан демокративу ҳуқуқбунёд шароити мусоидро фароҳам овард.

Боиси ифтихор аст, ки Фарҳанги сулҳи тоҷикон барои аҳли башар намунаи ибрат гардид ва аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодир пазироӣ шуд. Таърихи тамаддун ёд надорад, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар чунин муҳлати кӯтоҳ қатъ гардида, ҷонибҳои даргир ба ҳам дасти дӯстӣ дода, фаъолияти солими дастгоҳи давлати хешро ба манзури ободии кишвар равон намоянд.

Имрӯз дар сайёра дусад давлат ва зиёда аз се ҳазор халқияту миллатҳо умр ба сар мебаранд, ки на ҳамаи онҳо соҳиби давлати мустақили миллии худ мебошанд. Ҳамчунин, мо низ аз таърих

огоҳ ҳастем, ки тули садсолаҳо асъори миллӣ ва ҳатто парчами миллии худро надоштем. Бо ба даст омадани истиқлоли давлатӣ Сарвари давлати ҷавону соҳибихтиёр фаъолияти хешро аз тасдиқи рамзҳои давлатӣ, асъори миллӣ ва бунёди муассисаҳои таълимию фарҳангии кишвар оғоз намуда, шарафи давлат ва иззати аз дастрафтаи тоҷиконро аз нав барқарор намуд.

Баъди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ барои муаррифии давлату миллати тоҷик яке аз ҳадафҳои асосӣ эҳёи арзишҳои миллӣ маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ, Сарвари давлат дар кӯтоҳтарин муддат ба таҷлили бузургтарин ҷашнҳои миллӣ, ки мақсад аз таҷлили онҳо баҳам овардан, муттаҳид намудан ва муаррифӣ намудани миллати тоҷик, баъди оқибатҳои табаддулоти сиёсӣ боз ободу зебо намудани кишвари азизамон маҳсуб мегардид, рӯ овард. Дар ин самт як қатор чорабиниҳои умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мавриди таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён, Соли 2006 соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2500-солагии шаҳри Хуҷанд, 2700-солагии китоби гаронмояи гузаштагони мо – Авесто, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 1310-солагии Абуҳанифа Имоми Аъзам, 1200-солагии Имом Бухорӣ, Ҷашнвораҳои шоирони оламшумулу донишмандони бузурги тоҷик, ба монанди бузургдошти одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандиву Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Абуалии Синову Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хаким Тирмизӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзодаву Бобоҷон Ғафуров ва боз даҳҳо донишмандони шаҳири тоҷик таҷлил гардид.

Дар радифи эҳёи арзишҳои миллӣ бо ибтикори бевоситаи Пешвои муаззами миллат омӯзиш ва муаррифии арзишҳои дигари давлатдории миллӣ – арзишҳои миллӣ-таърихӣ оғоз гардида, як қатор ёдгориҳои таърихиву фарҳангии кишвар ба рӯйхати бонуфузтарин созмони байналмилалии фарҳангӣ ЮНЕСКО ворид карда шуданд.

Таҳлилҳо ва натиҷагириҳо аз таҳқиқотҳои илмӣ собит намудаанд, ки ифтихор аз дастовардҳои пурарзиши таърихии хеш вақте ташаккул меёбад, ки аз онҳо огоҳ бошӣ, онҳоро мояи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ. Зеро эҳёи худшиносии миллӣ ва пойдории истиқлол ин омӯхтани таъриху тамаддуни гузашта аст.

Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми истиқлол барои давлату миллат – шиносномаи ҳастии давлат, комилҳуқуқӣ ва соҳибихтиёрӣ, низоми давлатдорӣ ва бузургии миллат маънидод мешавад. Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо ва набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамнаво сохтааст.

Дар назди таърих сеяки аср чандон замони зиёд нест, аммо дар ин сеяки аср тоҷикон таҳти роҳбарии Сарвари раъиятпешаи худ дар давлатдории навинии хеш корҳоеро анҷом дода тавонистанд, ки садсолаҳо ба ормонҳои миллии тоҷикон табдил ёфта буд.

Саҳифаҳои пурмуҳтавою рангин ва рӯзгори равшани миллати тоҷик дар тули таърих, бо талошу муборизаҳои фарзонафарзандони миллати шарафманди тоҷик, сарлашкарон ва садҳо зиёиёну сиёсатмадорони тавонои дигар дар сафҳаи таърих дурахшон аст. Таърих ва фарҳанги оламгиру тамаддуни инсонсози миллати тоҷик ҳамеша ҳамчун сарчашмаи ҳувиятсози миллат хизмат кардааст ва ба ҳар фарди миллат нангу номуси миллӣ доштан, ифтихор аз арзишҳои гаронбаҳои миллӣ намуданро меомӯзонад.

## АДАБИЁТ


1. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун. Тарҷумаи Муҳаммади Гунободӣ. Баргардонии Н. Амиршоҳӣ. Ҷилди 1. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2019. – 687 с.
2. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун. Тарҷумаи Муҳаммади Гунободӣ. Баргардонии Н. Амиршоҳӣ. Ҷилди 2. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Милли Тоҷик. – Душанбе, 2019. – [687]-1393 с.
3. Саидов, З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душенбе: ҶДММ “Контраст”, 2017. – 464 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Исмоили Сомонӣ – абармарди хирад ва сиёсат // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 317 с.


## ҲОФИЗАИ ТАЪРИХӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола перомуни муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик Истиқлол ва давлатдории миллии тоҷикон сухан меравад. Муаллиф иброз менамояд, ки Истиқлоли давлатӣ мафҳуми сермаънову арзишманд барои мардуми шарифи кишвар буда, муҳимтарин марҳила дар таърихи мавҷудияти халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар мақола таъкид мегардад, ки дар ниҳоди миллати тоҷик омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлол ҳамеша вуҷуд доштааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ родмардони ин миллат ҳамеша барои даст ёфтан ба Истиқлол талош намуда, ҷон ба каф ниҳодаанд. Ҳарчанд дар тули таърих ғасбкориҳои зиёде алайҳи ин миллат сурат гирифта бошад ҳам, вале ҳамеша аз ин сахтиҳо сарбаландона берун шудааст. Инчунин, дар мақола масири таърихии истиқлолхоҳии миллати тоҷик ба тасвир кашида шуда, нақши

калидӣ ва тақдирсози Истиқлоли давлатӣ дар комилҳуқуқию соҳибихтиёрӣ ва низоми давлатдорӣ нишон дода шудааст.
**Калидвожаҳо:** Истиқлоли давлатӣ, миллати тоҷик, Пешвои миллат, таърих, озодӣ, тамаддунофар, соҳибихтиёрӣ.

## ИСТОРИЧЕСКАЯ ПАМЯТЬ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье говорится о самом важном, священном достижении таджикского народа - Независимости и национальной государственности таджиков. Автор отмечает, что государственная независимость является значимым и ценным понятием для славного народа страны и является важнейшим этапом в истории существования таджикского народа. В статье подчеркивается, что в основе менталитета таджикской нации всегда лежали фундаментальные факторы эволюционного возрождения независимости. В разные исторические периоды родоначальники этой нации всегда стремились к независимости и готовы были отдать жизнь за это. Несмотря на то, что на протяжении всей истории против этой нации совершалось много несправедливости, она всегда с честью преодолевала эти трудности. Кроме того, в статье описан исторический путь независимости таджикского народа, показана ключевая и судьбоносная роль государственной независимости в праве, суверенитете и системе государственности.
**Ключевые слова:** государственная независимость, таджикская нация, Лидер нации, история, свобода, цивилизатор, суверенитет.

## HISTORICAL MEMORY AND STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article talks about the most important, sacred achievement of the Tajik people - Independence and national statehood of the Tajiks. The author notes that state independence is a significant and valuable concept for the glorious people of the country and is the most important stage in the history of the Tajik people. The article emphasizes that the mentality of the Tajik nation has always been based on the fundamental factors of the evolutionary revival of independence. In different historical periods, the founders of this nation have always strived for independence and were ready to give their lives for it. Despite the fact that throughout history many injustices have been committed against this nation, it has always overcome these difficulties with honor. In addition, the article describes the historical path of independence of the Tajik people, shows the key and fateful role of state independence in law, sovereignty and the system of statehood.
**Keywords:** state independence, Tajik nation, Leader of the nation, history, freedom, civilizer, sovereignty.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 17

**Сведения об авторе:** ***Имомзода Мухаммадюсуф Саидали*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, академик НАНТ, профессор кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17

**Information about the author:** ***Imomzoda Muhammadyusuf Saidali*** – Tajik National University, Doctor of Philological Sciences, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17

ТДУ: 321(575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА НИЗОМИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Акмалова М.А., Обидзода Ҷ.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар он низоми яккаҳизбӣ ҳукмфаро буд, ба марҳилаи нави ташкили сиёсати дохилӣ оғоз ва барои бунёди сохти низоми давлатдорӣ мустақилона шуруъ намуд. Дар ин раванд новобаста аз мушкилоти зиёди иқтисодиву сиёсӣ системаи фалаҷашудаи давлатдорӣ сиёсати дохилӣ таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шуданд ва дар таҷрибаи давлатдории беш аз сисола кишвари тозаистиқлоли мо ба муваффақиятҳои беназире ноил гардид.

Амалӣ шудани низоми бисёрҳизбӣ дар кишварро, ки пас аз эълони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфт, метавон яке аз дастовардҳои муҳимми демократияи Тоҷикистони соҳибистиқлол арзёбӣ намуд.

Зимнан, қайд намудан бамаврид аст, ки гузариш ба низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон аз замони бозсозии горбочёвӣ солҳои 80-уми уми асри XX ибтидо гирифт. Мақоми идоракунандаи ҳизби коммунист манъ гардид ва раванди ғайриҳизбикунонӣ (департизатсия) дар мақомоти давлатӣ оғоз ёфт. Аз шароити муносиб истифода бурда, ҳаракатҳои оппозитсионии сиёсӣ созмон ёфтанд, ки мағзи ғоявии онҳоро зиёиён ва руҳониёни ислом ташкил медоданд. Инчунин, ба ин тоифа хизматчиёни номенклатураи ҳизби пешинаи коммунистӣ, ки мақсадҳои ғаразноки худро доштанд, аз шароити бавуҷудомада нафъи муносибро меҷустанд, ҳамроҳ шуданд.

Вазъияти бааmаломада ва дар оғози даврони Истиқлоли кишвар ба гурӯҳҳо ҷудо шудани ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлил намуда, чунин зикр кардаанд: «Ба гурӯҳи аввал ҷонибдорони идеологияи коммунистӣ дохил мешаванд, ки таълимоти худро бо ба назар гирифтани таҷрибаи тараққиёти ҷамъият таҷдиди назар намудаанд. Гурӯҳи дуюм аз мухолифони коммунистон иборат аст, ки худро ҷонибдори арзишҳои умумибашарӣ ё демократӣ меноманд. Аз ҳама тааҷҷубовараш он аст, ки исломигароён ва ходимони дигаре, ки нияту рафтори онҳо аз демократия фарсаххо дур аст, худро ба ин гурӯҳ ворид сохтанд. Ва ниҳоят, гурӯҳи сеюм, гурӯҳи аз ҳама сернуфузтарини ҷомеа онҳое ҳастанд, ки ҳанӯз мавкеъҳои идеологии худро муайян накардаанд» [14,с.32].

Соли 1989 дар Душанбе ҳаракати халқии «Растохез» ва баҳори соли 1990 Ҳизби Деморкатии Тоҷикистон (ҲДТ) таъсис ёфтанд. Бо таъсисёбии худ ҳизби мазкур ба муқобили фаъолияти Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ (ҲКИШ) баромад намуда, худро ҷонибдори роҳи инкишофи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон медонист.

Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор М.А.Акмалова зикр намудааст, ки «ташаккули системаи бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон бо ҷараёни муборизаи шадиди байни неруҳои мухталиф ба муқобили Ҳизби коммунистӣ сурат гирифт. Дар ин муборизаи сиёсӣ, бозингарони сиёсӣ ва созмонҳои экстремистии динӣ, ки аз аввали истиқлолият роҳи эволютсионии инкишофи ҷомеи тоҷик ва давраи нави таърихиро дастгирӣ намекарданд, иштирок намуданд» [1,с.114].

Ба андешаи доктори илмҳои таърих, профессор В.М. Набиев, «...дар Тоҷикистон гузариш ба бисёрҳизбӣ аз ташаккули ташкилотҳои ба номи «ғайрирасмӣ» оғоз ёфтааст. Дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ созмону маҳфилҳои сиёсии тарафдори бозсозӣ, ошкорбаёнӣ таъсис дода шуданд. Ба онҳо ҳаракатҳои мардумии «Растохез», «Эҳёи Хуҷанд», «Ваҳдат», «Ошкоро», маҳфилҳои сиёсии «Рӯ ба рӯ», «Дирафши Ковиён», «Таҷдид» ва дигарҳо мисол шуда метавонанд. Ибтидои ташаккули бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон солҳои 90-уми асри XX мебошад» [10,с.32].

Бобохонов Р.С. таъкид менамояд, ки раванди ташаккули кланҳои этникиву минтақавӣ қариб ки ҳамаи Тоҷикистонро дар замони шуравӣ фаро гирифта буд. Танҳо

дар оғози соли 1980 гурӯҳҳои клании этникиву минтақавии халқи тоҷик дар чунин шакл ташаккул ёфта буд: ленинободиҳо (хуҷандиҳо), ғармиҳо, кӯлобиҳо ва помириҳо. Ин кланҳо ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсиро созмон доданд: Ҳаракати халқии «Растохез» (с.1989, ғармиҳо ва помириҳо); Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ, с.1991, ғармиҳо ва помириҳо); Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ, с.1989, ғармиҳо); ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» (с. 1991, помириҳо); Фронти халқӣ (ФХ, с.1992, кӯлобиҳо ва ӯзбекони ҳисорӣ); Ҳизби Озодии Меҳнат (с.1991, ленинободиҳо); Ҳизби Ҳалқии Демократии Тоҷикистон (с.1993, ленинободиҳо); Ҳизби ягонагии халқӣ (с.1994, ленинободиҳо); Ҳизби азнавсозии сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон (с.1994, ленинободиҳо); Иттифоқи неруҳои прогрессивии Тоҷикистон (с.1994, кӯлобиҳо). Дар натиҷа ҷомеа аз рӯйи принсипи минтақагароӣ тақсим шуда буд [3,с.75].

Сабаби ба вуҷуд омадани чунин вазъро муаллифони китоби «Бунёди давлатдории навин» ба ноуҳдабароии роҳбарони ҳамон вақт, надоштани таҷриба дар роҳбарии мустақилона ва саргум шудани онҳо ҳангоми рух додани воқеаҳои ғайричашмдошт вобаста намуда, таъкид карданд, ки: «Баъди эълони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (сентябри соли 1991) аксарияти роҳбарони собиқ дар вазифаҳои аввалиндараҷаи давлатӣ ба кор идома доданд. Аммо шароити таърихӣ, замон ва мардум дигаргун шуда буд, бинобар ин роҳбарони пешин бо назариёт, усул ва тарзҳои куҳна ба ҷомеа бомуваффақият роҳбарӣ карда наметавонистанд. Яке аз сабабҳои муташанниҷ шудани вазъи сиёсии кишвар ва ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани он ҳамин бесалоҳиятии роҳбарони сиёсии мамлакат буд» [2,с.45].

Инчунин, дар раванди ташкили ҳаракатҳои мардумии нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX бо мавҷудияти падидаҳои озодихоҳ ва либералию демократии бозсозӣ бо мақсади таъмини озодиҳои виҷдон ва ҳимояи арзишҳои динӣ гурӯҳҳо ва созмонҳои хусусияти динидоштаро ба миён оварданд.

Ба андешаи сиёсатшиноси тоҷик Зокиров Г.Н., дар замони бозсозӣ, ки демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиро яке аз самтҳои рушди мамлакат қарор дода буданд, дар Тоҷикистон низ шаклҳои гуногуну зиёди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва унсурҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис ёфта, ба фаъолияти сиёсӣ пардохтанд.... Дар қатори Ҳизби коммунистӣ, Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ба расмият шинохта шуданд. Инчунин, ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ: Ҳизби ҷумҳурихоҳон, Ҳизби Умумииттифоқии Коммунистии Болшевикон, Ҳизби ваҳдати миллӣ, Ҳизби ватандӯстони Тоҷикистон, Ҳизби озодии иқтисодӣ, Ҳизби халқии Тоҷикистон кӯшиши ба арсаи сиёсат ворид гаштанро намуданд [4,с.422].

Зимнан, доктори илмҳои таърих, профессор Набиев В.М. давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар маҷмуъ таъсис ёфтани 14 ҳизби сиёсиро қайд намуда, ҳадафҳои оинномавӣ ва роҳбарони аҳзоби сиёсиро ба таври мушаххас зикр намудааст [10,с.72].

Дар зери ливои демократикунонии системаи сотсиалистӣ ҳизбҳои дорои хусусияти либералию демократӣ ташкил шуданд. ҲДТ дар давраи ибтидоии ташаккули низоми навин субъекти фаъоли вазъи сиёсӣ гардида буд. Идеологияи ҳизбӣ ба арзишҳои европоӣ такя намуда, кӯшиши дар муддати кӯтоҳ таъсиси давлати европоиро дар Тоҷикистон дошт [9,с.108].

Бояд гуфт, ки рӯоварии арзиши ғарбии ҲДТ барои мардуми тоҷик бегона буд, зеро мардуме, ки даҳсолаҳои зиёд дар зери режими фармонфармоӣ умр дошт, ба моҳияти озодӣ ва демократия сарфаҳм намерафт.

Доир ба вазъи сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва кӯшиши ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ аз ҷониби неруҳои исломӣ ва демократӣ дар Тоҷикистон доктори илмҳои сиёсӣ, профессор М.А. Акмалова андешаронӣ намуда, чунин зикр менамояд: «Дар Тоҷикистон эстафетаи асосиро муллову диндорони ифротӣ ва ҳизбҳои навтаъсисёфта ба даст гирифта буданд. Ҳизби коммунист нуфузи худро аз даст дода буд. Дигар оппозитсионерони ба ном демократ аз надоштани таҷрибаи сиёсӣ раҳгумзада, танҳо назарияпардозӣ менамудану халос. Демократҳое, ки худро пуштибони асосии миллат ҳисоб мекарданд, кайҳо зери таъсири муллоҳои ифротӣ шуда, корашон аз масҷид ба масҷид сухбат кардан буд, вале дар амал аз дасташон чизе намеомад» [1,с.22].

Дар аввали солҳои навадуми қарни XX Ҳизби демократии Тоҷикистон дар байни аҳолӣ ҷонибдорони зиёдро пайдо накард ва дар табаддулоти ҳарбиву сиёсии соли 1992 шикаст хӯрд. Ин боиси дар шакли пинҳонӣ фаъолият намудани он гардид. Акнун Ҳизби демократӣ берун аз кишвар фаъолияти худро давом дода, бо ҳар роҳ мехост ба раванди сиёсии дохилӣ таъсир расонад. Қисми зиёди аъзоёни ҳизб ба Афғонистон фирор намуданд ва тобистони соли 1993 бо Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) Иттиҳоди оппозитсияи Тоҷикистон (ИОТ)-ро таъсис доданд. Моҳи июни 1993 бо қарори Суди Олии Тоҷикистон фаъолияти ҲДТ ғайриқонунӣ эълон гардид [9,с.24]. Он замон ин ҳизб аввалин созмони ҳуқуқии сиёсӣ буд, ки ба идеологияи коммунистӣ мухолиф баромад ва мутаносибан дар байни ҷавонону зиёиён ҷонибдорони зиёд дошт. Дар вақти дар муҳоҷират будани ҲДТ дар байни аъзоёни он ихтилоф ба миён омад.

Ҳизби демократии Тоҷикистон аз соли 1990 то ин дам фаъолият мекунад ва ин бори аввал набуд, ки дар сафҳои он ихтилофот ба вуҷуд меояд. Соли 1993 ин ҳизб ба ҷиноҳи Алмаато (сарвари он М.Искандаров (Ҷ.Ниёзов, А.Сатторзода) ва Теҳрон (бо роҳбарии А.Афзалӣ. (Ш. Юсуф) тақсим шуд. Гуруҳи аввал ба сафи ИОТ пайваста, дар музокироти сулҳ дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ширкат дошт. Тарафдорони гурӯҳи дуюм бо даъвати оташбас ва яроқпартоӣ бо ҷонибдории сиёсати ҳукумати навташкил баромад намуданд. Баъди имзои созишномаи сулҳ роҳбарии ин ҳизбро Маҳмадрӯзӣ Искандаров бар уҳда дошт, ки баъдан соли 2005 маҳкум шуда буд. Пас аз ӯ Вазорати адлияи Тоҷикистон Масъуд Собировро раиси интихобшуда эътироф кард. Баъдан ҲДТ боз ба ду гурӯҳ ҷудо шуд, ки роҳбарии якеро Маъсуд Собиров ва дигареро муовини собиқ раиси ин ҳизб Раҳматулло Валиев бар уҳда доштанд. Саидҷаъфар Усмонзода соли 2013 раиси Ҳизби демократӣ интихоб шуда буд. Дар Анҷумани ғайринавбатии Ҳизби демократи Тоҷикистон, ки 11 майи соли 2024 дар Душанбе баргузор шуд, дар он фаъолияти раиси ин ҳизб Саидҷаъфар Усмонзода дар ду соли охир баррасӣ ва тибқи хулосаи Шурои сиёсии ҲДТ, фаъолияти ҳизб дар солҳои 2022-2024 ғайриқаноатбахш арзёбӣ гардида, номбурда аз вазифи раиси ҲДТ озод карда шуд [15].

Чунонки таъкид гардид, зиддиятҳои дохилиҳизбӣ дар ҲДТ бори аввал нест. Дар байни аъзоёни ҳизб вобаста ба масъалаҳои ташкилӣ ва ҳамоҳангсозии мақсадҳо муқовимат вуҷуд дорад. Мухолифати дохилӣ ва нотавонии маъмуриву сохтории ҲДТ аз ибтидои ташкил ва фаъолияти ҳизб ҷой дошт. Ба андешаи мо, мавҷуд будани чунин ҳолатҳо аз муташаккил ва мутамарказ набудани фаъолияти аъзоёни ҳизбӣ, набудани мавқеи муайяни аъзоён дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва пеш аз ҳама, бо набудани сарвари сиёсии боэътимод, ки аъзоёни ҳизбро ба як мақсади муайян раҳнамо созад, вобаста мебошад.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ таъсис ёфтани ҲНИТ (ки айни ҳол фаъолияташ дар кишвар манъ аст) низ махсусияти худро дошт, зеро он дар раванди мубориза҆о бо ҳокимият таъсис ёфтааст.

Дар Тоҷикистон пас аз бекор кардани моддаи 6-уми Конститутсияи ИҶСШ ва ҳам пас аз эълони истиқлолияти давлатӣ қабул гардидани Қонун «Дар бораи бекор кардани баъзе санадҳои Шурои Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои динӣ» дар системаи сиёсӣ дигаргунии воқеӣ мушоҳида мешавад [6]. Дар қисми чоруми моддаи ҳафтуми Қонуни Республикаи Тоҷикистон «Оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» чунин омада буд: «Дар Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти ҳизбҳо ва сохторҳои ташкилии хусусияти динидошта иҷозат дода намешавад» [5]. Пас аз бекор гардидани санади мазкур ҳизби исломӣ тавонист, ки дар саҳнаи сиёсӣ арзи ҳастӣ намояд.

Муассиси ин ҳизб, Сайид Абдуллоҳ Нурӣ яке аз ҷонибдорони фаъоли ташкили давлати исломӣ дар Тоҷикистон буд. Ӯ фаъолияти пасипардагии худро соли 1973 шуруъ карда, созмони ҷавонони мусулмон «Наҳзати исломӣ»-ро таъсис медиҳад, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ пинҳонӣ фаъолият мекард. Ин гурӯҳи дар оғоз хурду маҳдуд дар нимаи солҳои 80-ум ба як шабакаи пинҳонкор табдил шуд, ки давоми ду сол ба таври махфӣ рӯзномаи «Ҳақиқати Ислом»-ро нашр мекард. 22 июни соли 1986 дар Душанбе ва навоҳии Вахш 40 узви фаъоли ин ҳизб боздошт шуда, худи Сайид Абдуллоҳ Нурӣ бошад, барои 1,5 сол аз озодӣ маҳрум гардид.

Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои байниҳизбӣ ва ҳамоҳангии аҳзоби исломиву демократии Тоҷикистон дар нахустин интихоботи президентии 24 ноябри соли 1991 бо пешбарии номзади ягона ва баъдан, баъди шикасти ин номзад дар интихобот оғоз шуд. Пас аз ин воқеа роҳбарони ҳизбҳои демократӣ ва исломӣ худро ошкоро неруҳои мухолифи зиддикоммунистӣ эълон карданд, инчунин бо расонаҳои мухолифи «Адолат», «Бомдод», «Ориёно», «Оини Сикандар», «Чароғи рӯз», «Наҷот», «Минбари ислом» ва дигарон ҳамкорӣ карданд. Қаблан ҳам ҲДТ ва ҳам ҲНИТ мавқеи худро мустақиман алайҳи низоми коммунистӣ эълон карда буданд. Ҳоло он ки дар анҷумани аввали ҲДТ, ки 1 декабри соли 1990 баргузор шуд, роҳбари демократҳо изҳор дошт, ки равобити ҳизбаш бо Ҳизби наҳзати исломӣ ва Ҷунбиши мардумии «Растохез» бар пояи дӯстиву бародарӣ бунёд ёфтааст ва муборизаи зидди Партияи Коммунистии Точикистонро оштинопазир мешуморад [12].

Дар мавриди зиндагии ҳассос ва душвори ҷомеа, зиёиёни тоҷик, ки манофеи худро сиёсӣ кардаанд, камбудиҳои замонро танҳо ба мавҷудияти ҳизби сиёсӣ, масъалаи ҳамкорӣ, рафъи буҳрон, камбудиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ рабт медоданд. Ҳаёт ва таъсири номатлуби беруна ба назари онҳо зоҳир намешуд ва ин боиси муборизаи барои қудрат, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ анҷом ёфт. Ҳизби исломӣ ба мисли Ҳизби демократӣ ташаббускорони митингҳои ғайриқонунии баҳори соли 1992 дар маркази пойтахт буд. Пас аз муҳоҷират ба Афғонистон ва таъсиси ИОТ фаъолияти ҳизб аз моҳи июни 1993 манъ гардид.

Пас аз имзои музокироти сулҳ дар Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дигаргуниҳои демократӣ ба амал омаданд ва ба фаъолияти Ҳизби наҳзати ислом дар қаламрави Тоҷикистон иҷозат дода шуд ва бинобар даст доштани роҳбарият ва аъзоёни ин ҳизби террористӣ моҳи сентябри соли 2015 фаъолияти он қатъиян манъ карда шуд.

Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ) ҳамчун ҷонибдори сиёсати давлатӣ пас аз пошхӯрии ИҶШС дар дар Вазорати адлияи Ҷуҳурии Тоҷикистон 17 марти соли 1992 аз қайди давлатӣ гузашт. Дар солҳои аввали ташаккули низоми мустақили Тоҷикистон ҳарчанд ҳизби мазкур тарафдори зиёдро бахри амалисозии барномаҳои худ пайдо намуд, вале баъдтар дар марҳалаи аввали рушди низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳизби коммунист ба шуури омма таъсири калон нарасонд, зеро пас аз пошхӯрии ИҶШС як навъ нобоварӣ ё ғайрифаъолӣ дар муносибат ба коммунистон ба вуҷуд омад. Дар айни замон мардуми Точикистон тавонистанд гузашта ва имрӯзи ҳизбро таҳлил намуда, ба фаъолияти он баҳо диҳанд.

Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ) моҳи июни соли 1996 таъсис ёфтааст. Сотсиалистон, гарчанде ки номи умумӣ ва маъруф доштанд, на ҳама онҳоро аз коммунистон фарқ мекарданд. Бинобар ин сокинони кишвар имконият надоштанд, ки манфиатҳои сотсиалистонро аз коммунистон ҷудо кунанд.

Дар фазои пасошӯравии Тоҷикистон ҷанинҳои ҳизбии коммунистӣ дар шакли ҲКТ ва ҲСТ тавлид ёфтанд, ки намунаи идеологияи пешинаро паҳн намуда, қобилияти таъсиррасонии ғоявиро пайдо накарданд. Ҳизбҳои дигар низ дар зери тасаввуроти хаёлии зиёиён сохта шуда буданд ва дар Точикистони мустақил онҳо моҳияти классикии худро пайдо накарданд. Танҳо номгузории «зебо»-и онҳо таваҷҷуҳи мардумро ҷалб месохт. Чунин номгузории аҳзоби сиёсӣ, чун анъана, дар кишварҳои пасошӯравӣ расм шуда буд.

Ҳизби Адолатхоҳ дар саҳнаи сиёсӣ нақши муҳимме надошт. Ҳизби мазкур танҳо дар як интихоботи президентӣ бо номзадии С.Қувватов ва С.Тӯраев ширкат карда, сипас аз саҳнаи сиёсӣ дар канор монд.

Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) моҳи феврали соли 1999 таъсис ёфта, баъди чанд моҳ фаъолияти он бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шуд. Танҳо баъди се сол ин ҳизб дубора сабти ном шуд. Ин ҳизб дар чаҳорчӯбаи фаъолияти чандинсолаи худ натавонист қудрати сиёсиро ба даст орад. Ҳарчанд дар интихоботи парлумонӣ ширкат карда бошад ҳам, натавонист овозҳои сазовори худро соҳиб шавад.

Соли 2005 Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ) ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) дар ҳаёти сиёсӣ фаъол шуданд, ки яке аз нишонаҳои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол буданд.

Ба андешаи мо, солҳои 90-уми асри ХХ барои шаҳрвандони Тоҷикистон имконияти ташкил додани созмонҳои сиёсӣ баҳри фароҳам овардани манфиатҳои худ пайдо гашт, лекин имкони хуби ташаккул ва таҳкими муносибатҳо барои фаъолияти онҳо пайдо нагардид. Зеро набудани таҷрибаи сиёсии фаъолият, сатҳи пасти фарҳанги сиёсӣ, номукаммалии пояҳои қонунгузорӣ, надоштани малакаи робитаҳои байниҳамдигар ва ғайра созмонҳои сиёсиро ба фазои муътадили сиёсӣ баҳри инкишофи ояндаи босуботи Тоҷикистон ҳидоят накарданд. Бояд тазаккур намуд, ки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистони замони ибтидои соҳибистиқлолии кишвар дар асоси нусхабардории фаъолияти ҳизбҳои либералии ғарбӣ, ки дорои маданияти баланди сиёсӣ ва муоширати касбии такмилёфта буданд, ташкил гардида, ҷомеаи ҳассоси Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Мавқеъгирии онҳо дар Шурои Олии ҷумҳурӣ, робитаҳои онҳо бо созмону ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ҳамгироии муносибатҳои онҳо бо Идораи қозиёти Тоҷикистон, ки мақсаду манфиатҳои гуногунро ҷонибдорӣ мекарданд ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсир расонида, онҳоро аз арсаи сиёсӣ дур сохт.

Таҷрибаи фаъолияти низоми ҳизбӣ дар Тоҷикистон собит кардааст, ки ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсӣ ба дараҷаҳои мухталифи фаъолият ширкат мекунанд, аммо танҳо як ҳизб – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) хусусияти легитимии комил дорад. Ба андешаи мо, хусусияти волоияти ҲХДТ, пеш аз ҳама, бо эътимоди халқ пайваста мебошад. Ҳизби мазкур тавонист, ки дар низоми сиёсӣ на танҳо ҳизби ҳукмрон, балки инчунин ҳизби «ҷамъиятӣ-мардумӣ» гардад. Яъне, аксари мардуми Тоҷикистон бо ҳизби мазкур ва фаъолияти минбаъдаи он ояндаи худро мепайванданд ва бо боварии некбинона дар ҳар интихоботи парлумонӣ ба намояндагони ин ҳизб овоз медиҳанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки кумитаи тадорукотии ҲХДТ (дар марҳилаи аввали ташаккулёбӣ бо номи Ҳизби Халқии Тоҷикистон ном бурда мешуд) 6 декабри соли 1993 ба кори худ шуруъ кард ва 10 декабри соли 1994 Анҷумани нахустини ҳизби мазкур баргузор гардида буд. Дар ин Анҷуман вакилон заминаҳои сиёсию иҷтимоии ташаккули ҳизбро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳамчунин, дар Анҷумани мазкур Оинннома, Барнома қабул ва мақсадҳои тактикӣ ва стратегии ҳизбро муайян карданд. ҲХДТ аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 декабри соли 1994 ба қайд гирифта шуд ва давоми 30 соли мавҷудияташ ҲХДТ ба яке аз аҳзоби созандаю пурнуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол мубаддал гардид.

Ҳизбҳои сиёсӣ айни замон дар системаи сиёсии Тоҷикистон ба субъекти фаъоли муайянкунандаи самтҳои сиёсати давлатӣ мубаддал шудаанд. Онҳо дорои хусусиятҳои хос мебошанд ва барои расидан ба мақсадҳо ҳамеша роҳу усулҳо ва самтҳои гуногуни фаъолиятро истифода мебаранд.

Имрӯз дар Тоҷикистон низоми бисёрҳизбӣ чун барандаи мафкураҳои мухталифи сиёсӣ баромад менамояд. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон – ҲАТ, ҲДТ, ҲКТ, ҲИИТ, ҲСДТ, ҲСТ, ҲХДТ дар саҳнаи сиёсӣ мақоми пешбарро соҳиб мебошанд, дар набардҳои сиёсӣ иштирок намуда, баҳри такмилу инкишофи демократия дар ҷомеа талош доранд.

Ба ин маънӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудаанд, ки «таърихи ҳазорсолаи дуру наздик гувоҳ аст, ки оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст. Ин рисолати таърихиро, ки раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид» [13, с.20].

Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон дар нахустин Конститутсияи мамлакат, ки соли 1994 қабул шуда буд, барои рушди системаи сиёсии ҷомеа ва хусусан низоми бисёрҳизбӣ ҳама заминаҳо фароҳам оварда шуда [7], айни ҳол бошад, фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба танзим медарорад [8].

Ҳамин тариқ, дар шароити таҳаввулоти низоми сиёсии Тоҷикистон ҷустуҷӯи равобити пайваста миёни мақомоти давлатӣ ва аҳзоби сиёсиро яке аз мавзуҳои мубрам метавон арзёбӣ намуд.

Ҳангоми омӯхтани генезиси ҳизбҳо дар Тоҷикистон ду механизми асосии ташкили ҳизбро ҷудо кардан мумкин аст: якум, дар асоси худидоракунии ҳизбҳо бо ташаббуси як

гурӯҳи одамон, фаъолияти ибтидоии онҳо дар мақоми иттиҳодияҳои (ҳаракатҳо, ҳизбҳои ғайрирасмӣ, клубҳо) бо таҳаввули минбаъдаи шаклҳои ташкилии ҳизб, ки барои давраи аввали сохтмони ҳизбӣ дар Тоҷикистон дар охири солҳои 80-ум то нимаи солҳои 90-уми асри XX хос аст; механизми дуюм – ташкили ҳизбҳои «аз боло» пас аз аниқ кардани таносуби «боқимонда»-и қувваҳо, захираҳои идеологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва интихоботие, ки пас аз пошхӯрии ҲКИШ ва муҳоҷирати коммунистони собиқ ба сафи неруҳои гуногуни сиёсӣ боқӣ мондааст, асос меёбад. Ин равандҳо барои муайян кардани марзҳои қавмии ғолиб ва мухолифони ҳизбҳо ва мувозинати нави муносибатҳо байни қишрҳои элитаи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мусоидат кард. Як қатор ҳизбҳо дар натиҷаи пошхӯрии сохторҳои ҲКИШ ба вуҷуд омадаанд, дигарҳо дар зери таъсири гурӯҳҳои этносиёсӣ ба вуҷуд омадаанд ва гурӯҳи дигар бо манфиатҳои корпоративӣ (масалан ҲАТ, ҲИИТ) ташкил гардиданд.

Хулоса, дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир масъалаи мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ибтидои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ вуҷуд дошт, зеро он ба талаботи ҷомеа ва дархостҳои он мутобиқ набуд, лекин дар раванди ташаккули худ ба ҳизбҳо муяссар гардид, ки хусусиятҳои равшани муносибатҳои байниҳизбиро дар рушд ва такмили муборизаи ошкорои сиёсӣ барои ҳокимият нишон диҳанд ва ба инкишофи демократия мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, ташкилшавии ҳизбҳо дар низоми сиёсии Тоҷикистон бо ҷой доштани манфиату талаботҳои иҷтимоиву сиёсии мардум, бо нигоҳ доштани низоми демократӣ ва такмили плюрализми сиёсӣ алоқаманд аст.

Илова бар ин, вобаста ба хусусиятҳои хосси ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бояд таъкид кард, ки айни ҳол аҳзоби сиёсӣ аз ҳизбҳои дар аввали солҳои 90-уми қарни XX таъсисёфта, бо манфиату ҳадаф ва усулҳои мубориза фарқ мекунанд. Агар дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта аҳзоби сиёсӣ дар заминаи маҳалгароӣ, тағйироти куллӣ дар низоми сиёсӣ ва пуштибонии шахсони алоҳида ташкил мешуданд, имрӯз бошад, аҳзоби сиёсӣ бо риояи рукнҳои демоктария ва дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, ҳизбҳое, ки баъди пошхӯрии ИҶШС дар ҳудуди Тоҷикистон ташкил шуда буданд, мақсаду вазифаҳои аниқи худро муайян карда натавонистанд. Малака ва маҳорати касбӣ надоштанд. Онҳо ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳое, ки дар назди худ гузошта буданд, ба равандҳои рушди таърихии ҷамъият, имкониятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аҳаммият надоданд.

Ҳамин тариқ, хусусият ва самтҳои асосии фаъолияти ҳизбҳо дар системаи сиёсии Тоҷикистон бо мақоми онҳо дар сохтори давлатӣ, аз он ҷумла дар мақомоти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия алоқаманд мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Акмалова, М.А. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои хосси он дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа / М.А. Акмалова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 226 с.
2. Алиев, З.М. Бунёди давлатдории навин / З.М. Алиева ва дигарон. – М.: Радунитса, 2002. – 416 с.
3. Бобохонов, Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992–1997 годы). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - № 4.
4. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. -Ҷилди III. -540 с.
5. Закон РСС Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» от 8 декабря 1990 года, № 194. // Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР, 1990 г., № 24, статья 418.
6. Конституция СССР. [Электронный ресурс]. URL:https://constitution.garant.ru/history/ ussr-rsfsr/1977/red1977/ 5478732. (дата обращения: 10.10.2022).
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 134 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 300; Қонуни ҶТ аз 8.08. 2015 с.- № 1209; аз 19.07.2019 с. -№1643.
9. Муродова, Н.С. Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: махсусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он / Н.С. Муродова. – Душанбе: Мулквар, 2021. – 197 с.
10. Набиев, В.М. Ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.М. Набиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 472 с.
11. Олимова, С. Таджикистан на пороге перемен / С. Олимова, М. Олимов. – М., 1999.
12. Олимова, С. Исламская партия возрождения в межтаджикском конфликте и его урегулировании / С. Олимова, М. Олимов. [Электронный ресурс]. URL:ca-c.org.ru›journal/2001/journal_rus…olimr.shtml (дата обращения: 15.07.2024).

13. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
14. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э.Раҳмонов. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
15. Саидджафар Усмонзода покинул пост главы Демократической партии Таджикистан [Электронный ресурс]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20240511/saiddzhafar-usmonzoda-osvobozhden-ot-dolzhnosti-predsedatelya-demokraticheskoi-partii-tadzhikistana (дата обращения: 28.06.2024)

## ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА НИЗОМИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба рушди низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, вазъияти аҳзоби навтаъсис дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, хусусиятҳои хоси ташаккули низоми бисёрҳизбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар мақола хусусиятҳои хосси ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, аз ташкилотҳои ғайрирасмӣ оғоз шудани таъсиси аҳзоби сиёсӣ, созмон ёфтани ҳизби исломӣ дар Тоҷикистон, ки баъдан аъзоёни ҳизби мазкур ба амалҳои мудҳиш даст зада, фаъолияти ин ҳизб пурра манъ гардид, таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Муаллифон бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки фазои сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро инъикос намоянд. Таъсис ёфтани аҳзоби сиёсӣ дар нахустини солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бештар хусусияти минтақагароӣ дошт ва моҷароҳои дохилиҳизбии аҳзоби сиёсӣ, инчунин истифода аз боварҳои мардум бо баҳонаи демократикунонии ҷомеа даст ба амалҳои номатлуб задани баъзе динодорон дар мақолаи мазкур ба таври мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** бозсозӣ, ҳизби сиёсӣ, истиқлолият, низоми давлатдорӣ, бисёрҳизбӣ, демократия, созмонҳои ҷамъиятӣ, музокироти сулҳ.

## ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ И МНОГОПАРТИЙНОЙ СИСТЕМЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с развитием многопартийной системы в Республике Таджикистан. Обсуждаются создание общественно-политических организаций, положение новообразованных партий в процессе политических преобразований, а также особенности формирования многопартийной системы. В статье также проанализированы особенности многопартийной системы в независимом Таджикистане после распада Советского Союза, создание политических партий на базе неформальных организаций, а также создание Исламской партии в Таджикистане. Особое внимание уделено тому факту, что впоследствии члены этой партии совершили ужасные поступки, что привело к её полному запрету. Используя научные источники, авторы попытались отразить политическую атмосферу независимого Таджикистана. В статье кратко освещены создание в первые годы независимости Республики Таджикистан политических партий преимущественно регионального характера, внутрипартийные конфликты, а также случаи использования доверия народа под предлогом демократизации общества для совершения нежелательных действий со стороны некоторых религиозных деятелей. В конце статьи представлены выводы авторов по обсуждаемому вопросу.

**Ключевые слова:** перестройка, политические партии, независимость, многопартийность, государственная деятельность, общественные организации, демократия, мирные переговоры.

## MAIN FEATURES OF THE ORGANIZATION OF POLITICAL PARTIES AND THE MULTI-PARTY SYSTEM IN TAJIKISTAN

This article examines issues related to the development of the multiparty system in the Republic of Tajikistan. It discusses the creation of socio-political organizations, the status of newly formed parties in the process of political transformations, and the characteristics of the formation of a multiparty system. The article also analyzes the features of the multiparty system in independent Tajikistan after the collapse of the Soviet Union, the establishment of political parties based on informal organizations, and the creation of the Islamic Party in Tajikistan. Special attention is given to the fact that members of this party later committed heinous acts, leading to the complete ban of the party. Drawing on academic sources, the authors attempt to reflect the political atmosphere of independent Tajikistan. The article briefly touches on the formation of predominantly regional political parties in the early years of the Republic of Tajikistan's independence, intra-party conflicts, and instances of exploiting public trust under the guise of democratizing society to carry out undesirable actions by certain religious figures. The article concludes with the authors' findings on the discussed issues.

**Keywords:** Rebuild, political parties, independence, multiparty system, state activities, public organizations, democracy, peace negotiations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Акмалова Мунира Абдунабиевна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳаллаи №17, хонаи, 1. E-mail: **akmalovam@mail.ru**
***Мансурӣ Ҷамшед Обидзода*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **902-05-35-25**. E-mail: **obidzodajamshed@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Акмалова Мунира Абдунабиевна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, доктор политических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **akmalovam@mail.ru**
***Мансури Джамшед Обидзода*** – Национальной Академияи наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон **902-05-35-25.** E-mail: **obidzodajamshed@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Akmalova Munira Abdunabievna*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Doctor of Political Sciences, Professor. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17th Microdistrict, Building 1. E-mail: **akmalovam@mail.ru**
***Mansuri Jamshed Obidzoda*** – National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **902-05-35-25**. E-mail: **obidzodajamshed@gmail.com**

ТДУ: 327 (575.3)

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ ДАР МАРҲАЛАИ МУОСИР: ОМИЛҲОИ ОБЪЕКТИВӢ ВА СУБЪЕКТИВӢ

*Раҳмонзода А.Ш.*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти давлат ҳангоми интихоби самтҳои асосии сиёсати хориҷии худ дар асоси омилҳои гуногун амал мекунад, ки қарорҳои дахлдори роҳбарияти кишварро муайян мекунанд. Маҳз таҳлили омили сиёсати хориҷии давлат имкон медиҳад, ки равишҳои принсипиалии назариявии дарки фаъолияти он дар арсаи байналмилалӣ таҳия ва барои қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ тавсияҳои дахлдор тартиб дода шаванд.

Дар айни замон, таснифоти умумии эътирофшудаи омилҳо вуҷуд надорад. Дар баробари ин, ба масъалаи муайян намудани онҳо шумораи зиёди асарҳо ва таҳқиқот бахшида шудаанд, зеро омилҳои мазкур заминаи асосии ташаккули сиёсати хориҷӣ мебошанд. Умуман, байни муҳаққиқон дар бархӯрдҳояшон ба муайян намудани омилҳо тафовути куллӣ вуҷуд надорад. Ин тафовут асосан ба мансубият ба мактабҳои гуногуни сиёсӣ вобаста аст, ки дар ақидаи худ дар бораи сиёсати хориҷии давлат гуногунанд. Мо ду мафҳумро муайян мекунем, зеро дар асл онҳо як маъно доранд. Бо вуҷуди ин, аввалин дар адабиёти ғарбӣ бештар маъмул аст.

Якчанд мактабҳои сиёсатшиносӣ вуҷуд доранд, ки кӯшиш мекунанд рафтори давлатро дар арсаи байналмилалӣ аз нуқтаи назари назариявӣ шарҳ дода, омилҳои асосии ин рафторро муайян кунанд. Аз миёнаҳои асри XX то ибтидои солҳои 90-ум дар омӯзиши сиёсӣ ақидаҳои реалистони нав бартарӣ доштанд, ки давлатро ҳамчун объекте медонистанд, ки амалаш танҳо ба муҳити беруна вобаста аст, на ба сохтори он.

Барои тарафдорони мактаби марксизми нав омилҳои берунӣ низ ҳалкунанда мебошанд, вале онҳо на ба қисмҳои сиёсии муҳити беруна, балки ба хусусиятҳои иқтисодии он бештар диққат медиҳанд. Дар баробари ин, аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта бештари муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки амалкарди давлатҳои мушаххас танҳо вокуниш ба таҳаввули муҳити беруна нест. Онҳо ба чунин хулоса омаданд, ки ҳангоми таҳлили фаъолияти сиёсати берунии давлат маҷмуи омилҳои дохилӣ ва беруниро ба назар гирифтан лозим аст. Бисёрии онҳо кӯшиш карданд, ки ба саволе ҷавоб диҳанд, ки чаро давлатҳои абарқудрат бо хусусияти якхела дар арсаи байналмилалӣ дигар хел рафтор мекунанд. Масалан, имрӯз ин саволро назариячиёни реализми классикии нав ва конструктивизм медиҳанд. Аввал қайд мекунад, ки бархӯрди қудрат дар ҷаҳон идома дорад ва сабаби асосии ин параметрҳои давлатҳои мухолиф аст. Муҳаққиқи рус Т.А. Романова се ҷузъи реализми классикии навро, ки ба рафтори давлат таъсир мерасонанд, ҷудо кардааст:

— «тағйирёбандаи мустақил» (муҳит, низом);

— «тағйирёбандаи дахолаткунанда» (тамоми маҷмааи дохили давлат: институтҳо, муносибатҳо, қудрат, ҷомеа, идрок ва идеология);

— «тағйирёбандаи вобаста» (сиёсати хориҷӣ) [8].

Конструктивистҳо, инчунин рафтори давлатро дар заминаи хусусиятҳои давлатӣ баррасӣ мекунанд. Ҳама давлатҳо беназиранд ва маҷмуи тағйирёбандаҳое доранд, ки хусусиятҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳоро муайян мекунанд, ки ба сиёсати хориҷии он таъсир мерасонанд. Давлатҳо аз дигар субъектҳо бо маҷмуи хусусиятҳои устувори хос ва вазифаҳое, ки барои субъектҳои дигар ғайриодӣ мебошанд, фарқ мекунанд [9,с.25].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ақидаҳо дар бораи таъсири назарраси омилҳои дохилӣ ба сиёсати хориҷии давлат низ барои соҳаҳои гуногуни либерализм бо ғарази назаррас ба ҳамкориҳо на дар соҳаи амнияти давлатӣ, балки дар иқтисодиёт хос мебошад [12,с.240].

Ҳамин тавр, тибқи нишондоди равишҳои назариявии мавҷудаи омӯзиши рафтори давлат дар арсаи байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ дар асоси якчанд ҷузъҳои таркибӣ ташаккул меёбанд.

Аввалан, он аз сиёсати дохилии давлат бармеояд ва идомаи мантиқии он мебошад, ки бо мураккабии тамоми равандҳои дар дохили давлат баамаломада муайян карда мешавад. Сониян, ба сиёсати хориҷӣ муҳити беруна таъсир мерасонад, ки дар як қатор мавридҳо метавонад сиёсати хориҷии аз ҷониби роҳбарияти кишвар ташаккулёфтаро ба таври назаррас ислоҳ намояд. Ниҳоят, он дар бораи хусусияти субъективии муносибатҳои байнидавлатӣ сухан меравад, ки онҳо танҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи субъектҳои гуногуни сиёсати ҷаҳонӣ ташаккул меёбанд [3,с.150-151].

Аз ин рӯ, яке аз таснифоти асосии омилҳои сиёсати хориҷии давлат бояд ба ҷойгиршавии онҳо нисбат ба ин ё он субъекти асосии муносибатҳои байналмилалӣ асос ёбад. Бар асоси ин омилҳои сиёсати хориҷиро метавон ба берунӣ ва дохилӣ тақсим кард, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

**Ҷадвали 1. Омилҳои сиёсати хориҷӣ**

| Дохилӣ | Берунӣ |
|---|---|
| ↓ | ↓ |
| Сохтори сиёсӣ, сиёсати дохилӣ, шахсияти роҳбар | Низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ, рӯзномаи байналмилалӣ |
| ↓ | ↓ |
| Сохтори иҷтимоӣ ва руҳияи ҷамъият | Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ |
| ↓ | ↓ |
| Иқтидори иқтисодӣ, рушди илмию техникӣ, иқтидори ҳарбӣ ва ғайра | Иқтидори иқтисодӣ, тараққиёти илмӣ-техникӣ, иқтидори ҳарбии давлатҳои дигар |
| ↓ | ↓ |
| Асоси захираҳо (захираҳои табиӣ, инсонӣ ва ғайра) | Асоси захираҳои (захираҳои табиӣ, кадрҳо ва ғайра) дигар давлатҳо |

Дар баробари ин, ин таснифот, ба андешаи мо, дар таҳлили омилҳои фаъолияти сиёсати берунии давлат ҳалкунанда нест, зеро он бо яке аз вазифаҳои асосии сиёсати хориҷӣ — мудофиакунанда алоқаманд нест [4,с.175]. Ин вазифа аз нуқтаи назари мавҷудияти худи давлат ҳалкунанда аст. Он бо мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он дар хориҷа алоқаманд аст. Ин вазифа инчунин, ба мансубияти стратегияи сиёсати хориҷии кишвар ба шароити муҳити беруна (низоми муносибатҳои байналмилалӣ) иртибот дорад. Хусусияти дигари фарққунандаи ин вазифа дар он аст, ки он ба кам кардан ё рафъи хатарҳои воқеӣ ва иқтидорӣ нигаронида шуда, ҳалли мушкилот авлавият дорад. Инчунин, барои таъмини амнияти миллии худ вазифадор мебошад. Дигар вазифаҳои сиёсати хориҷӣ (иқтисодӣ, идеологӣ, иттилоотӣ-намояндагӣ ва ташкилӣ) мавҷуданд. Аммо, ба назари мо, маҳз вазифаи мудофиакунанда афзалияти бештар дорад [1,с.101].

Хулосаи мазкур ба он асос ёфтааст, ки дар баробари таснифоти омилҳои сиёсати хориҷӣ аз рӯйи ҷойгиршавӣ нисбат ба давлат боз як омили дигар вуҷуд дорад, ки бо бунёдӣ будан ва объективияти бештари худ дар омӯзиши сиёсати хориҷии давлат фарқ мекунад. Вобаста ба ин, мактаби дигари сиёсатшиносиро зикр бояд кард, ки он ба андешаи мо, ангезаҳои давлати мушаххасро дар ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷии он, албатта, дар сурати мавҷуд будани як сохтори мувофиқ пурра инъикос мекунад ин дараҷаи соҳибихтиёрӣ — реализми классикӣ мебошад.

Намояндагони ин мактаб баҳс ва исбот мекунанд, ки ҳамаи давлатҳо барои ҳокимият кӯшиш мекунанд. Барои онҳо ин аввалин ва ягона принсипи рафтори давлатист, ки ба истифодаи қувва аз ҷониби давлат асос ёфтааст. Дар баробари ин, дар таълимоти онҳо яке аз ҷойҳои марказиро мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» ишғол менамоянд, ки қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи давлат дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад [14,с.368].

Ҳамин тариқ, омилҳои объективӣ ва субъективии сиёсати хориҷии давлатҳои муосирро дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ баррасӣ намуда, бояд гуфт, ки ба омилҳои аввал инҳо дохил мешаванд: манфиатҳои миллӣ, субъективият дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, вазъи иқтисодӣ, иқтидори захиравӣ, ҳарбӣ ва ғайра [7,с.102]. Инчунин, ба

андешаи мо, фақат сифатҳои шахсии роҳбари кишвар ва элитаи роҳбариикунандаро метавон ба омилҳои субъективӣ рабт дод. Зеро маҳз ба ҳамин гурӯҳи одамон мувофиқати дарки вазъи кунунӣ ва тафсири дурусти мақсади иқтисодӣ, ки барои қабули қарорҳои сиёсӣ, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ ба сифати асос хизмат мекунанд, вобаста мебошанд.

Омили шахсӣ, сарфи назар аз субъективӣ буданаш, ба далели ҳамон як вазифаи мудофиакунандагии давлат ва қобилияти роҳбарият ҷиҳати дарки дурусти таҳдидҳои мавҷуда ниҳоят муҳим аст. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, дарки субъективии таҳдидҳо дар таъмини амнияти миллии давлат нақши ҳалкунанда ва ниҳоят муҳимро мебозад. Зеро саривақтӣ ва мувофиқ будани тадбирҳо барои кам кардан ё бартараф кардани онҳо равона шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, таҳдидҳоро аз рӯйи дараҷаи дарки субъективии худ тасниф кардан мумкин аст ва аз ин рӯ, метавонанд шакли зерин дошта бошанд:

Таснифи таҳдидҳои амният аз рӯйи дараҷаи дарки субъективӣ

**Таҳдиди амният**

- таҳдиди аз ҳад зиёд;
- таҳдиди нодида гирифтан;
- таҳдиди хаёлӣ [6,с.143].

Таҳдиди аз ҳад зиёд арзёбӣ шуда ё нодида гирифташударо метавон ҳамчун мушкилоти ба таври объективӣ мавҷудбуда бо дарки аз ҳад зиёд ё нодида гирифтани хатари воқеии онҳо фаҳмидан мумкин аст. Таҳдиди хаёлӣ дур аст ва метавонад боиси нодурустии тақсимоти захираҳо гардад, ки ба таъмини амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. Аз тарафи дигар, таҳдиди кифоя шакли амалиро инъикос мекунад, ки дар он шахсоне, ки дар фаъолияти сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат қарор қабул мекунанд, дуруст баҳо медиҳанд.

Дар мавриди баррасии сиёсати хориҷии давлати муосир чунин омили субъективӣ, ба монанди хусусиятҳои шахсии сиёсатмадорон ва шахсоне, ки барои қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ масъуланд, нақши муҳим мебозад. Бояд гуфт, ки дар зери таъсири омилҳои субъективӣ ташаккул додани сиёсати берунии номуносиб метавонад натиҷаи ноуҳдабароӣ, гумроҳӣ ва ё натиҷаи вайронкории мақсаднок бошад. Ин чунин маъно дорад, ки фаъолияти онҳо ба асоси ташаккули сиёсати берунии ҳар як давлат, ки бо гурӯҳи омилҳои объективӣ муайян карда мешавад, муқобил аст, ки муҳимтарини онҳо манфиатҳои миллии давлат мебошанд.

Аз ин рӯ, муҳимтарин вазифае, ки дар назди роҳбарияти кишвар меистад, ин риояи аниқ ва дарки манфиатҳои миллӣ мебошад, ки гурӯҳҳои гуногуни омилҳои берунӣ ва дохилии сиёсати хориҷиро ба ҳам мепайвандад. Маҳз мактаби реализми сиёсӣ манфиатҳои миллиро принсип ва асоси ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ медонад. Моҳияти асосии манфиати миллӣ, ба ақидаи реалистон, дар он аст, ки сиёсати хориҷие, ки ба принсипҳои он асос ёфтааст, аз сиёсати дохилӣ, ки дар худ «принсипҳои ахлоқии умумӣ» дорад, бартарӣ дорад [2].

Агар манфиатҳои миллиро маҷмӯи ниёзҳои берунӣ ва дохилии давлат муайян кунем, пас бо хусусиятҳои ин ё он кишвар, нишондодҳои иқтисодии он, хусусиятҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, мавқеи геосиёсӣ, зарурати ҳифзи доимии аҳолӣ аз ифротгароӣ, таҳдид ба амният, дахлнопазирии ҳудуд ва ғайра аз як тараф, инчунин аз тарафи дигар, низои муносибатҳои байналмилалие, ки дар он мавҷуд аст, муайян карда мешаванд. Манфиатҳои миллӣ тағйирёбанда мебошанд, ки ҳама давлатҳо бояд ба он нигаронида шаванд, то рушд ва амнияти худро таъмин кунанд. Ҳамин тариқ, сиёсатшиноси амрикоӣ К.Кигли менависад, ки «вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлат, ки ҳама чизи дигар бояд ба он тобеъ бошад, маҳз манфиати миллӣ ҳамчун омили бунёдӣ ва объективии ташаккули сиёсати хориҷӣ мебошад» [15,с.348].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «манфиати миллӣ» моҳияти бунёдӣ ва муайянкунандаи худро дар таҳлили омилии сиёсати хориҷии давлати муосир исбот мекунад. Таҷрибаи давлатҳои муосири ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳар яки онҳо дар фаъолияти хориҷии худ ва дар интихоби шарикони стратегӣ, ҳамкориҳои ҳарбӣ ва иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои миллии худ такя мекунанд. Ба ақидаи Р.Ҷ. Ҳайдаров, “се абарқудрат – Федератсияи Русия,

Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико имрӯз се маркази меҳварии сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ ҳастанд, ки дорои ғояҳои универсалии ҳамгирой ва стратегияи рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мебошанд. Акнун мамлакатҳои узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар байни се стратегияи алтернативӣ интихоби озод доранд. Аз ин рӯ, кишварҳои соҳибистиқлол дар асоси манфиатҳои миллии худ аз се стратегияи рушди ҷаҳонӣ интихоб хоҳанд кард" [9,с.168].

Тавре ки қайд кардем, дар баробари манфиатҳои миллӣ, самтҳои низоми байналмилалӣ, вазъи иқтисодӣ, иқтидори захираҳо, неруи ҳарбӣ ва ғайраро низ метавон ба омилҳои объективии сиёсати хориҷии кишвар нисбат дод.

Ҳамчунин, таҳлили амиқи омилии сиёсати хориҷии давлати муосир имкон медиҳад, ки дар сатҳи амалӣ ҳангоми интихоби воситаҳо ва механизмҳои зарурии татбиқи он қарори зарурӣ қабул карда шавад.

Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ҳар як давлат вазифаи ҳифзи сиёсати хориҷиро дарк намуда, дар баробари таъмини амнияти миллии худ бояд се мақсади муҳимтарини стратегиро пеш гирад:

— амнияти ҳарбӣ;
— амнияти иқтисодӣ;
— қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ (амнияти дохилӣ) [5,с.327].

Ҳамин тариқ, давлат сиёсати хориҷии худро дар асоси омилҳои гуногун бунёд намуда, аз абзору механизмҳои гуногун истифода мебарад, ки дар сиёсатшиносӣ, чун қоида, бо истифода аз мафҳуми қувва тавсиф карда мешаванд. Бинобар ин, ба назари мо, бидуни тавсифи ин категория таҳлили омили пурра ва ҳаматарафаи фаъолияти сиёсати берунии давлат имконнопазир аст.

Дар таҳияи мафҳуми «қудрат» сиёсатшиноси маъруфи амрикоӣ Ҷ.Най саҳми назаррас гузоштааст, ки ба муомилоти илмӣ ворид намудани мафҳумҳои қудратҳои «нарм» ва «сахт»-ро пешниҳод кардааст [13,с.59]. Мо чунин мешуморем, ки ин мафҳум махсусан дар замони муосир мубрам мебошад. Зеро дар марҳалаи муосир тамоюли тағйир додани усулҳои ҳокимият аз тарафи давлатҳое мушоҳида карда мешавад, ки ба ғайр аз фишангҳои анъанавии фишор, аз механизмҳои нави таъсир истифода мебаранд. Ҳар гуна фишори иқтисодӣ ва ҳарбӣ дар сиёсати берунӣ «қувваи сахт» аст.

Шакли дигари қудрат «нарм» аст, ки бо дур шудан аз таъсири анъанавии усулҳои ҳарбӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст. Ба андешаи Ҷ.Най, ин навъи қувва, пеш аз ҳама, ба боварикунонӣ нигаронида шудааст, на маҷбуркунӣ [13,с.59]. Дар баробари ин, ба «қудрати нарм» механизмҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ ва дигар механизмҳои таъсиррасонӣ хос мебошанд.

Вақтҳои охир категорияи «қувваи интеллектуалӣ» низ ба муомилоти илмӣ фаъолона ворид шуд, ки ду мафҳуми қаблан баррасӣ шударо муттаҳид намуда, аз зарурати муносибати маҷмуӣ дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат иборат мебошад [11,с.258]. Ин истилоҳ, ба фикри мо, ниҳоят органикӣ буда, тамоми хусусиятҳои низоми муосири муносибатҳои байналмилалиро инъикос мекунад, ки аз рӯйи хусусияти мураккаби худ дар назди давлатҳо, аз ҷумла дар бобати ташаккул додан ва ба амал баровардани сиёсати берунӣ талаботи дигар мегузорад. Ба ибораи дигар, давлати муосир ҳақ надорад, ки дар интихоби маҷмуи абзорҳо барои татбиқи сиёсати хориҷии худ худро маҳдуд кунад.

Хусусан дар шароити ҷаҳони бисёрқутба ва ё мувофиқи назари коршиноси тоҷик Р.Ҷ.Ҳайдаров ҷаҳони сеқутба, барои давлатҳои муосир имкониятҳои нав барои ҳамкори дар дилхоҳ соҳа фароҳам омадааст.: "...дар шароити дунёи сеқутба, мамлакатҳои Осиёи Миёна, ки сиёсати берунии худро дар асоси принсипи «бисёрсамтӣ» барпо мекунанд, имконияи навро дар интихоб кардани самтҳои нави ҳамкории иқтисодӣ, ҳарбию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо мекунанд" [10,с.673].

Илова бар маҷмуи механизмҳои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар сатҳи байнидавлатӣ ва байналмилалӣ, ҳар як давлат бояд барои ташаккули сиёсати бисёрҷониба кӯшиш кунад, ки он ба хусусиятҳои ҷаҳони муосир низ алоқаманд аст: пайдоиш ё ташаккули қарорҳои нав – сохтани марказҳо, ташаккули бозингарони фаромиллӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, марҳалаи муосири рушди давлат ҳангоми интихоби самтҳои асосии сиёсати берунии худ дар асоси омилҳои гуногун амал мекунад, ки қарорҳои дахлдори роҳбарияти кишварро муайян мекунанд. Ин аҳаммияти таҳлили омили сиёсати хориҷии давлати муосирро дар назар дорад. Дар баробари ин, яке аз таснифоти асосии омилҳои сиёсати берунии давлат бояд вобаста ба мавқеи онҳо нисбат ба субъекти асосии муносибатҳои байналмилалӣ асос ёбад. Бар асоси ин омилҳо сиёсати хориҷиро метавон ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо кард.

Омилҳои объективӣ ва субъективии сиёсати хориҷии давлатҳои муосирро дар шароити ҷаҳони бисёрқутбӣ омӯхта, метавон гуфт, ки ба омилҳои асосӣ метавон инҳоро мансуб донист: манфиатҳои миллӣ, субъективият дар низоми байналмилалӣ, вазъи иқтисодӣ, иқтидори захиравӣ, ҳарбӣ ва ғайра. Ба андешаи мо, фақат сифатҳои шахсии роҳбари кишвар ва элитаи роҳбарикунандаро метавон ба омилҳои субъективӣ рабт дод.

Бо дарназардошти таҳлили омилӣ мо дарёфтем, ки давлати муосир барои таъмини рушди устувори худ вазифадор аст, ки доираи васеи унсурҳои фишори пурқувватро истифода барад ва онҳоро муттаҳид созад. Илова бар ин, ҳар як давлати муосир бояд кӯшиш кунад, ки сиёсати хориҷии бисёрҷанбаро пеш барад, ки бо хусусияти ҷаҳони муосир алоқаманд аст.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Гавриш М.А. Евразийское измерение современного российского политического процесса: монография / М.А. Гавриш. – М.: РЮИ МВД России, 2006. – С. 101.
2. Концепция национального интереса и национальной безопасности [Электронный ресурс]. URL: http://www.solidpolitic.ru/sopos413-1.html.
3. Косолапов Н.А. Международно-политическая организация глобализирующегося мира // ОНС. – 2001. -№6. -С.150-151.
4. Кудрявцев Ю.А. Государственные режимы / Ю.А. Кудрявцев. – М.: Litres, 2015. – С. 75.
5. Михайленок О.М. Национальная безопасность России: военно-политические аспекты / О.М. Михайленок. – М.: Ин-т сравнительной политологии, 2003. – 327 с.
6. Прохожев А.А. Теория развития и безопасности человека и общества / А.А. Прохожев. – М.: Российская академия государственной службы при Президенте РФ, Фонд «Отечество», 2006. – С. 143.
7. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. – Душанбе, 2022. – 172 с.
8. Романова Т.А. О неоклассическом реализме и современной России [Электронный ресурс]. URL: http://publications.hse.ru/articles/ 86102563
9. Хайдаров Р.Дж. К вопросу о развитии Центральной Азии в период трехполярного мира / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философосии, политологии и права им. А.Баховаддинова НАНТ.-2023. -№1.-С.168-174.
10. Хайдаров Р.Дж. Новые геополитические тенденции в евразийском пространстве в контексте формирования трехполярного мира / Р.Дж. Хайдаров // Постсоветские исследования. 2022; 7(5):667-676.
11. Carpenter T. Smart Power: Toward a Prudent Foreign Policy for America / T. Carpenter. – Washington: Cato Institute, 2008. – 258 p.
12. Davies W. The Limits of Neoliberalism: Authority, Sovereignty and the Logic of Competition / W. Davies. -SAGE, 2014. – 240 p.
13. Gray C.S. Hard Power and Soft Power: The Utility of Military Force as an Instrument of Policy in the 21st Century Politics / C.S. Gray. – Army War College, 2011. – 59 p.
14. Guilhot N. The Invention of International Relations Theory: Realism, the Rockefeller Foundation, and the 1954 Conference on Theory / N. Guilhot. – Columbia University Press, 2011. – 368 p.
15. Keagley Ch.N. World Politics: Trend and Transformation / Ch. Keagley. -Columbia Cengage Learning, 2008. -P.348.
16. Wendt A. Anarchy is what States Make of it: The Social Construction of Power Politics / A. Wendt. – Cambridge University Press, 2000. – P. 25.


## СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ ДАР МАРҲАЛАИ МУОСИР: ОМИЛҲОИ ОБЪЕКТИВӢ ВА СУБЪЕКТИВӢ


Дар мақола омилҳои объективӣ ва субъективии сиёсати хориҷии давлат баррасӣ шудаанд. Муаллиф омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ таъсиррасонро муайян кардааст. Вазифаҳои сиёсати берунӣ номбар карда шуда, муаллиф вазифаи «мудофиакунанда»-ро ҳамчун вазифаи асосии сиёсати хориҷии давлат ҷудо кардааст. Маҳз таҳлили омили сиёсати хориҷии давлат имкон медиҳад, ки равишҳои принсипиалии назариявии дарки фаъолияти он дар арсаи байналмилалӣ таҳия ва барои қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ тавсияҳои дахлдор тартиб дода шаванд.



**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, геосиёсӣ, реализми нав, марксизми нав, реализми классикӣ, манфиатҳои миллӣ, қудрати оқил», «мудофиакунанда».

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ: ОБЪЕКТИВНЫЕ И СУБЪЕКТИВНЫЕ ФАКТОРЫ

В статье рассматриваются объективные и субъективные факторы внешней политики государства. Автор анализирует факторы, влияющие на «объективность» и «субъективность» принятия внешнеполитических решений. Перечисляются задачи внешней политики, причем автор выделяет задачу «обороны» как основную задачу внешней политики государства. Именно анализ внешнеполитического фактора государства позволяет выработать принципиальные теоретические подходы к пониманию его деятельности на международной арене и выработать соответствующие рекомендации для принятия внешнеполитических решений.

**Ключевые слова:** внешняя политика, международные отношения, геополитика, неореализм, неомарксизм, «классический реализм», национальные интересы, «умная сила», «охранительны».

## STATE FOREIGN POLICY AT THE PRESENT STAGE: OBJECTIVE AND SUBJECTIVE FACTORS

The article deals with the objective and subjective factors of the foreign policy of the state. The author analyzes the factors influencing the "objectivity" and "subjectivity" of making foreign policy decisions. The tasks of foreign policy are listed, and the author singles out the task of "defense" as the main task of the state's foreign policy. It is the analysis of the state's foreign policy factor that makes it possible to develop fundamental theoretical approaches to understanding its activities in the international arena and develop appropriate recommendations for making foreign policy decisions.

**Keywords:** foreign policy, international relations, geopolitics, neorealism, neo-Marxism, "classical realism", national interests, "smart power", "protective".

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ*** **-** Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, муовини директор оид ба илм ва таълим. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Азимджон Шерали*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, заместитель директора по науке и образованию. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **900-18-00-38.** E-mail**: raxmonzoda92@bk.ru**

**Information about the author:** ***Rahmonzoda Azimjon Sherali*** **-** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Deputy Director for Science and Education. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**ТДУ: 32.001 (575.3)**

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

***Сафаров Ф.Г.***

**Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти-технологии Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва дар ш. Душанбе**

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ ҷанбаи муҳимми таъмини субот ва соҳибихтиёрии кишвар дар замони технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Рақамикунонӣ боиси эҷоди миқдори зиёди мушкилиҳо, афзоиши тиҷорати электронӣ, хидматҳои бефосилаи рақамӣ ва дар натиҷа афзоиши шумораи таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ мегардад.

Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд омада, фаъолияти он тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Яке аз унсурҳои муҳимми рушди инноватсиониву индустриалии мамлакат татбиқи технологияи навини иттилоотӣ мебошад. Иқтисодиёти рақамӣ чун маҷрои нави рушди иқтисодӣ дар асоси мубодилоти далелҳо, иттилоот дар реҷаи вақти воқеӣ пайваста бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ сурат гирифта, ба беҳтар шудани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи зиндагӣ ва муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Афзалияти иқтисодиёти рақамӣ дар он аст, ки он муносибатҳои доир ба истеҳсоли маҳсулот, коркард, нигаҳдорӣ ва интиқоли он саривақт ва самаранок истифодабарии иттилоот ва далелҳои афзояндаро дар бар мегирад, ки аллакай дар Тоҷикистон чунин замина рӯйи кор аст: www.Dodaho.tj

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» оид ба вусъат бахшидани корҳо ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар заминаи он ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодиёти мамлакат, Вазорати рушди иқтисод ва савдо муваззаф гардидааст, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. Ҷиҳати амалӣ кардани ин тадбир аз ҷониби мақомоти дахлдор лоиҳаи Барномаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия гардид [1].

Андешаҳо дар бораи таъмини амнияти иттилоотӣ бояд ҷавобгӯи манфиатҳои рӯз бошанд. Зеро имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи таъмини технологияи навини иттилоотӣ дар сиёсат пайваста бо парадигмаҳои ҷомеаи иттилоотӣ зиндагӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаи Интернет ба таври васеъ доираҳои гуногуни аҳолиро фаро гирифта, мамлакатро ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст мегардонад. Технологияҳои иттилоотӣ ахборотро ба неруи мутаҳаррике табдил додаанд, ки он дар пешрафти ҷаҳони муосир нақши муайянкунандаро касб намудааст. Воситаҳои навтарини иттилоотӣ метавонанд оқибатҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбатро ба бор оранд. То кадом андоза ба нафъи манфиатҳои миллӣ истифода намудани онҳо муҳим аст. Моҳиятан, воситаҳои замонавии иттилооти оммавӣ дар заминаи манфиатҳои давлатҳои бузург инкишоф меёбанд. Бинобар ин, доимо саволи зерин дар миён аст: воситаҳои иттилооти оммавии давраи рушди глобаликунонии олам ба амнияти миллии давлатҳои хурд чӣ муносибат ва ҳолати ҳамгироӣ доранд?

Воқеияти раванди сиёсии ҷаҳонӣ водор месозад, ки ба амнияти иттилоотии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ муносибат бояд кард. Чуноне ки сиёсатшиноси ватанӣ Г.Зокиров қайд менамояд, зарурат пеш омадааст, ки методҳои таъмини амнияти иттилоотиро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ таҷдиди назар кунем. Методҳои умумии таъмини амнияти иттилоотиро метавон ба гурӯҳҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию техникӣ ва иқтисодӣ тақсим намуд.

Ба методҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, танзиму таҳкими муносибатҳо дар соҳаи иттилоот ва меъёрҳои методии ҳуҷҷатҳо дар масъалаи таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва ғ. дохил мешаванд [2,с.214].

Аз аввали солҳои 2000-ум бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳои муҳим дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар ба тасвиб расиданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилооткунонӣ” (аз 06.08.2001), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” (аз 10.05.2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” (аз 02.12.2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ” (аз 30.07.2007), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи криптография” (03.12.2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” (аз 19.03.2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” (аз 26.06.2014), Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.11.2003), Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз (30.04.2008) ва ғайра аз санадҳои муҳиме мебошанд, ки дар робита ба ҳифз ва таъмини амнияти иттилоотӣ ба тасвиб расиданд.

Дар замони муосир нақши иттилоот ба таври бесобиқа боло рафта, воситаҳои ахбори умум ба аслиҳаи пуриқтидори таблиғоти сиёсӣ ва воситаи хеле неруманди таъсиррасонӣ ба мафкура ва фаъолияти инсон мубаддал гардид. Ҳоло дар муборизаҳои иттилоотӣ аз роҳу усулҳое истифода мегардад, ки дарки пасманзари онҳо барои бинандаю шунаванда ва хонандаи одӣ хеле душвор аст. Ин роҳу усулҳо бо дарназардошти дурнамо сурат гирифта, тарҳрезии идеяҳо ҳатто барои фанои идеологияҳои бузург мусоидат мекунанд ва ба ин васила мақсаду ҳадафҳои нопок, аз ҷумла нооромсозии суботи кишварҳо, барангехтани нобаробарию мухолифатҳои динию мазҳабӣ, костагардонии ахлоқу фарҳанг, нодида гирифтани арзишу суннатҳои миллӣ аз ҷумлаи шаклҳои муосири ҷангҳои иттилоотӣ махсуб мeёбанд. Зиёда аз ин, имрӯз байни се минтақаи технологии ҷаҳон, аз ҷумла, минтақаҳои шарқи Осиё, Аврупо ва Амрико муборизаҳои технологӣ, бактериологӣ, геосиёсӣ, иттилоотӣ ва экспансияи фарҳангӣ, ки амну суботи оламро зери хавфу хатар мегузорад, ошкору ниҳон доман паҳн кардааст. Ин таҳаввулот дар муносибатҳои нави байналмилалӣ ҳифзи фазои иттилоотии давлатҳои миллиро боз ҳам мураккабтар сохт [3].

Тавре таъкид карда шуд, дар шароити феълӣ рушду пешрафт ва ҳатто мавҷудияту баҳои давлатҳо ба устувории амнияти иттилоотӣ вобастагии амиқ дорад. Андешаи эътирофшудаи «Асри XXI – асри иттилоот» дорои воқеияти худ буда, идораи иттилоот дар ҷаҳони муосир ва шаклгирии равандҳо дар он аҳаммияти ҷиддӣ пайдо намудааст. Таҳлилҳо собит намудаанд, ки ноустувор ва ё заиф будани амнияти иттилоотӣ боис мегардад, ки давлатҳои соҳибистиқлол ва рушдкарда ба майдони моҷаро ва бархӯрди манфиатҳои қудратҳои муайян табдил ёбанд [4].

Технологияи босуръат паҳншаванда, рақамҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро шаклан дигаргун месозад. Вале фарогирии густардаи нобаробарии рақамӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва махсусан кӯчактарин кишварҳо, иқтисоди рақамӣ хатари боз ҳам бузургтарро ба бор меорад. Барои аз нав дида баромадани марҳилаву ҳадафҳои рушди бахши рақамӣ ва тарҳи ояндаи ҷаҳонишавии муносибати ҳамаҷониба ба технологияҳои нав, тақвияти шарикӣ ва идоракунии бештар талаб мегардад.

Иқтисоди рақамӣ бо сабаби қобилияти ҷамъоварӣ, истифода ва таҳлили миқдори зиёди иттилооти аз ҷониби компютер дастрасшаванда яъне, маълумоти рақамӣ, бо суръати бениҳоят афзоишёбанда идома дорад. Чунин маълумоти рақамӣ дар асоси таҳлили «роҳҳои рақамӣ», ки дар барномаи амалиётҳои гуногуни рақамӣ дар натиҷаи фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё корхонаву ташкилотҳо боқӣ мондаанд, ҷамъ оварда мешавад.

Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва бо такя бар арзишҳои ахлоқию маънавии хеш, имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст, ки сари масъалаи истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ андеша намоем. Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ ба ин равандҳо ташаккули бахшҳои иқтисодиёти

иттилоотӣ, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ шомил аст. Бояд дар мамлакат якчанд марҳила ва лоиҳаҳои рушди иқтисодиёти рақамиро дар шароити имрӯза татбиқ намуд [5]:

1. дар соҳаҳои кишоварзӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва истифодабарии захираҳои иттлоотӣ бо таъмини дастурҳо намудҳои хизматрасонии электрониро бояд муайян ва ҷорӣ намуд;

2. давлат дар фаъолияти истифодабарии рушди иқтисодиёти рақамӣ, бозори технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла муассисаю корхонаҳои хусусӣ, паркҳои технологӣ ва марказҳои хизматрасониро ташкил намуда, сармоягузорони хориҷиро ҷалб намояд ва барои онҳо шароит фароҳам оварад;

3. мутобиқ намудани рушди инфрасохтори замонавии телекоммуникатсионӣ дар шароити муосир, технологияи алоқа ва рушди хизматрасониҳои шабакавӣ, рушди хизматрасониҳои ҳозиразамони телекоммуникатсиониро бояд ҷорӣ намуд;

4. дар идоракунии давлат ва соҳаҳои иқтисодиёт, хизматрасониҳои ҳозиразамони электрониро ҷорӣ намуд ва бо кумаки иқтисодиёти рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва дастури таъминоти бозориро бояд рушд дод;

5. сегменти Интернети миллӣ, ташкили медиа-контенти рақамӣ, захираҳои моддӣ-техникӣ ва иқтисодиро бо роҳи рушд ва таклифот коркард намуд;

6. ноҳияҳо ва шаҳрҳоро бо инфрасохтори ҳудудӣ ва истифодабарии онро тавассути электронӣ идора намудан, хусусан манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ-маишӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири транспортӣ барои «шаҳр ва ноҳияи муосир» ва коркарди «системаи муосир»;

7. омӯзонидан ва такмил додани сатҳи касбии мутахассисон, омоданамоии кадрҳо.

Хусусиятҳои таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ саҳм мегиранд ва пеш аз ҳама, бояд таъсиррасонии он ба манфиатҳои миллӣ мавриди назар қарор гирад. Амнияти иттилоотии Тоҷикистон яке аз қисмҳои таркибии амнияти миллии мамлакат буда, ба ҳифзи манфиатҳои миллии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ таъсир мерасонад.

Ҳангоми дар иқтисодиёт истифода кардани технологияҳои муосир, пеш аз ҳама, вақт сарфа мегардад. Вақт дар иқтисод нақши муҳим дорад. Ҳамаи ҷараёнҳои иқтисодӣ бо вақт алоқамандии зич доранд. Масалан, он кореро, ки инсон дар як рӯз анҷом медиҳад, технологияи муосир метавонад дар як соат анҷом диҳад. Ҳамзамон, технологияҳои ҳозиразамон ҳатто дар бораи ҳар як ҷузъиёти истеҳсолот ва хизматрасонӣ маълумоти дақиқ дода метавонанд. Ин гуна маълумотҳо барои банақшагирӣ ва баровардани қарори дуруст шароит фароҳам меорад. Масалан, системаи ҷустории миллӣ Dodaho.tj Шумо метавонед, бо воситаи ин системаи ҷусторӣ ба худ дилхоҳ маводҳои лозимаро сари вақт пайдо намуда, истифода намоед. Гузашта из ин, дархостҳои Шумо мавриди амн қарор мегиранд [6].

Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, интизом ва шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хосси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад. Масалан, дар донишгоҳ маъмурият тавассути технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти донишҷӯёнро дар дарс назорат намояд, сифати дарсгузарии устодонро мушоҳида намояд ва таълимро самаранок гардонад. Имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои пешрафтаи автоматикунонии раванди таълим ба ҳисоб меравaнд. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ, базаи моддӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси устодон пешрафти бомуваффақияти татбиқи технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон дар соҳаи маориф дида мешавад. Дар донишгоҳҳо талабот ба комплекси таълимии электронӣ, дарсҳои видеоӣ ва технологияҳои мултимедиавӣ зиёд аст ва назорати ҷиддӣ бурда истодаанд, мақсад ва ҳадафҳои асосӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯён маводҳоро сари вақт дастрас намуда, вақти худро беҳуда нагузаронанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти рақамӣ рушд намуда истодааст ва дар баробари худ бехатарии иттилоотиро эҷод мекунад. Дар иқтисодиёти рақамӣ нақши калидиро амният мебозад. Истифодаи технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки муошират инсоният дар дилхоҳ макон ва замон ба осонӣ сурат гирад.

Дар ин ҷода олимону муҳаққиқонро зарур аст, ки ба таҳлили масъалаҳои воқеӣ ва зарурӣ машғул шаванд ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро рушд дода, онҳоро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пайваст намуда, самаранок истифода баранд. Аз тарафи дигар, ҳар соҳибкасб метавонад аз ин технологияҳо истифода бурда, ба истеҳсолот ва эҷодиёти нав машғул гардад. Дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши муҳимро давлат мебозад. Зеро давлат метавонад тамоми масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии марбут ба иқтисоди рақамиро ба низом дарорад [7].

Қобили зикр аст, ки дар ин ҷараён илм ҳамчун воситаи муайян кардани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисод баромад мекунад. Яъне дар асоси нишондодҳои илмӣ ҳамгироии технология ва иқтисодиёт ба амал меояд. Дар ин ҷараён ҷанбаи ҳуқуқии масъала дар он ифода меёбад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин, маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад, аз байн бурда мешаванд [8].

Ҳамин тариқ, тибқи қонун низоми иқтисодӣ муайян ва идора карда мешавад ва ин усул дар замони муосир, ки онро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ менамоянд, қобили татбиқ аст. Албатта, марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ танҳо аз масъалаҳои дар боло овардашуда иборат нест. Барои ба роҳ мондани рушди иқтисодиёти рақамӣ пеш аз ҳама, корҳои тадқиқотиву санҷишҳои соҳавӣ гузаронида шуда, бо дарназардошти натиҷаҳои ба дастомада барномаҳои давлатӣ қабул намудан зарур аст.

Дар ин замина гуфтан бамаврид аст, ки ҳифзи амнияти миллии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ дар шароити имрӯза танҳо бо муқовимат бо терроризму ифротгароӣ, ҷинояткории фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба итмом намерасад. Ҳолатҳои дигаре низ дар ин самт мавҷуданд, ки барои таъмини амнияти миллии кишвар дар сатҳи минтақавӣ ва байналхалқӣ муҳиманд, ки дар радифи онҳо масъалаи амнияти иттилоотӣ ҷой дорад. Дар мавриди таъмини амнияти миллии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ дар шароити кунунӣ масъалаи мазкур муҳим дониста мешавад ва он дар раванди таъмини амнияти иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ шудааст.

Таъмини сатҳи зарурии амнияти иттилоотӣ дар шароити Тоҷикистон метавонад ифодагари ҳимояи обруву нуфузи сиёсии кишвар бошад. Тавассути иттилоот комёбиҳо ва муваффақиятҳо, ҳамчунин масъалаҳои дигари инкишофи давлат дастраси ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, он ба таҳким ва такмили мавқеи давлат таъсири муайянкунанда мерасонад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз омилҳои таъмини бехатарии миллии ҳар як кишвар мебошад. Дар самти ҳифзи амнияти миллӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои байналмилалии мухталиф бо иқдомҳои пешқадами худ фаъолнокии баландро нишон медиҳад ва масъалаҳои ҷойдоштаро дар якҷоягӣ бо дигар кишварҳо ҳаллу фасл менамояд [9].

Тавре ки дида истодаем, раванди инкишофи босуръати технологияҳои муосир дар баробари пешравиҳо як қатор мушкилиҳоро низ ба бор овардаву сабаби ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Баъзе аз дастовардҳои ҷадиди илмию техникие, ки инсоният кашф кардааст, имрӯз ба амнияти худи сокинони сайёра хатар эҷод намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки зиёд гардидани таҳдидҳои иттилоотӣ давлатҳоро водор сохтааст, ки ба амнияти иттилоотии худ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир намояд. Зеро дар асри XXI, ки асри илму техника мебошад, амнияти миллии ҳар як давлату миллат аз амнияти иттилоотиаш вобастагӣ дорад.

Чунин таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди ҷаҳонишавӣ ба шуур ва маънавиёти ҷомеа тавассути шабакаи интернет ва васоити ахбори омма, ки дорои неруи бузурги таъсиррасонӣ мебошанд, эҳсос мегардад [10].

Пеш аз баррасии масъала бояд ёдовар шуд, ки амнияти иттилоотӣ ҷузъи таркибии иқтисоди рақамӣ мебошад.

Бо дарназардошти дигаргуниҳои технологии солҳои охир масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар муносибат бо дигар соҳаҳои амният дар ҷойи аввал қарор гирифтааст. Чунин зарурат ва афзалият бо он далел асоснок карда мешавад, ки фазои

иттилоотӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат таъсири амиқ мерасонад. Дар шароити муосир иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар таъмини рушди иқтисоди рақамӣ саҳми назаррас мегузоранд. Дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ба амал омадани хизматрасониҳои рақамӣ ва махсусан, ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ маҳз дар заминаи истифодаи иқтисоди рақамӣ имконпазир мегардад.

Аммо дар баробари ин, дар баъзе аз мавридҳо иттилоотро барои таъсири манфӣ расонидан ва амалӣ сохтани мақсадҳои сиёсию идеологӣ низ истифода менамоянд, ки дар чунин шароит ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот, баланд бардоштани маданияти иттилоотии шаҳрвандон, ба таври дуруст ба роҳ мондани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳоро тақозо менамояд. Гузашта аз ин, сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз чигунагии таъмини амнияти иттилоотӣ вобаста мебошад. Вобастагии давлат аз фаъолияти муназзами системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ осебпазирии иттилоотии ҷомеаро хеле зиёд менамояд.

Дар бисёре аз мавридҳо амнияти иттилоотиро ба таври анъанавӣ ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ муаррифӣ менамоянд, ки ҳимояи ин манфиатҳо таъминкунандаи рушди устувори онҳо мебошанд [11,с.64].

Дар муносибат бо соҳаи иттилоотӣ ва фазои иттилоотии ҷомеа низ чунин баррасӣ қобили қабул аст. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои иттилоотии мамлакат (объектҳои иттилоотӣ) аз таҳдиду хатарҳо мебошад. Аммо бехатарии иттилоотӣ бошад, хавфу хатарҳоеро дар назар дорад, ки аз ҷониби субъектҳои мушаххас дар заминаи истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва ба воситаи иттилоот ҳадафмандона ба амал бароварда мешаванд. Бояд гуфт, ки амнияти кибернетикӣ унсури таркибии амнияти иттилоотӣ мебошад. Ба ибораи дигар, амнияти иттилоотӣ нисбат ба амнияти кибернетикӣ мазмуни васеътар дорад. Амнияти шабакаҳои иттилоотӣ, шабакаи интернет, барномаҳои компютерӣ ва амнияти фазои кибернетикӣ дар маҷмуъ унсурҳои таркибии амнияти иттилоотӣ мебошанд. Амнияти кибернетикӣ ҳолати муътадили фаъолияти системаҳои иттилоотӣ мебошад, ки дар шароити баамалоии муборизаҳои иттилоотӣ қодир аст, ки фаъолияти муназзами худро нигоҳ дорад. Аз ҳама бештар ба масъалаи амнияти кибернетикӣ мутахассисони соҳаи илмҳои техникӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Чунончи, онҳо иброз медоранд, ки амнияти кибернетикӣ амнияти иттилоотии системаҳои компютерӣ ба шумор рафта, сатҳи баланди эътимоднокӣ ва устувории системаҳои иттилоотиро дар шароити муборизаҳои иттилоотӣ таъмин менамояд [12,с.6].

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи амнияти иттилоотӣ роҳандозӣ гардидани ҷангҳои иттилоотию психологӣ мебошад. Масъалаи тарғибу ташвиқи ғояҳои идеологӣ, коҳиш додани таъсири иттилоот бо роҳи паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, вайрон намудани фаъолияти сохторҳои таъмини амнияти иттилоотӣ таърихи тулонӣ доранд. Аммо ҷангҳои иттилоотию психологӣ падидаҳои нав мебошанд ва пайдоиши онҳо бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии навин марбут аст. Донишманди англис Натан Ротшилд дар замони худ гуфта буд: «Касе соҳиби иттилоот аст, ҷаҳонро идора менамояд» [13].

Воқеан ҳам, дар бораи таҳдиду хатари яроқҳои иттилоотӣ танҳо мутахассисони соҳа тасаввуроти дуруст дошта метавонанд. Шаҳрвандони қаторӣ ва ё хизматчиёни давлатии омодагии касбияшон дар сатҳи паст қарордошта наметавонанд таъсири манфии ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва яроқҳои иттилоотиро дарк намоянд. «Ҳадафи ҳуҷуми иттилоотии душман маҳз ба шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда шудааст. Боиси таассуф аст, дар ҷомеаи мо, ки ҳанӯз шуури назариявӣ – систематикунонидашуда дар оғози шаклгирист ва ҷавҳари онро бояд илм, маърифат, такмил, тарғиби илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ – дар асоси он рушди рақобатпазири миллӣ ташкил кунад, ҳатто дар байни зиёиён ва мансабдорон ҳисси парастиши афкори теологӣ–догматикӣ, ғайриилмӣ боло мегирад. Чунин хосияти ақибнишинӣ ва бетарафӣ ҷомеа, махсусан ҷавононро дар ҳолати ногувор мемонад» [14,с.28]. Барои он, ки моҳият ва таъсири манфии падидаҳои мазкур ба таври дуруст дарк карда шаванд, барои одамон донишҳои сиёсӣ, психологӣ ва технологӣ зарур мешаванд. Гузашта аз ин, сол то сол дар

кишварҳои гуногуни олам вобаста ба сатҳи зоҳиршавии таҳдидҳои иттилоотӣ харҷи маблағҳо барои таъмини амнияти иттилоотӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Айни замон бозори хизматрасониҳои амнияти иттилоотӣ ба 210 млрд доллар ва харҷи давлатҳо барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешбурди сиёсати иттилоотӣ то 300 млрд доллар рафта расидааст [15].

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи таъмини амнияти миллӣ ба шумор рафта, сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллиро муайян менамояд. Зарурат ва муҳиммияти таъмини амнияти иттилоотӣ бо дарназардошти ду тамоюлот асоснок карда мешавад: якум, вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои компютерӣ ва тавсеаи шабакаи интернет; дуюм, вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ. Ба ибораи дигар, чи қадаре ки технологияҳои иттилоотию компютерӣ рушд намоянд ва миқёси истифодабарии интернет васеъ гардад, ҳамон қадар хавфу хатари ба амал баровардани ҷангҳои иттилоотӣ ва зиёд шудани ҳуҷумҳои иттилоотӣ меафзояд. Дар мавриди тамоюлоти дуюм воқеият ин аст, ки дар кишвар чи қадаре ки пешрафти техникию технологӣ ба амал ояд ва дар заминаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин гардад, ҳамон қадар хавфи ба амал омадани ҳуҷумҳои кибернетикӣ меафзояд.

Системаи амнияти иттилоотӣ қисми таркибии системаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба воситаи такмилдиҳии асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои муҳандисию техникӣ амнияти умумии давлатиро бояд таъмин кунад.

Ташаккули системаи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нав, вақте амалӣ мегардад, ки механизмҳои қаблан муқарраргардидаи амнияти иттилоотӣ дар ҳаҷми пурра ба он мувофиқат наменамоянд, самаранокию аҳаммияти худро то андозае гум мекунанд.

Системаи амнияти иттилоотӣ бештар ба воситаи чор самти асосӣ таъмин карда мешавад: ҳимояи ҷисмонӣ, ҳимояи ташкилӣ, ҳимояи техникӣ ва ҳимояи оперативӣ. Ҳимояи техникии иттилоот соҳаи муҳимми муосири таъмини амнияти иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои корҳои зерин талаб карда мешавад:

- маҷмуи вазифаҳои техникӣ ва математикии таъмини амнияти иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии ба ҳамдигар алоқаманд аз дастгоҳҳои парвозкунандаи баландмадор ва пастмадор ва то хатҳои байнидавлатии рӯизаминӣ ва зеризаминии интиқоли қувваи барқ, қубурҳои шоҳроҳҳо (гази табиӣ), роҳи оҳан ва ғ.;
- таъмини системаи боэътимоди техникии амнияти иттилоотӣ;
- таъмини ҳифзи иқтисодӣ ва технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Истифодаи технологияҳои навтарин дар соҳаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, пайвастшавии системаҳои иттилоотӣ ба шабакаҳои иттилоотии глобали ба таҳдидҳои ғайриқонунии дастраси ба иттилоот, инчунин мушкилшавии ташкили назорати ҳолати амнияти иттилоотӣ аз тарафи давлат мусоидат менамояд.

Номувофиқати сатҳи ҳифзи айнияти иттилоотӣ ногузир ба таҳдиди амнияти давлатӣ оварда мерасонад.

Оқибатҳояш:

- таҳдид ба истиқлолият ва тамомияти арзии давлат;
- таъсири дигар давлатҳо ба ташаккул ва татбиқи қарорҳо;
- вақти амалигардии фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии дохилӣ ва берунӣ;
- сустшавии қобилияти мудофиавии давлат;
- пастшавии суръати инкишофи иқтисодӣ ва техникӣ, камшавии истеҳсол, вобастагии технологии иқтисодиёти миллӣ аз дигар давлатҳо;
- бадшавии ҳолати криминогенӣ [16].

Дар чунин шароити ҳассос зарурати пайдо намудани роҳу усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа аз ҳар гуна таҳдиду хатарҳо, пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ, баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷомеа, бахусус ташаккул додани тафаккури техникӣ масъалаҳое мебошанд, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин мавзуъро хеле мубрам мегардонанд.

**Муқарриз: н.и.т, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ – Ҳасанов Ҷ.Р.**

## АДАБИЁТ

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Манбаи электронӣ]. URL: https://caa.tj/tg/barnomai-miyonamukhlati-rushdi-chumkhurii-tochikiston-baroi-solkhoi-2021-2025. (санаи муроҷиат 15.01.2024).
2. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. - Душанбе: ЭР-граф, 2010.-520с.
3. Давлат ва таъмини амнияти иттилоотӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://hkhdtkhatlon.tj/kulob/view-news.php?view=21971.(санаи муроҷиат 23.01.2024).
4. Иттилоот ва таҳдиди он. [Манбаи электронӣ]. URL: http://tsulbp.tj/archives/22551. (санаи муроҷиат 29.01.2024).
5. Рақамикунонии иқтисодиёт-омили рушд ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://anvor.tj /2024/ 01/17/ рақамикунонии-иқтисодиёт-омили-рушд/. (санаи муроҷиат 03.02.2024).
6. Системаи ҷустории миллӣ: www.Dodaho.tj
7. Иқтисодиёти рақамӣ омили рушди иқтисодиёти муосир ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат аст. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2023/05/i-tisodiyoti-ra-am-omili-rushdi-i-tisodiyoti-muosir-va-ifzi-amniyati-i-tisodii-mamlakat-ast/. (санаи муроҷиат 11.03.2024).
8. Ахмадзода Н.С. Зарубежный опыт государственного регулирования в условиях цифровой экономики. Мир экономики и управления. 2021;21(1):104-118. https://doi.org/10.25205/2542-0429-2021-21-1-104-118.
9. Амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.farkhor.tj/node/1993. (санаи муроҷиат 14.03.2024).
10. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он. [Манбаи электронӣ]. URL: http://tsulbp.tj/archives/17602. (санаи муроҷиат 17.03.2024).
11. Возженников А.В. Национальная безопасность: теория, политика, стратегия / А.В. Возженников. - М.: ВТИ «Модуль», 2000. -234 с.
12. Бородакий Ю.В. Кибербезопасность как основной фактор национальной и международной безопасности XXI века / Ю.В.Бородакий, А.Ю.Добродеев, И.В. Бутусов // Вопросы кибербезопасности. – 2013. -№ 1 (1). -С.2-9.
13. Секрет фирмы. Кто владеет информацией, тот владеет миром. [манбаи электронї]. URL: https://moscowtorgi.ru /news/bezopasnost_ biznesa/869/. (санаи муроъиат 19.03.2024).
14. Ятимов С.С. Илм ва амният / С.С. Ятимов. - Душанбе: Ганљ нашриёт, 2019. – 192 с.
15. Информационная безопасность (мировой рынок). [Манбаи электронї]. URL: https://www.tadviser.ru/index.php/ Статья: Информац ионная_безопасность_(мировой_рынок)
16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон «Барномаи...». [манбаи электронӣ]. URL: https://khadamotialoqa.tj/barnomai-tamini-amniyati-ittilootii-um-urii-to-ikiston/.(санаи муроҷиат 22.03.2024).

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Амнияти иттилоотӣ дар марҳилаи рушди иқтисоди рақамӣ шарти калидӣ дар сатҳи миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро таҳдиду хатарҳои мавҷудаи хислати иттилоотидошта дар айни замон омили бесуботкунандаи ҷомеа, унсури марказии мубориза҇ҳои сиёсӣ, василаҳои асосии расидан ба мақсад ва аз ҳама бадтар заифгардонандаи пояҳои давлатдорӣ мебошанд. Дар шароити имрӯза ҳифзи суботи сиёсӣ ва таъмини сулҳу субот аз он вобаста аст, ки вазъи амнияти иттилоотии мамлакат дар кадом дараҷа қарор дорад ва иқтидори муҳофизавии он то кадом сатҳ қодир аст, ки таҳдиду хатарҳои навро безарар гардонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ ба амнияти иттилоотии комил ниёзмандии бештар дорад. Марҳила ба марҳила ҷомеаи Тоҷикистон бо таҳдиду хатарҳое рӯ ба рӯ гардида истодааст, ки аксари онҳо дар фазои иттилоотии мамлакат пайдо мешаванд. Дар чунин шароити ҳассос зарурати пайдо намудани роҳу усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа аз ҳар гуна таҳдиду хатарҳо, пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ, баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷомеа, бахусус дар онҳо ташаккул додани тафаккури танқидӣ масъалаҳое мебошанд, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин мавзуъро хеле мубрам мегардонанд.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди рақамӣ, амнияти иттилоотӣ, муҳити рақамӣ, Интернет, рақамикунонӣ, киберҷиноят, ҳифзи маълумот, осебпазирӣ, шабакаҳо, таҳдидҳо.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Информационная безопасность на этапе развития цифровой экономики считается ключевым условием на национальном уровне, поскольку существующие угрозы и опасности информационного характера в настоящее время являются дестабилизирующим фактором общества, центральным элементом политической борьбы, основным средством достижение цели и, что самое страшное, ослаблением основ государственности. В сегодняшних условиях защита политической стабильности и обеспечение мира и стабильности зависит от уровня информационной безопасности страны и уровня ее обороноспособности по нейтрализации новых угроз и опасностей. На современном этапе государственности у Республики Таджикистан также возрастает потребность в полной информационной безопасности. Шаг за шагом таджикское общество сталкивается с угрозами и опасностями, большая часть которых проявляется в информационном пространстве страны. В таких чувствительных условиях необходимо найти пути и методы обеспечения информационной безопасности, защиты информационного пространства общества от любых угроз и опасностей, предотвращения негативных последствий проявлений экстремизма повышения информационной грамотности общества, особенно формирования критического мышления. Комплексность этой темы весьма проблематична.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, информационная безопасность, цифровая среда, Интернет, цифровизация, киберпреступность, защита данных, уязвимость, сети, угрозы.

**PROVIDING INFORMATION SECURITY IN THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY**

Information security at the stage of development of the digital economy is considered a key condition at the national level, because the existing threats and dangers of the information nature are currently the destabilizing factor of society, the central element of political struggles, the main means of achieving the goal, and worst of all, the weakening of the foundations of statehood. In today's conditions, the protection of political stability and the provision of peace and stability depends on the level of information security of the country and the level of its defense capacity to neutralize new threats and dangers. The Republic of Tajikistan also has a greater need for complete information security at the current stage of statehood. Step by step, Tajik society is facing threats and dangers, most of which appear in the information space of the country. In such sensitive conditions, it is necessary to find ways and methods to ensure information security, to protect the information space of the society from any threats and dangers, to prevent the negative consequences of the manifestations of extremism and extremism, to increase the information literacy of the society, especially in them, the formation of critical thinking are the issues that should be investigated. comprehensiveness of this topic is very problematic.

**Keywords:** digital economy, information security, digital environment, Internet, digitization, cybercrime, data protection, vulnerabilities, networks, threats.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Файзуллоҷон Гурезович*** – Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва дар ш. Душанбе, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонӣ. **Суроға**: 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Назаршоев, 7. Телефон: **935-05-67-68.** E-mail: **safarov_f-o@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Файзуллоджон Гурезович*** **–** Филиал Национального исследовательского технологического университета Московского института стали и сплавов в г. Душанбе, кандидат технических наук, доцент, кафедра информационных технологий и автоматизации**. Адрес**: 73404 2 г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Назаршоева, 7. Телефон: **935-05-67-68.** E-mail: **safarov_f-o@mail.ru**

**Information about the author:** ***Faizullojon Gurezovich Safarov*** – Branch of the National Research Technological University of Moscow Institute of Steel and Alloys in Dushanbe, PhD in Engineering, Associate Professor, Department of Information Technology and Automation. Address: 73404 2 Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nazarshoev Street, 7. Phone: **935-05-67-68.** E-mail: **safarov_f-o@mail.ru**

ТДУ:323/324(575.3)

# МАКТАБИ НАВИ ДАВЛАТДОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ- ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

*Абдуллоев Н.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи таърихии давлатдории аксари кулли кишварҳои олам шаҳодат медиҳад, ки дар раванди ташаккули давлат дарёфти истиқлолияти сиёсию давлатӣ нақш ва ҷойгоҳи худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ хеле баланд ва назаррас аст.

“Мактаби давлатдории Пешвои миллат мактабест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу таърихӣ ташаккул ёфта ва мавқеи махсус пайдо намудааст. Ин ниҳод ниҳоди сарварии вазъиятӣ набуда, дорои хусусиятҳои универсалӣ мебошад. Ин аст, ки ҳокимият ва муносибатҳои ҳокимият аз ҷониби ин ниҳоди муҳимми иҷтимоию сиёсӣ бо риояи принсипҳои умумипазируфта амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад” [2,с.323].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур хеле хуб матраҳ гардидааст: “Вазифаи муҳимтарини мо ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад. Дар баробари ин, ҳоло дар назди ҷавонон масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ дарку ҳалли онҳо аз ҷавонони мо дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб менамояд”.

Бояд қайд кард, ки моҳияти худшиносӣ ин аз ҷониби инсон шинохтани ҷисмаш, фикраш, эҳсосаш, мавқеаш ва муносибаташ, хуллас, ба ҳайси шахсияти хосу воҳид шинохтани хеш мебошад. Чи тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид гардидааст, нахустин бор Суқрот ба инсон муроҷиат карда хитоб кардааст, «Худатро бишнос!”. Баъдтар дар маорифи исломӣ худшиносӣ ва зарурати худшиносӣ доништа шуд ва он аз қавли Пайғамбари ислом чунин садо дод: «Ҳар кӣ худро шинохт, ҳамоно Парвардигорашро мешинохтааст”. Моҳияти асосии мафҳуми худшиносиро, қабл аз ҳама шинохти хеш, дарк намудан ва шинохтани аслу гузаштаи худ ташкил медиҳад. Дар ҳолате ки инсон аслу насаб ва моҳияти хешро дарк менамояд, ӯ баъдан бахри он талош меварзад, ки таъриху фарҳанг, тамаддуну анъанаҳо ва арзишҳои миллии гузаштаи миллаташро дарк намояд. Дар раванди худшиносӣ инсон роҷеъ ба ҳастии худ ва имконияти худ донишу маълумот мегирад. Сатҳи худшиносӣ бештар аз дониш, ақл, зеҳн ва хирад вобаста аст: “Мо ҳар амали некеро, ки ба шукронаи истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ анҷом медиҳем, барои худамон, фарзандонамон, наслҳои ояндаамон, Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистон мекунем, зеро ин Ватан ва ин давлат аз худи мост ва онро ба ҷойи мову шумо каси дигар обод намекунад” [8,с.3].

Бояд қайд кард, ки аксар вақт худшиносӣ дар ду шакл зоҳир мешавад: худшиносии фардӣ ва миллӣ. Худшиносии миллат дараҷаи шинохти мақом ва нақши таърихию сиёсии миллат – шуури таърихӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули ифтихору ғурури созандаи миллӣ аст. Худшиносии миллат, ба ақидаи мо, пеш аз ҳама, эҳсосу дарки зарурати ваҳдат ва якпорчагии обу хок ва марзу буми миллӣ, дарки зарурати иттифоқ, ва ҳамбастагӣ мебошад. Худшиносии миллат иборат аст аз шинохти мавқеи таърихии худ, мавқеи имрӯза ва ояндаи миллати худ ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Дар даврони Шуравӣ идеология ё ҳувияти миллии мо як ҷузъи идеологияи сотсиалистӣ (коммунистӣ)-ро ташкил медод. Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ арзишҳои он низ аҳаммияти худро гум карданд, миллату халқиятҳои тозаистиқлол ба танқиди идеологияи коммунистӣ пардохтанд ва маданияти миллӣ, забон, урфу одат ва анъанаҳои гузаштаи худ рӯ оварданд, зеро неруи пурқуввати идеологиеро дар ихтиёр надоштанд, ки ба сифати алтернативаи идеологияи коммунистӣ баромад намояд. Танҳо

арзишҳои нодиртарини миллӣ, ҳувият ва худшиносии миллӣ ҳамчун неруи муттаҳидсозанда гурӯҳҳои манфиатҳои мухталифдоштаро ба ҳам оварда метавонанду халос. Аз соли 1991 сар карда, сарварони ҷумҳуриҳои тозаиститиқлол, аз ҷумла Тоҷикистон, дарк намуданд, ки бе идеология, бе ҳувияти миллӣ давлатдорӣ намудан мумкин нест. Бесабаб нест, ки бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 гиромидошти 1100-солагии давлати Сомониён, соли 2007- Соли тамаддуни ориёӣ, соли 2008- ҷашни 1150-солагии сардафтари адабиёти классики тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Соли бузургдошти забони тоҷикӣ, соли 2009 соли гиромидошти Имоми Аъзам бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта шуд.

Ҳувияти миллӣ ҳаёти иҷтимоиро мустаҳкам мегардонад ва аҳолӣ мувофиқ ба он рафторашонро ба роҳ мемонанд. Ҳувияти миллӣ дар асоси назария ва консепсияҳои гуногуни иҷтимоӣ, нуқтаи назари файласуфон, сиёсатмадорон, психологҳо, ҳуқуқшиносон, сотсиологҳо ва дигар ҷомеашиносон вобаста ба мақсади армонҳои миллат сохта мешавад. Он фикри дастҷамъонона ва орзуи якҷояи миллат буда, барои расидан ба ин идея муштаракона кӯшишу талошҳояшонро дареғ намедоранд. Дар яке аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала хуб арзёбӣ гардидааст: “Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон ҳадафи асосии мо маҳсуб мешавад. Дар ин раванд мо бояд дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волояти қонунро тарбия намоем” [7,с.9].

Рӯ овардан ба таърихи миллат, расму оин ва зуҳуроти анъанаҳо бояд дар доираи арзишҳои ҷомеаи мутамаддин ва нигоҳи навини бунёдгар бошад. Ҳувияти миллӣ одамонро муттаҳид месозад ва барои расидан ба мақсади муайян ба як самт равона месозад. Ҳувияти миллӣ бояд ҳамеша арзишҳо ва орзую амоли мардум ё миллатро дар худ инъикос намояд, вагарна рисолаташро анҷом дода наметавонад. Ҳалли мушкилоти асосии миллатро таҷассум намояд, ба шуури миллӣ мувофиқ бошад. Ҳувияти миллат бо мустаҳкамӣ ва устувории унсурҳои ҳастии он: забон, фарҳанг, таърих, иқтисод, ҳудуд, психология, урфу одат, анъанаҳо ва дигар арзишҳои миллӣ иртиботот дорад.

Зуҳуроти дигаре, ки ба пешрафти давлатдорӣ таъсири манфӣ мерасонид, маҳалгароӣ буд. Гарчанде солҳои пешин маҳалгароӣ дар ҷомеа вуҷуд дошта бошад ҳам, он ба таври кушодаю озод амал намекард. Зуҳуроти мазкур, ки бештар дар доираи хизматчиён ва коркунони роҳбарикунанда вуҷуд дошт, қисми зиёди аҳолиро фаро гирифт. Мутаассифона, ин муносибатҳо дар байни одамон ва маҳалҳо тухми адоват мекориданд, онҳоро душмани якдигар мегардониданд. Табиист, ки мавҷудияти муносибатҳои маҳалгароӣ дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ монеа ва мушкилиҳоро фароҳам меовард. Дар шароити ҳозира зарурияти объективӣ - таърихие ба миён омадааст, то ки ин зуҳуроти номатлуб ба пуррагӣ аз байн бардошта шавад. Ҳамзамон, сиёсатшиносону ҷомеашиносон ва сиёсатмадорони баландмақоми касбӣ бояд роҳҳои асосӣ ва механизми бартарафсозии муносибатҳои маҳалгароиро коркард намоянд.

“Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати хеш огоҳии комил медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мебардоштем, шояд тӯфони офатбори ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба сари халқи тоҷик омад, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад” [9,с.8].

Бояд қайд кард, ки баъди ихтилофоту якдигарнофаҳмиҳо, дар ҳолате ки тақдири миллати тоҷик ҳал мешуд, ба майдони сиёсат Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ворид гардид ва исбот кард, ки воқеан ҳам ӯ ҳомии миллат аст, дақиқназарона, андешамандона, ботаҳаммул қувваҳои бо ҳам зид, ақидаҳои дар назари аввал оштинопазирро ба созиш овард ва ҳамин тавр 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Эмомалӣ Раҳмон ба ҳама фаҳмонида

тавонист, ки ба ҳам омадан ягона роҳи наҷоти Тоҷикистон аст ва имрӯз бо мактаби сулҳпарварона ва хирадмандонаи худ маъруфи оламиён гаштааст. Албатта, ин нишонаи худшиносию худогоҳӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон маҳсуб меёбад.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ шаҳодати пирӯзии хиради мардуми сулҳпарвар ва фарҳангсолори тоҷик мебошад, ки сиёсати пешгирифтаи давлатро дар он рӯзҳои душвор самимонаву дилгармона дастгирӣ намуданд.

"Дар таълимоти Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон категорияҳои "Ваҳдати миллӣ" ва "худшиносии миллӣ" маънои тавъам доранд, зеро иттиҳоди одамон фақат дар заминаи огоҳӣ аз мавқеву мақоми шахсият дар дарки умумияти нажодиву фарҳангӣ ва таърихиву иҷтимоӣ сурат мепазирад. Инсон омили ҷараёни таърих аст ва таърих вақти муҷассами рушди ҷомеаи инсонӣ аст. Даврони гузаштаро вақте таърих меноманд, ки аз он даврон осори моддию маънавӣ ба ёдгор мондааст, ки барои тамаддуни баъдина ба унвони замина арзёбӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, инсон фақат андаруни ҷомеа, ки барои рафъи ниёзҳои ҷисмонӣ ва руҳонии худ неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд меоварад, метавонад шахсият бошад" [1,с.27].

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз назари воқеӣ ба оламиён нишон дод, ки ба роҳи сулҳу ваҳдат омадан мактаби ибратомӯз буда, барои ҳама халқу миллате, ки гирифтори ҷанг ва бесомониҳо мебошад, намунаи ибрат хоҳад буд. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи сулҳофарии тоҷиконро метавон ҳамчун таҷрибаи нави сулҳи тамоми халқҳо унвон кард.

Ба қавли собиқ Муншии Умумии Созмони Милали Муттаҳид, Кофӣ Анан, «тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар армуғон оварданд».

Бартарии аз ҳама арзишманди миллати тоҷик ба даст овардани сулҳ ва оштии миллӣ байни ҳамаи тоҷикистониён новобаста аз миллат, мавқеи сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва мавқеи минтақавии аҳолӣ мебошад.

Мо имрӯз метавонем ба ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузурги мактаби сарварии Пешвои миллат буда, маҳз бо талошу ҳамбастагии мардуми бофарҳанги тоҷик ва азму хидматҳои беохир ба даст омадааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон дар муроҷиатномаи худ ба ифтихори имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, аҳаммияти бузурги ин падидаи таърихиро дар сарнавишти миллати тоҷик ва ҳамаи тоҷикистониён чунин баҳогузорӣ намуд: «Ҷидду ҷаҳд ва умедвориҳои 5-6 соли охир барои нигоҳ доштани давлати миллии тоҷикон маҳз дар ҳамин рӯзи саид ҷомаи амал пӯшид.

Ман имрӯз гуфта метавонам, ки насли ҳозираи тоҷик ҳарчанд пешпо хурд имрӯз пирӯз аст, зеро ин насл тавонист васвасаи аҳриманиро, ки дар майнаи халқи мо ҷо гирифта буд, аз худ дур андохта, морони заҳҳокиро, ки ҷони ҷавони садҳо фарзандони моро қурбон мекарданд, саркӯб созанд… Ақли солим ва хиради дурбин имрӯз пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст дар ҳамаи оилаҳо интизор будем, фаро расид».

Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокорона ва иқдомҳои қаҳрамононаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад ва яке аз чунин дастоварди муҳим, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар рӯзҳои аввали сардори давлати тоҷикон интихоб шуданашон чунин сухани воло гуфта буданд: «Ман кори худро аз сулҳ оғоз мекунам».

Дарвоқеъ, ин абармарди минбари сиёсат орзуву омоли деринтизори тоҷиконро дар амал татбиқ намуд, ӯ ин миллати парокандаву парешонро, ки гурӯҳе бахри амалӣ намудани мақсадҳои нопоки якчанд мансабталабон дар қасди ҷони бародари хеш камон ба даст гирифта буданд, ба ваҳдату сарҷамъии ҳамешагӣ даъват намуда, сулҳро дар кишвари тоҷикон танинандоз кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгари сулҳ ва таҳкимбахши ваҳдати миллӣ

буда, хизматҳои барҷастаи ӯ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар миқёси байналмилалӣ эътироф карда мешаванд: Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин чунин гуфтааст: «Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ва ин бесабаб нест. Тамоми кӯшишҳои вай аз ин шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳу осоиш ҳамоно амиқтар реша меорад ва дар қиёс бо нуқтаҳое, ки вазъияташон муташанниҷ аст, ин комёбӣ ба худ назир надорад. Ҳар он таҷрибаи хубе, ки дар Тоҷикистон ба амал меояд ва рӯй медиҳад, барои бисёр халқҳо ва мамлакатҳо намунаи ибрат аст».

Дарвоқеъ, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеаи мо марҳалаи тозаеро оғоз намуда, ба эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ вусъати тоза бахшид.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз мактаби нави давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносиву ҳувияти миллии халқи тоҷик, бахусус ҷавонон, нақш ва ҷойгоҳи бузург дарад. Якдигарфаҳмиву иттифоқӣ, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷониби ҷавонони варзишгар иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва парафшон намудани парчами миллӣ, инчунин талошҳои шабонрӯзии ҳар як шаҳрванди худогоҳу худшиноси миллат делели ин гуфтаҳост. Аз ин рӯ, бо итминон метавон гуфт, ки халқи волофарҳанги мо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ дар оянда низ тамоми неруи худро бахри ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ, таҳкими давлатдорӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ватани азизамон ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққии ҷаҳони муосир сафарбар менамоянд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Холов Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Холов Абдуқаҳор. Эмомалӣ Раҳмон - Асосгузори давлатдории муосири тоҷик / А. Холов, Зафар Сайидзода. -Душанбе: Контраст, 2017. -216с. -С.27.
2. Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. -Душанбе: Эр-граф , 2016. - 378с. -С. 323.
3. Муҳаммад Тоштемуров. Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон / М. Тоштемуров, С. Фаттоев. - Душанбе: Шарқи озод, 2008. -304 с.
4. Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ / А.Н. Маҳмадов. –Душанбе: Эр-граф, 2013. -183с.
5. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ \ А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. -442с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон//http: //www.mmk.tj/president/letter/2012
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018. -С.9.
8. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 mmk.tj/Government-programs/strategy/youth-policy
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён. –Душанбе: Ирфон, 2009. -682с. -С.8.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 272 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017 шаҳри Душанбе //Рӯзномаи “Хатлон”. -4 с.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.04.2012 шаҳри Душанбе. -С.7.
13. Салимов Носирҷон. Тоҷики оламшумул / Н. Салимов, Шарифзода Абдуфаттоҳ - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.
14. Тоҷикистон-20. Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.
15. Шарифзода Абдуфаттоҳ, Қосимӣ Заробиддин «Эмомалӣ раҳмон ва соли фарҳанги оламгир» Китоби 5, нашри дуюм.- Душанбе, 2011. -372 с.


## МАКТАБИ НАВИ ДАВЛАТДОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ- ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ


Муаллиф дар мақола ба масъалаи нақши мактаби нави давлатдории Пешвои миллат дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллӣ эътибори ҷиддӣ дода, мавқеи онро дар муттаҳидӣ ва пойдории сулҳу субот дар кишвар мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ мазмун, моҳият ва аҳаммияти худшиносӣ ва ҳувияти миллиро шарҳу тафсил додааст. Инчунин, қайд менамояд, ки дар таълимоти Пешвои миллат категорияҳои “ваҳдати миллӣ” ва “худшиносии миллӣ” маънои тавъам доранд. Арзёбӣ мегардад, ки комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокорона ва иқдомҳои қаҳрамононаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад ва яке аз чунин дастоварди муҳим, бешубҳа, барқарор

кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Мактаби нави давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносиву ҳувияти миллии халқи тоҷик, бахусус ҷавонон, нақш ва ҷойгоҳи бузург дорад. Якдигарфаҳмиву иттифоқӣ, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷониби ҷавонони варзишгар иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва парафшон намудани парчами миллӣ, инчунин, талошҳои шабонарӯзии ҳар як шаҳрванди худогоҳу худшиноси миллат делели ин гуфтаҳост.
**Калидвожаҳо:** истиқлолият, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, идеология, элитаи сиёсӣ, ниҳод, зуҳурот, ҷаҳонишавӣ, модернизатсия, регионализм.

## НОВАЯ ШКОЛА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ САМОСОЗНАНИЯ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ

В статье автор уделил серьезное внимание роли новой государственной школы Лидера Нации в формировании мировоззрения и национального самосознания, а также обсудил ее роль в объединении и поддержании мира и стабильности в стране. Используя научные источники, он объяснил и детализировал содержание, сущность и значение самосознания и национальной идентичности. Он также отмечает, что в учении Лидера Нации категории «Национальное Единство» и «Национальное Самопознание» имеют взаимодополняющее значение. Подсчитано, что успехи и достижения страны являются результатом самоотверженного труда и героических действий Эмомали Рахмона, и одним из таких важных достижений, несомненно, является восстановление полного мира и национального единства в Таджикистане. Новая школа управления Лидера нации, Достопочтенного Эмомали Рахмона играет большую роль и место в формировании мировоззрения, самопознания и национальной идентичности таджикского народа, особенно молодежи. Взаимопонимание и единство, активное участие в общественно-политических делах, участие юных спортсменов в международных соревнованиях и поднятии государственного флага, а также повседневные усилия каждого благочестивого и сознающего себя гражданина нации являются свидетельством этих слов. Новая школа государственности Лидера нации, Достопочтенного Эмомали Рахмона играет большую роль и место в формировании мировоззрения, самопознания и национальной идентичности таджикского народа, особенно молодежи.
**Ключевые слова**: независимость, самосознание, национальная идентичность, идеология, политическая элита, институт, облик, глобализация, модернизация, регионализм.

## THE NEW SCHOOL OF PUBLIC ADMINISTRATION OF THE LEADER OF THE NATION IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF SELF-AWARENESS AND NATIONAL IDENTITY

In the article, the author paid serious attention to the role of the new public school of the Leader of the Nation in the formation of worldview and national identity, and also discussed its role in uniting and maintaining peace and stability in the country. Using scientific sources, he explained and detailed the content, essence and meaning of self-awareness and national identity. He also notes that in the teachings of the Leader of the Nation, the categories “National Unity” and “National Self-Knowledge” have complementary meaning. It is estimated that the successes and achievements of the country are the result of the selfless work and heroic actions of Emomali Rahman, and one of such important achievements is undoubtedly the restoration of complete peace and national unity in Tajikistan. The new school of management of the Leader of the Nation, the Honorable Emomali Rahmaon, plays a large role and place in the formation of the worldview, self-knowledge and national identity of the Tajik people, especially youth. Mutual understanding and unity, active participation in socio-political affairs, participation of young athletes in international competitions and hoisting of the national flag, as well as the daily efforts of every pious and self-conscious citizen of the nation are testimony to these words. The new school of statehood of the Leader of the Nation, the Honorable Emomali Rahman, plays a big role and place in the formation of the worldview, self-knowledge and national identity of the Tajik people, especially youth.
**Keywords:** independence, self-awareness, national identity, ideology, political elite, institution, appearance, globalization, modernization, regionalism.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Абдуллоев Насрулло Сайфуддинович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи фалсафа. **Суроға:** 734065, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(992) 900-10-37-74**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Насрулло Сайфуддинович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат политических наук, доцент кафедры философии. **Адрес:** 734065, город Куляб, Республика Тапджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(992) 900-10-37-74**

**Information about the author:** ***Abdulloev Nasrullo Saifuddinovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Candidate of political science, associate professor, department of philosophy. **Address:** 734065, Kulob, Republic of Tajikistan, S. Safarov Street 16. Phone: **(992) 900-10-37-74**

**ТДУ: 32.001(575.3)**

# КОНСЕПСИЯИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: РАВАНДИ ТАТБИҚ ВА ДУРНАМОИ ОН

*Каримов Ш.Т., Расулзод Л.Х.*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Академияи ВКД ҶТ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз масоили мубрами инкишофи давлатдорӣ тадриҷан гузариш ба ҳукумати электронӣ ва идоракунии рақамӣ маҳсуб меёбад. Тоҷикистон низ, чун узви ҷомеаи башарӣ, ба ин раванд ворид мегардад.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самти масъалаи таҳкими низоми идораи давлатӣ қабул намуд. Яке аз чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ба ҳисоб рафта, дар самти хизматрасониии давлатии электронӣ заминаи бунёдӣ гузошт. Аз он давра то ба имрӯз тамоми бахши хизматрасонӣ марҳила ба марҳила ба таври электронӣ суръат гирифта истодааст. Хизматрасонии электронӣ ҳам бахши давлатӣ ва ҳам бахши хусусиро созмон дода, як низоми электронии коргузориро фароҳам меорад. Чунин коргузорӣ аз тариқи интернет ва ё дигар сомонаҳои иттилоотии давлатӣ ба амал меояд.

Консепсияи мазкур мақсад ва афзалияти инкишофи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароиояндаи дарозмуҳлат, стратегияи амалиётро ҳангоми иҷро кардани дурнамоҳо ва барномаҳо муайян мекунад. Бо вуҷуди раванди амалигардии он консепсия суст ҷараён гирифт. Аз ин рӯ, баҳри ҷоннок гардонидани ин раванд фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 22 июни соли 2023, №586 қабул гардид, ки аз моҳи августи соли 2023 ба ҳукми амал даромад [10]. Ба амал баровардани фармони мазкур чунин маънӣ дорад, ки минбаъд пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷоза ва иҷозатномаҳо, пардохти дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ амалӣ карда шавад. Қабули фармони мазкурро метавон як қадами дигари давлат дар самти татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ дар кишвар зикр намуд. Фармони мазкур вазорату идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро вазифадор менамояд, ки аз хизматрасонии электронӣ ба таври васеъ истифода намуда, саҳми худро дар таҳкими масъалаҳои давлатдорӣ то андозае гузошта бошанд.

Раванди татбиқи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро якчанд барномаю стратегияҳои давлатии қаблан қабулгардида ташкил медиҳад [4]. Барномаю стратегияҳои давлатии қаблан қабулгардида инҳоянд: Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” [8], “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2], “Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [3] ва ғайра.

Асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба мақсадҳои зерин ташкил медиҳад:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
- баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;
- сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани (коҳиш додани) хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;
- баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон;

- ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз интернет ва технологияҳои муосири технологӣ.

Ҳукумати электронӣ ҳамчун маҷмуи технологияҳое, ки қариб ҳамаи соҳаҳои идоракунии давлатиро фаро мегирад ва ҳукумати электронӣ ҳамчун маҷмуи нисбатан алоҳидаи фаъолияти ба ҳам алоқаманд, ки дар доираи сиёсати давлатии иттилоотӣ амалӣ карда мешаванд, баррасӣ мегардад. Азбаски яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот мебошад, бунёди ҳукумати электронӣ воситаи муҳим барои ноил гардидан ба ин ҳадаф ба ҳисоб меравад. Зиёда аз ин, «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» як ҷузъи муҳимми иттилоърасониро ба миён оварда, тавонист дар пешрафти муносибатҳои нави иттилоотӣ саҳм бигирад. Татбиқи ҳамин гуна тарзи коргузорӣ дар Тоҷикистон низ моҳирона роҳандозӣ шудааст, ки ниҳояти он ташкили ҳуҷҷатгузории беқоғаз мебошад, ки монеаҳои бюрократиро аз байн мебарад. Дастрасии шаҳрвандон ба маълумоту иттилооти расмӣ асосан тариқи интернет ва дигар воситаҳои телекоммуникатсионӣ сурат мегирад. Албатта, ин ба сифат ва суръати интернет алоқаманд аст, ки Пешвои миллат борҳо атрофи он эроду мулоҳизаронӣ намудааст.

Зиёда аз ин, ҳангоми пурра дар амал татбиқ намудани ҳукумати электронӣ, пеш аз ҳама, фаврият ва муносибии мурочиат ва дастрасии хизматҳои давлатӣ таъмин карда шуда, вақти аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ барои мурочиат ба мақомотҳои давлатӣ сарфа карда мешавад ва маблағи онҳо барои рафтуомад ба мақомоти давлатӣ, маблағ барои харидории маводи конселярӣ, вақти мақомот барои қабули мурочиатҳо, сарфаи маблағ барои ҳомилҳои қоғазӣ, вақт барои гардонидани ҷавоб ба мурочиаткунандагон ва ғайраҳо сарфа карда мешавад. Инчунин, барои баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ низ ҳукумати электронӣ мусоидат хоҳад кард. Ҷиҳатҳои мазкурро ба инобат гирифта, роҳбарияти олии кишвар пайваста талош менамояд, ки раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар мамлакат ҳарчи бештар вусъат ёбад ва заминаи ҳуқуқии он мустаҳкам тарҳрезӣ гардад.

Ба хотири таъмини дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва хизматҳои давлатие, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод карда мешавад, дар назар аст, ки марказҳои дастрасии ҷамъиятӣ дар заминаи шуъбаҳои алоқа, китобхонаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии ба ин мақсад мувофиқ таъсис дода шаванд.

Тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар стратегияю барномаҳои давлатӣ дар назар дошта шуда буд, ки татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се давра амалӣ карда шавад [4]. Аз ҷумла, марҳилаи аввал солҳои 2012-2013-ро дар бар мегирифт. Дар ин марҳила дар назар дошта шуда буд, ки шабакаи ягонаи технологияҳои иттилоотӣ, ки 48 вазорат ва муассисаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид менамуд, қисмати калидии (асосии) ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ба кор андохта мешуд. Дар чаҳорчӯбаи шабакаи мазкур феҳристи автоматикунонидашудаи хизматчиёни давлатӣ, ки маркази он дар Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда буд, рушду такмил дода мешуд. Аз он ҷумла, дар чаҳорчӯбаи шабакаи мазкур иттилоот оид ба махзани маълумоти ҳуқуқии "Адлия" [6] ҷо ба ҷо карда шуда, дастрасии васеъ ба он таъмин гардид.

Ҳамчунин, дар ин марҳила ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебоист шабакаҳои маҳаллии компютерию барномаҳои иттилоотонии соҳавӣ ва муассисавиро оид ба татбиқи ТИК дар соҳаи фаъолияти худ, инчунин сомонаҳои хешро дар интернет таъсис медоданд; фазои муштараки иттилоотиро, ки ҳузури ҳамаи сохторҳо ва минтақаҳоро бо ҳамкории мутоқобилаи электронии онҳо таъмин менамояд, ба миён меоварданд; кор карда баромадани лоиҳаи таъсиси портали ҳукуматиро таъмин менамуданд; ба таври васеъ ва самаранок шабакаи мавҷудаи технологияҳои иттилоотиро байни мақомоти идоракунии давлатӣ истифода менамуданд; тадбирҳоро оид ба таъмини дастрасӣ ба хизматҳои электрониро низ амалӣ мекарданд.

Дар марҳилаи аввал ҳамзамон зарур буд, то қарорҳои технологии идоравии намунавӣ оид ба дастгирӣ кардани пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва таъмини дастрасӣ доштан ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар заминаи ТИК кор карда баромада мешуд. Инчунин, дар назар гирифта шуда буд, ки то лоиҳасозӣ ва таъсиси қисматҳои амалкунандаи байниидоравии ҳукумати электронӣ ба итмом расонида мешуданд, ки онҳо аз масоили зерин иборат буданд: системаи ягонаи ҷонибдории (дастгирии) иттилоотӣ-маълумотии шаҳрвандон, инфрасохтори ҳамкории мутақобилаи байниидоравии электронӣ, бо системаи муҳофизатшавандаи ҳуҷҷатгузории (гардиши ҳуҷҷатҳои) электронии байниидоравӣ ва ҳамчунин ҳифзи иттилоот.

Марҳилаи дуюми татбиқи муқаррароти Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири солҳои 2013-2015 буд, ки дар он бояд фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз тариқи қарорҳои технологии байниидоравӣ сурат мегирифт. Ҳамзамон, дар ин марҳила дар назар дошта шуда буд, ки шароитҳои ҳуқуқӣ, тадорукотӣ ва техникии таъсиси ҳукумати электронӣ такмил дода шуда, механизмҳои равобити дуҷониба ва бисёрҷониба ба мақсади ворид намудани ҳуҷҷатгузории ягонаи электронӣ ташкил карда мешуд. Инчунин, васеъ намудани захираҳои иттилоотии идоравӣ ва байниидоравӣ, аз байн бурдани нобаробарии рақамӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва таъсиси системаҳои байниидоравии ҳукумати электронӣ дар сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия низ дар назар дошта шуда буд.

Марҳилаи сеюми татбиқи муқаррароти Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2015-2020-ро дар бар гирифта, дар он рушди ҳукумати электронӣ, автоматикунонии раванди пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳо, инчунин гирифтани хизматҳо аз муассисаҳо барои ниёзмандиҳои давлатӣ дар назар дошта шуда буд. Ҳамзамон, рушди хизматҳои ҳукумати электронӣ ба мисли портали ҳукуматӣ ва равзанаи ягонаи ҳукумати электронӣ (системаи иттилоотӣ, ки барои интегратсияи системаҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи амалӣ гардидани хизматҳои электронӣ муайян гардидаанд), дар назар дошта шуда буд.

Имрӯзҳо аз ҳар гӯшаву канори кишварамон шаҳрвандон метавонанд, ки нома, арзу шикоят ва дархости худро нисбат ба хизматрасониҳои гуногуни ҷамъиятию давлатӣ ба сомона ва суроғаҳои электронии мақомоти дахлдор бифиристанд ва ҷавоби худро бигиранд. Яке аз чунин хизматрасонии электронии давлатӣ таҳти унвони сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.president.tj ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳри Душанбе низ дастрасӣ ба хизматрасониҳои электронӣ тариқи сомонаи dushanbe80@yahoo.com созмон дода шудааст, ки нишонаи татбиқи ҳукумати электронӣ дар кишвар дониста мешавад. Вазорату кумитаҳои давлатӣ низ ин иқдомро роҳандозӣ менамоянд.

Дар замони рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣ ва пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо ба иқтисодиёти рақамӣ, балки ба ҷомеаи рақамӣ низ марҳила ба марҳила ворид шуда истодааст. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мегарданд. Ҳатто нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахши давлатии иқтисод дида мешавад ва аз ҷониби дигар, муҳаррики рушди иқтисодиёти рақамӣ ва бунёди ҷомеаи рақамӣ дар ҳама кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта мегардад. Дар замони муосир ҳукуматҳо тавассути рақамикунонӣ раванди ташкили коргузориро тағйир дода, муносибати мардумро дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ бо назардошти шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, иштирок ва хизматрасониҳои давлатӣ тағйир медиҳанд ва ба ин васила сифат ва самаранокии бахши давлатиро баланд мебардоранд [5].

Дар суханронии хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024 чунин қайд намуданд: “Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки корро дар самти боз ҳам такмил додани низоми идоракунии давлатӣ, ихтисори воҳидҳои сохтории зиёдатӣ ва бартараф намудани такроршавии вазифаҳо, пурра ба таври электронӣ ва фосилавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ ба ҷомеа ва соҳибкорон пурзӯр намояд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ташкили «ҳукумати электронӣ» ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ зарур аст, ки то охири соли 2024 ҷиҳати омода намудани заминаи моддиву техникӣ, кадрӣ ва тавассути ташаккули низоми ягонаи ҳамгироӣ пурра амалӣ намудани табодули маълумот чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар ин раванд, ба истифодаи механизмҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор менамоям, ки дар мӯҳлатҳои муқарраршуда гузариши пурра ба иқтисоди рақамиро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намоянд” [9].

Татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ба таъмини имкони истифодаи осон ва мувофиқи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади паҳн кардани хидматҳои давлатӣ бевосита ба муштарӣ, 24 соат дар як шабонарӯз, 7 рӯз, як ҳафта баробар аст. Ҳукумати электронӣ роҳи истифодаи технологияҳои навест, ки ба одамон имкони зарурӣро барои дастрасӣ ба иттилоот ва хидматҳои давлатӣ, беҳтар кардани сифати хидматҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои иштирок дар равандҳо ва институтҳои демократӣ фароҳам меорад.

Ҳукумати электронӣ як ҳукумати рақамии бе девор ва ҳукумати бе бино ва як созмони маҷозӣ мебошад, ки бевосита ба муштариён хидматҳои давлатиро пешкаш мекунад ва онҳо дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ иштирок мекунад. Ё худ, ҳукумати электронӣ як шакли ҳисоботдиҳии давлат мебошад, ки ба шаҳрвандон фавран хизматрасониҳои беҳтарини давлатиро пешкаш мекунад ва онҳоро дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ ҷалб мегардонад. Зиёда аз ин, ҳукумати электронӣ маҷмуи технологияҳои иттилоотӣ дар заминаи шабакаи ҷаҳонии интернет ё шабакаи миллии иттилоотӣ бо мақсади расонидани хидматҳои мустақим ба аҳолӣ мебошад.

Консепсияи ҳукумати электронӣ содагардонии воқеии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии давлатиро дар назар дорад. Имконияти сарфаи вақт аз ҳисоби мавҷуд набудани зарурати то дергоҳ дар навбат истодан ва сафкашӣ барои навбатпоӣ тартиби на он қадар мусоид барои фаъолияти идораҳои давлатӣ буда, бешубҳа, бартарии истифодаи ҳукумати электрониро нишон дода, арзишу аҳаммияти онро зиёд мекунад [1].

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамқадам бо давлатҳои дигари ҷаҳонӣ дар пайи тараққӣ ва рушдёбии ин соҳаи басо муҳим тадбирҳо андешида, аз тариқи роҳандозии барномаҳои давлатӣ сол то сол ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардад. Дар ҳамин қарина имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин соҳа қабул гардида, ҷиҳати татбиқи онҳо пайваста корҳои назаррас ба анҷом расонида мешаванд. Гузариш ба ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки кишвари мо ба ҳайси кишвари пешрафта ва мутараққӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи ба худ хосро ишғол намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров М.Н. Роль информационных систем и технологий в развитии маркетинга/М.Н. Ашуров, Д. Кахори// Финансово-экономический вестник. 2019. - №1 (17).- С. 56-62.
2. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2004, № 468.
3. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2008, № 451.
4. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011. - № 643.
5. Лопатова Н. Международный опыт формирования цифрового правительства // Наука и инновации. - 2019. -№5. -С. 24-28.
6. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз 30 майи соли 2017, №1414 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис ва маблағгузории интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 25 феврали соли 2017, №98 таъсис дода шудааст. [Манбаи электронӣ]. http://www.portali-huquqi.tj/publicria/ibtido.php
7. Сидорова А.А. Электронное правительство. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / А.А.Сидорова. - М.: Издательство Юрайт, 2017. -165 с.

8. Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри соли 2003, № 1174.
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024. [Захираи электронӣ]. https://khovar.tj/2024/01/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-dar-ma-lisi-vasei-ukumati-um-urii-to-ikiston-oid-ba-nati-a-oi-rushdi-i-tisodivu-i-timoii-kishvar-dar-soli-2023-va-vazifa-o-baroi-soli-2024/
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 http://www.prezident.tj/node/30900
11. Юрасов А.В. Основы электронной коммерции. Учебник для вузов / А.В. Юрасов. -М.: Горячая линия-Телеком, 2008. -480 с.

## КОНСЕПСИЯИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: РАВАНДИ ТАТБИҚ ВА ДУРНАМОИ ОН

